Уполномоченный по правам человека, в свою очередь, принимая жалобу к рассмотрению, согласно ст.20 Закона РТ «Об Уполномоченном по правам человека в Республике Таджикистан», вправе обратиться к Председателю Верховного Суда Республики Таджикистан или Генеральному прокурору Республики Таджикистан с ходатайством о проверке в установленном порядке вступившего в законную силу судебного акта. Как усматривается из положения ст.20 вышеупомянутого закона, в случае несогласия лица с решением вышестоящей судебной инстанции принять жалобу к рассмотрению, Уполномоченный по правам человека, не высказывая свои позиции по делу, обращается с ходатайством к соответствующим должностным лицам, правомочным принести протест или представление. Согласно УПК РТ и практике его применения, осужденный или потерпевший также имеют право непосредственно обратиться к Председателю Верховного Суда РТ или Генеральному прокурору РТ по поводу принесения протеста. В рассматриваемом вопросе ходатайство Уполномоченного по правам человека, соответственно ст. 20 Закона РТ «Об Уполномоченном по правам человека в Республике Таджикистан», ничем не отличается по своей процессуальной природе от жалобы заинтересованного лица, кроме как его высокого авторитета.

Мы полагаем, что Уполномоченный по правам человека (УПЧ) в ходатайстве должен мотивировать свою позицию в целом. Дело в том, что, возможно, законность и обоснованность определения суда второй инстанции ставятся заинтересованным лицом под сомнение не только в силу недостаточности установленных доказательств, односторонности судебного следствия, но и по причине существенного нарушения уголовно-процессуального закона (например, это может выражаться в нарушении права на защиту) или несоответствии назначенного судом наказания тяжести преступления и личности подсудимого. Поэтому Уполномоченному по правам человека необходимо ознакомиться с материалами уголовного дела, приговор или определение по которому вступило в законную силу. Право истребовать материалы уголовного дела вытекает из содержания пункта в) ст. 12 Закона об уполномоченном, но такое правило не предусмотрено ни в УПК РТ 1961 г., ни в новом. В 1997 г. этот вопрос поднимался и в Российской Федерации, что стало основанием дополнения УПК РСФСР ст. 375[1], согласно которому Уполномоченный по правам человека в Российской Федерации получил право знакомиться с уголовным делом, приговор по которому вступил в законную силу, либо с делом, производство по которому прекращено, а также с материалами об отказе в возбуждении уголовного дела. Эта норма достаточно эффективно работала и позволила Уполномоченному по правам человека Российской Федерации участвовать в десятках судебных процессах по уголовным делам.

Небезынтересным является тенденция развития института надзорного производства. Дело в том, что некоторые государства Содружества (Россия, Казахстан) законодательно закрепили положение, по которому круг участников, имеющих право обжаловать приговор в надзорном порядке, был расширен.

Подача жалобы осужденным, оправданным, их защитником, законным представителем, потерпевшим, его представителем или прокурором неминуемо

порождает обязательство надзорной судебной инстанции к ее изучению и принятию одного из следующих решений: 1) о возбуждении надзорного производства и передаче надзорных жалоб на рассмотрение надзорной инстанции вместе с уголовным делом, если оно было истребовано; 2) об отказе в удовлетворении жалобы.

В связи с этим, можно предполагать, что законодатель, наделяя заинтересованных лиц правом надзорной жалобы, не счел нужным урегулировать участие Уполномоченного в уголовном процессе вообще и в надзорной инстанции в частности. Нельзя не отметить, что вопрос о возможности участия УПЧ в уголовном процессе дискутируется до сих пор[15]. 19.01. 2007 г. Пресс-служба УПЧ Верховной Рады Украины выпустила информацию об инициативном законопроекте депутатов Н. Карпачевой, Ю. Мирошниченко, Э. Павленко в Верховную Раду об изменениях и дополнениях в УПК, ГПК и Кодекс административного судопроизводства Украины, в соответствии с которыми предлагалось утвердить процессуальный статус УПЧ и его представителя в судебных процессах. В этом сообщении отмечается, что, согласно п.9 ст.13 Закона Украины «Об уполномоченном Верховной Рады Украины по правам человека», Уполномоченный вправе присутствовать на судебных заседаниях и осуществлять только внешнее наблюдение за судебным процессом, что он лишен процессуального права непосредственного активного участия в судебном заседании. Из - за отсутствия соответствующих правомочий вопрос о допуске УПЧ или его представителя к участию в процессе каждый раз судья решал по своему усмотрению. Несовершенство норм об участии Омбудсмена в судебных процессах подтверждается опытом их участия в делах о признании матери журналиста Г.Гонгадзе пострадавшей стороной по уголовному делу, о восстановлении жилищных прав несовершеннолетних детей – сирот в г. Харькове, Киеве.

Авторы проекта предполагали, что изменения и дополнения позволят устранить существующие недостатки, обеспечив полноценное участие Уполномоченного в судебном процессе, с правом самостоятельного обжалования незаконных и необоснованных судебных решений.

Немного позже (25.05 2008 г.) этот вопрос вновь был поставлен Омбудсменом Украины Н. Карпачевой, которая отметила, что промедление с рассмотрением этого вопроса и непринятие указанных изменений отрицательно скажутся на судебной защите прав человека.

Другим примером может служить информация Санкт-Петербургского гуманитарно-политологического центра «Стратегия» в разделе «Омбудсмен и права человека», выпущенной в сеть интернет - о возможности участия УПЧ в уголовном процессе[16]. На этом сообщении дискутируется проблема о реализации права УПЧ по обращению в компетентные государственные органы с ходатайством о возбуждении дисциплинарного или уголовного производства. В предварительном расследовании при решении вопроса о возбуждении уголовного дела, о применении меры процессуального принуждения, при допросе подозреваемого или обвиняемого, в случае прекращения производства возможно грубое нарушение прав человека, что может вызвать вмешательство УПЧ. Здесь отмечается, что УПЧ вправе принять решение о передаче жалобы в суд и присутствовать в судебном заседании. Этот вопрос интересен и для Таджикистана. Дело в том, что хотя законодательство республики, прямо не предусматривает участия УПЧ в судебном процессе, но из смысла ст. 12 Закона об Уполномоченном права беспрепятственного посещения органов государственной власти вытекает, что УПЧ вправе присутствовать на судебных процессах. На открытом судебном процессе могут участвовать все, важно, в каком качестве в нем участвует УПЧ. На самом деле этот вопрос не отрегулирован

---

[15] См.: *Лохматов Е.А.* Институт омбудсмена и судебная система в странах Балтии: механизмы и проблемы взаимодействия // Право и политика. 2007. № 6. С.78-91.
[16] См.: http://www.strategy-spb.ru.

таджикским уголовно-процессуальным правом. УПК РТ вообще не затрагивает вопроса об участии УПЧ в уголовном процессе. Безусловно, УПЧ осуществляет свою деятельность специфическими методами убеждения, критики и гласности. В его распоряжении нет административных, строго определенных императивных полномочий[17]. Поэтому как бы нет необходимости конкретно определять его правовой статус в уголовном процессе и, тем самым, обременять его определенными правами и обязанностями. У него иные широкие способы и средства реагирования на нарушение прав человека в любой сфере.

Более того, некоторые юристы утверждают, что омбудсмен изначально не является участником уголовно-процессуальных правоотношений в классическом понимании. Его участие в уголовном процессе якобы нарушает запрет закона совмещать должность омбудсмена с другими обязанностями (Е. Ткаченко)[18]. Это как бы отрицает предложение о необходимости определения правового статуса УПЧ в уголовном процессе. Но хотелось бы отметить, что институт УПЧ, в зависимости от правовых культур и традиций, особенностей государственного управления, социального аспекта правоприменения, реалий правозащитной деятельности, в современном мире может быть различным. Это подтверждается опытом организации и деятельности института омбудсмена во многих государствах. Например, в Великобритании омбудсмен наделен статусом, эквивалентном судье Верховного Суда, в Финляндии омбудсман вправе возбуждать уголовное дело в отношении министров, в Польше вправе приносить протест на нарушающие право человека решения госчиновников и др.

Правовая система Республики Таджикистан, бесспорно, является системой романо-германского права. Государственное управление в основном зиждится на императивности принятия решений и их исполнения. Социальные причины правоприменительной деятельности дознавателей, следователей, прокуроров и судьи в своем роде различны, что требует досконального регулирования их правом[19]. В современном Таджикистане правозащитная деятельность отстает от деятельности правоохранительных органов, судебная власть обременена исполнительными рычагами, требует реформирования[20], состязательность как принцип уголовного судопроизводства должна найти свое претворение на всех стадиях уголовного процесса.

На основании вышеуказанных обстоятельств в условиях Таджикистана было бы целесообразным утвердить правовой статус УПЧ в Уголовно- процессуальном кодексе в главе «Иные участники уголовного процесса», изложив его в такой редакции:

***Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан.***

1. Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан участвует в уголовном процессе в целях усиления конституционных гарантий государственной защиты прав и свобод человека и гражданина, содействия их соблюдению и уважению органами, осуществляющими уголовный процесс, и их должностными лицами.

---

[17] См.: *Лохматов Е.А.* Функции и методы деятельности института омбудсмана на современном этапе // Государственно-правовое строительство в Республике Беларусь в контексте европейских правовых процессов: материалы международной научной конференции. 20-21 марта 2004 г., Гродно. в 2-х ч. / Отв. ред. И.В. Гущин. Гродно. ГрГУ. 2004. Ч.1. С. 80-83.

[18] См.: http://www.volkovpartners.com.

[19] Подробно об этом см.: *Солиев К.Х.* О некоторых проблемах применения уголовного закона (на тадж. яз.) // 10 лет действия УК РТ: результат и предложение. Душанбе. 2009. С.67.

[20] В последние 5 лет дважды объявлено Президентом страны о судебном реформировании – в 2006, 2009 гг.

2. Основной функцией Уполномоченного по правам человека в уголовном процессе является содействие соблюдению прав и свобод человека и гражданина, восстановлению нарушенных прав и свобод человека и гражданина.

3. Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан при проведении проверки по жалобе или же по собственной инициативе вправе лично или через своего представителя знакомиться с делом, приговор по которому вступил в законную силу, либо с делом, производство по которому прекращено, с материалами об отказе в возбуждении уголовного дела, а также иными решениями, которые способны причинить ущерб конституционным правам и свободам участников уголовного судопроизводства либо затруднить доступ граждан к правосудию.

4. По результатам ознакомления Уполномоченный вправе обратиться к соответствующим должностным лицам суда или прокуратуры с ходатайством о проверке вступившего в законную силу приговора, определения или постановления суда (судьи). Он может изложить свои доводы должностному лицу, которое вправе вносить протесты.

5. С ходатайством об отмене незаконных и необоснованных решений и действий органов, осуществляющих уголовное преследование, Уполномоченный по правам человека вправе обратиться к надзирающему либо вышестоящему прокурору или в суд.

6. Уполномоченный по правам человека вправе присутствовать при рассмотрении уголовного дела во всех судебных инстанциях.

## Иштироки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақсад ва вазифаҳои Ваколатдорро, усул ва тартиби фаъолият намудан, воситаҳои ҳуқуқии эътиноӣ ба вайронкунии ҳуқуқи инсон, кафолатҳои таъминкунии фаъолияти самараноки онро муайян кардааст. Дар Тоҷикистон соҳибистиқлол ташкил кардани муассисаи миллие, ки махсус ба ҳимояи ҳуқуқи инсон машғул буда, падидаи нав мебошад ва ба ақидаи муаллиф, дар Кодекси мурофиавӣ-ҷиноятии ҷумҳурӣ тасдиқ намудани мақоми ҳуқуқии Ваколатдор зарур мебошад.

## Аҳамияти омӯзиши падидаи ифротгароӣ ва терроризм дар замони муосир

**Искандаров Қ.*,**
**Назаров Н.**,**
**Абдуллоев Р.*****

---

* *Искандаров Қ.* – директории Маркази илмии Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих.
** *Назаров Н.Ҷ.* – муовини аввали сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия.

Дар охири қарни XX ва ибтидои қарни XXI инсоният ба хатари ҷиддие мисли ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ шуд, ки ба бақои одаму олам таҳдид мекунад. Дар асл ифротгароӣ ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тамоми тӯли таърих ҳамроҳӣ намудаанд. Ҳоло касе гуфта наметавонад, ки аввалин амалиёти террористӣ кай, дар куҷо ва бо кадом мақсад сар задааст.

Дар аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав ҳам одамони алоҳида ва гурӯҳҳои муташаккили сиёсию мазҳабие буданд, ки ба воситаи тарсонидану даҳшатофаринӣ мехостанд мақсадҳои худро ба дигарон бор кунанд, зимни ин одамони бегуноҳ қурбон мешуданд.

Зуҳури ифротгароии сиёсӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ва ғайра падидаҳои бисёр ҷиддӣ ва дар айни замон нигаронкунанда барои давлат ва тамоми ҷомеа мебошанд.

Дар охири асри гузашта ва ибтидои ҳазораи нав амалҳои ифротгароӣ ва террористӣ бештар характери сиёсӣ гирифтанд ва доираи фаъолияти террористон хеле васеъ гардида аст.

*Аъмоли террористӣ* - бевосита содир намудани ҷинояти дорои хусусияти террористӣ дар шакли таркиш, оташзанӣ, истифода ё таҳдиди истифодаи воситаҳои тарканда, аз ҷумла маводи ядроӣ[21].

Бо инкишофи техника ва технологияи нав шаклу намудҳои нави террористӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз рӯи иқтидори харобиовариашон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд.

***Амалиётҳои террористиии зеринро ба хотир биёред:***

- 16-17 сентябри соли 1982 канораҳои шаҳри Бейрут. Насрониён-фалангистони лубнонӣ дар урдӯгоҳҳои гурезагони фаластинӣ дар Сабра ва Шатила бо мақсади ҷустуҷӯи ҷангандаҳои фаластинӣ амалиёти ҳарбӣ гузарониданд, ки он ба қатли омми мардуми осоишта табдил ёфт. Дар натиҷа дар Сабра ва Шатила аз рӯи ҳисобҳои гуногун аз 700 то 3500 нафар мардуми бегуноҳ кушта шуд[22].
- 31 октябри соли 1984 Деҳлии нав. Муҳофизони сикхтабори сарвазир Индира Гандӣ Беант Сингх ва Сатвант Сингх, ки бо террористони сикхӣ робита доштанд, ӯро ба қатл расониданд[23].
- Соли 1991 Мадрас. Аз дасти террористони созмони «Палангони озодибахши Тамил Илама» писари Индира Ганди, сарвазири Ҳиндустон Раджив Гандӣ ба ҳалокат расид.
- 20 марти соли 1995 Токио. Амали террористӣ бо истифода аз маводи заҳролудкунандаи зарин дар истгоҳҳои метрои Касумигасэки ва Нагататё рух дод. 12 нафар кушта ва 54 нафар сахт заҳролуд шуданд. Ин амали терристиро созмони Аум Синрикё ба ӯҳда гирифта буд[24].
- 9 сентябри соли 1999. Таркиш ва фурӯравии хонаи истиқоматии 9 табақа дар кӯчаи Гурянови шаҳри Маскав. 97 нафар кушта шуд[25].

---

[***] *Абдуллоев Р.* – ходими илмии Шӯъбаи таърих ва таҳқиқи низоҳои минтақавии ИШваМХ Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[21]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №11, мод. 275; соли 2005, № 3, мод. 116; соли 2007, №5, мод.355; соли 2008, №10, мод.802.

[22] *Капитонов К.А.* Террор. Война без правил. Израильско-палестинское противостояние. М. АСТ: Восток-Запад/ 2006. 526 с.

[23] *Пластун В.Н.* Эволюция деятельности экстремистских организаций в странах Востока. Новосибирск. Сибирский хронограф. 2002. 712 с.

[24] *Назиров Д.* Проблемы терроризам и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.1. Душанбе. Ирфон. 2009. С.34.

[25] *Назиров Д.* Проблемы терроризам и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.2. Душанбе. Ирфон. 2009. С.54.

- 13 сентябри соли 1999. Таркиш дар бинои истиқоматии 8-табақаи № 6 дар шоҳроҳи Кашираи шаҳри Маскав. 121 нафар кушта шуд[26].

- 9 сентябри соли 2001 шаҳраки Хоҷабаҳовуддини вилояти Тахори Афғонистон. Дар натиҷаи амалиёти террористӣ фармондеҳи нерӯҳои мусаллаҳи Давлатии Исломии Афғонистон ва Ҷабҳаи муттаҳиди исломӣ Аҳмадшоҳ Масъуд ба шаҳодат расид[27].

- 23 октябри соли 2002. ба гаравгон гирифтани 1000-нафар тамошобин дар маркази театри Дубровкаи шаҳри Маскав. Қурбони ин амали террористӣ 129-нафар гардида, беш аз 700-нафар захмӣ шуданд[28].

- 11 сентябри соли 2001 шаҳрҳои Ню-Йорк, Вашингтон ва Пенсилванияи ИМА. Ду ҳавопаймои аз тарафи террористон рабурдашуда ба сохтмонҳои дугоники Маркази ҷаҳонии савдо, як ҳавопаймо ба Вазорати мудофиаи ИМА (Пентагон) ҳамла намуда, ҳавопаймои дигар дар наздики шаҳри Пенсилвания ба замин афтид. Аз рӯи маълумотҳои расмӣ дар Ню-Йорк- 2749 нафар, дар Вашингтон 189 нафар ва дар Пенсилвания 44 нафар кушта шуданд[29].

- 1 сентябри соли 2004. Дар мактаби рақами 1 шаҳри Беслани Осетияи Шимолӣ террористон 1100 нафар хонандагон, падару модарони онҳо ва кормандони мактабро дар муддати 3 рӯз гаравгон гирифтанд. Дар натиҷа 350 нафар аз ҷумлаи гаравгонон ва наҷотдиҳандагони онҳо кушта шуд[30].

- 7 июли соли 2005 Лондон. Соати 8.50 дар фосилаи 50 сония 3 таркиш дар вагонҳои метрои Лондон ва баъд аз 1 соат таркиши чорум дар автобус ба амал омад. Дар натиҷа 52 кас кушта ва 700 нафар захмӣ гардид.

- 18 октябри соли 2007 дар шаҳри Карочии Покистон хунинтарин амали террористӣ амалӣ гардид. Қатори мошинҳои собиқ сарвазир Беназир Бхуттои аз муҳоҷират баргашта дар яке аз кӯчаҳои ин шаҳр ҳаракат мекард, ки ду таркиш ба амал омад. Шумораи кушташудагон ба 140-нафар расида, беш аз 500-нафар захмӣ шуданд[31].

- 27 декабри соли 2007 дар шаҳри Равалпинди дар митинги ҷонибдорони Беназир Бхутто амалиёти интиҳорӣ анҷом дода шуд. Террористи шаҳодатталаб аввал ӯро мавриди ҳамлаи тир қарор дода, баъд дастгоҳи таркандаро ба кор даровард. Дар натиҷа Беназир Бхутто ва боз 20 нафари дигар ба ҳалокат расиданд.

Гаравгон - шахси воқеъӣ, ки бо мақсади маҷбур кардани давлат, ташкилот ё шахсони алоҳида барои содир намудани ин ё он ҳаракат ё худдорӣ намудан аз содир намудани ин ё он ҳаракат ҳамчун шарти озод намудан, дастгир ё боздошта шудааст.

Дар солҳои баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳам дар асари таъсири омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ мухолифатҳо ва амалҳои ифротӣ зиёд шуда, гурӯҳҳо ва созмонҳое ташкил ёфтанд, ки дар фаъолияти худ аз шеваҳои ифротии мубориза истифода менамуданд. Дар натиҷа фаъолияти онҳо ба афзоиши амалҳои террористӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид.

Дар ҷараёни майдоннишиниҳо дар майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» ҳарду майдон ҳам аз шеваҳои ифротии мубориза истифода менамуданд, ба гаравгон

---

26 Ҳамон ҷо. С.55.

27 *Искандаров Қ.* Афғонистон: толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ. Душанбе. Ирфон. 2003.

28 *Требин М.П.* Терроризм в XXI веке. Минск. Харвест. 2004. 816 с.

29 *Кеппель Жиль.* Джихад. Экспансия и закат исламизма. М. Научно-издательский центр «Ладомир». 2004. 467 с.

30 Ҳамон ҷо. С.134.

31 *Ҳалабӣ Алиасгар.* Таърихи наҳзатҳои динӣ-сиёсии муосир. Теҳрон. 1384.

гирифтани вакилони мардумӣ, фишор овардан ба онҳо дар ҷараёни кори парламент як амри муқаррарӣ шуда буд.

Камтаҷрибагии нерӯҳои сиёсӣ ва давлати навистиқлол якҷо бо омилҳои дигари дохилию берунӣ ба амалҳои ифротӣ ва ниҳоят ба террору ҷанги дохилӣ сабаб гардиданд[32]:

- 5 майи соли 1992 сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум», вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии Тоҷикистон Муродулло Шерализода дар бинои Шӯрои Олӣ бо тири автомат ба қатл расид ва то имрӯз қотил пайдо нашудааст.
- 10 майи соли 1992 як гурӯхи мусаллаҳ аз ҳисоби митингчиёни майдони «Шаҳидон» ба бинои кумитаи бехатарии давлатӣ ҳамла овард ва дар натиҷаи тирпаронӣ чандин кас кушта ва маҷрӯҳ гардиданд.
- 24 августи соли 1992 дар шаҳри Душанбе Прокурори генералӣ Нурулло Ҳувайдуллоев ба қатл расонида шуд. Мошини хизматии ӯро ҳангоми ба кор рафтанаш боздошт ва Н.Ҳувайдуллоевро аз мошин берун кашида, 20 тир ба ҷисми ӯ холӣ карданд.
- 7 сентябри соли 1992 гурӯҳи дигари мусаллаҳ дар фурӯдгоҳи шаҳри Душанбе Президенти Тоҷикистон Раҳмон Набиевро, ки азми сафар ба Хуҷандро дошт дастгир ва маҷбур сохтанд аризаи истеъфояшро имзо намояд.
- 18 октябри соли 1992 дар ноҳияи Ёвон ҳофизи дӯстдошта Кароматулло Қурбонов аз тарафи гурӯҳи Абдувосит Самадов ба қатл расонида шуд. Ҳамроҳи ӯ 11 нафари дигар кушта шуданд.
- Тақрибан моҳҳои январи соли 1993 собиқ Раиси Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, имзокунандаи Декларатсияи Истиқлолияти Тоҷикистон, Раиси вилояти Хатлон Қадриддин .Аслонов беному нишон гардид.
- 10 марти соли 1994 дар назди хонаи истиқоматиаш муовини сарвазири Тоҷикистон Моёншо Назаршоев, ки мебоист ҳайати ҳукуматиро дар аввалин музокироти байни тоҷикон сарварӣ менамуд ваҳшиёна ба қатл расид.
- 12 декабри соли 1995 хабарнигори радиои «Би-Би-Си» дар Тоҷикистон Муҳиддин Олимпур қурбони навбатии террористон гардид.
- 6 майи соли 1996 профессорони машҳури соҳаи тиб, ректори Институти тиббии Тоҷикистон Юсуф Исҳоқӣ ва проректори ҳамин институт Минҳоҷ Ғуломов қурбони амали террористӣ гардиданд.
- 29 июли соли 1996, дар рӯзи равшан каме дуртар аз манзили истиқоматиаш дар шаҳри Душанбе собиқ Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон, файласуфи машҳур ва ходими намоёни ҷамъиятӣ Муҳаммад Осимӣ ба қатл расид.
- 30 апрели соли 1997 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки дар сафар дар шаҳри Хуҷанд қарор дошт мавриди сӯиқасд қарор гирифт.
- Субҳи 22 сентябри соли 1998 дар Душанбе, дар назди манзили истиқоматиаш, кӯчаи Ҳусейнзода рӯзноманигори машҳур, собиқ хабарнигори рӯзномаи «Правда» дар Тоҷикистон, муовини роҳбари ҳайати Иттиҳоди мухолифони тоҷик дар музокироти байни тоҷикон, раиси зеркомиссия оид ба масъалаҳои ҳуқуқии Комиссии оштии миллӣ Отахон Латифӣ ҳадафи террор қарор гирифт.
- 30 марти соли 1999 собиқ Раиси Шӯрои олии Тоҷикистон, раиси Комитети Парламент оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон Сафаралӣ Кенҷаев ба қатл расонида шуд.

---

[32] *Ғоибов Ғ.* Ҳизби таҳрир чӣ мехоҳад. Душанбе. 2004.

- 18 феврали соли 2000 мошини хидматии раиси шаҳри Душанбе М.Убайдуллоев тарконида шуд, ки дар натиҷа муовини вазири амният, номзад ба вакили парламент Шамсулло Ҷобиров кушта шуда, худи раиси шаҳр захмӣ гардид.
- 20 майи соли 2000 дар даҳлези хонаи худаш нависандаи тавоно, Раиси Комитети давлатии телевизион ва радио Сайф Раҳимзоди Афардӣ ҳадафи тири террорист гардид.
- 17 июли соли 2001 дар Душанбе Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои байналмилалӣ Карим Юлдошев ба қатл расид.
    - 8 сентябри соли 2001 Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳим Раҳимов мавриди террор қарор гирифт.

Ин рӯйхатро, албатта метавон идома дод. Мо танҳо чандин нафар шахсиятҳои машҳурро ном гирифтем, ки амали зӯроварӣ нисбати онҳо ва ё куштани онҳо метавонад ҳамчун амали ифротӣ ва террористӣ арзёбӣ гардида барои бесубот намудани кишвар ё ба даст овардани кадом як ҳадафи дигари сиёсӣ анҷом дода шуда буд.

Амалҳои террористӣ минбаъд ҳам дар шакли анҷоми таркишҳо дар ин ва ё он минтақаи шаҳр ба амал меомаданд ва ҳадафашон халал расонидан ба раванди таҳкими сулҳу субот ва рушди Тоҷикистон буд, ки баъзан аз хориҷи кишвар раҳбарӣ мешуданд.

Албатта, нисбат ба ин воқеаҳо фикру андешаҳо гуногунанд. Аммо воқеият ин аст, ки ин амалҳо аввалан боиси ҷанги шаҳрвандӣ гардиданд ва бадтар ба ҷараёни музокироти тоҷикон таъсири манфӣ расонида, роҳро барои сулҳ тулонитар сохтанд.

Фақат хиради азалии мардум, хиради раҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва раҳбари Иттиҳодияи мухолифини тоҷик Сайид Абдулло Нурӣ, ки манфиати миллат ва Ватанро аз ҳама боло дониста хатари заволи давлатдории тоҷиконро эҳсос намуданд имкон дод, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ дар кишвари мо сулҳу оромӣ аз нав пойдор гардад.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон бешубҳа таҷрибаи нодир аст ва бояд мавриди омӯзиш ва истифода дар дигар минтақаҳои ҷаҳон истифода шавад. Зеро амалҳои ифротӣ, терроризм рӯз то рӯз зиёд мешаванд ва мушоҳида мекунем, ки фақат аз роҳи зурӣ бо ин падидаҳо муносибат кардан натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Таҷрибаи ҷанги Тоҷикистон гувоҳи ин аст.

Имрӯз ҳама мақомот эътироф мекунанд, ки мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм аз салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун аст, яъне бо ин падидаҳо наметавон фақат бо роҳи зурӣ пирӯзӣ ба даст овард. Мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм метавонад бо ташкили як системаи давлатии муқобила бо ин падидаҳо, ки бояд на танҳо ҷанбаи ҳифзи ҳуқуқро дар бар гирад, балки чораҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, таблиғотӣ ва ғайраро шомил созад, муваффақ шавад. Дар ин система бояд ҳам мақомоти қонунгузор, мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳам мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, воситаҳои ахбори омма нақши фаъол дошта бошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин масъала, роҳҳои муқобила бо он ва аз ҳама муҳимтараш роҳҳои пешгирии амалиёти ифротгароӣ ва терроризм аҳамияти калон дорад.

Аҳамияти омӯзиши масъала аз он низ иборат аст, ки Моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003 масъулият ва ҷавобгарии кормандони давлатиро барои фаъолияти экстремистиашон муайян кардааст:

«Изҳороти кушоди шахси мансабдор, ҳамчунин дигар шахсе, ки дар хизмати давлатӣ қарор дорад дар бораи ногузир будан, ҷоиз будан, эҳтимолият доштан ё мансуб будани фаъолияти экстремистӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои хизматиаш ва ё бо нишондоди вазифааш, ҳамчунин аз ҷониби шахси мансабдор барои пешгирии

фаъолияти экстремистӣ чораҳо наандешиданаш мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ шуда метавонад»[33].

**Аз таърихи пайдоиши терроризм.**

Экстремизм (ифротгароӣ), террор ва терроризм ҳанӯз хеле барвақт аз пайдоиши ин мафҳумҳо ба вуҷуд омадаанд.

**Террор** - аз лотинии «*terror*» - тарс, даҳшат, тарсонидани рақибони сиёсии худ аз тариқи зуроварии ҷисмонӣ, то сарҳади аз байн бурдани онҳо.

**Экстремизм** – аз калимаи лотинии «*extremus*» - зиёдаравӣ, дар сиёсат ҳаводори андешаҳо ва чораҳои тунд, қатъӣ будан[34].

Соли 2001 бостоншиносони англис бо ҳамкории криминалистон ҷиноятеро ошкор намуданд, ки 4 ҳазор сол пеш содир шуда буд[35]. Ҷисми мумиёшудаи фиръавнро, ки дар синни 18 солагӣ дунёро тарк гуфта буд, тадқиқ намуда, олимон дар пушти косахонаи сари ӯ сурохиеро пайдо карданд, ки дар асари бо кадом чизи сахте задан пайдо шудааст ва маҳз ҳамин зарба ба марги фиръавн овардааст.

Дар натиҷаи тадқиқоти сарчашмаҳои зиёд олимон ва коршиносон ба хулосае омаданд, ки фиръавнро ба он дунё мушовири ӯ, бо ёрии асои шоҳӣ фиристодааст. Ин корро мушовир бо ёрии сарлашкари артиши фиръавн анҷом додаст.

Ҳамин тавр, кушта шудани фиръавни Миср аввалин ҳодисаи дар таърих сабтшудаи бо роҳи зурӣ куштани ходими давлатии сатҳи баланд мебошад.

Дар асри I пеш аз милод дар бораи гурӯҳи сиёсии яҳудиён бо номи «зелотҳо» («рашккунандаҳо»), ки ба воситаи методҳои террор барои худмухтории Фессалония ба муқобили римиҳо мубориза мебурданд, маълумотҳо вуҷуд доранд.

Дар солҳои 60-70 асри I милодӣ гурӯҳи фанатикҳои динии яҳудиён «сикориҳо» барои сарнагун намудани ҳокимияти сиёсии римиҳо аз шеваҳои террористӣ истифода менамуд(сикориҳо аз калимаи «сика»- ханҷари кӯтоҳ ба вуҷуд омадааст).

Сикориҳо дар рӯзи равшан умдатан дар вақтҳои серодамии кӯчаю бозорҳо, дар рӯзҳои ҷашн бо истифода аз ханҷари кӯтоҳ амалиёти террористиро анҷом медоданд, ки ҳадафи сиёсӣ дошт.

Гурӯҳи дигари динию сиёсие, ки дар Ғарб бо номи гурӯҳи террористӣ шинохта мешавад, «ҳашошин», «ассосин», аз калимаи ҳашиш, гашиш аст. Ин гурӯҳест бо номи низория, ки аз ҷараёни исмомилия дар асри XI зуҳур намудааст. Исмоилияҳои низорӣ шӯришҳои мусаллаҳонаро бар зидди туркони салҷуқии суннимазҳаб дар Шом ва Эрон ба роҳ андохтанд. Аммо чун бо қудрати низомии бисёр муҷаҳҳази салҷӯқӣ рӯ ба рӯ шудан равияи ба фикрашон муносибро дар пеш гирифтанд ва ба куштани душманони маърӯф ва мӯътабари худ дар нукоти мухталиф даст заданд. Дере нагузашт, ки номи онҳо вирди забонҳо шуд ва дар ҳар куҷои давлати исломӣ қатли сиёсие рӯй медод онро ба «ҷонбозони фидоии низорӣ» нисбат медоданд.. Дар охири асри XII низориҳо таваҷҷӯҳи салибиён ва нозирони Ғарбиро ҷалб намуданд. Қадимтарин ҷое, ки истилоҳи «ҳашишия» ба низориёни Шом итлоқ шудааст, дар як номае аст, ки аввали соли 1123 аз девони (вазорати) фотимиёни Қоҳира ба номи халифаи Фотимиён фиристода шудааст.

Дар сарчашмаҳо бошад, дар як воқеъномаи давраи Салҷуқиҳо, ки аз тарафи Имодуддин Муҳаммад Котиби Исфаҳонӣ дар соли 1183 навишта шудааст, истилоҳи «ҳашишия» боз ҳам нисбати низориёни Шом истифода шудааст. Воқеъанигори салҷуқӣ истилоҳи «ҳашишия»-ро бо истилоҳоти «мулҳид» («малоҳид») ва «ботинӣ» радифи якдигар донистаст.

---

[33] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» // Ахбори Маҷлиси Олии ЧТ соли 2003, №12, мод. 697; соли 2007, № 3, мод.158.

[34] *Назиров Д.* Проблемы терроризам и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.1. Душанбе. Ирфон. 2009. С.5.

[35] *Пластун В.Н.* Эволюция деятельности экстремистских организаций в странах Востока. Новосибирск. Сибирский хронограф. 2002.

Ақидае вуҷуд дорад, ки ҳашошиюн пеш аз иҷрои амали террористӣ гӯё ҳашиш истифода менамудаанд ва барои ин ҳашошиюн ном гирифтаанд. Ба андешаи воқеъанигорон ва нависандагони ғарбӣ «ҳашошиюн» гурӯҳе буданд, ки ба доҳии худ бечуну чаро итоат мекарданд[36].

Берхард Страсбурги олмонӣ соли 1175 муддате дар Шом будааст ва дар бораи ҷонбозони фидоии низорӣ ва тарзи тарбияи онҳо ба Фридрихи I гузориш пешниҳод кардааст. Ӯ навиштааст, ки ҳашошин худованде доранд, ки тарс ва ваҳшати оламро дар дили салотини араб ва ховандони масеҳии сарзаминҳои ҳамҷавор рехтааст(эҳтимолан нависанда Ҳасан ибни Сабоҳ ё Ҳасан ибни Шаботро, ки бо номи «Пир», «Хокими кӯҳ» ва ғайра низ маълум буд дар назар дорад, ки ба қавле 70 ҳазор ҷавонони ҷонибдори фидоӣ дошт ва марказаш қалъаи Аламут дар Эрон буд).

Берхард менависад: «Шевае, ки вай (пешвои хашошин Ҳасани Сабоҳ- муалл.) дар ин амр ба кор мебурд чунин аст: ин амир дар кӯҳҳо коххои дилнишини бисёре дорад, ки бораҳои баланде онҳоро дар миён гирифтааст ва аз ин рӯ ҳеҷ кас ҷуз аз дари кӯчаке, ки муҳофиз дорад наметавонад ба онҳо дохил шавад. Дар ин коххо ба дастури вай писарони бисёре аз райъиат ӯро нигаҳ медоранд. Омӯзгорон ба ин ҷавонон аз оғози шубоб то замоне, ки марди комил ва болиғ мешаванд меомӯзанд, ки аз ҳамаи гуфтаҳо ва ва фармонҳои худованд ва раҳбари хеш итоат кунанд ва агар чунин кунанд, вай, ки бар ҳамаи яздон қудрат дорад лазоизи биҳиштро бар онҳо арзонӣ хоҳад дошт. Низ ба онҳо меомӯзанд, ки агар дар баробари ирода ва хости ӯ дар ҳар коре муқоввимат ба харҷ диҳанд роҳе барои растагории онҳо вуҷуд нахоҳад дошт. Таваҷҷӯх дошта бошед, ки ин ҷавононро аз оғози кӯдакии онҳо бад-он коххо мебаранд ва ҷуз муаллимон ва устодони худ ҳеҷ касеро намебинанд, чун дар пешгоҳи амир ҳозир мешаванд вай аз онҳо мепурсад, ки оё ҳоранд фармони ӯро иҷобат кунанд, то подоши биҳишт ба онон арзонӣ шавад. Бо шунидани ин суханон, онҳо чунон ки таълим ёфтаанд бидуни эътироз ва тардиде худро ба пои ӯ меафгананд ва бо шурӯ шавқ мегӯянд, ки ҳар он чи вай фармон диҳад фармонбардоранд. Пас аз он амир ба ҳар яки онҳо ханҷари заррин медиҳад ва онҳоро ба куштани ҳар шоҳзода ва султоне, ки ирода ба куштан кардааст, мефиристанд»[37].

Табиист, ки нависандагони исмоилия, аз ҷумла Фарҳод Дафтарӣ, ки гуфтаҳои Берхардро аз он иқтибос намудем ин гуна навиштаҳоро маҳсули хайёл ва бофтаи душманони низориҳо медонанд ва таъкид кардаанд.

Ҳамин тавр, дар ибтидо асосан амалҳои инфиродии террористӣ ба назар мерасиданд, ки ҳам табақаи ҳоким ва ҳам табақаи поён аз он истифода менамуданд. Болоиҳо барои таҳкими ҳокимият ва ё ба даст овардани ҳокимият аз он истифода менамуданд. Поёниҳо терроррo ҳамчун воситаи охирини мубориза бо беадолатиҳои ҷомеа медонистанд, зеро воситаи дигари мубориза номумкин буд. Лекин аллакай дар Рими қадим намунаҳои террори гурӯҳӣ пайдо шуданд.

Дар таърихи қадим ва асримиёнагӣ ҳазорон намунаи амалиётҳо сабт шудааст, ки моҳиятан характери террористӣ доранд, яъне барои тарсу ваҳшат эҷод кардан анҷом дода шудаанд.

Кушторҳои оммавӣ ва каламанорасозиҳои Чигизу Тимури Ланг оё барои эҷоди ваҳшат набуданд? Бояд гуфт, ки дар он замонҳо истилоҳи террор ва терроризм набуд.

Истилоҳи террор дар фарҳанги сиёсӣ дар асри XIV пас аз он, ки асари таърихнигори рими қадим Тит Ливий ба забони фаронсавӣ тарҷума шуд, дохил гардид. Ин калима дар баромадҳои оташини инқилобчиёни Фаронса вирди забонҳо шуда буд.

---

[36] *Косиченко А.Г., Ашимбаев М.С., Султанов Б.К., Шоманов А.Ж.,-Бегалиев Н.К., Нурмухамедов Б.Ж.* Современный терроризм: взгляд из Центральной Азии. Алматы. Дайк-Пресс. 2002. 213 с.

[37] Иқтибос аз: *Фарҳод Дафтарӣ*. Афсонаҳои ҳашошин ё устураҳои фидоиёни исмоилӣ. Теҳрон. 1376 (1997). С.166.

Ҳукумати якобинчиён дар шароити фавқулоддаи он замон системаи террори давлатиро ҷорӣ кард, ки ҳамзамон дар кишвар ҷанги гражданӣ идома дошт. Эътиқоди фанатикӣ нисбат ба ҳаққонияти кори худ, набудани таҳаммулпазирӣ нисбат ба мухолифон як хусусияти хоси ҷаҳонбиниии инқилобчиёни Фаронса буд, ки ба нерӯи наҷотдиҳандаи террор умед мебастанд.

Максимилиан Робеспер 5 феврали соли 1794 дар Конвент баромад карда, изҳор намуда буд: «Агар дар давраи осоишта василаи идоракунии ҳалқ накӯкор бошад, дар давраи инқилоб васила ё яроқи он ҳам накӯкор ва ҳам террор (даҳшат, тарсу ваҳм) аст; накӯкорӣ, ки бидуни он террор бақо надорад ва террор, ки бидуни он накӯкор бечора аст»[38].

Дар натиҷа аз рӯи ҳисобҳои тахминии таърихнигори амрикоӣ Д.Грир 35-40 ҳазор кас дар он замон қурбони террори якобинчиён гардиданд. Ба ин рақам талафоти ҷанги шаҳрвандӣ дар департаментҳои шимолу ғарбӣ дохил намешаванд.

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX мухолифони низоми подшоҳии Россия ба таври фаъолона аз шеваҳои террор истифода менамуданд ва аз низоми мавҷуда посухи монанд мегирифтанд. Аммо баъд аз Инқилоби октябри соли 1917 дар Россия ин фаъолиятҳои террористӣ ба муқобили ҳукумат ба таври дигар арзёбӣ шуда, онҳо «ҳуқуқи мардуми бесилоҳ барои муҳофизаи худ» номида шуданд.

Ҷанги граждании солҳои 1918 – 1922 дар Россия намунаи барҷастии истифодаи террор буд, террори «сафеду» «сурх».

Ҷангҳои партизанӣ дар давраи ҷанги ҷаҳонии дуввум низ аз тарафи давлати шӯравӣ ҳамчун қаҳрамонӣ ва аз тарафи Олмони фашистӣ иштирокчиёни онҳо ҳамчун террорист, бандит, ҷангҷӯ ба қалам дода мешуданд. Вале худи А.Гитлер ба таври ошкор ба террори мардуми славян, яҳудиён, сиганҳо даст зада буд.

Баъди ҷанги ҷаҳонӣ шеваҳои террористӣ дар ҷараёни ташкили давлати Исроил васеъ истифода шуданд. Яке аз коршиносони амрикоӣ Адам Перфей менависад, ки «сионизм» аз методҳои террор барои ҳамвор сохтани роҳи худ дар зиндагӣ истифода мекард». Менахем Бегин ва Исхак Шамир- нахуствазирони ояндаи Исроил номи худро бо ин машҳур гардониданд, ки истифодаи терроррро ба муқобили Британияи Кабир- намунаи барҷастаи тамаддуни Ғарбӣ ҳақ мешумориданд. Дар натиҷа Британияи Кабир аз СММ хост, ки ба ташкили давлатӣ Исроил иҷозат диҳад(дар заминҳои Фаластин). Дар ҳоле, ки яҳудиён аз се як ҳиссаи аҳолиро ташкил медоданд, 56% ҳудуд ба онҳо таалуқ гирифт. Яҳудиҳо ба чунин натиҷа расиданд, ки арабҳое, ки дар давлати онҳо боқӣ мондаанд бояд террор шаванд.

Жаботинский - идеологи машҳури сионизм зарурати ҳатмии терроррро ҳамеша таъкид мекард. Террори оммавии арабҳо дар урдугоҳҳои Сабра ва Шатила, дар Дайри Ёсин ва ғайра ба ҳама маълуманд[39].

Таърих шаҳодат медиҳад, ки террор ҳамеша дар ҳоли афзоиш аст. Муаррихон ҳисоб кардаанд, ки дар асри XVII- 33 амали террористӣ ба муқобили ходимони давлатӣ анҷом дода шудааст. Дар асри XVIII бошад - 144; дар асри XIX - 22 амали террористӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар асри XX - 560 шоҳу, президенту, сарвазирҳо террор шудаанд. Теъдоди аҳолии осоиштаро, ки қурбони террор шудаанд шумурдан хеле мушкил аст.

Дар марҳилаҳои таърихӣ асосан террор аз тарафи гурӯҳҳои чапгаро бештар ба мушоҳида мерасид, дар ҳоле, ки «терроризми ростҳо» ҳам ба мисли фаъолияти созмони «Ку-клукс-клан» вуҷуд дошт. Аз солҳои 20 асри XX терроризми давлатӣ, ё террор аз «боло» авҷ гирифт (дар даври ҳукмронии И.Сталин, А.Гитлер )ва ғайра.

---

[38] *Пластун В.Н.* Эволюция деятельности экстремистских организаций в странах Востока. Новосибирск. Сибирский хронограф. 2002.

[39] *Капитонов К.А.* Террор. Война без правил. Израильско-палестинское противостояние. М. АСТ: Восток-Запад. 2006.

Имконоти низоъбарангези терроризм, махсусан дар солҳои 60 асри XX вақте ки минтақаҳои васеъ дар ҷаҳон ба минтақаҳои гарми фаъолияти созмонҳо ва гурӯҳҳои аз нигоҳи тамоилоти идеологиашон гуногун табдил гардиданд, афзоиш ёфт.

Имрӯз, аз рӯи баъзе маълумотҳо, дар ҷаҳон наздики 500 созмони пинҳонкори террористӣ амал мекунад. Аз соли 1968 то соли 1980 аз тарафи онҳо 6700 амали террористӣ анҷом дода шудааст, ки дар натиҷаи онҳо 3668 нафар кушта ва 7474-нафар захмӣ шудаанд.

Дар шароити ҳозира созмонҳо, гурӯҳҳо ва шахсони рӯҳияи террористӣ дошта фаъолияти худро шиддат бахшида, аз роҳу воситаҳои зиддинсонӣ бо бераҳмии том истифода менамоянд. Аз рӯи тадқиқоти олимони хориҷӣ буҷети умумӣ дар соҳаи террор ҳарсола аз 5 то 20 миллиард долларро ташкил менамояд[40].

Маркази фаъолиятҳои террористӣ дар ҷараёни чандин сол аз Амрикои Лотинӣ ба ҷониби Япония, ҶФО, Туркия, Испания ва Италия кӯчид. Ҳамзамон амалҳои террористӣ аз тарафи чунин созмонҳои террористӣ ба мисли «Артиши Ҷумҳуриявии Ирландия»(АҶИ) дар Англия ва Ирландия, созмони «Ватан ва озодӣ»(ЭТА) дар Испания анҷом дода мешуданд. Террористони исроилӣ ва фаластинӣ, созмонҳои террористӣ дар баъзе кишварҳои Африқо, Осиё ва Амрико фаъол гардиданд.

Дар солҳои охир дар Шарқи Наздик созмонҳои «Ҳамос», «Ҳизбуллоҳ», созмонҳои террористии сикхӣ дар Ҳиндустон, гурӯҳҳои мафиозии маводи мухаддир дар Колумбия, ки аз шеваҳои террористӣ истифода мекунанд, бештар дар маркази таваҷҷӯҳ будаанд[41].

Баъд аз амалиёти террористии 11 сенябри соли 2001 ва амалиётҳои дигар, ки ба номи Усома Бин Лодан пайванд дода мешаванд, дар ҷаҳон бештар дар бораи терроризми исломӣ ҳарф мезананд, ки аслан худи ҳамин мафҳум нодуруст аст, зеро ислом ҳамчун дин ба терроризм робитае надорад.

Терроризм имрӯз танҳо тахрибкории шахсони алоҳида, рабудани ҳавопаймоҳо, террористони шаҳодатталаб нест. Терроризми муосир сохторҳои пурқуввати вобаста ба миқёси фаъолияташон аз лиҳози техникӣ комилан муҷаҳҳаз мебошад.

Терроризм ба бизнеси бисёр сердаромади миқёси глобалӣ, дорои «бозори кор» (зархаридон ва ғайра) ва сармоягузорӣ (таъмини яроқу аслиҳа, фурӯши маводи мухаддир) ва ғайра табдил ёфтааст.

Масалан, дар ҷараёни ҷанг дар ҳудуди собиқ Ҷумҳурии Сотсиалистии Федеративии Югославия ҳарсола ба нерӯҳои даргири ҷанг ба маблағи 2 млрд доллар яроқу аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ расонида мешуд. Имрӯз исбот шудааст, ки аз тариқи минтақаҳои амалиёти фаъоли гурӯҳҳои террористӣ ҷараёни асосии маводи мухаддир ва маводи нашъадор мегузарад ва ин миллиардҳо долларро ташкил мекунад. Беш аз 10 қисми тамоми содироти ҷаҳонии яроқ ба минтақаҳои «сиёҳ» ва «хокистарӣ» рост меояд. Ба назари мо зарурат ба шарҳ надорад, ки ин яроқ куҷо меравад ва ба дасти ки меафтад.

**ЗНАЧЕНИЕ ИЗУЧЕНИЯ ТЕРРОРИЗМА И ЭКТРЕМИЗМА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ**

Статья состоит из четырех частей. В представленной на суд читателей части дается определение понятия «терроризм» и «экстремизм», хроника террористических актов как на территории Республики Таджикистан, так и в других странах. Показана история терроризма с древних времен до последних трагических событий XXI века.

---

[40] *Требин М.П.* Терроризм в XXI веке. Минск. Харвест. 2004. 816.

[41] *Капитонов К.А.* Террор. Война без правил. Израильско-палестинское противостояние. М. АСТ: Восток-Запад. 2006.

## ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ТАҲКИМИ АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сафаров И.Д.***

Воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир бо назардошти ду омили муҳим - хусусиятҳои таҷрибаи таърихии анъанаҳои сиёсии давлатдории миллӣ ва дар ҳаёт татбиқ шудани принсипи либералӣ - демократии афзалияти инсон - ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои ӯ дар таносуб бо ҷомеа ва давлат дар ҳоли рушди устувору мутассил қарор дорад. Аз омили аввал ҷиҳатҳои мусбии ахлоқу фарҳанг, дар маҷмӯъ тамаддуни тӯли қарнҳо инкишофёфтаи миллӣ сутуни маънавиёти давлатдориро устувору мустаҳкам нигоҳ медорад, ки маҳз тавассути он имрӯз ваҳдати миллӣ ва якпорчагии кишвар таъмин шуда, тавассути фаъолияти серпаҳлӯи Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалии Раҳмон сиёсати давлатдорӣ ба маънои асливу воқеияш - санъати идоракунии давлат ва имкони иштирок дар корҳои давлат торафт ҳама аъзои ҷомеаро фаро гирифта истодааст.

Омили дуввум, ки аксар мамолики мутамаддини Ғарби имрӯза, инчунин Аврупои Шарқӣ тавассути татбиқи он ба прогресси ҳама соҳаҳои фаъолияти ҷомеа ноил шудааст, моҳиятан меъёриву идеалист. Шиори он - давлату ҷомеа барои инсон аст. Вай имкон медиҳад, ки эътибори шахсият пешорӯи ҷомеа ҳамаҷониба нигаҳдорӣ ва муҳофизат шуда, истиқлоли шаҳрвандӣ тасдиқ гардад. Истиқлоли шаҳрвандӣ бошад, дар принсипи дигар - принсипи шартномаи шаҳрвандӣ ошкор мешавад, ки тибқи он одамон байни худу давлат ба ҳамон андоза ба муомилот ворид мешаванд, ки мувофиқи салоҳдидашон қобили қабул ва мувофиқи мақсад бошад.

Принсипи шартномаи шаҳрвандӣ чунин маъниро дороест, ки тибқи он шахсият дар мавриди воридшавӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва созишҳо ҳамчун субъекти муносибатҳои баробарҳуқуқи шартномавӣ эътироф мешавад. Албатта, на ҳама назарияву доктринаҳои сиёсӣ ба ҳайси қутбнамои рушди давлатҳо карор мегиранд, ҳоху ноҳох бидуни монеаҳо татбиқ мешаванд. Барои ҷомеаи тоҷикон қабули самти либераливу демократии инкишофи ғарбӣ пешорӯи тафаккур як қатор суолҳо мегузорад. Аввалан, шиори «на инсон барои ҷомеа, балки ҷомеа барои инсон», ки рӯҳияи Амрикову Аврупоро фарогир шудааст, як зумра навъҳои умумиэътирофшудаи қарзҳои шаҳрвандӣ, аз қабили хифзи Ватан, анъанаи фарҳангии аз умқи асрҳо расидаи хизмат кардан ба идеали иҷтимоиро сарфи назар месозад. Арзишҳои олӣ барои он воло мебошанд, ки худпарастии хусусӣ ва ҳамагуна баҳисобгириҳои инфиродиро аз эътибор соқит мегардонанд. Албатта, доманаи ин баҳс хеле васеъ буда, кайҳост, ки таваҷҷӯҳи файласуфону ҳуқуқшиносон ва сиёсатшиносонро ба худ ҷалб кардааст. Ба ақидаи мо, ин ақида аз ҳама бештар сифату хусусияти ҳуқуқӣ дорад ва ба масъалаи дигари муҳим -асоси ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ бевосита муносибат пайдо мекунад, зеро дар маркази ин муаммо - таъмини афзалияти ҳуқуқу озодии инсон бар ҳама арзишҳои дигар меистад.

Нуқтаи сарҳисоби ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро дар Тоҷикистон - 9 марти соли 1996 - рӯзи ба имзо расидани Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон метавон

---

* *Сафаров И.Д.* – дотсенти факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади иимлҳои ҳуқуқ.

эътироф кард[42]. Моҳи марти ҳамон сол Аҳдномаи мазкур аз як мафкура бештар манзалат надошт, баъди як моҳ он ба ҳаракати тавонои ҷамъиятӣ табдил ёфт. Баъди 10 соли фаъолияти ин ҳуҷҷати воқеан сарнавиштсоз метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зинаи хеле баланди рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ - ваҳдати комили тамоми нерӯҳои сиёсиву иҷтимоӣ баромад. Қувваҳое ба зери ин Аҳднома имзо гузоштанд, ки дар мухолифати шадид бо Ҳукумат, чӣ аз нигоҳи тарзу усули давлатдорӣ ва чӣ аз лиҳози хусусияту моҳияти давлат қарор доштанд. Чунин сурат гирифтани кор боиси гуфтугузорҳои баҳсомезе гашт, ки гӯё дар Тоҷикистон қувваҳои мухолифин вуҷуд надоранд ва набудани нерӯҳои мухолифин аз набудани демократияи устувор шаҳодат медиҳад. Албатта, даъвогарон он нуқтаи аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшударо аз ёд мебароранд, ки «демократияи устувор дар шароитҳое ташаккул меёбад, ки ҳокимияти аксарият бо меъёрҳои умумиҳатмии конститутсионию хуқуқӣ танзим карда мешавад ва маҳз ҳамин меъёрҳо ин ҳокимиятро маҳдуд месозанд»[43]. Ба воситаи ду мулоҳиза метавон он ақидаро асоснок кард, ки Тоҷикистон дар роҳи демократияи устувор иқдоми ҷиддӣ ниҳода, асосҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин ва дар фаъолияти қонунгузории худ мустаҳкам намудааст.

Аввал ин ки он меъёрҳои умумиҳатмии конститутсионию ҳуқуқие, ки ҳукумати аксариятро маҳдуд ва демократияи иштирокро васеъ таъмин менамоянд, тибқи талаботи демократия ба соҳаҳои муайяни ҳаёти хусусӣ паҳн намешаванд, яъне он соҳаҳое, ки дар онҳо шаҳрванд новобаста аз иродаи демократии халқ ва пешниҳоди давлату муассисаҳои он ҳуқуқи озодонаи рафтор дорад. Ба қавли мутафаккири франсавӣ Бенжамен Констан «зуҳуротҳое ҳастанд, ки нисбати онҳо қонунгузор ҳуқуқи қонунгузорӣ дошта наметавонад»[44].

Дуввум, иродаи аксарият дар воқеияти кунунии Тоҷикистон ба ақаллият, яъне ба мухофилин кафолатҳои муайян пешниҳод мекунад. Мо хуб дарк кардаем, ки агар иродаи аксарият ба ҳадди мутлақ расонида шуда, ҳаргуна иродаи дигарро сарфи назар кунад, он гоҳ ҳамроҳ бо мухолифин интихоби демократии интихобкунандагон низ аз байн меравад, яъне, дар ҳама давлатҳои мутамаддин шанси демократия бо шанси мухолифин алоқаманд аст. Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ва дар заминаи он ба вуҷуд омадани Шӯрои ҷамъиятӣ ба ҷаҳониён на фақат намунаи демократияи мусолиҳаро намоиш дод, балки намунаи ҷомеаи шаҳрвандиеро ба арсаи таърих овард, ки роҳу усулҳои ба даст овардани ормонҳои волои иҷтимоӣ ҷиҳати ҳуқуқӣ, яъне, тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам тавассути арзишҳои ахлоқию маънавӣ таъмин карда мешавад. Ба ибораи дигар, тараққиёти ҷомеаи мо барои он ба таври мутассил идома дорад, ки дар дохили он байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мутобиқати манфиатҳо ба вуҷуд омада, қувваҳои умумимиллии муттаҳидкунанда ва марказшитоб нисбат ба қувваҳои худхоҳи минтақавию синфӣ, этникӣ ва сиёсӣ афзалият пайдо кардаанд. Асоси ҳуқуқии чунин пешрафтро, пеш аз ҳама, Конститутсияи Тоҷикистон ҳамаҷониба муайян кардааст. Чунончи, дар моддаи 8-уми Қонуни асосӣ сухан дар бораи он меравад, ки ҳаёти ҷамъиятӣ дар кишвари мо дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад, мафкураи ягон ҳизбу иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва динӣ ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад ва фаъолияти ҳама гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятие мамнӯъ аст, ки хилофи арзишҳои башарӣ амал мекунанд[45]. Дар моддаи 14 афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва аз ҷониби на фақат Конститутсия ва қонунҳои дохилӣ, балки санадҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ эътироф ва ҳифз шудани онҳо таъкид шудааст. Ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохтори конститутсионӣ ва тамомияти

---

[42] *Эмомалӣ Раҳмонов.* Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷ.2. Душанбе. Ирфон. 2001. С. 395-400.
[43] *Перегудов С.* Гражданское общество как политический феномен // Свободная мысль. 1992. № 9. С.48.
[44] История политико-правовых учений. Т.2. М. 2002. С. 243.
[45] Конститутсияи (Сарқонуни ) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2003. С. 9.

арзии ҷумҳурӣ арзишҳое мебошанд, ки ба хотири нигаҳдории онҳо маҳдудсозии ҳуқуқу озодии инсону шаҳрванд раво донистa мешаванд. Бояд таъкид намуд, ки ин 4 омили маҳдудкунандаи ҳуқуқи шаҳрвандон пурра ба талаботи демократӣ оид ба ҳамоҳангсозии мавқеҳои мухталиф ҷавоб медиҳанд ва як қатор санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, аз ҷумла Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз 16 декабри соли 1966), ки онро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият эътироф намудааст, дар ин бобат нишондодҳои мушаххас низ дорад. Аз ҷумла, дар моддаи 22-и ин санади байналмилалӣ ҳуқуқи инсон барои таъсиси иттиҳодия бо дигарон ба хотири ҳифзи манфиатҳои худ зикр шуда, дар қисми дуюми ҳамин модда таъкид мешавад, ки «истифода аз ҳуқуқи мазкур тахти маҳдудият қарор дода намешавад, ғайр аз маҳдудиятҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд ва дар ҷомеаи демократӣ барои манфиатҳои амнияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва ахлоқи аҳолӣ, ё барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодии дигарон заруранд»[46]. Ёдрас бояд шуд, ки тибқи моддаи 10 Қонуни асосӣ афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ нисбат ба қонунгузории дохилӣ зикр шудааст ва тамоми фаъолияти қонунгузории парлумони ҷумҳурӣ дар масъалаи пешниҳоди ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, ҳуқуқи муттаҳидшавӣ дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифокҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз ҳамин Паймон, инчунин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сарчашма гирифтаанд. Моддаи 28-уми Конститутсия исботи баръалои ҳамин ақида аст ва дар мавриди таъмини ҳуқуқи инсон барои муттаҳид шудан ва иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дар миёни конститутсияҳои дигар давлатҳо назире надоранд. Дар он ҳукуқи ихтиёрӣ ворид шудан ба ҳамагуна *ҳизбҳо,* аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта таъкид шудааст, ки сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд.

Ҳамин тавр, Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ва таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ, ки ба қавли Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи мо сохтори нодир буда, созмонҳо ва ташкилотҳои дорои ақидаҳои гуногун ва барномаҳои мухталифро муттаҳид кардааст»[47], на фақат маҳсули меъёрҳои комилан демократии қонунгузории дохилӣ мебошанд, балки ба фаъолияти қонунгузорӣ дар бобати таҳкими ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, устувор шудани заминаҳои ҳуқуқии плюрализми сиёсӣ такони бузург бахшидаанд.

Қонунҳои Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» пурра ба талаботҳои меъёрҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷавоб медиҳанд. Зиёда аз ин, онҳо имкониятҳои васеи татбиқи принсипҳои Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро, аз ҷумла оид ба ягонагии давлат, ки бар зидди ҷудоиандозӣ ва минтақагароӣ равона шудаанд, муносибати мутақобилаи демократӣ ва сабру таҳаммул байни намояндагони ҳокимият, аҳли ҷомеа ва ҳарифони сиёсӣ, гуногунақидагии сиёсӣ ва фарҳангӣ фароҳам меоваранд.

Кант адолатро он медонад, ки амалҳои ҳар кас мутобиқи асле, ки худи ӯ мехоҳад, барои тамоми инсонҳо зарур бошад, таъйин шуда бошад ва ё адолатро аз муҳофизати инсофкориву муруввватпешагии одамон иборат медонад[64]. Ҳол он ки Гегел муътақид аст, ки он чи давлат бигӯяд ва писандад, айни ҳақ ва адолат аст[65]. Келзен дар мавриди адолат мегӯяд: «Адолат, аз назари мо, ба маънои қонуният аст. Ин таъйини маънои адолат ҳамоҳанг бо тамоюле аст, ки мехоҳад масъалаи адолатро аз қаламрави муҳокимаҳои зеҳнӣ ва арзишӣ хориҷ кунад ва онро дар заминаи устувори як назми иҷтимоии муайян пойдор намояд. Ин адолати ҳифзи назми бадастовардашуда василаи истифода ва иҷрои он аз рӯи виҷдон мебошад ва онро метавон партави қонун донист. Адолати қаблан зикршуда бо ҳар низоми бадастомада фарогир аз сармоядорӣ, иҷтимоӣ, демократӣ ва ё мустабидона бошад, созгор аст ва ҳатто ба он лозим мебошад»[66].

В.П.Гуревич мегӯяд: «Адолат, оштӣ ё мусолиҳа осоре аз тамаддуне аст, ки қаблан дар ҳоли ихтилоф ва моҷаро будаанд, албатта, ин мусолиҳа тағйирпазир аст ва дар ҳар давра иборат аз истиқрори эътидоли тоза ба нафъи он гурӯҳ аз манфиатҳо аст, ки пеш аз ҳама бояд мавриди таваҷҷӯҳу меҳрубонӣ ва эҳтиром қарор гирад»[67].

Тавре ки аз ин таърифҳо ҳам бармеояд, на танҳо таърифҳои мазкур таърифи саҳеҳи аз адолат наметавонад бошад, балки дар гуфтори Келзен ва Гуревич дар маънои адолат муболиға шудааст ва сирфан баёни гироиши сиёсиро гирифтааст.

Қисме аз файласуфони ҳуқуқ дар гузашта ва ҳозира адолатро ба маънои баробарии одамон ба якдигар дар эҳсони табиат ва ғайри он арзёбӣ кардаанд. Ба хусус тарафдорони коммунизми собиқ бар ин нуқта бештар пофишорӣ кардаанд ва барҳам додани моликияти хусусиро зарурӣ медонанд, ҳар гуна ҷоҳталабиву имтиёзро маҳкум менамоянд. Коммунизми собиқ дар ин даъво аст, ки афрод бояд ба андозаи қудраташон кор кунад ва ба андозаи ниёзашон музд гиранд. Вале, аз ин ҷо ки, дар шароити кунунӣ, бо таъсири нобудшавии омодагии иҷтимоъ ва норасоии истеҳсолот танзими чунин баробарӣ бо душвории зиёде рӯбарӯ аст. Дар ҳоли ҳозир бояд муттакои ҳуқуқ ин асл бошад: аз ҳар кас мувофиқи қудраташ кор ва ба ҳар кас ба андозаи кораш музд муқаррар шудааст, аммо ҳангоме ки ҷомеа омодагии лозимаро ба даст овард ва сатҳи истеҳсол низ боло рафт, ҳамон асли аввал - аз ҳар кас ба қадри қудраташ кор ва ба андозаи ниёзаш музд бояд асоси кор бошад.

Онҳо барои исботи ин назария чунин далел меоранд, ки неъматҳои табиат ба ҳамаи афроди иҷтимоъ тааллуқ дорад. Аз ин ҷиҳат, бояд неъматҳои табиат ва воситаҳои истеҳсол, ки сару кор бо меҳрубонии табиат дорад, ба миллат ва ба кулли ҷомеа тааллуқ дошта бошад. Аз диди коммунизм, усулан афроди башар наметавонанд зиндагии алоҳида дошта бошанд, балки маҷбур ба зиндагии иҷтимоианд ва фард сарнавишти махсусе барои худаш надорад ва сарнавишти ӯ комилан бо сарнавишти иҷтимоӣ, ки дар он зиндагӣ мекунанд, вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, дуруст нест, ки шахсе аз назари дастмузд бар дигарон имтиёзе дошта бошанд, зеро аввалан шахс дар имтиёзҳои табиии худ, монанди қудрати ҷисм, қудрати фикр, завқҳо ва салиқаҳо, ки дар дастмузди онҳо метавонад дахолат дошта бошад, қарздори ҷомеа ҳастанд. Дарвоқеъ, ин хусусиятҳо имтиёзоти хоси худи онон нест, сонияи ихтилофи даромадҳо ва бадомӯзҳое дар ҷомеа дорад, ки боиси ақибмондагӣ хоҳад шуд ва оқибат худи шахси дорои имтиёз низ ба натиҷаҳои номатлуби он дучор мешавад. Бинобар ин бояд, ки аз ҳар кас ба қадри қудраташ кор хоста шавад ва ба қадри ниёзаш музд пардохт гардад.

---

64 Ниг.: *Алексеев С.С.* Философия права: история и современность. Проблемы, тенденции, перспективы. М. Норма. 1997. С. 157.

65 *Гегель*. Философия права. М. Мысль. 1990. С. 145.

66 Иқтибос аз: *Луковская Д.И.* Политические и правовые учения: историко-теоретический аспект. Ленинград. 1985. С.103-104.

67 *Коркунов Н.М.* Истории философии права. СПб. 1999. С.74.

Дуруст аст, ки сарнавишти фард бо ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад, пайванди наздик дорад, вале дар муқобили сарнавишти ҷомеаҳо низ бо сарнавишти шахсе, ки дар он зиндагӣ мекунад, марбут аст. Масалан, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар замони И.В.Сталин, Н.С.Хрущев ва дигарон ба тобишҳои гуногуне даромад, ки бо ҳам фосилаи зиёде дошт ва ин ҳамон нақши шахс дар ҷомеа аст. Мухтасари сухан ин, ки инсон дорои ду оқибат аст, яке оқибати фардӣ ва дигаре оқибати ҷамъиятӣ ва ҳаряки онҳо паёмадҳо ва нақше дорад, ки қобили инкор нест ва маҳдуд сохтани инсон дар оқибати ҷамъиятии он иштибоҳи калон аст.

Умуман адолату баробарӣ ин аст, ки ноҳамвориҳо, пасту баландиҳо, болову поинҳое, ки маншааш суннатҳову одатҳо ва зӯру зулм аст, бояд маҳв шавад ва аз байн биравад. Аммо он ихтилофҳову тафовутҳо, ки маншааш лаёқату истеъдод, кору пайкор ва фаъолияти одамон аст, бояд ҳифз карда шавад. Бинобар ин баробарӣ ба маънои равшани он иборат аз ин аст, ки қонун бояд дар хидмати ҳамагон бошад, иҷрои он барои ҳамаи одамон баробар ва бетафовут бошад. Ин маънои баробарӣ он аст, ки дар байни ҳуқуқии табий матраҳ шудааст ва дини мӯбини ислом низ ба сурати возеҳ дар мавридҳои муносиб онро кор фармудааст.

Ҳуқуқ ва адолат ду ҳамзоди таърихианд: юнониён ин ягонагиро пеш аз дигарон дарёфтанд ва румиён пайравии андешаи ононро кардаанд.

Румиҳо, ҳуқукро ҳунари додгустарӣ ва пиндори нек медонистанд. Тибқи гуфтаи онҳо, давлате пойдор мемонад, ки оромиши адл кунад ва дар рафтори худ ҷониби инсофро қатъиян риоя намояд. Вале имрӯз барои ҳуқуқдон ормоне аст, ки қонунҳо бояд бечунучаро аз он бахра бигирад. Ду мафҳум – ҳуқуқ ва адолат, дар айни ҳол, ки бо ҳам қаробати қавӣ доранд, вале аз ҳамдигар тафовут низ доранд. Ба ифодаи дигар, низоме, ки тавассути ҳуқуқ истиқрор мешавад, пайваста дар ҳоли ҳаракату таҳаввул аст ва ба сӯи камол меравад.

Қоидаеро, ки мардум бо адолату инсоф мутобиқ накардаанд ва бо майлу рағбат иҷро намекунанд, барои канора гирифтан аз он ба роҳу василаҳои гуногун даст мезананд. Пас, давлат барои ҳифзи низоми умумӣ ва истиқрори оромиши иҷтимоӣ ногузир аст, ки то ҳадди имкон, қоидаҳои ҳуқукро бо адолате, ки мардум эҳтиромаш мекунанд, созгор кунад.

Робитаи ҳуқуқ ва адолатро дар бисёре аз қоидаҳо метавон дид. Масалан, назм дар муомилот собит мекунад, ки одамон дар эътибору нуфузи қарордодҳо шубҳа накунанд ва мӯътақид бошанд, ки давлат ғояи паймонашонро кафолат медиҳад ва дар мавридҳои зарурӣ, қарздоршударо ба иҷрои он маҷбур мекунад.

Баъзе аз мутафаккирон, монанди Юм ва К.Маркс чунин меҳисобанд, аз сабаби он ки адолат мафҳуми ноаён ва ормонӣ ё тахаюлӣ аст, аз ин рӯ, наметавонад мавзӯи таҳқиқҳои илмӣ қарор бигирад. Онро истилоҳи бемӯҳтаво пиндоштаанд ва Келзен кӯшидааст, ки ҳуқукро аз олоиши адолат пок созад.[68]

Ба назари файласуфон волотарин арзишҳо озодӣ, баробарӣ ва адолат аст. Бисёр файласуфон озодиро марказ ва қутби ҳамаи арзишҳои инсонӣ мепиндоранд. Масалан, Кант дар таърифи ҳуқуқ мегуяд: «Қоидаҳое аст, ки ба боиси он озодии ҳар кас бо озодии дигарон ҷамъ мешавад»[69] ва Руссо аз қайдҳое, ки тамаддун бар озодии табии инсон ба вуҷуд овардааст, мутаассир аст ва онҳоро сарчашмаи ҳамаи ранҷҳову тирабахтиҳо ва бунёди ҷомеаро қабули озодонаи он медонад. Гегел ҳам, бо вуҷуди ҳамаи ситоишҳое, ки аз қудрат мекунад, ҳадафи ҳуқукро таъмини озодии иродаи инсон мепиндорад.

Бояд арз намуд, ки таҳлилҳову ситоишҳо дар хусуси озодӣ басо зиёд аст ва камолоти онро дар фалсафаи мавҷудияти Сартр метавон дид.

Аз тарафи дигар, таърих гувоҳ аст, ки озодии зиёд аз андозаи худ муҳосирае барои озодӣ мешавад: оқилтарон ҳамаи имтиёзотро дар ихтиёрашон мегиранд, барои

---

[68] Ниг.: *Мальцев Г.В.* Новое мышление и современная философия прав человека // Права человека в истории человечества и в современном мире. М. 1988. С. 48-49.
[69] *Кант И.* Метафизическое начало о праве. Сочинения. Т.2. М. 1965. С.34.

он ки ҳарчӣ бештар бақувваттар шаванд, ки аз озодии дигарон мекоҳонад. Ҳамин далел аст, ки эҳтиёҷ ба баробарӣ мушоҳида мешавад ва ҳама хоҳон мешаванд, ки аз озодиҳо камбуд шаванд, то баробарӣ ба дасташон ояд.

Нобаробариҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сабаб мешавад, ки то эҳтиёҷ ба мафҳуми баробарӣ ба миён ояд ва бар озодӣ роҳнамоӣ кунад. Руссо дар «Қарордоди иҷтимоӣ»-аш ночор шуд, озодиро фидои баробарӣ кунад ва пешниҳод кард, ки барои расидан ба ҳукумати халқӣ (демократия) бояд ҳама ҳуқуқ ва имтиёзҳои хосаи худро бигзоранду онро ба давлати ҳамагонӣ вогузоранд ва ба ин васила ба «баробарӣ» ноил гарданд.[70]

Воқеан, эҳтиёҷ ба баробарӣ ниёз ба адолат аст, чунки баробарӣ ва эътидол дар зоту ҷавҳари адолат вуҷуд дорад, ки ба адолати шаклӣ таъбир мешавад ва таъмини баробарии мардум дар муқобили қонун яке аз зуҳуроти ошкорои он маҳсуб мешавад.

Бо вуҷуди ин, баробарии мутлақ ва риёзӣ мувофиқи мақсад нест. Ин мафҳум низ дар дохили худ қайде дорад ва фарогири арзиши махсус аст. Мардум аз ҷиҳати эҳтиёҷ ва манфиате, ки ба ҷомеа мерасонанд ва аз ҷиҳати андозаи кори судманде, ки анҷом медиҳанд, баробар нестанд. Пас, ин масъала ҳамеша дар тадқиқ аст, ки андозаи баҳраманд шудани онон вобаста ба меъёри иҷтимоию иқтисодӣ бояд мувофиқи эҳтиёҷашон бошад ё бо андозаи кору нафъи иҷтимоии он алоқамандӣ дошта бошад. Аз ҳамин ҷиҳат, сухан аз таносубу эътидол меравад ва ба сифати мисол мегӯянд, ки дар баробари кори баробар бояд музди яксон пардохт.

Ҳамин тариқ адолат дастур медиҳад, ки ҳаққи ҳар касро тавре ки сазовор аст, бояд дод. Бархилофи озодӣ ва баробарӣ, ки дар маҷмӯъ аз табиати худ пайдо мешавад, дар бархӯрд бо дигар арзишҳо қарор дорад. Адолат ҳарчи поктар ва холӣ аз қайду банд бошад, матлубтар аст. Инсон ҳамеша дар камол аст, аз ин рӯ ҳарчанд ба адолати илоҳӣ имконияти дастрасӣ надорад, намехоҳад зуҳуроти заминии онро аз даст бидиҳад ва фидои озодӣ ё назм кунад.

Дар низоми ҳуқуқ, баъзан адолат қурбони истиқрори назм ва амнияти ҳуқуқӣ мешавад. Гурӯҳе низ мафтуни ин тартиб ва дилбохтаи қудрат шудаанд ва чунин меҳисобанд, ки қоидаҳои ҳуқуқӣ дар марҳалаи аввал ба истиқрори назм сару кор мегирад ва ин кӯшиш дар ҷаҳони арзишҳо ҷамъбаст мешавад. Гуфта мешавад, ки бунёди назм ибтидои иҷрои адолат аст ва ба ҳамин қабул карда мешавад, вагарна дар низоми арзишҳои ахлоқӣ ҳаргиз наметавон назмро бар адолат тарвиҷ дод. Аз ҳамин ҷост, ки Кант мегӯяд: «Агар адолате набошад, зиндагӣ ба заҳматаш намерасад»[71].

Дар Қуръони карим ҳам аввалин дастури худованд дар мақоми додрасӣ ва қазовати ҳукумат бар адл асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, ҳарчанд аз арзишҳои волои озодӣ ва баробарӣ  наметавон ба осонӣ даст кашид, аз ин рӯ, дар ин қисмати таҳлил бояд адолатро ба сифати аввалин арзиш пазируфт ва ҳамчун меъёри тафовути неку бади қонунҳо шинохт.

Баъзе файласуфони воқеъгаро ба ин хулоса омадаанд, ки ҳуқуқ ҳунари додгустарӣ мебошад, яъне на танҳо иҷрои адолат ҳадафи ниҳоии ҳуқуқ аст, балки мавзӯи кор ва вазифаи додрасон низ ба он дохил мешавад.

Яке аз муҳимтарин арзишҳои бунёдии маҷмӯаи ҳуқуқи башар озодӣ мебошад. Ин асл гузашта аз ин ки асоситарин қоидаи ҳуқуқи табиӣ ба шумор меравад (масалан, Гоббс ҳуқуқи табииро танҳо дар озодии одамон хулоса менамояд), яке аз асилтарин арзишҳои навъи башарро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, тамоми одамон нисбат ба он таваҷҷӯҳ менамуданд ва ноилшавӣ ба озодиро ормони ҳамешагии худ қарор медоданд.

Азбаски одамон узви як ҷомеа ҳастанд, мехоҳанд бо якдигар дар осоиштагӣ зиндагӣ кунанд, бояд ихтиёротеро дар амалу фаъолияти якдигар қоил бошанд ва ба он эҳтиром гузоранд. Мафҳуми озодӣ ғайр аз маънии ҳуқуқӣ, дорои маъниҳои истилоҳии гуногуне низ мебошад, аз қабили озодии фалсафӣ ва озодии ахлоқӣ.

---

[70] *Руссо Ж.Ж.* Трактаты.  М. 1969. С. 69.
[71] *Винист Андру*. Назарияҳои давлат. Мутарҷим Ҳусайни Баширӣ. Теҳрон. 1371. С.56-57.

Озодии фалсафӣ ба маънои ихтиёр дар баробари ҷабр қарор дорад. Мутафаккирони бисёре дер боз дар ин мафҳуми озодӣ (ихтиёр) баҳс карда ва ихтилофи зиёде доштаанд.

Озодии ахлоқӣ - ба маънои раҳоии ақл аз ҳудуди идораи фитрату шаҳватҳо мебошад ё ба маънои озодманишӣ ва боздоштани ахлоқи озоди мардон аст. Ин майл ба озодӣ дар мактабҳои ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Баъзеҳо онро натиҷаи ҳукмронии қувваи ақл бар шаҳват ва ғазаб донистаанд. Ин мафҳуми озодӣ иртиботе бо маънои ҳуқуқии он надорад, зеро мавриди арзёбии дигарон қарор намегирад, ҳамон тавре ки бо вазъи муқарраротва кафолати иҷрои давлат ҳам таъмин намешавад. Дар фалсафа ва ҳуқуқ аз ин гуна озодӣ баҳс нест, чунки ин озодӣ дар партави афъоли ихтиёрии инсон ҳосил хоҳад шуд. Бинобар ин, бо муқаррароти ҳуқуқӣ, ки ҷанбаи иҷборӣ доранд, чандон иртибот надорад.

Озодии ирфонӣ ба маънои вобастагӣ аз ҳар чизе бо худои муттаол аст. Ин навъи озодӣ низ монанди дигар навъҳо арзишҳои ҳуқуқиро фаро намегирад, зеро комилан ҷанбаи фардӣ ва шахсӣ дорад ва бо озодии ҳуқуқӣ, ки пайваста ба равобити иҷтимоӣ аст, тафовутнок аст.

Озодии ҳуқуқӣ низ аз навъи озодиҳост. Дар ин навъи озодӣ баҳс дар ин хусус аст, ки ҳайати фармонфармо ё қонун ва иҷрокунандаи қонун то чӣ андозае метавонанд озодии одамонро маҳдуд намоянд ва ононро ба риояти муқаррароте дар равобити иҷтимоии худ вазифадор кунанд, ё ба анҷоми амрҳо ва хостаҳои давлатро ӯҳдадор созанд. Ҷон Стюарт Милл - файласуфи позитивисти қарни 19-и и англис, ки мутаваҷҷеҳи тафовути маънои озодӣ дар истилоҳи файласуфон бо ҳуқуқдонон гардидааст, дар ҳамин замина дар муқаддимаи китобаш «Озодӣ» мегӯяд: «Мо дар ин рисола намехоҳем аз озодии ирода, ки мутаассифона, онро қутби мухолифи назарияе қарор додаанд, ки бағалат ҷабр ва зарурати фалсафӣ номида шудааст,гуфтугӯ кунем. Манзур аз калимаи озодӣ дар ин ҷо озодии иҷтимоӣ аст ва дар зимни ин рисола мехоҳем ҳудуди қудратеро, ки ҷомеа аз рӯи ҳақ метавонад дар бораи фард аъмол кунад, мавриди баррасӣ қарор диҳем»[72].

Руссо - мутафаккири машҳури фронсавӣ мегуфт: «Табиат инсонро озод офаридааст, вале ҷомеа ӯро ғулом гардонидааст, табиат инсонро хушбахт эҷод карда ва ҷомеа ӯро бадбахту бечора намудааст»[73].

Озодии сухан, ба назари Милл, аз се ҳолат зоҳир мешавад: ё ақидаи мухолиф мутобиқ бо воқеият аст, ё комилан мухолиф ва ё аз ҷиҳате мувофиқ ва аз ҷиҳате мухолифи воқеият аст. Дар сурати аввал, инкори озодӣ ҷиноят ба фард ва ҷомеа аст; дар сурати дуюм низ инкори озодӣ мамониати мардум ва камолоти фард аст ва дар сурати сеюм, аз созандагии махсус бархурдор аст.

Дигар ҷонибдорони озодӣ низ бо таъбироти монанд ҳикмати озодиро ситоиш намудаанд. Ҳарчанд дар доираи озодии ҳуқуқӣ миёнашон ихтилофи назар ҷой дошта бошад ҳам, вале риояти онро зарур донистаанд. Масалан, Стюарт Милл ва бисёри дигар аз либералистҳо нақши иродаи миллатро дар қонунгузорӣ ба эътибор намегиранд ва мӯътақиданд, ки иштирок дар интихоб ва танзими қонунгузорӣ ҳаққи мутахассисону кордонон ва сиёсатмадороне аст, ки метавонанд масъалаҳои иҷтимоиро баррасӣ намуда, хайрияту бадахлоқиро аз якдигар ҷудо созанд. Дар сурате ки Руссо қонунгузориро ҳаққи миллат дониста, ҳайати ҳукмронро зуҳури раванди иродаи миллат медонад. Ҳамчунин баъзе аз тарафдорони озодӣ мӯътақиданд, ки озодӣ ҳаққи ҳамаи миллатҳост. Дар ҳоле ки бисёри дигар мутафаккирон озодиро махсуси ашроф ё табақаи хос дониста ва барои табақаҳои дигар ғуломӣ ва ё усули иҷборро пешниҳод кардаанд. Масалан Арасту, ки аз тарафдорони ҳуқуқи табиӣ буд,

---

[72] *Ҷон Стюарт Милл.* Рисола дар бораи озодӣ. Мутарҷим Ҷаводи Шайх ул-Исломӣ. Теҳрон. 1338. С. 25.

[73] *Руссо Ж.Ж.* Муқаддимаи қарордодҳои иҷтимоӣ. Мутарҷим Зиракзода. Теҳрон. 1358. С.16.

дар ҳуқуқ шиори озодӣ ва бародариву баробарӣ дар муқобили қонунро пешниҳод мекунад. Ӯ мӯътақид аст, ки озодӣ махсуси табақаи ашроф ва ба истилоҳ озодагон - юнониёнанд, вале барои миллатҳои ғайримутамаддин, ки ниёз ба сарпарасте доранд, ғуломӣ ва иҷборро зарурӣ медонад. Воқеан дар ҳоли ҳозир низ амалан ҷаҳони Ғарб дар робита бо миллатҳои дигар ҳамин гуна меандешад.

Дар баробари тарафдорони озодӣ, бисёре аз файласуфони Ғарб низ мухолифи озодӣи ва зарурати иҷрои он нисбат ба тӯдаи мардум будаанд. Ба ақидаи онҳо, афроди башар ба ғайр аз таваҷҷӯҳ ба зӯру иҷбор наметавонанд, зиндагии оромона дошта бошанд ва дар заминаи сулҳу оромиш ба ҳадафҳои фардиву иҷтимоии худ ноил гарданд. Аз ин рӯ, бояд ҳар замон давлати муқтадире вуҷуд дошта бошад, ки бо вазъи муқаррароти хос мардумро ҷабран ба анҷоми он чи ба манфиати фарду ҷомеа аст, ба давлат зарурати онро ошкор созанд. Ҳатто баъзе аз ин мутафаккирон такомули ҷомеаи башариро дар барангехтани ҷангҳову низоъҳои мавҷуда дар масири таърих дониста, иддао мекунанд, ки ин роҳи такомул бояд ҳамаҷониба идома ёбад. Ба ақидаи Макиавелли, тафовути мардуми ёбоӣ аз дигар ваҳшиҳо ин аст, ки ба василаи пешрафти тамаддун метавонанд дар сурати озод шудан, монанди ваҳшиҳо, маскани худро таъмин намоянд, он чи ки онон инкор иамудаанд. Аз ин рӯ, Макиавелли зӯру ҳилагариро ҷоиз медонист, ҳарчанд макрро дар сурати имкон ба зӯр бартарият медод. Вай мӯътақид буд, касоне, ки дар баробари қудрати ҳоким қарор мегиранд, ба пуррагӣ шоистаи несту нобуд шудан мебошанд[74].

Назари Макиавелли мавриди истиқболи Гоббс дар Англия ва Бодэн дар Франсия қарор гирифт ва бар ҳамин асос қонунгузориро аз дину илоҳиёт ҷудо карданд. Гоббс, монанди софистҳои Юнон фитрати башарро, бархилофи раввоқиён, фитрати идеалӣ ё ормонӣ намеҳисобид, балки фитрати башарро бархилофи он чи зоҳиран дар ҷамоаҳои кунунӣ ба назар мерасад, бо даррандагиву ваҳшигӣ ҳамоҳанг медонист. Вай ақида дошт, ки ба сабаби ин ки дар ҷамоаҳои кунунӣ башар рафтори нисбатан тараққипарваронатар дорад, он даррандахӯии зотиро як сӯ гузоштааст ва салоҳияти худро дар он мебинад. Башар бо ҷои он ки дар як ситезу хусумати муқобил бо ҳамнавъони худ даргир шавад, худро дар паноҳи ҳимояти қудрати давлат қарор дода ва дар ивази ин амнияти иҷтимоӣ, аз даррандагии зотӣ даст кашидааст.

Гоббс зимни ҳамин гуфтаҳояш натиҷа мегирад, ки сабаби даррандагӣ аз аҳкоми иҷтимоие, ки давлат вазъ мекунад, ҳамин фитрати омехта бо ваҳшигию даррандагӣ аст. «Ин гургҳои даррандаро ба суханшунавӣ аз гург даррандатаре роҳнамоӣ кардааст»[75].

Гоббс дар заминаи ин назария, бо эътироф аз ҳуқуқи табиӣ, ки ин ҳуқуқ дар асли озодӣ хулоса мешавад, диктатураи давлатро чунин ҳувайдо мекард, ки мардум бар асоси қарордоди иҷтимоӣ паймони яктарафа бо давлат кардаанд, ба ин маънӣ, ки онҳо дар баробари амнияти иҷтимоӣ аз озодии худ сарфи назар намудаанд, вале давлат дар баробари ин қарордодеро қабул накардааст. Бинобар ин, муқаррароти ҳайати ҳоким зарурати иҷро аст, ҳарчанд ки мухолифи адолат ё амнияти иҷтимоии бошад. Тафовути назарияи Руссо аз Гоббс дар он аст, ки ӯ бархилофи Гоббс чунин қарордодеро тарафайнӣ медонад ва мӯътақид аст, ки баръакси ваъда тадбир кардани ҳарду тараф, паймон худ ба худ ба сафсата мубаддал мегардад.

Яке аз омилҳое, ки дар ҳамгироии бисёре аз сиёсатмадорони Ғарб ба мухолифат бо озодӣ таъсирманд будаанд, назарияи таҳаввулии Чарлз Дарвин аст. Дарвин дар мутолиаҳои худ ба ин натиҷа расида буд, ки такомули навъҳо маҳкуми қонуни низои бақо аст ва ин қонун дар нажодҳову наслҳои башар ҳам устувор аст. Аз ин рӯ, дар масири таърих ҳамвора насли бартар табақаву наслҳои дигари башарро заиф гардондааст. Тавре ки ба мушоҳида мерасад, насли ҳар мавҷуде натиҷаи такомули

---

[74] Ниг.: *Рашод Муҳаммад.* Фалсафа аз оғози таърих. Ҷ.1. Душанбе. Ирфон. 1990. С.68.
[75] *Трубецкой Е.Н.* Энциклопедия права. М. 1997. С .85.

ҳамаи наслҳои қаблии он аст ва ин насли падидомада нисбат ба ҳамаи гузаштагонаш комилтар мебошад.

Дарвин худ аз бунёди назарияаш дар мавриди ҳуқуқ чунин натиҷа мегирад, ки ҷомеае қобили бақо ва идомат аст, ки дар он фидокорӣ ба нафъи ҷомеа равона бошад ва бар кулли равобити иҷтимоӣ ҳоким бошад. Ӯ ба ин тартиб зарурати таъовун ва ҳамкории бештареро пешниҳод мекард ва виҷдони ахлоқиро низ берун аз ҳамин ҳамкориву фидокорӣ намедонист. Аммо бисёре аз сиёсатмадорони Ғарб, махсусан тарафдорони фашизм, ақидаи мазкурро далели рухсати ҳар низоъи диктатуриву қудратталабӣ донистанд ва бар ҳамин асос Гитлер дар яке аз баромадҳои худ гуфтааст: «Ба василаи низоъи бақо табақаи шоиста ҳамвора нав хоҳад шуд. Қонуни интихоби табиӣ ин низоъи доимиро тафсир мекунад. Масеҳият ошӯбе аст, ки зидди қонуни табиат ва худи табиат равона шудааст. Масеҳият дар ниҳояти амр ба ғайр аз шикасти башарият чизи дигаре нест»[76].

Гоито Номоско яке аз дигар роҳбарони фашизм мегӯяд: «Манфиатҳои моддӣ ангезаи асосии навъи башар аст ва таърихи башарият чизе ба ҷуз қонеъ сохтани ниёзҳои фотеҳон аз дастранҷи миллатҳои таҳти кудрати салтанат нест. Ҳамеша як табақаи ҳоким мураккаб аз теъдоди ақаллият бар аксарият ҳукумат мекунад. Ин табақаи шоиста низ бақову пойдор намемонад ва таърих чизе ба ҷуз таъйини табақаи шоиста нест»[77].

Маркс аз ин назария дар шакли дигаре зарурати диктатураро истифода мекунад. Ӯ зимни ин ки ҳаракати ҷабрии таърихро бар асоси таззоди илмии ошкоршуда дар фарзияи Дарвин устувор менамояд ва даъво мекунад, ки табақаи коргар ба манфиатҳои худ ба ғайр аз нобудсозии сармоядорию сармоядор, ноил нахоҳад гардид. Бинобар ин, ӯ ба ҷои таъмини озодии иқтисодӣ ва сиёсӣ диктатураи пролетариатро зарууртар мешумурд, зеро ин роҳи ҳар гуна даргирҳоро ҷоиз медонад. Бо ин тафовут Маркс бар он ақида аст, ки пас аз ин даргириҳо зӯрӣ фаро хоҳад расид, ки мардум дар атрофи якдигар ба сурати мусолиматомезе озодона зиндагӣ намоянд, он гоҳ дигар зарурати давлат ва ҳуқуқе вуҷуд нахоҳад дошт. Ин марҳилае аст, ки башарият озодии худро боз ба даст хоҳад овард, вале имрӯз ба хотири ҳараҷу мараҷҳои иқтисодӣ ва ахлоқӣ озодии тӯдаҳо дар равобити иҷтимоӣ имконпазир нест.

Энгелс дар китоби «Анти-Дюринг» мегӯяд: «Таҳаввули сармоядорӣ ба сотсиализм барои гузаштан аз сарзамини қувваи қаҳрия ба қаламрави озодӣ аст».

Аз таваҷҷӯҳ ба ду гуна муҳокимаронихои файласуфон дар бораи озодӣ бармеояд, ки воқеъан яке аз омилҳои ин ихтилофи назарҳо ин аст, ки ҳар яки онҳо бар асоси шинохти худ дар заминаи равобити иҷтимоӣ лоиҳаеро пешниҳод намудаанд, ки баъзе бо диктатурӣ ва баъзеи дигар бо озодии миллат созгор мебошад. Аз ин рӯ, мулоҳиза мешавад, ки таърифи ба озодӣ додаи онҳо низ аз якдигар фарқ доранд. Масалан, Гоббс озодиро ба маънои набудани монеа дар роҳи ҷунбиш медонад, Ҷон Локк муътақид аст, ки озодии инсон дар он аст, ки дар қонуни табиат қудрате фармонраво набошад. Ба ақидаи Энгелс озодӣ маърифати қонунҳои табиат ва ба кор бурдани он дар ҷомеаи инсонӣ аст.

Ихтилофи назари ҷонибдорони озодӣ бо мухолифони он бар ин асос набудааст, ки намедонистаанд истибдод беҳтар аст ё демократӣ, зеро дар талаботи озодӣ барои инсонҳо ва ҳатто ҳайвонот низ шубҳае нест, балки ихтилофи онон дар ин аст, ки инсон чи гуна мавҷуд аст? Оё шуур табиатан ё зотан вайронгар ва қонуншикан аст ва қобилияти идораи худро надорад, ки дар сурати озодӣ ҳама ҷоро ба харобӣ мекашонад? Ва ё ин ки башар мавҷуде аст, хайрхоҳ ва дӯстдори дигарон, ба тавре ки агар озод гузошта шавад манфиатҳои худ ва ҷомеаро дар шакли мутобиқи мақсад таъмин хоҳад кард ва умуман манфиатҳои озодӣ барои ҷомеа ҳам аз диктатурӣ бештар аст? Бинобар ин метавон ин ду гурӯҳи мутафаккирони ҳуқуқу сиёсатро ба

[76] Философские проблемы права. М. 1972. С.89.
[77] *Федоров К.Г.* История государства и права зарубежных стран. ЛГУ. 1977. С.184.

некбинҳо ва бадбинҳо тақсим кард. Як гурӯҳ ақида доранд, ки инсоният зотан хайрхоҳанд ва дар шароити кунунӣ низ қудрати назорати майлу ниҳодҳои худро дорад ва муътақиданд, ки бояд одамро то ҳадди имкон озод гузошт то бар асоси завқу салиқаи шахсиаш равобити худ бо дигаронро танзим намоянд. Гурӯҳи дигар ақида доранд, ки одамият зотан гургсифат аст. Ва ё ин ки ҳарачу марачҳои иҷтимоӣ ақлу заковати асили ӯро зери тасарруфи худ қарор дода мӯътақиданд, ки усули давлатдории диктаторӣ ва истибдодӣ барои ҳамешагӣ ва ё то даврони хосе бояд ба ҷомеаҳои башарӣ ҳукмрон бошад.

Назари дини мубини ислом низ дар мавриди озодии ҳуқуқӣ хеле ҷолиб аст. Зеро Қуръони карим инсонро дар ҳолатҳои гуногун ситоиш намуда, ӯро бузургтар ва шарифтари махлуқот муаррифӣ кардааст. Дар ин китоби бузург одам халифаи илоҳӣ ва мавриди саҷдаи фариштагон аст. Инсон, аз назари ислом, намоянда ва ҷонишини худованд дар замин ва амонатдори ӯ ҳисобида шудааст. Ҳамчунин ислом фарзандони одамро лутфу эҳсон мекунад ва эҳтиром ва афзалияти илоҳиро насиби онон медонад.

Аз ояту ишороти Қуръони маҷид ба хубӣ бармеояд, ки инсон дорои истеъдоди фавқулода буда имконияти васлшавӣ ба мақомоти моддию маънавии азиме дорад ва метавонад тавассути идроки ақлонию рӯҳонӣ ҳамаи ин камолотро дар зиндагӣ барои худ ҳосил намояд. Бинобар ин, бар хилофи бисёре аз сиёсатмадорони ғарбӣ, ки табиати одамиятро таҷовузгар, бадахлоқ ва гургсифат муаррифӣ намудаанд ва атои озодиро ба мусолиҳат надидаанд, Қуръони карим инсонро мавҷуди пок, тарафдори ҳаққу адолат ва дорои арзиши бисёр воло медонад. Қуръони маҷид одамиро дорои заковати бунёдии ягона ва худошиносӣ меҳисобад[78].

Аз ҷониби дигар, Қуръони карим инсонро ҳамчун мавҷуди соҳибихтиёр ва интихобгар шиносондааст, ки дар феълу ақоиди худ бар асоси маърифат ва ирода қарор мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат, ҷабран бор кардани ақида дар заминаи шинохт ва имонро ғайриимкон медонад. Ҳамчунин ошкор месозад, ки ақидаву имон қобили иҷбор нест ва ин худи башар аст, ки бояд бихоҳад, роҳи саҳеҳро аз миёни роҳҳои дигар интихоб намояд ва мутобиқи он ба кор барад.

Дигар аз омилҳое, ки дар гузоришҳои гуногуни мактабҳо дар мавриди озодӣ баррасӣ шудааст, арзиши асли озодӣ мебошад. Масалан, вақте мактаби либерализм, барои озодӣ бо арзиши ғайриқобили қиёс бо ҳамаи арзишҳои дигар мӯътақид аст, табъан қобил ба ин хоҳад буд, ки ҳеҷ арзиши дигаре аз қабили рушди иқтисод ва тавлид ё иқтидори давлат набояд озодии амалии инсонро маҳдуд кунад. Аз ин рӯ, либерализм танҳо омили маҳдудкунандаи озодии фардиро бархӯрди озодии ҳар фард бо озодии дигар афроди иҷтимоъ медонад. Баъзе аз мактабҳои дигар мӯътақиданд, ки озодӣ дар он маврид ба инсон метавонад муфид бошад, ки вай аз ҷиҳати талаботи моддию иқтисодӣ таъмин шуда бошад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар шароите, ки рушди тавлидот ва иқтисоди як кишвар бар иҷрои маҳдудиятҳое дар озодии амалии инсон қафо монда бошад, фаъолияти ин маҳдудиятро ғайриҳақиқӣ медонад. Воқеан ба назари онҳо бунёд дар ҳама чиз иқтисод аст.

Баъзе аз мактабҳои дигар назари мобайнӣ доранд ва мегӯянд: «Иродаи далат ё ҷомеа вақте метавонад озодии фардиро маҳдуд созад, ки битавонад манфиатеро, ки аз ин роҳ дар ихтиёри фард қарор медиҳад, бо арзиши озодии маҳдудшуда баробар ва ё бештар аз он бошад». Берлин мегӯяд: «Нуқтае, ки дар ин марҳила аз илми ҳисоб ба назар мерасад, андозае аст, ки барои озодиҳои одамони гуногун бояд қоил шуд, зеро озодии як шахси фориғ аз таҳсили Оксфорд бо озодии як деҳқони мисрӣ ҳеҷ гоҳ дар як сатҳ нест. Ин муқоиса, бо ин ки виҷдони баъзе соҳибназаронро нуқсондор мекунад, зарурӣ аст, зеро барои он касе, ки ғизо надорад бихӯрад, озодӣ лутфе надорад. Ба ифодаи дигар, барои он ки арзиши озодӣ маълум шавад, бояд шароити истифода аз он фароҳам бошад. Ин ҳикмат дар ин замина машҳур аст, ки «барои як руси қарни 19-ум як ҷуфти кафш аз тамоми осори Шекспир чанд маротиба бештар арзиш

---

[78] *Сайид Муҳаммади Ҳотамӣ*. Гуфтугӯи тамаддунҳо ва ва фарҳанги эронӣ. Душанбе. 2002. С.147.

доштааст». Ин масъала дар бораи як кишоварзи мисрӣ ҳам, ки дар ҳоли ҳозир беш аз ҳама чиз ба ғизову даво ва савод эҳтиёҷ дорад, ҷоиз аст. Марксизм дар чунин заминаи фикрӣ ҳадди аксари истифодаро дар сафҳаи демократияи сиёсӣ ифода намудааст, ба тавре ки фақат барои гурӯҳи маҳдуд имконоти истифода аз озодиро фароҳам мекунад. Либералҳо низ дар ин замина виҷдони осуда надоранд. Махсусан, онҳо баҳрабардорӣ аз озодиро ба воситаи истисмори табақоти поёнии ҷомеа ба даст овардаанд.

Дар танқиди назариёти номбурда бояд гуфт, ки ҳарчанд арзиши озодӣ низ, монанди дигар арзишҳои иҷтимоӣ, мутлақ нест ва як доираи муайяни маҳдудиятҳои ҷабрӣ барои он вуҷуд хоҳад дошт, вале бар тахмини ин ки озодӣ дар қиёс бо арзишҳои иқтисодӣ аҳамияти камтареро молик бошад, пас аз кадом ҷиҳат давлат ё мақомоти дигаре ҳақ дорад, ки озодии як шахсро маҳдуд кунад ва озодии аксариятро дар ихтиёри ақаллияти дигар қарор диҳад? Ин масъала ҳамон тавре, ки маълум аст, вобаста ба баҳси сиёсату ҳукумат аст, вале дар ин ҷо бояд гуфт, ки агар қудрати ҳуқуқ дар равобити иҷтимоӣ ба иродаи ҳоким вобаста бошад, пас ҳамаи суханони Берлин дуруст ба назар мерасад. Аммо, агар қудрати эътибор ҳуқуқу қонун ва иродаи илоҳӣ бошад, бе ягон шубҳа озодӣ, ки ҳаққи ҳатмии одамон аст, ба ғайр аз тариқи ихтиёр ва қароргирии худи одамон набояд маҳдуд гардад. Аз ин рӯ, деҳқони мисриву шахси фориғ аз таҳсили Оксфорд тафовуте аз якдигар нахоҳанд дошт.

Дар назарияи марксистӣ ҳам доир ба озодии ҳуқуқӣ сухан рафта, озодиро танҳо ҳаққи ҳатмиву ногузири табақаи коргар медонад. Назарияи либерализм, ки қонунгузорию интихоботро ҳаққи ҳамагон дониста, дар он ақида аст, ки сарватмандон ва донишмандон бояд дар мавридҳои муайян қарор бигиранд. Яке аз муаррихони маъруфи либералӣ мегӯяд: «Озодии умумӣ дар интихобот ҳимоят аз ҷаҳлу ваҳшигарӣ аст.

Воқеан на либерализм озодии зарурӣ ва судмандро дар ихтиёри афроди ҷомеа қарор додааст ва на марксизм. Либералҳо озодии тӯдаро дар фаъолияти шахсии фард дида ва бапурраги бо баҳс дар масоилу мавзӯъоти ҳуқуқӣ ва қонунӣ маҳдуд шудаанд. Ба ин маънӣ, ки дар мақоми амал бо додани озодиҳо, махсусан, аз озодии иқтисодӣ тӯдаро маҳрум намуда ва ҳамагонро асири майлҳову ниёзҳои табақаи сармоядор сохтаанд. Аз ҳамин ҷиҳат, метавон гуфт дар ҳеҷ кишваре то кунун демократия (ҳокимияти халқ) ба маънои комили он сурат нагирифтааст ва ҳатто дар интихобот ҳам қарорҳои табақаи сарватманд нақши ҳалкунанда дорад. Марксизм низ ҳарчанд худро пайрави назариёти Маркс дар заминаҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ медонад, дар масъалаи озоди амалан бо афкори буёдгузори ин мактаб мухолифат кардааст.

Маркс на танҳо озодиҳои мавриди назари либерализмро ноҷоиз медонист, балки пешниҳод мекард, ки ин озодиҳо бояд аз сурати шиор ба амалия пайвандад. Вай лоиҳаи ҳуқуқи башарро риёкорона медонист ва бар ин ақида буд, ки ин ҳуқуқ сирфан таъминкунандаи манфиатҳои буржуҳост ва оммаи мардум ҳеҷ гоҳ ба озодиҳои зарутшумурдаи он нахоҳанд расид. Суханони Лафарг - домоди Маркс дар ин замина ҷолиб аст. Ӯ дар яке аз суханрониҳояш мегӯяд: «Озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ, ки сарлавҳаи ҳамаи сохтмонҳои давлатии Франсия аст, ки аз соли 1789 ба нафъи буржуазия амалҳои хилофи парҳезкорӣ анҷом медиҳанд».

Эҳсон Табарӣ донишманди эронӣ мегӯяд: «Марксизм аз тарафдорони сарсахти озодии воқеии шахсияти инсонӣ аст ва ба ҳамин ҷиҳат дуруст назариёти либерализмро мавриди танқид қарор медиҳад... Вале ҳудуди дараҷаи амали озодонаи инсон бо амали озодонаи ҷомеа амри худӣ ба худӣ нест, балки ба сатҳи рушди умумии ҷомеа, аз он ҷумла ба сатҳи рушду шеваи тавлиди иҷтимоӣ вобастагӣ дорад... Маркс мегӯяд: Дар ин ҷомеа рушди нерӯҳои инсонӣ, ки худӣ ба худ ҳадаф аст, оғоз мегардад ва

арсаи воқеии озодии инсон бар асоси зербинои худ, ки арсаи ҷабр аст ва танҳо бар он зербино рушду густариш меёбад»[79].

Ҳамон тавре, ки мулоҳиза мешавад, озодӣ дар гуфтори мазкур бо диктатураи пролетариат низ мухолифат надорад ва ин худ аз мавридҳои мухолифате аст, ки дар марксизм мушоҳида мешавад. Дар воқеъ, ихтилофҳои мавҷуда дар афкори Маркс пайравони ӯро ба диктатура кашондааст, зеро пазируфтани назарияи исолати иқтисод ногузиран чунин талаботе хоҳад дошт. Дар ҳар сурат, ин мухолифати қавлӣ ва феълӣ акнун дар кишварҳои коммунистӣ ба равшанӣ зоҳир мегардад ва танҳо ба озодиву ҳуқуқи башар ҳам маҳдуд нест, балки дар заминаҳои зиёде интишор аст. Масалан, даъвои онҳо ҳаракат ба сӯи ҷомеаи бетабақа ва рафъи ҳуқуқу давлат аз ҷомеа ҳам аз далелҳои асосии ин носозгориҳост.

Асосан ҳамаи онҳое, ки маълумот дар бораи усули фалсафӣ, иҷтисодӣ ва тазодҳои таърихии марксизм доранд, ба хубӣ медонанд, ки дар табиати ин усул як навъ носозгорӣ бо бунёди озодӣ вуҷуд дорад, ба тавре ки дар амал ҳаргиз дар як муҳити озод қобили иҷро нест. То кунун ҳаракате дар мавриди аз байн рафтани давлат ва ҳуқуқ ба амал наомадааст, балки рӯз ба рӯз бар аҳамияти қудрати давлат ва зарурати идомаи давлати демократӣ афзуда мешавад. Аслан ин фикр, ки рӯзе мешавад ҳуқуқ ва давлат дар ҷомеа зарурати вуҷуди худро аз даст медиҳад, тасаввуре ба назар намерасад. Дар ҳамин маънӣ Генри Шомер дар китоби «Марксизм дар Руссияи шӯравӣ» менависад, гуфтаи ӯро оид ба ба ҳуқуқ дар маҷлиси васеи Шӯъбаи илмҳои Ҷамъиятии Академияи илмҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба тасвиб расонд: «Ҳуқуқ тамоми санади рафторҳое аст, ки давлат ба унвони қудрати табақаи зӯровар дар ҷомеа тавсиф мекунад, ки бо урфу одат ва қоидаҳои зиндагӣ ба хотири ҳифз ва рушди равобити иҷтимоӣ ва ҳамчунин низоми иҷтимоии муфиду муносиб ба вазъи табақаи ғолибшуда зарурати иҷро аст ва давлат устуворан аз он ҳимоят мекунад»[80].

Он мулоҳизаҳое, ки то ин ҷо сурат гирифт, иборат буд аз таърифи озодии ҳуқуқӣ ва тафовути он аз дигар қисмҳои озодӣ ва омилҳое, ки сабаби тамоюлҳои гуногуни файласуфони ҳуқуқу сиёсат дар заминаи озодӣ гардидааст. Акнун лозим аст навъҳои гуногуни озодиҳои ҳуқуқиро, ки метавонанд дар як низоми ҳуқуқӣ қарор гиранд мавриди таваҷҷӯҳ бошад.

Озодии сиёсӣ иборат аст аз озодии афрод дар танзими қонунгузорӣ ва раъйи озодонаи онон дар интихобот. Ба ин маънӣ, ки қонунгузорӣ бояд тобеи иродаи афроди ҷомеа бошад ва манфиатҳои онро ҳамаҷониба ифода намояд. Ширкат дар интихобот ҳаққи ногузири ҳар як аз аъзои ҷомеа мебошад. Асолат ва бунёди асосии низомияти давлат ва қудрати ҳукмронро раъйи аксарияти одамон ташкил медиҳад. Аз ин ҷо ки ин масъала яке аз баҳсҳои муҳими фалсафаи ҳуқуқ ва сиёсат ба ҳисоб меравад.

Дигар аз навъҳои озодии ҳуқуқӣ, ки дар низомномаи ҳуқуқи башар мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст, озодии сухан мебошад. Ба ин маънӣ, ки одамон гузашта аз ин ки ба манзури доштани ақидаи мухолиф чи дар амалҳои динӣ ва чи дар корҳои сиёсӣ мавриди таъқибу сарзаниш қарор гиранд, бояд битавонанд амалан ақидаи худро иброз намоянд, барои исбот ва ба даст овардани ҳамфикрони дигар ҷиддан ҷаҳд кунад ва онҳоро низ ба ин амал беш аз беш таблиғ кунанд. Бунёди назарӣ ва ғоявӣ он аст, ки носозгории афкор аз назари илмию сиёсӣ сабаби рушду ривоҷи илму афкори мардум мебошад ва метавонанд манфиатҳои зиёдеро дар бар дошта бошад. Маҳкум сохтани навъи озодӣ сабаби рукуди афкору илмҳои инсонӣ мегардад ва дар натиҷа ҳаракати такомулии ҷомеа ва аъзоёни онро дарҳаму парешон менамояд.

Навъи дигари озодии ҳуқуқӣ озодии иқтисодист. Он ба ин маънӣ аст, ки одамон дар интихоби машғулият, манзил ва ба даст овардани сарвату масрафи он озоданд. Аз ин рӯ, ҳукумат ва ҳеҷ қудрати дигаре наметавонад ташвишдиҳандаи онон бошад ва ё онҳоро ба кори мухолифи майли қалбиашон во дорад. Масалан, касе наметавонад

---

[79] *Эҳсон Табарӣ*. Навиштаҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ. Теҳрон. 1359. С.104-108.

[80] *Тихонравов Ю.В.* Основы философии права. М. 1997. С.23.

қисме аз маҳсулот ва дастранҷҳои ононро аз они худ кунад ё дар масрафи он маҳдудият содир намояд. Муҳимтар ин аст, ки давлат бояд дар таъмини эҳтиёҷҳо бо одамон ҳамкорӣ дошта бошад ва шароити бархурдорӣ аз дастмузди басанда ё таъмини молҳои ниёзи зиндагиро фароҳам оварад.

Озодиҳои иқтисодӣ мавриди таваҷҷӯҳи бисёре аз озодихоҳону тараққипарварон будааст ва бо аҳамияти хосае аз он ёдрас намудаанд. Яке аз масъалаҳое, ки ҳуқуқи табииро ҳам ташкил медиҳад, моликияти хусусӣ аст. Ба ин маънӣ, ки одамон бояд дорои амволе бошанд, ки аз тариқи кору кӯшиш, тиҷорат ва амсоли он ба даст овардаанд. Ҳеҷ касе ҳаққи мамониат расонидан ба онро надошта бошанд, давлат низ вазифадор аст, ки ин ҳақро боэътибор шуморад ва аз он ҳимоят намояд. Ҷон Эдокс мегӯяд: «Аз он лаҳза, ки ин андеша дар ҷомеа қабул шавад, ки моликият ба андозаи қонунҳои худовандӣ мӯътабар (боэътибор) нест, қувваи қонун ва адолати умумӣ барои ҳимояти он вуҷуд надорад, ҳараҷу мараҷ оғоз мешавад. Агар аҳкоми «ту набояд дуздӣ кунӣ», «ту набояд тамаъкор бошӣ» фармонҳои илоҳӣ низ набуданд, бояд дар ҳар ҷомеа, қабл аз ин ки бихоҳад мутамаддин ё озод бошад, ба унвони дастурҳои воҷибурриоя (риояти ҳатмӣ) ва қафонопазир шинохта шаванд».

Тавре ки маълум аст, танҳо низоми ҳуқуқӣ, ки моликияти хусусиро огоҳона аз доираи муқаррарот ва қонунҳои иҷтимоӣ берун мекунад, сотсиализм аст. Дигар мактабҳои ҳуқуқӣ бар зарурати эътибори моликият таъкид намудаанд, ҳарчанд баъзеҳо дар ин ки моликият яке аз ҳуқуқи зотӣ ва табиии одамон аст, шубҳа кардаанд.

### Понятие справедливости и свободы с точки зрения философии права

В статье рассматриваются вопросы философии права как нового подхода к пониманию права.

Философия утверждает, что право может возникнуть лишь в ходе прогрессивного развития, ни одна ступень которого не может быть пропущена. А правовое состояние основывается только на общем духе народа. Свобода должна стать действительным средством права, с которым связаны как моральные, так и нравственные ценности.

## Институт развода в некоторых правовых системах (сравнительно-правовой анализ), а также некоторые демографические проблемы, касающиеся развода как социального явления

**Хайруллоев Ф.С.[*]**,
**Саидов З.А.[**]**,
**Шоев Б.П.[***]**

---

[*] *Хайруллоев Ф.С.* – начальник кафедры Гражданско-правовых дисциплин Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

[**] *Саидов З.А.* – начальник факультета № 3 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

Семейная жизнь не всегда складывается удачно. Расставание супругов неизбежно, если нет взаимной любви, взаимного уважения и понимания. В этом случае, естественно, каждый супруг имеет право на развод. К сожалению, в Таджикистане, впрочем, как и во всем мире, развод становится обыденным делом. В исследуемой работе авторы попытаются выяснить плохо это или хорошо, проанализировав проблему с точки зрения тех правовых систем, которые близки современному законодательству, таджикскому народу, его культуре и духу.

Значимость исследования данной темы также обусловлена тем, что в разводе есть и негативная сторона. Ведь в результате развода разрушается семья. Если учитывать, что семья, согласно статье 33 Конституции Республики Таджикистан, является основой общества, то с ее разрушением расшатываются также и основы общества[81]. К тому же, каждый развод может распространяться на другие семьи. С учетом того, что в нашей республике развод одной пары приводит к разладу в отношениях нескольких семей, то весьма актуально изучить данное явление не только с позиции светского права, но и религиозного. Также не нужно сбрасывать со счетов и то, что семья находится под защитой государства.

Развод – это естественное право супругов на самоопределение[82]. С правовой точки зрения это право необходимо каждому, кто находится в браке. Согласно ч.2 ст.16 Семейного кодекса Республики Таджикистан (далее - СК РТ**)**, право расторгнуть брак предоставлено каждому из супругов в равной доле. Исключение из данного правила и ограничение в реализации данного права предусмотрено лишь для мужа. Муж не имеет права без согласия жены возбуждать дело в суде о расторжении брака во время беременности жены и в течение полутора лет после рождения ребенка (ст.17 СК РТ). Данное ограничение, как видно из текста СК РТ, установлено в целях приоритета семейного воспитания детей, заботы об их благосостоянии и развитии, обеспечении приоритетной защиты прав и интересов несовершеннолетних и нетрудоспособных членов семьи.

Необходимо отметить, что в семейном законодательстве Российской Федерации (статья 17 Семейного кодекса Российской Федерации от 29 декабря 1995 года, далее – СК РФ) инициативное право мужа на расторжение брака (в случае отсутствия согласия жены) ограничено сроком беременности и в течение года после рождения ребенка.

Для возбуждения дела о разводе мужем требуется получение согласия жены на развод, необходимо ее письменное подтверждение. Причем, такое согласие может быть выражено как в самостоятельном, так и в совместном заявлении о разводе или же в виде надписи на заявлении мужа.

Жена же в этих случаях полностью сохраняет свое право на возбуждение дела о расторжении брака в любое время. Это правило применяется и тогда, когда ребенок родился мертвым или не дожил до года.

В мусульманском праве также присутствуют схожие ограничения. Например, если муж имел близкие отношения с женой после прекращения ее менструации, при разводе он обязан ждать второго периода менструации.

Существует мнение, что в мусульманском праве право на развод, в основном, принадлежит мужу, т.е. мужчина более свободен в своих действиях[83]. Однако в разводах *хуль*[84], когда право на развод выкупается женой, а также *фасх*, расторжение брака,

---

*** *Шоев Б.П.* – старший преподаватель кафедры Общественных дисциплин Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции.

81 Конституция Республики Таджикистан. Душанбе. Конуният. 2003. С.40.

82 Нами термины «Развод» и «Расторжение брака» рассматриваются как идентичные понятия, т.е. адекватные друг другу.

83 Шариат: Закон жизни мусульман. Г.М. Керимов. Диля: Москва-Санкт-Петербург, 2007 г. С.139.

84 Коран, 2:229; 4:127.

произносимое судьей по просьбе жены, когда муж не исполняет своих обязанностей[85], инициатором развода является жена. Кроме того, такой развод как *лиан*, или взаимное проклятие[86], осуществляется с участием обоих супругов - мужа и жены.

Таким образом, цель семьи в исламе не состоит из превращения женщины в тюрьму, где она удерживается насильственным путем: «…оставьте их у себя по-хорошему или же отпустите по-хорошему…» (Коран, 65:2)

Одним из способов расторжения брака является расторжение брака в органах записи актов гражданского состояния в порядке, определённом Законом Республики Таджикистан «О государственной регистрации актов гражданского состояния» от 29 апреля 2006 года (далее - Закон о госрегистрации актов гражданского состояния), а в случаях, предусмотренных ст.ст. 21-24 СК РТ, в судебном порядке[87].

Споры о разделе общего имущества супругов, выплата средств на содержание нуждающегося нетрудоспособного супруга, а также споры о детях, возникающие между супругами, и в случаях, предусмотренных Законом о госрегистрации актов гражданского состояния, рассматриваются в судебном порядке независимо от расторжения брака в органах записи актов гражданского состояния.

Порядок государственной регистрации расторжения брака по взаимному согласию супругов, не имеющих общих детей, не достигших совершеннолетия, согласно статьи 42 Закона о госрегистрации актов гражданского состояния, производится следующим образом:

1. При взаимном согласии на расторжение брака супругов, не имеющих несовершеннолетних детей от данного брака, расторжение брака производится органом записи актов гражданского состояния;

2. Супруги, желающие расторгнуть брак, подают в письменной форме совместное заявление о расторжении брака в орган записи актов гражданского состояния.

Расторжение брака и государственная регистрация его расторжения производится в присутствии хотя бы одного из супругов по истечении месяца со дня подачи супругами совместного заявления о расторжении брака.

Статья 43 СК РТ определяет следующий порядок государственной регистрации расторжения брака по заявлению одного из супругов:

1. Расторжение брака по заявлению одного из супругов производится органом записи актов гражданского состояния в случае, если другой супруг:

- признан судом безвестно отсутствующим;
- признан судом недееспособным;
- умер или признан судом умершим;
- осужден за совершение преступления к лишению свободы на срок свыше трех лет.

2. Государственная регистрация расторжения брака по заявлению одного из супругов производится в его присутствии по истечении месяца со дня подачи заявления о расторжении брака.

3. Орган записи актов гражданского состояния, принявший заявление о расторжении брака, извещает в трехдневный срок супруга, отбывающего наказание в исправительных учреждениях, либо опекуна недееспособного супруга или управляющего имуществом безвестно отсутствующего супруга, а в случае их отсутствия - орган опеки и попечительства о поступившем заявлении и дате, назначенной для государственной регистрации расторжения брака.

---

[85] Например, не уплачивает махр, не дает жене содержания или не имеет с ней супружеских сношений.

[86] Коран, 24:6-9.

[87] Закон Республики Таджикистан «О государственной регистрации актов гражданского состояния» // Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2006 год, №4, ст. 201; 2008 год, №12, часть 2, ст. 1017; 2009 год, № 3, ст. 89.

В случае, если брак расторгается с недееспособным или осужденным к лишению свободы на срок свыше трех лет супругом в извещении также указывается на необходимость сообщить до даты, назначенной для государственной регистрации расторжения брака, фамилию, которой он желает именоваться после расторжения брака.

Государственная регистрация расторжения брака на основании решения суда производится в органах записи актов гражданского состояния по месту жительства бывших супругов (одного из них) на основании выписки из решения суда и заявления бывших супругов (одного из них) или заявления опекуна недееспособного супруга.

В случае, если один из бывших супругов зарегистрировал расторжение брака в органе записи актов гражданского состояния, а другой супруг обращается в тот же орган записи актов гражданского состояния позже, сведения об этом бывшем супруге вносятся в ранее произведенную запись акта о расторжении брака.

Супруг, изменивший свою фамилию при вступлении в брак на другую, вправе после расторжения брака именоваться этой фамилией при согласии другого супруга либо по его требованию при регистрации расторжения брака органами записи актов гражданского состояния ему присваивается добрачная фамилия.

Брак расторгается в судебном порядке при наличии у супругов общих несовершеннолетних детей, за исключением случаев, предусмотренных Законом о госрегистрации актов гражданского состояния, или при отсутствии согласия одного из супругов на расторжение брака.

Брак расторгается в судебном порядке также в случаях, когда один из супругов, несмотря на отсутствие у него возражений, уклоняется от расторжения брака в органах записи актов гражданского состояния (отказывается подать заявление или не желает явиться для регистрации развода и другое).

При рассмотрении дел о расторжении брака при отсутствии согласия одного из супругов на расторжение брака суд принимает меры к примирению супругов и вправе отложить разбирательство дела, назначив супругам срок для примирения в пределах шести месяцев (согласно СК РФ в пределах трех месяцев).

Настоящее установление предусматривает ситуации расторжения брака, когда один из супругов возражает против расторжения брака. Суд в этом случае принимает меры к возможному примирению супругов, к устранению указанных в заявлении и выявленных на заседаниях судом причин возникшего между супругами конфликта, проверяет, насколько серьезны поводы, приведшие к подаче заявления о расторжении брака одним из супругов. В процессе разбирательства дела или при подготовке дела к рассмотрению должен быть по возможности выяснен истинный характер взаимоотношений сторон для принятия мер к примирению супругов.

В судебном заседании должны быть выяснены действительные причины возбуждения дела о расторжении брака, поскольку они не всегда совпадают с указанными в заявлении мотивами развода. В результате судебное разбирательство может содействовать примирению супругов. Суд в этих целях принимает возможные меры и вправе по собственной инициативе или по просьбе одного или обоих супругов отложить разбирательство дела, назначив срок для возможного примирения супругов в пределах шести месяцев (СК РФ - три месяцев).

Назначение срока для примирения разводящихся супругов производится судом в зависимости от фактических обстоятельств и обнаруженной в процессе разбирательства возможности ликвидации конфликта. Нижний срок откладывания дела не устанавливается.

Если по истечении назначенного срока супруги помирятся, сообщат об этом в своем заявлении или вообще не явятся на заседание, дело в суде прекращается производством. При недостижении примирения суд по обращению истца продолжает разбирательство дела о расторжении брака и принимает решение.

Существенной новеллой данной статьи является положение о том, что расторжение брака производится не только в случаях, когда суд признает, что меры по примирению супругов оказались безрезультатными, но и тогда, когда супруги (один из них) настаивают на расторжении брака, т.е., окончательное решение о сохранении или прекращении брачных отношений остается личным делом каждого из супругов.

Брак расторгается, если судом будет установлено, что дальнейшая совместная жизнь супругов и сохранение семьи стали невозможными, а меры по примирению супругов оказались безрезультатными.

Если судом будет отказано в иске о разводе, супругам предоставляется право вновь обратиться в суд с исковым заявлением о расторжении брака после истечения трех месяцев со дня отказа в иске.

Следует отметить, что при наличии взаимного согласия на расторжение брака супругов, имеющих общих несовершеннолетних детей, а также супругов, указанных в части второй статьи 21 СК РТ, суд вправе расторгнуть брак.

Расторжение брака производится в течение месячного срока с момента подачи супругами заявления о расторжении брака.

При расторжении брака в судебном порядке супруги могут представить на утверждение суда соглашение о том, с кем из них будут проживать несовершеннолетние дети, о порядке выплаты и размере средств на содержание детей и (или) нетрудоспособного нуждающегося супруга, о размерах этих средств, либо о разделе общего имущества супругов.

В случае отсутствия соглашения между супругами по вопросам, указанным выше, а также если будет установлено, что данное соглашение нарушает интересы детей или одного из супругов, суд обязан:

- определить, с кем из родителей будут проживать несовершеннолетние дети после развода;

- определить, с кого из родителей и в каких размерах взыскиваются алименты на содержание детей;

- по требованию супругов (одного из них) произвести раздел имущества, находящегося в их совместной собственности;

- по требованию супруга, имеющего право на получение содержания от другого супруга, определить размер этого содержания.

В случае, если раздел имущества затрагивает интересы третьих лиц, суд вправе выделить требование о разделе имущества в отдельное производство.

Брак, расторгаемый в органах записи актов гражданского состояния, прекращается с момента государственной регистрации расторжения брака в книге регистрации актов гражданского состояния, а при расторжении брака в суде - со дня вступления решения суда в законную силу.

Следующая область, которую мы рассмотрим - это Согдийская область Республики Таджикистан. Согдийская область занимает территорию в 25,4 тысяч квадратных километров. Население данной области составляет 1992,4 тысяч человек, плотность населения в среднем по области (на 1 квадратный км. территории) составляет 78,4 человек[123]. Область состоит из 14 районов и 10 городов. Как ранее было приведено в таблице, за анализируемый период в Согдийской области за три месяца 2008 года было зарегистрировано 919 преступлений, а за три месяца 2009 года было зарегистрировано 882 преступления. Выходит, что по отношению к 2008 году в 2009 году в этой области на 39 преступлений было зарегистрировано меньше. В таблице приведены зарегистрированные преступления по Согдийской области за анализируемый период

| | **Согд** | |
|---|---|---|
| **Виды преступлений** | **2008** | **2009** |
| Убийство и покушение на убийство | 10 | 6 |
| Умышленное причинение тяжкого вреда здоровью | 6 | 8 |
| Изнасилование и покушение на изнасилование | 6 | 4 |
| Разбой | 6 | 5 |
| Грабеж | 14 | 5 |
| Мошенничество | 129 | 132 |
| Похищение человека | - | 1 |
| Хищение оружия, боеприпасов, взрывчатых веществ и взрывных устройств | - | - |
| Незаконное приобретение, передача, сбыт, хранение, | - | - |

[122] По определению А.И. Долговой. *Латентная часть* преступности включает скрытые и скрываемые преступления. *Скрытая часть преступности* образуется за счет преступлений и их разных совокупностей, которые совершены, но о которых не стало известно правоохранительным органам, суду. *Скрываемая часть* преступности включает преступления и их совокупности, которые стали известны правоохранительным органам, но которые по разным причинам не нашли отражение в статистике преступности. Криминология. Учебник для вузов / Под ред. А.И. Долговой М. 2007.С.124.
[123] Регионы Республики Таджикистан (Статистический сборник). Душанбе.2004.С.12.

| | | |
|---|---|---|
| транспортировка или ношение оружия | | |
| Вымогательство | 3 | - |
| Кража | 316 | 272 |
| Хулиганство | 54 | 75 |
| Бандитизм | - | - |
| Незаконный оборот наркотиков | 58 | 58 |

Как показывает таблица, в области за анализируемый период в основном повысился процент совершения трех видов преступлений - это умышленное причинение тяжкого вреда здоровью, мошенничество и хулиганство. Как ранее нами было отмечено, в других областях республики в основном имел место рост корыстной преступности, а в данной области, наряду с корыстной преступностью, повысился уровень преступлений, связанных с применением насилия[124]. Согдийская область республики находится в северной части страны и ввиду развитости путей сообщения, число мигрантов из этой области значительно больше, чем из других регионов Таджикистана.

При изучении преступности наряду с абсолютными данными используются относительные: коэффициенты, удельный вес или доли.

В криминологии коэффициенты преступности исчисляются путем сопоставления сведений о преступности с данными о населении. Именно по коэффициентам происходит сравнение преступности в разных регионах и областях, а также разных временных периодах. Например, сопоставление абсолютных данных о зарегистрированной преступности в Хатлонской и Горно-Бадахшанской Автономной области еще ни о чем не говорит, так как в Хатлонской области численность населения в несколько раз больше. Но именно коэффициент преступности снимает различия в численности населения.

При изучении коэффициента преступности используется формула расчета коэффициента преступности[125]. Коэффициент преступности может рассчитываться на 100 000 населения, на 10 000 населения и при необходимости на 1000 человек.

При изучении общего состояния преступности за 2008 и 2009 годы нами просчитаны коэффициенты преступности в разных областях республики за 2009 год.

Итак, население города *Душанбе* 619,4 тысяч человек, за три месяца 2009 года зарегистрировано 934 преступления.

$$К= \frac{934 \cdot 100000}{619400} = \frac{934 \cdot 100000}{619400} \approx 150{,}8$$

*Хатлонская область* - население составляет 2344,6 тысяч человек, за три месяца 2009 года зарегистрировано 816 преступлений.

$$К= \frac{816 \cdot 100000}{2344600} = \frac{816000}{23446} \approx 34{,}8$$

*Горно-Бадахшанская Автономная область* - население составляет 215,7 тысяч человек, за три месяца 2009 года зарегистрировано 93 преступления.

$$К= \frac{93 \cdot 100000}{215700} = \frac{93000}{2157} \approx 43{,}1$$

---

[124] К насильственным преступлениям против человека авторы относят преступления против жизни, против здоровья, ряд деяний против свободы, чести и достоинства личности, против половой неприкосновенности и половой свободы (См.: Криминология / Под ред. А.И. Долговой. 2-е изд. М. 2001.С.500-501).

[125] $К = \frac{\text{Число фактов преступлений x 100 000}}{\text{Численность населения}}$

*Согдийская область* - население составляет 1992,4 тысяч человек, за три месяца 2009 года зарегистрировано 882 преступления.

$$К= \frac{882 \cdot 100000}{1992400} = \frac{882000}{19924} \approx 44,3$$

Коэффициент преступности в рассматриваемых областях республики выглядит следующим образом. Самый высокий коэффициент преступности в городе Душанбе - на 100 000 населения приходится 150,8 зарегистрированных преступлений, на втором месте выступает Согдская область с коэффициентом в 44,3 зарегистрированных преступлений на 100 000 населения. Как это не удивительно, на третьем месте по коэффициенту преступности выступает ГБАО, на 100 000 населения которой приходится 43,1 зарегистрированных преступлений. И, наконец, на четвертое место выходит Хатлонская область, по коэффициенту преступности которой на 100 000 населения приходится 34,8 зарегистрированных преступления за анализируемый нами период.

Неблагополучные в криминологическом отношении области Республики Таджикистан по уровню преступности по отношению к прошлому году являются в большинстве своем также «лидерами» и по уровню корыстной преступности. С большим отрывом «лидируют» г Душанбе, Хатлонская и Горно-Бадахшанская Автономная область. Но по подсчету коэффициента преступности, как уже было отмечено, вырисовывается немного иная картина.

На наш взгляд, основными причинами высокого уровня преступности в данных областях являются, во-первых, низкая правовая культура населения, социально-экономическое положение данных регионов, в основном во всех анализируемых регионах преобладает корыстная преступность. И во-вторых, социально-экономические причины, к которым можно отнести рост безработицы, нищета и резкое расслоение общества на бедных и богатых.

В итоге необходимо отметить, что данные статистики не отражают реальной картины действительного состояния преступности. В республике высока доля латентной преступности. С уверенностью можно сказать, что число зарегистрированных преступлений – это далеко не число совершенных преступлений. Несмотря на сказанное, приведенные данные статистики дают определенную возможность познания социальной реальности в изучаемой среде.

## Вазъи ҷиноятҡорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақола сухан дар бораи вазъи ҷинояткори дар ҷумҳурӣ меравад. Вазъи ҷинояткории се моҳи авали соли 2008 ва се моҳи авали соли 2009 таҳлил ва муқоиса карда шудаанд. Вобаста ба минтақаҳои маъмурӣ-ҳудудии Тоҷикистон намудҳои муайяни ҷинояткорӣ таҳлил карда шудааст.

## КОНТРОЛЬ НАД КОРРУПЦИЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Умаров Х.А.*** 

О понятии или определении коррупции нам не стоит упоминать, так как понятие этого социально-правового зла предусмотрено как в национальном, так и в международном законодательстве. Однако хотелось бы подчеркнуть, что масштабы заражения общества данным вирусом сегодня в Республике Таджикистан приобретают весьма угрожающий характер. Только за 2009 год было зарегистрировано 2262 преступления коррупционного характера, среди которых 345 фактов взяточничества, 611 фактов присвоения и растраты, 371 факт мошенничества, совершенного с использованием служебного положения, 184 факта превышений и злоупотреблений должностными полномочиями. Кроме того, установлено, что за прошедший год укрыто от налоговых платежей 41 млн. сомони[126].

Знаем мы также и другое, что коррупция с каждым днём всё больше активизирует процесс мутации в сознании биофизиологического существа – человека и в большей степени ребёнка, так как семейное воспитание, на наш взгляд, осуществляемое родителями, государством и обществом, нередко эксплуатирует в процессе воспитательной деятельности незаконное получение и предоставление незаконного преимущества должностным лицам и служащим органов государственной власти, и при этом формирует у ребёнка (детей) стереотип частичной, а иногда и полной нравственной оправданности предоставления незаконных вознаграждений или получений незаконного преимущества.

Сама же коррупция, как негативное явление, подразделяется на различные виды правонарушений (преступлений, административных проступков, гражданско-правовых деликтов и т.д.). Кроме того, в неё входят определённые виды аморального коррупционного поведения (протекционизм, фаворитизм, непотизм и т.д.).

Так, необходимо отметить, что принятие преподавателем перед началом зачёта от студента, например, карты пополнения счёта мобильного телефона стоимостью 15-20 сомони, также как и дарение данной карты, в подобной ситуации должно квалифицироваться как преступление, предусмотренное ст.ст.319-320 УК Республики Таджикистан (получение и дача взятки), наказуемое в обоих случаях до 5 лет лишения свободы. Однако, скажем откровенно, большинство родителей, на наш взгляд, не считают подобного рода действия не только преступлением, но и аморальным поведением. Общественная опасность укрепления в сознании наших детей стереотипов, связанных с коррупцией, заключается в том, что такие морально-правовые категории, как совесть, справедливость, равенство всех перед законом независимо от их социального, политического и имущественного положения, перестают быть нравственными ценностями, что может привести к тому, что коррупция превратится (если уже не превратилась) в часть нашей национальной культуры, которой будет практически невозможно в будущем противостоять.

---

* *Умаров Х.А.* – начальник кафедры Уголовного права, криминологии и психологии, кандидат юридических наук.

[126] Выступление начальника Главного управления АГФКБК Республики Таджикистан Сангова Дж. по ТВ-1. Время 21:20 минут. К стати, в этом же выступлении было отмечено, что коррупцией больше всего в Республике Таджикистан поражены следующие сферы: энергетика, образование, здравоохранение, сельское хозяйство и др

Коррупция в Республике Таджикистан, как и в большинстве других стран мира, очень распространённый феномен. Множество форм и видов коррупции становятся частью социальной жизни, которую не в состоянии заметить не только закон, но и мнение общества, так как одна часть этих форм и видов вошла в привычку людей, а другая превратилась в семейные стандарты. Сегодня в Таджикистане такие формы коррупции, как преподношение детским врачам, педагогам среднеобразовательных школ, воспитателям детских садов подарков с целью обеспечить своему ребёнку заботу или необходимое внимание, практически не осуждается.

Естественно, что в Таджикистане медленно происходит процесс восстановления системы образования, позиция которой утрачена ещё в период гражданской войны 1992-1997г.г., включающая в свое содержание и правовое обучение школьников среднеобразовательных школ республики.

Хотелось бы отметить, что контролировать коррупцию и минимизировать ее до социально-терпимого уровня правильно намеченными педагогическими методами и воспитательными средствами не представится возможным, так как сегодня не только в Таджикистане, но и практически во всех странах СНГ, существует её фундамент, который построился и стабилизировался благодаря разнице между служебными обязанностями государственных служащих и их заработной платой, установленной государством.

Сегодня учёными и практиками предлагается множество рецептов противодействия коррупции, среди которых называют:

1) стабильность в политике (т.е. эта мера означает уверенность должностного лица или служащего государственных органов в том, что любое реформирование государственного устройства не повлияет на их деятельность и, в том числе, на его законный источник дохода);
2) совершенствование законодательства (уголовного, уголовно-процессуального, административного и иного) с целью устранения их «нетехнологичности» и произвольного применения данных норм со стороны правоприменителя;
3) соблюдение уголовно-правового принципа неотвратимости ответственности, предусмотренного ст.7 УК РТ (обеспечение высокого уровня выявления и раскрываемости коррупционных преступлений и правонарушений) и т.д.;
4) криминализация новых форм коррупционных деяний таких как: обещания, предложение или предоставление публичному должностному лицу лично или через посредника неправомерного преимущества для самого должностного лица или иного физического или юридического лица с тем, чтобы это должностное лицо совершило какое-либо действие или бездействие при выполнении своих должностных обязанностей или незаконное обогащение.

Наряду с вышеизложенными, С.В. Максимовым также предлагается отдельное направление борьбы с коррупцией - это формирование стереотипов некоррумпированного поведения посредством новых образовательных технологий (прежде всего, используемых семьей, школой, средствами массовой информации), с чем мы вполне солидарны. То есть, в данном случае субъекты борьбы с коррупцией (дети, родители, педагоги), используя сегодняшние реальные возможности образования, могут содействовать деятельности государства и общества по доведению коррупции и ее проявлений до социально терпимого уровня.

На наш взгляд, работа в этом направлении должна постоянно подвергаться контролю с целью её активизации, так как малейшее расслабление не даст нужных и ожидаемых нами результатов.

Контролировать коррупцию и доводить ее до социально терпимого уровня путем выявления, раскрытия и расследования коррупционных деяний, на наш взгляд, невозможно. Антикоррупционная политика государства в области контроля над

коррупцией должна больше уделять внимание другому вопросу – научить несовершеннолетних и их родителей реализовывать и защищать свои права без подкупа должностных лиц и государственных служащих.


**НАЗОРАТ АЗ БОЛОИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Мақолаи мазкур ба назорат аз болои коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф пешниҳод меномояд, ки дар сиёсати зидди коррупсионии давлатӣ на танҳо ба ошкор ва тафтиш бурдани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ҷиноятҳои характери коррупсиони дошта аҳамият дода шавад, балки ба тарбияи зидди коррупсионии ноболиғон ҳам бо воситаи имкониятҳои оила, мактаб, васоити ахбори омма аҳамияти ҷиддии тарбиявӣ дода шавад


## ТАЪСИС ВА ИНКИШОФИ НИЗОМИ ТАЪЛИМ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲО ДАР МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ


**Асламов Б.С.**[*]
**Саидов А.Ҳ.**[**]
**Хокироев Р.Г.**[***]


Таълим ва тайёр намудани кадрҳо дар мақомоти корҳои доҳилӣ яке аз рукнҳои асосии тайёр намудани мутахассисон барои низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор меравад. Мақсадҳои стратегии маориф дар тайёр намудани кадрҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои доҳилӣ, Вазорати маорифи ҷумҳурӣ пешниҳод карда мешаванд, ки ба масъалаҳои зерини инкишофи ҷомеа вобастагии зич дорад:

- аз сар гузаронидани бӯҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъмини сифати баланди зиндагӣ ва амнияти миллӣ;
- барқарор намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари соҳиби фарҳанг ва тамаддуни бойи таърихӣ, ҳамқадами ҷомеаи пешқадами ҷаҳонӣ;
- бунёди асосҳои инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ;

Вазифаҳои асосии тайёр намудани кадрҳо дар низоми ВКД аз инҳо иборат аст:


[*] *Асламов Б.С.* – муовини сардори факултети № 3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия.

[**] *Саидов А.Ҳ.* – муаллими калони кафедраи Такмили ихтисоси кормандони МКД-и факултети № 3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.

[***] *Хокироев Р.Г.* - сардори Шӯъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент, номзади илмҳои филологӣ, подполковники милитсия.

- тарбияи ватандӯстонаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ширкати онҳо дар бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро эҳтироми гузошта, соҳиби одоби баланд бошад;

- инкишофи ҳаматарафаи курсантону шунавандагон, ташаккули малакаи худомӯзӣ ва худфаъолиятии шахс;

- ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинии илмии курсантон ва шунавандагон, инкишофи фарҳанги таҳамулпазирӣ бо дигар халқҳо;

- таҷдиди бонизоми паҳлӯҳои маориф, инъикоскунандаи тағйиротҳо дар доираи фарҳанг, иқтисодиёт, илм, техника ва технология;

- мудом будани маълумот (таҳсилоти олии касбии баъди мактаби олӣ);

- намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ (Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии Раёсати оташнишонии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии Раёсати Қӯшунҳои дохилии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии ВКД, Курсҳои Олии Академӣ ва Такмили ихтисоси кормандони МКД (дар такягоҳи Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон), таҳсил ва бозомӯзӣ дар кишварҳои ИДМ ва хориҷи кишвар);

- инкишофи анъанаҳои МКД дар таълим ва тайёр намудани кадрҳо, ҷалб ба корҳои илмӣ-тадқикотӣ;

- тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои самтҳои фаъолияти МКД;

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ шуморида, соли 2010-умро Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон намуд. Як қатор санадҳои муҳим аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ки дар низоми ВКД низ амалӣ карда мешаванд. Аз қабили «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-ноябр соли 2006 №484 тасдиқ шудааст)[127], Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02-ноябри соли 2007 №529 тасдиқ шудааст)[128], Низомномаи мутахассис (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-декабри соли 2007 №650 тасдиқ шудааст), Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ( бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-майи соли 2002 №200 тасдиқ шудааст)[129].

Низомномаи намунавии муассисаҳои маълумоти олии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-феврали соли 1996 №71 тасдиқ карда шудааст)[130].

Албатта, ин шаҳодати он аст, ки ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд ва инкишофи низоми мақомоти корҳои дохилӣ ва талабот ба кадрҳо аз рӯзҳои аввали таъсисёбии он ба назар расида, фаъолияти милитсия бо мутахассисон таъмин карда мешуд.

Тадқиқотҳои илмии дар ин самт гузаронидашуда имкон медиҳанд, ки ба ин масъала равшанӣ андозем. Ҳангоме, ки ба рӯйхати кормандони Комиссариати Халқии Корҳои Дохилии Ҷумҳурии Мухтори Шуравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон назар меафканем (то ҳолати декабри соли 1924 ва январи соли 1925) фақат як корманд Повлинский Н.М. - Сардори Дастгоҳи Марказии Идоракунӣ маълумоти

---

[127] Ниг.пурра: Мактаби олӣ (қисми дуввум). Санадҳои меъёрии ҳуқуқи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе. 2009. С.15-42.

[128] Ҳамон ҷо: С.42-85.

[129] Ахбори Вазорати маърифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (санадҳои хукукуию меъёри мактабҳои миёна ва олии касбӣ). Душанбе. 2003. С. 65-85.

[130] Ҳамон ҷо. С. 87-104.

ҳуқуқшиносӣ дошт, боқимонда маълумотҳои маъмурӣ, хоҷагидорӣ, молиявӣ, духтурӣ ва коргузорӣ доштанд. Ин аз он шаҳодат медод, ки дар ҳақиқат масъалаи тайёр кардани кадрҳо дар ҳолати душвор қарор дошт[131].

Шахсоне, ки ба кори хизматӣ ба милитсия гирифта мешуданд, маълумоти муҳими ҳуқуқӣ надоштанд ва дар курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат маълумот мегирифтанд, ки барои фаъолияти касбии онҳо нокифоя буд. Аз рӯи тартиби муқарраршуда барои қабул ба кор комиссияҳои қабулу санҷишӣ созмон дода мешуданд, ки аз рӯи дараҷаи дониш ва коршоямӣ ба вазифа таъин мешуданд. Фаъолияти милитсия дар ин солҳо бо фаъолияти ҳизби коргарӣ-деҳқонӣ (болшевикӣ) ҳамоҳанг гардонида мешуд, ки ба кори тайёр намудани кадрҳо диққати махсус дода мешуд. Махсусан бо донишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо аҳамият дода, онҳо ба кори махфилҳо, варзиш ва таблиғотӣ ҷалб карда мешуданд. Курсҳои 8-моҳаи тайёр кардани кормандони котибот ва коргузорӣ ташкил ва гузаронида мешуданд, ки нахустин чунин курсҳо 1-ноябри соли 1925 дар назди Комиссарияти Халқии Корҳои Дохилӣ ба кори худ шурӯъ намуд.

Дар Низомномаи «Дар бораи Комисарияти Халқии Корҳои Дохилии (КХКД) Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон», ки 18-феврали соли 1925 қабул шуда буд, баробар дигар паҳлӯҳои фаъолияти милитсия, яке аз масъалаҳои муҳим- ташкили хизмат ва таълими кормандони милитсия ба шумор мерафт.

15- декабри соли 1930 дар асоси қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шӯрои Комисарони Халқи Иттиҳоди Шуравӣ Комиссариати корҳои дохилӣ барҳам дода шуда, ба ҷои вай Рёсатҳои милитсия ва кофтукови ҷиноятӣ созмон дода шуд, ки бевосита ба Шӯрои Комиссари халқҳо тобеъ буданд. Мақомоти милитсия низоми таълим ва тарбияи кадрҳоро пурра ба роҳ монда буд, ки ба ин раванди муҳим Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945 сс) монеъ шуд. Тамоми кадрҳои мақомти милитсия ба майдони ҷанг ва ақибгоҳ ба муборизаи зидди ҷинояткорӣ ҷалб карда шуданд.

Баъд аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945 сс) марҳилаи нав дар низоми тайёр кардани кадрҳои милитсия оғоз гардид, ки дар баробари барқароркунии хоҷагии халқ тағйиротҳои куллӣ дар сохтор ва низоми кадрии ВКД-и Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омад. Соли 1949 мақомоти милитсия ба тобеияти Вазорати бехатарии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ гузошт ва ба Раёсати марказии милитсияи назди Вазорат табдил дода шуд. Дар ин давра дар мақомоти корҳои дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ 3-шӯъбаи илмӣ-техникӣ, 25- зершӯъба, 90-гурӯҳҳои илмӣ-техникӣ фаъолият мекарданд. Аз соли 1947 тайёр кардани кадрҳо дар Мактаби Олии ВКД-и ИҶШС оғоз мегардад. Дар Вазорати корҳои дохилии ИҶШС маркази асосии илмӣ-тадқиқотии идоракунӣ ва иттилоотӣ ташкил ёфт. Ҳанӯз баъд аз итмоми ҷанг соли 1945 Институти илмӣ-тадқиқотии криминалистика кушода шуд, ки экспертизаҳои трассологӣ, баллистикӣ ва физикавӣ-химиявӣ гузаронида мешуд, ки дар тайёр кардани мутахассисон накши муҳим дошт. Соли 1956 бо васеъшавии Иниститут он ба Институти илмӣ-тадқиқотии ВКД-и ИҶШС ва минбаъд ба Институти умумииттифоқии илмӣ-тадқиқотии ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ табдил дода шуд. Доираи тадқиқотҳои илмӣ васеъ шуданд, ки мавзӯъҳои корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, хизмати беруна, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарии ҳаракати роҳ, ҳамкории милитсия бо аҳли ҷамоатчигӣ, ислоҳ ва тарбияи ҳуқуқвайронкунандагон, экспертизаҳои криминалистӣ дар бар мегирифтанд. Натиҷаи кории Институт амалӣ шуда, дар он кормандони милитсия савияи илмии худро баланд мебардоштанд. Соли 1968 ин маркази илмӣ номи Институти умумииттифоқии илми-тадқиқотии ВКД –и ИҶШС гирифт, ки ба кормандони милитсия дар баланд бардоштани дараҷаи

---

[131] Ниг.пурра: *Розикзода А.Ш.* История формированияи деятельности милиции в Таджикистане. Часть 2. Душанбе. Ирфон. 2004. С. 145.

тахассуси онро ёрии амалӣ мерасонид. Соли 1969 Лабораторияи маркази илмӣ-тадқиқотии криминалистӣ ба фаъолият шурӯъ намуд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар баробари корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ин таълим ва тарбияи касбии кадрҳо дар низоми ВКД буд. Дар ин самт дар шаҳри Москва тайёркунии кадрҳо дар ҳайати полки махсус гузаронида мешуд, ки чун қисми низомии мустақил фаъолият менамуд. Ин Маркази таълимӣ дар самтҳои зерин фаъолият мебурд.

- тайёр кардани кормандони милитсия ба хизмат;
- бозомӯзӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо;
- такмили ихтисоси кадрҳо.

Дар вилояти Калининград мунтазам ҷамъомад- семинарҳои кормандони соҳаҳои гуногун гузаронида мешуд. Дар шаҳри Псков Курсҳои якмоҳаи кормандони милитсия фаъолият менамуд, ки дар онҳо нозирони минтақавӣ, кормандони шӯъбаҳои шиносномадиҳӣ таҳсил менамуданд. Ҳайати роҳбарӣ ва оперативӣ Такмили ихтисоси худро дар муддати 2-сол ба итмом мерасониданд.

Соли 1946 мактаби 2-солаи милитсия дар шаҳри Рига, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияташро қатъ намуда буд, аз сари нав ба кор шурӯъ намуд, ки кормандони оперативӣ ва нозирони минтақавиро тайёр менамуд. Ин мактаб дорои шӯъбаи ғоибона буда, курсҳои 10-моҳаи тайёр намудани азнавтайёркунии ҳайати роҳбариро низ дар бар мегирфт. Баъди анҷоми ҷанг 4-мактаби миёнаи махсуси милитсия, дар шаҳрҳои Москва, Минск, Ростови лаби Дон, Хабаровск кушода шуданд. Соли 1946 мактабҳои махуси милитсияи шаҳрҳои Каунас ва Вилнюс аввалин хатмкунандагони худро ба фаъолияти амалӣ фиристоданд.

Дар солҳои 50-ум асри XX 18-мактаби милитсия, 3-мактаби ВКД ИҶШС, 2-курсҳои милитсия, 7-мактаби кинологӣ амал менамуданд.

Соли 1952 мактабӣ милитсияи Москва ба муассисаи олии ҳуқуқӣ табдил дода шуда, соли 1954 номи Мактаби Олии ВКД ИҶШС-ро гирифт. Муҳлатӣ таҳсил дар факултаи асосӣ 3-сол буд. Дар мактаб курсҳои яксолаи такмили ҳайати роҳбарикунанда ва факултети таҳсили ғоибона (таҳсили 4-сола) амал менамуд.

Солҳои 1956-1958 шумораи мактабҳои милитсия афзуда, дар онҳо мутахассисони мушаххаси хизмати милитсия тайёр карда мешуданд. Масалан мактаби милитсияи Новочеркас-нозирони минтақавӣ, Могилиёв-кормандони милитсияи нақлиёти роҳи оҳан ва об, Рига-кормандони дастгоҳи мубоpизаи зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ, Алмаато- кормандони кофтукови ҷиноятӣ, Кишинёв – кормандони хизмати беруни милитсияро тайёр менамуданд.

Дар миёнаи солҳои 60-уми асри XX 4-мактаби олии милитсия дар шаҳрҳои Москва, Киев, Тошкент ва Омск амал менамуданд.

Ба ғайр аз мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси милитсия дар марказҳои вилоятҳо бунгоҳҳои тайёр ва азнавтайёркуни милитсия дар самти нозирони минтақавӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, дастгоҳи шиносномадиҳӣ амал менамуданд.

Ба ин пешравиҳо нигоҳ накарда, дар солҳои 60-уми асри XX захираи кадрӣ барои фаъолияти босифати милитсия камӣ мекард, танҳо 12,6% ҳайати роҳбарикунанда маълумоти олӣ доштанду, ҳуқуқшиносони тахассуси баландро 9% ташкил медод, маълумоти миёнаи ҳуқуқӣ 18,5%-ро ташкил медод, ки онҳо низ дар вазифаи роҳбарикунанда кор мекарданд. Дар байни ҳайати қаторӣ ва сержантӣ танҳо 11,7% маълумоти миёна доштанд.

Бисёр кадрҳо аз сабаби дониш ва малакаи касбӣ надоштан, кори милитсияро тарк менамуданд.

Яке аз ҷиҳатҳои дигар муҳими ба таври кӯтоҳ тайёр намудани кадрҳо ин тайёрии аввалаи кормандони милитсия дар курсҳои 1-2 моҳа буд, ки ба он бо маълумоти синфи 7-8-и мактаби миёна қабул шуда ба онҳо тарзи ҳуҷҷатнигорӣ, бурдани хизмат, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, истифодаи яроқ ва машқҳои самборо меомӯхтанд.

Моҳи майи соли 1969 сохтмони марказҳои калони таълимӣ, таҷдиди бунгоҳҳои таълимӣ оғоз гашт, ки бо биноҳҳои таълимӣ хобгоҳ, варзишгоҳ, майдони сафоройӣ, тиргоҳ, нақлиётгоҳ ва дигар шартҳои муҳим илова гаштанд. Дар ин курсҳои кутоҳмуддати 2-3 моҳ раванди таълим давом менамуд. Дар заминаи он филиалҳои мактабҳо, бунгоҳҳои таълимӣ , лагерҳои саҳроии тобистона дар шаҳрҳои назди шӯъбаҳои корҳои дохилӣ созмон дода шуданд. Барномаҳои таълимӣ таҳия гашта, кормандони милитсия дар самти нозири минтақавӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, хизмати техникӣ ва алоқа тайёр карда мешуданд. Чандин воситаҳои таълимӣ аз рӯи фанҳо албому нақшаҳо, воситаҳои ёрирасони таълимӣ тайёр карда мешуданд.

Ҳайати прафессорону омӯзгорон низ дар мактабҳои милитсия ва марказҳои таълимӣ меафзуданд, ки 100 нафари онҳо профессорону докторони илм, 1000 нафар дотсентои ва номзадони илм буданд.

Ихтисосҳои нав аз қабили тафтишотӣ-кримилистӣ намерасиданд, ки ҳоло ҳам дар Донишкадаҳои гражданӣ тайёр карда мешуданд.

Соли 1973 Академияи ВКД ИҶШС таъсис ёфт. Барои тайёр кардни кадрҳои педагогӣ дар Академияи адюнктура бунёд ёфт. Барои баланд бардоштани маданяти касбии кормандони МКД дар назди ВКД ИҶШС 120 клубҳо, хона ва қасрҳои фарҳанг, 500 китобҳона, 59 осорхона, 183 дастгоҳи венономоишдиҳӣ, 13 театри халқӣ, 800 дастгоҳҳои ҳаваскорони санъат, 52 - ансамбли рақсу суруд амал менауданд.

Дар назди Академияи ВКД-и ИҶШС Донишгоҳи фарҳанг фаъолият мекард, ки ба кори он беҳтарин бастакорон, ҳунармандони театру кино фаъолона иштирок менамуданд. Аввалин ректори Донишгоҳи фарҳанг бастакори маъруф А.Хачатурян буд.

Дар замони Шӯравӣ кадрҳои мақомоти корҳои доҳолӣ асосан дар доираи муассисаҳои таълимии Иттиҳоди Шӯравӣ тайёр карда мешуданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ норасоии кадрҳо доимо ба назар мерасид. Дар ҳамин асос Ҳукумати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиолистии Тоҷикистон ба Ҳукумати марказии Иттиҳоди Шӯравӣ бороҳо дар бораи дар доираи ҷумҳурӣ тайёр кардани кадрҳо мурочиат намуданд. Соли 1972 мактаби миёнаи махсуси милитсияи Душанбегии ВКД-ИҶШС созмон меёбад, ки ин ибтидои тайёр кардани кадрҳо дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷкистон буд. Бо кушодшавии мактаби миёнаи махсуси милитсияи Тоҷикистон як қатор пешравиҳо ба назар расид, ки ҷумҳурӣ бо кадрҳои миллӣ таъмин карда мешуд, минбаъд дар заминаи мактаби миёнаи махсуси милитсия Мактаби Олии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки 200 нафар кормандону омӯзгорон ба таълим ва тарбияи кадрҳои ҷавон машғул буданд. Роҳбарии Мактаби Олӣ ба зимаи яке аз собиқадорони ВКД полковники милитсия Ҷумъаев Усмон Саломович гузошта шуд, ки таҳти роҳбарии ӯ аввалин бор дар Ҷумҳурӣ 450- нафар мутахассисон бо маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ва рутбаи лейтенанти милитсия ба сафҳои мақомоти корҳои дохилӣ ба хизмат фиристода шуданд.

Аз соли 1993 то соли 2000-ум ба Мактаби Олии ВКД яке аз мутахассисони варзидаи мақомоти корҳои дохилӣ номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-полковники милитсия Қаҳҳоров Абдураҳим Абдулаҳадович (ҳоло Вазири корҳои дохилӣ) роҳбарӣ намуданд. Таҳти роҳбарии вай Мактаби Олии ВКД ба яке аз муассисаҳои бонуфузи таълимии ҷумҳурӣ табдил ёфт, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз Мактаби Олии ВКД дидан намуда, ба фаъолияти устодону афсарони он дар тайёр кардани кадрҳо баҳои сазовор доданд.

Солҳои 2000-2005 ба Мактаби Олии ВКД яке аз полковникҳои собиқадори мақомоти корҳои дохилӣ Саймуддинов Шамсулло роҳбарӣ намуд, ки маҳз дар давраи фаъолияти ӯ Мактаби Олӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-декабри соли 2000 тахти №519 ба Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Саймуддинов Шамсулло дар мавзӯи «Ризояти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти муосири он» рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, ба унвони

номзадӣ илмҳои сиёсатшиносӣ ва генерал-майори милитсия мушарраф гардид. Маҳз таҳти роҳбарии Саймуддинов Шамсулло шумораи олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон афзуда, бо Академияи идоракунии ВКД-и федератсияи Россия робитаҳо мустаҳкам гардида, роҳи таҳсил дар адюктураи Академияи идоракунии Федератсияи Россия кушода шуда, тайёр кардани кадрҳои илмӣ- педагогӣ ривоҷ ёфт. Дар ин давра муовини Сардори Академия оид ба корҳои илмӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи ҷумҳурӣ Солиев К.Ҳ рисолаи номзадии худро бо муваффақият ҳимоя намуда, дар самти ривоҷи корҳои илмӣ ва интишори дастовардҳои Академия нақши калон гузоштанд. Инчунин дар ин айём сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ (ҳоло Сардори Академия) Розиқзода А.Ш. дар мавзӯи «История формирования и деятельности милиции Таджикитана» рисолаи докторӣ ҳимоя намуда, соҳиби унвони доктори илмҳои таъриҳ гаштанд. Солҳои 2005-2009 Сардори Академия генерал-майори милитсия Дӯстов Файзиддин буд, ки дар ин солҳо потенсиали илмӣ-педагогии Академия боқувват гашта, базаи моддӣ-техникии Академия мустаҳкам гашт. Шумораи адюнктон ва тадқиқодчиёни илм афзуд. Дар ин давра муовини аввали сардори Академия полковники милитсия Назаров Н.Ҷ. дар мавзӯи «Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006 гг.)» дар Академияи идоракунии ВКД-и Федератсияи Россия (ш.Москва) бомувофақият рисолаи доктори илмҳои ҳуқуқро ҳимоя намуда, ба Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашта, мактаби илмии «омӯзиши таърих ва паҳлӯҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия» асос гузошт, ки ба он ва педагогҳо Худоёрбеков Д.Х., Ғаюров С.Ш., Миров С., Давлатшоева А., олимон Абдулов А.М., Ғафуров М.Ҳ., Раҷабов Р.М., Саидов З.А., Ҷӯраев Р.З., Сафаров Ҳ., Нозиров Н.А., Хайруллоев Ф.С., Умаров Х.А., Насуров П.А., Одинаев А.Ш., Шарипов Ф., Хокироев Р., Саидолимов К., Холмуродоф Ф., Ашӯров.С ва дигарон шомил гаштанд, ки дар раванди таълиму тарбия ва тайёр кардани кадрҳо барои низоми мақомоти корҳои дохилӣ саҳми босазои худро гузоштанд.

Бо пешниҳоди Президент ва Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-январи соли 2009 Розиқзода Абдулҳакими Шералӣ (худ собиқ педагоги Академия), ки чанд мудат ба сифати ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ кор мекарданд ба сардории Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гаштанд. Розиқзода А.Ш дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ки нерӯи боқувват ва созандаро дар Академия муттаҳид намуда, ба низоми таълиму тарбия, корҳои илмӣ, варзишӣ-фароғатӣ ба назари нав ва маъсуляти баланд муносибат намояд. Ҳамчун педагог ба раванди таълиму тарбия, дараҷаи тайёр намудани кадрҳо,бозомӯзӣ ва такмили ихтисосӣ кормандони МКД таъсири худро расонида,маҷмӯи чорабиниҳои зиёдеро амалӣ гардонид, ки ба фаъолияти босуботи Академия такони нав бахшид. Робитаҳои илмӣ ва хориҷии Академия густариш ёфт, биноҳои таълимӣ, қисми навбатдорӣ, синфхонаҳо, варзишгоҳ, толори Шӯрои олимон, маркази тестӣ ва чандин объектҳои муҳими таълимӣ ба истифодаи афсарон, курсантону шунавандагон гузошта шуд. Аз фаъолияти босуботи Академия расонаҳои ахбор огоҳ гашта, шумораи довталабон афзуд ва озмуни интихоби объективонаи курсантон ва шунавандагон ба роҳ монда шуд.

Дар баробари тайёр намудани кадрҳо барои воҳидҳои хизматии гуногуни мақомати корҳои дохилӣ Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таълим ва тарбияи кадрҳо аҳамияти махсус медиҳад. Таърихи пайдоиш ва инкишофи Хадомоти оташнишонӣ аз тарафи Ғаюров С.Ш.[132] тадқиқ гашта, интишор шудааст. Ба ақидаи Ғаюров С.Ш. ба мисли дигар ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ тайёр кардани кадрҳо проблемаҳо буд. Аввалин дастаҳои оташнишонӣ соли 1929 таъсис ёфта буданд. Маъсалаи тайёр кардани кадрҳо дар

---

[132] Ниг.пурра: *Ғаюров С.Ш.* История огния и огнеборцев в Таджикистане. Душанбе. 2007.682 с.

маҷлиси кумитаи иҷроияи Шӯрои комисарони халқ 30-июли соли 1930 муҳокима ва баррасӣ шуд.

Дар ин ҷаласа қарор карда шуд,ки курсҳои кутоҳмудат назди «Колхозтрест» ташкил карда шаванд. Дар ин курсҳо мутхассисонро на танҳо барои ҳифзи сӯхтор, инчунин кормандони суғуртаи давлатӣ, муҳофизони ҳарбии хоҷагии халқро тайёр менамуданд. Шӯрои Комисарони Халқро Нусратулло Махсум Раисӣ мекард ва талаб намуд,ки аз Кумитаи халқии меҳнат дархост карда шавад, ки 5 мутахассисони сӯхтор барои таҳсил фиристода шаванд. Дар ин солҳо сардори шӯъбаи ҳифзи сӯхтор дар як вақт сардори курсҳои сӯхтор ва техникӣ ба шумор мерафт. Солҳои 1930-1934 ба ин курсҳо сардори шӯъбаи ҳифзи сӯхтори КХКД (НКВД)-и ҶШС Тоҷикистон Ковалский роҳбарӣ мекард. Солҳои 1934 -1936 ин вазифаро Ф.С.Курганов иҷро менамуд. Соли 1938 ба ин вазифа Ефрименко таъин шуд. Сардори мактаби тайёр намудани ҳайати фармондиҳии хурд Сардории Раёсати ҳифзи сӯхтори шаҳри Сталинободро низ иҷро мекард. Душвории тайёр намудани кадрҳо дар он буд, ки асосан мутахассисон ба омӯзгорон русзабонҳо буданд.

Тирамоҳи соли1971-ум дар Бунгоҳои таълимии такмили ихтисос ва тайёр намудани ҳайати фармондеҳии хурд ба кӯчаи ба номи С.Вализодаи шаҳри Душанбе кӯчонида шуд. Соли 1973 ин Бунгоҳи таълимӣ ваъсеъ гашт, ки дар он сардорони ҳифзи сӯхтори колхозҳо, савхозҳо, корхонаҳои саноатӣ таъсис ёфт. Дар ин маркази таълимӣ гурӯҳҳои Мудофиаи гражданӣ низ тайёр карда мешуданд. Дар ин солҳо ба ин Маркази таълмӣ С.Г.Голенков роҳбарӣ мекард, ки таҷрибаи бой дошт. Вай маҳорати баланди педагогӣ нишон дода аз фанҳои махсус дарс медод. Дар ин Маркази таълимӣ А.И.Садрдинов, М.Давлатов ба фаъолият шурӯъ намуданд. М.Давлатов дар вазифаи сардори қисми таълимӣ кор мекард, вай барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравиро пешбинӣ намуда, пешниҳод намуд, ки курсҳои тайёр намдудани мутахассисони бехатарии сӯхтор дар дохили ҷумҳурӣ ташкил карда шаванд. Бо ташаббуси ӯ дар Коллеҷи Ҳарбии Вазорати дифоъ шӯъбаи мутахассисони бехатарии сӯхтор таъсис ёфт. Соли 1998 бо ташаббуси полковники хизмати дохилӣ Ғаюров С.Ш. дар факултети №3-и Академияи ВКД шӯъбаи бехатарии сӯхтор ва кор дар ҳолатҳои фавқулодда кушода шуд, ки то ҳоло фаъолияти босамар мебарад.

Омӯзиши тайёрии ибтидоии ҳайати қаторӣ ва миёнаи хурди роҳбарикунандаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз маъсалаҳои муҳими замони ҳозира ба шумор меравад. Зеро мавқеъ ва нуфузи ҳар як корманди мақомоти корҳои дохилиро дар ҷомеа маданият ва дараҷаи фаҳмишу интизоми намунавии вай муйян менамояд.

Бо мақсади омӯзиш ва баланд бардоштани савияи дониши кормандони милитсия зиёда аз 40-сол пеш Маркази таълимии ВКД таъсис дода шуда ва то ҳоло амал менамояд.

Маркази таълимӣ яке аз ҷузъу томҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ба омӯзонидан ва сайқал додани маҳорати касбии кормандони ҳайати қаторӣ ва миёнаи хурди роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ машғул мебошад. Дар солҳои 60-уми асри XX роҳбарияти ВКД ба чунин қарор омад,ки барои баланд бардоштани маҳорати кабии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ Маркази таълимиро таъсис диҳанд.

Маркази таълимии нигоҳдории тартиботи ҷамъиятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (бояд тазаккур дод, ки ВКД он вақт чунин ном бурда мешуд) 19-май соли 1966 таҳти фармони № 062 таъсис дода шуд.

Аввалин сардори Маркази таълимӣ аз 1-июни соли 1966 майори милитсия Норматов Махмуд буд.

Сипас, аз соли 1972 то соли 1977 Маркази таълимиро майори хизмати дохила Юрасов А.М. рохбарӣ намудааст. Дар солҳои минбаъда Маркази таълимиро шахсони зерин рохбарӣ намудаанд: аз моҳи марти соли 1977 то моҳи майи соли 1980 подполковники милитсия Шарипов М.Ш., аз моҳ майи соли 1980 то моҳи июни 1982 майори милитсия Норов Н.М., аз соли 1982 то1986 подполковники милитсия

Тошкулов В.Н., аз соли 1986 то 1990 подполковники милитсия Билолов А.Б., аз соли 1990 полковники хизмати дохилӣ Ҳабибов А.Х., аз соли 1992 то соли 2001 полковники милитсия Хоҷаев А., ки дар солҳои ҷанги шахрвандӣ Маркази таълимӣ давраи ниҳоят вазнинро аз сар гузаронид. Новобоста аз мушқилиҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва молиявӣ дар вазъияти ноором дохили кишвар, хайати шахсии маркази таълимӣ аз ӯҳдаи вазифаҳои дар наздашон гузошта бо сарбаландӣ баромада тавонистанд.

Соли 1991 Маркази таълимӣ ба номи аввалин Камисарияти халқии корҳои дохилии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Абдулло Ёрмухаммадов гузошта шуд. 22-августи 2001 сардори Маркази таълими яке аз таҷрибадорони соҳаи мақомоти корҳои дохила, ки худ дастпарварӣ маркази таълимӣ буда ва баъдтар маҳорати касбиашро дар Раёсати кадрҳо ва кор ба хайати шахсии ВКД сайқал дода, полковники милитсия Абдуллоев Мухабат таъин гардид, ки то имрӯз онро сарварӣ менамояд.

То соли 1993 дар Маркази таълими 3 иттиҳодияи методӣ ва аз соли 1993 то инҷониб ду иттиҳодияи методӣ «омодагии ҳарбию хизматӣ ва ҷиноӣ» ва « фанҳои гуманитарӣ» амал менамоянд. Ҳайати шахсии Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро аз рӯи муқарраороти намунавии оиди Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикстон, ки бо фармони ВКД таҳти №286 аз 19.05.1992 инчунин фармони №562 аз 10.08.2004 «Оиди тасдиқи қарор дар бораи омӯзиши тайёрии ибтидоиии ҳайати қатори ва миёнаи хурди роҳбари кунандаи» мақомоти корҳои дохилӣ» ба роҳ мемонад. Самтҳои асосии фаъолияти ҳайати шахсии Маркази таълимӣ аз инҳо иборат аст:

- тайёр намудани кормандони касбӣ барои мақомоти корҳои дохилӣ;
- андӯхтани таҷриба ба кормандони нав таъиншудаи МКД;
-пурзӯр намудани корҳои тарбиявӣ.

Мушоҳидаи муқоисавӣ нишон доданд, ки дар тӯли соли 1992- 2001-4379 нафар ва солҳои 2002-2005 1728 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз курсҳои тайёрии ибтидоии ҳайати қатори ва миёнаи хурди роҳбарикунанда гузаштаанд.

Дар айни замон мувофиқи барномаи нави таълимӣ, ки дар мувофиқа бо Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, раванди таълим ба муддати 3-моҳ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамин тариқ, роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ ба масъалаи тайёр намудани кадрҳо таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда, пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дараҷаи дониш ва малакаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ тавассути муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ баланд бардошта шавад.

## ОБРАЗОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ ОБУЧЕНИЯ И ПОДГОТОВКИ КАДРОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ

В статье освещена история образования и развития системы обучения и подготовки кадров органов внутренних дел со дня образования милиции Таджикистана вплоть до наших дней. Как и многие другие ВУЗы республики, Академия МВД Таджикистана внесла огромный вклад в дело подготовки кадров.

По мнению авторов, проблема подготовки кадров в системе МВД всегда стояла в центре внимания государства, и на разных исторических этапах государство оказывало всяческую помощь и поддержку образовательным учреждениям этой системы.

# ХУСУСИЯТҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАРҚКУНАНДАИ АНДОЗ АЗ ЗАКОТ

**Ҳаитов С. П.**[*]

Хусусиятҳои ҳуқуқии фарқкунандаи андоз аз закотро ҳамчун низоми қоидаҳои рафтор дар бар гирад ҳам, лекин андозбандӣ яке аз масъалаи муҳимми ҷомеа буд ва хоҳад монд. Бинобар ин, шаҳрвандон ва кормандони мақомоти ваколатдори соҳаро зарур аст, ки Паёми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро, ки 24-уми апрели 2010 сол ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои андозбандӣ баён шудааст сармашқи фаъолияти худ қарор диҳанд. Чунончӣ, дар Паёми мазкур омадааст: «Масъалаҳои сода намудани низоми андозбандӣ ва оммафаҳм гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андозситонӣ метавонанд ба рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ ва таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ мусоидат намоянд. Низоми андозбандӣ дар кишварамон ҳоло ҳам то андозае мураккаб буда, тақозо дорад, ки мухолифатҳои дар он мавҷуда бартараф карда устувориву тағйирнопазирии андозҳо таъмин карда шавад. Андозсупоранда бояд возеҳ дарк карда тавонад, ки барои чӣ ва чӣ қадар андоз месупорад»[133].

Ягона манбаъ ва маҳаки молиявӣ доир ба рушду тараққиёти давлатдорӣ ин иҷроиши буҷети миллист, ки бевосита ба манфиати шахсии он ва ҳам ба манфиати давлатдорӣ рост меояд. Танҳо дар натиҷаи татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи дахлдор ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки масоили мазкурро танзим менамоянд, ба ҳадафҳои стратегӣ ноил шудан мумкин аст. Дар танзим ва таъмини татбиқи ин ҳадафҳо накши меъёрҳои дигари иҷтимоӣ, бахусус меъёрҳои динӣ (бо назардошти оне, ки 98 фиссади мардуми кишварро мусулмонон ташкил диҳанд) бағоят калон буда, ин ҳадаф тариқи додани закот амалӣ ва фарз гардонида шудааст ва моҳиятан додани андоз ва мақсади пардохти он ҳар ду яканд. Зеро ҳадафи андоз ва закот баҳри аз байн бурдани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани зиндагии мардум ҳамзамон танзими иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон аст.

Қайд кардан лозим аст ки қ.1 м.45 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳатми будани меъёрҳои қонунгузории андоз чунин муқаррар менамояд: «Додани андоз ва пардохтҳое, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад». Яъне, вазифаи муҳими андозсупоранда дар назди давлату ҷамъият ин иҷро намудани ӯҳдадориҳои андоз мебошад, ки аз ҷониби мақомоти олии қонунбарор дар шакли қонун муайян карда шуда, барои ба буҷети давлат сари вақт дуруст пардохт намудан ҳидоят менамояд. Дар ин замина андозҳое, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба намудашон мепардозанд, аз тоза ва бенуқсон будани молу мулк, маблағ ва даромадҳои пулию молии ба даст овардаашон шаҳодат медиҳад. Додани закот имони шахси мусалмонро пок ва комил месозад. Дар ду сарчашмаи асосӣ Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Китоби муқаддас «Қуръон» ӯҳдадории шахсро дар пардохт намудани андозҳо ва ба ҷо овардани закот яктарафа муқаррар намудаанд. ки тибқи мақомотҳои ваколатдорашон доимо вобаста ба маҳал, мӯҳлат ва давраи андозбандӣ ситонида бо роҳи дохил кардани

---

[*] *Ҳаитов С.П.* – муаллими калони кафедраи Таъминоти ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон, унвонҷӯ.

[133] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷумҳурият, 27 апрели соли 2010, № 52 (21713).

онҳо ба «Буҷети давлатӣ ва «Байтулмол[134]», ки дар давраҳои подшоҳии қарнҳои пешин вуҷуд дошт табдил дода мешавад.

Ӯҳдадориҳои андоз нисбат ба закот таносуби фарқкунандаи зиёде доранд, ки ин ба гуфтаҳои Абдушарифи Боқизода рост меояд. Чунончи, мегӯянд: «Закот, ҳарчанд дар баъзе мазоҳири худ ба низоми навӣ андоз шабоҳатҳое дошта бошад ҳам, вале ба таври куллӣ, яъне дар моҳият, ҳадафҳо ва дар сарчашмаҳои гирдоваранда ва масрафҳо аз он фарқ дорад»[135].

Пӯшида нест, ки «Аксари давлатҳо, аз он ҷумла, Тоҷикистон ҳам, хазинаи худро тавассути манбаъҳои гуногуни даромади давлатӣ, аз ҷумла андоз, пур мекунанд»[136]. Аммо мақсади асосии ҷамъоварии ӯҳдадориҳои андоз баҳри фаъолияти пурраи давлат ва мақомоти он, аз ҷумла барои таъмини дастгоҳи давлатӣ, ҳифзи мамлакат аз сӯиқасду тааррузи беруна, ҳифзи тартиботи дохилӣ, соҳаи маориф, ҳифзи ҳаёт, амнияти давлатӣ, саломатӣ ва молумулки шаҳрвандон барои ҳимояи иҷтимоии табақаҳои аҳолӣ ба хусус (маъюбон, пиронсолон, кӯдакони бепарастор, мискинон), сохтмони роҳҳои автомобилгард, сохтмони иншооти хусусияти давлатӣ ва стратегидошта ва бисёр дигар масъалаҳое, ки вобаста ба ӯҳдадориҳои андоз мебошанд, новобаста аз сохт ва шакли давлатдорӣ дар ҳама давру замон сарфа мешаванд.

Намудҳои андоз, ки имрӯз ӯҳдадориҳои муайяни ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти конунгузор қабул карда мешаванд.

Ба сарчашмаи он Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андоз, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ», Қарорҳои ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо ва қарорҳои маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, инчунин шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, дохил мешаванд.

Андоз муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки принсипҳои ташкил намудан ва фаъолияти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан ва ҷамъ овардани андозҳоро муқаррар месозанд, танзим мекунад[137]. Хамзамон бо дигар қонунҳо ва санадҳои вобаста ба андоз танзимшавандаро муайян мекунад, муқаррароти муайян намудани объектҳои андозбандӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои андозсупорӣ ва андешидани тадбирҳои таъминкунандаи иҷрои ин ӯҳдадориҳо аз рӯи андози умумидавлатӣ ва муқаррароти асосӣ оид ба андозҳои маҳаллӣ, ҷорӣ намудани баҳисобгирии андоз, барои вайрон кардани қонунҳои андоз ба ҷавобгарӣ кашидан ва шикоят кардан аз амали (беамалии) кормандони масъули мақомоти андоз ва мансабдорони онҳоро муқаррар менамояд ва ҳамчунин вазъи ҳуқуқии андозсупорандагон, мақомоти андоз, агентиҳои андоз ва дигар иштирокдорони муносибатҳоеро, ки бо қонуни андоз танзим гардонида мешавад, муайян мекунад[138].

Бинобар гуфтаҳои боло байни андоз ва закот таносуби муайян вуҷуд дорад, ки дар шаклҳои зерин аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд: ягонагӣ, тафовут, равобит ва мухолифати эҳтимолии байни андоз ва закот.

Андоз ва закот намудҳои ҷудогонаи меъёрҳои иҷтимоӣ мебошанд. Мақсади онҳо таъмини низоми устувори ҷамъиятӣ дар асоси адолат ва озодӣ аст. Андоз ва закот асоси низоми ҷомеа буда, ҳадди рафтори имконпазир ва ҳатмии инсонро

---

[134] Исламская экономика. Краткий курс / Р.И.Беккин. М. АСТ: «Восток-Запад». 2008.С.69-71.

[135] *Абдушарифи Боқизода*. Закот ва ҷойгаҳи он дар низоми ислом. Душанбе. 2008. С.7.

[136] Моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2001» аз 8 декабри с.2000 таҳти № 36.

[137] Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Душанбе. Сифат. 2005. С.13.

[138] Гурӯҳи муаллифон. Ҳуқуқи андоз. Китоби дарсӣ // Зери таҳрири умумии Ш.М.Исмоилов. Душанбе. Қонуният. 2003. С.-22.

муқаррар мекунанд. Онҳо арзишҳои ҷомеа буда, роҷеъ ба пешрафти ҳуқуқиву мадании ҷомеаи инсонӣ шаҳодат медиҳанд.

Тафовути андоз дар шаклҳои гуногун ифода меёбад, зеро намудҳои андозро давлат тариқи фаъолияти махсус (ҳуқуқэҷодкунӣ) муқаррар мекунад, тағйироту иловаҳо медарорад, пардохти онро каму зиёд мекунад ё озод мекунад.

Андоз дар шаклҳои махсус (қонунҳо, кодексҳо, қарорҳо, фармонҳо ва ғ.) эҷод мешавад, яъне онро танҳо мақомоти ваколатдор бо роҳи қабули санадҳои дар боло зикршуда қабул менамоянд.

Хусусияти ҳатмӣ ва барнагарданда доштани андоз аз ҷониби давлат вобаста ба намуди он муқаррар карда мешавад.

Андоз бо чораҳои маҷбуркунии давлатӣ, яъне огоҳсозӣ, пешгирӣ, ҷавобгарӣ ва барқароркунӣ таъмин мешавад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ (Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, Суд, Прокуратура, Агентии назорати молиявии мубориза бар зидди коррупсия ва ғ.) татбиқ мешаванд.

Барои татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ нисбат ба андоз тартиби махсуси ситонидани ӯҳдадориҳо пешбинӣ мешавад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо муносибатҳои муҳимтаринро дар соҳаи андоз, тибқи муқаррароти меъёрҳои худ муайян менамояд (сари вақт ӯҳдадориҳои андоз ба буҷет пардохт карда шавад, ҳисоботро дуруст пешниҳод намоянд, маданияти андозсупорӣ пойдор бошад ва ғ.) ва дар баъзе маврид дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳангоми зарурат, бо дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба иҷро расонидани масъалаҳои бамиёномадаро бо роҳи муқаррар кардани ҳуқуқу вазифаҳои тарафҳо, танзим менамояд.

Маданияти андоз, ҷиноят ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкуни- ро маҳкум намуда, шаҳрвандонро ба риояи қонунҳо даъват мекунад. Барои иҷрои вазифаҳои худ андоз ба як қатор меъёрҳои ахлоқии андоз кӯмак менамояд ва тибқи қонунҳо ифода меёбанд. Ҳангоми баҳсҳои ба миён омада, судҳо оид ба ҳалли парвандаҳо вобаста бо кодексҳои ҷудогона, яъне (дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷиноӣ, мурофиавӣ ва ғ.) ҳамчунин «Кодекси ахлоқ»-ро ба роҳбарӣ мегиранд. Аз тарафи дигар, ахлоқ кирдорҳои зиддиҳуқуқиро маҳкум карда, барои ноил шудан ба мақсадҳои ниҳоии ҳуқуқи андоз мусоидат мекунад.

Равобити андоз ва закот ба он асос меёбад, ки ҳар дуи онҳо нисбати аъзои ҷомеа талаботи ягона пешниҳод мекунанд. Мақсади андоз ва закот – тарбияи фарҳанги ҳуқуқӣ ва маънавӣ аст.

Мухолифати эҳтимолии байни андоз ва закот аз он бармеояд, ки онҳо усулҳои мухталифи танзими ҳуқуқӣ доранд, ба рафтори одам ҳар хел баҳо медиҳанд.

Иҷроиши ӯҳдадории андозҳо дар қаламрави кишвар хатмӣ мебошад.

Лекин закот ба он тартибе, ки андоз мебошад, чунин нест. Зеро, закот дар миёни панҷ рукни бинои дини мубини Ислом аз сеюмин рукни муҳимтарини он ба Шумор рафта, мавҷудият ва бақои имони шахси мусалмон ба он вобастагӣ дорад, вале онро дар шароити кунунии давлатдорӣ наметавон бо механизми маҷбурсозии давлатӣ таъмин намуд. Закот дар 82-ояти китоби муқаддас Қуръон ҳамчун як навъи ба ҷо овардани ибодат, яъне хондани панҷ вақт намоз эътироф шудааст. Ҳатмӣ будан, яъне, ҳукм доштани закот барои шахси мусалмон аз калимаи шаҳодат ва панҷ вақт хондани намоз ҳеҷ фарқе надорад. Зеро сураи тавба ояти 9:103 Худованд (ҷ) мефармояд: «Аз молҳои онҳо садақае (закоте) бигир, ки онҳоро (ба воситаи он) пок ва тазкия намоӣ»[139]. Ояти мазкур ситонидани закотро баҳри поксозии нафс, такомули ҳамаҷониба ва омодаю устувор сохтани қадамҳои инсон дар роҳи созандагии имони комил ва Ислом муқаррар мекунад. Аз ҳамин сабаб хусусиятҳои ҳуқуқии закот ба вуҷуд омадааст, ки сарчашмаи ҳуқуқии он Қуръон маҳсуб мешавад

---

[139] *Абдушарифи Боқизода.*Ҳамон ҷо. С.99.

ва ҳар як фарди мусалмони ба нисобрасидаро ӯҳдададор месозад, ки закотро вобаста ба мол ва амволи доштааш ихтиёран, бе ягон маҷбурсозӣ пардохт намояд.

Додани закот, пеш аз ҳама, фарз аст, рӯҳу нафси шахси мусалмонро аз ҳирсу дилбастагии дунё озод намуда, охирати ӯро обод месозад чӣ тавр пардохт намудани ӯҳдадориҳои андози қарздор набудани субъекти андозро дар назди буҷаи давлатӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ нишон медиҳад.

Закот барои рафъ намудани сатҳи пасти зиндагии қашшоқонаи шахсони бенаво, бечора, фақир, камбағал ва камбизоати мусалмон муайян шудааст, зеро додани закот тибқи меъёрҳои Ислом танҳо барои мусалмонон (мӯъминон) пешбинӣ шудааст. Дар ин маънӣ хусусиятҳои ифодакунандаи ҳуқуқии закот ва андоз ҳамраъйянд. Лекин бо назардошти масъалаи мазкур, ки таносуби андоз ва закотро арзёбӣ мекунад, чунин хулосаҳоро номбар кардан ба маврид аст;

- тибқи сарчашмаҳои машҳур аз қабили Қуръон, Ҳадис, Суннат, Иҷма, Қиёс;

- мақсади закот аз миён бурдани қашшоқию камбағали дар байни мусалмонон, яъне аз сарватмандон ситонида ба фақирон ва бечорагон тақсим намудан аст;

- моҳияти закот имони комил доштан ва ибодат кардан мебошад, ки имони мусулмонро қавӣ мегардонад, молу амвол ва нафсашро пок месозад;

- пардохти закот тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи сарчашмаҳои ҳуқуқи Ислом дар марҳалаҳое ба ҷо оварда мешавад, ки аз ҳадди истифодаи зиндагиаш зиёда бошанд;

- закот бар болои ашхоси озод, мусулмон, оқил, болиғ, молики микдори нисоб, ки дар оянда баён мешавад, фориғ аз қарз, фориғ аз эҳтиёҷоти аслӣ, мисли либос ва манзили сукунат ва ғайра, номӣ, яъне қобили зиёдшави бошад фарз аст, бинобар шарти охир бар моли гумшуда закот фарз нест[140];

- меъёрҳои муқарраршудаи закот тағйир дода намешаванд, яъне хусусияти ҳуқуқи тағйирнаёбанда доранд;

- закот тавсифи ахлоқии ҳидояткунанда дошта, дар рӯҳияи инсондӯстӣ, имони қавӣ доштан ё надоштани шахси мусалмонро дар роҳи Илоҳӣ, яктопарастӣ, эҳтиром ба дини Ислом ва пайравони ӯ, новобаста аз сатҳи зиндагӣ, мавқеи ишғолнамудаашон, миллат ва маҳалли он мепарварад, ҳамзамон эмин доштан дар рӯзи охират аз азоби дузах, яъне озод шудан мебошад;

- закот меъёри муқаррарнамудаи ҳуқуқи мусалмонӣ буда, аз ҷониби Худованд муқаррар шудааст, ки ба назарияи Илоҳӣ мақбул аст, яъне меъёре мебошад, ки ҳар фарди мусалмонро баҳри иҷроиши ин ӯҳдадорӣ ( додани закот)водор месозад;

- закот дар шуури аҳолӣ ҷой дорад;

- шахсоне, ки закоти молу амволашонро пардохт намекунанд, ба муҷозоти зерине, ки дар оятҳои 9:34, 35.-уми Сураи Тавбаи Қуръон пешбинӣ шудааст, дар рӯзи охират мавриди азоби Худо қарор мегиранд, Худованд (ҷ) мефармояд: «Касоне, ки зару сим (ва пулу сармоя) меандӯзанд ва онро дар роҳи Худо харҷ ва сармоягузорӣ наменамоянд, онҳоро ба азоби (сахт ва) дардноке мужда бидеҳ! Рӯзе, ки он молҳои (андӯхтаашон) дар оташи дӯзах гудохта мешаванд ва пешониву паҳлӯҳо ва пушташон ба он доғ монда мешавад. Ва (ба сурати мазаммат) ба онҳо гуфта мешавад: Ин ҳамон чизест, ки барои худ меандӯхтед. Пас, ҳоло маззаи он чиро, ки барои худ андӯхта будед, бичашед»[141];

- дар сурати напардохтани закот, пинҳон доштани пардохти ҳуқуқҳои молии Худованд хилофи имони ба Худо ва ба рӯзи охират овардан аст, яъне моли доштааш бар ӯ ҳалол намегардад. ҷаноби Расулуллоҳ (с)мефармоянд: «Ба ҳар ки Худо мол дод, закоти онро адо нанамуд, дар қиёмат моли он ба шакли море мегардад бисёр бадзаҳр

---

140 *Ҳафизуллоҳ Тоҳирӣ, Ғуломаҳмад Муваҳҳидӣ.* Хулосату-л-масоили ақида ва фиқҳи Ҳанафӣ. Ношир. 2009. С.142.

141 *Абдушарифи Боқизода.* Ҳамон ҷо. С.95.

ва бар гардани он печида ҳар ду лабашро мегазад ва мегӯяд, ки ман моли туам ва хазинаи туам ва онро ба ин сурат накӯҳиш менамояд»[142];

- дар мавриди батаъхир андохтани пардохти закот, закотдиҳанда гунаҳкор ҳисобида шуда, дар қатори фосиқон дохил мегардад;

- дар ҳолати гузаштани мӯҳлати пардохти закот, закот аз ӯҳдаи шахси пардохткунанда соқит намегардад, гарчанде солиёни зиёде гузашта бошад ҳам;

- закот аз ҳар он чизе, ки ҳуқуқи Ислом муқаррар намудааст, ситонида мешавад ва дубора ситонидани он дар як сол тибқи ҳуқуқи Ислом пешбинӣ нашудааст;

- дар пардохти закот, закотдиҳанда ҳуқуқи таъйин намудани вакил (намоянда)-и худро барои тақсим намудани моли закот ба таври мутлақ ваколат диҳад.

Тафовути закот низоми муқарраркардаи Илоҳист, бинобар ин, ҳеҷ ягон тартибу меъёрҳои муқарраркардашуда ҷойнишини он шуда наметавонанд чӣ тавре иброз доштем, меъёрҳои Илоҳӣ тағйир ноёфтанист.

Закот бо ин қабил чораҳо таъмин нест. Мақомоти давлат иҷроиши онро таъмин намекунад. Барои ба ҷо наовардани закот шахси мусалмон дар рӯзи охират муҷозот карда мешавад на дар ин дунё.

Закот бо истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-тарбиявӣ (некӣ, саховатмандӣ, имони комил доштан, ибодати худовандро ба ҷо овардан ва ғ.) танзим мешавад.

Мухолифати эҳтимолии закот аз он бармеояд, ки он усулҳои мухталифи танзими ҳуқуқӣ дорад, ба рафтори одам ҳар хел баҳо медиҳад. Ҳар як табақа ё гурӯҳи иҷтимоӣ алоҳида аз пардохт намудан ва истифодаи он тибқи муқарраротҳи меъёрҳои Ислом мамнӯъ ҳастанд, ки дар натиҷа Закот манфиатҳои гуногуни иҷтимоиро инъикос мекунад. Масалан, ба шахси ғайримусалмон додани закот раво нест, қатъи назар аз ҷинс, миллат ва синну сол, ҳарчанд, ки ӯ фақир, бечора ё бенаво бошад. Дар натиҷаи ин байни андоз ва закот зиддият пайдо мешавад. Зеро андоз ба чунин ҷудоандозиҳои табақаи гурӯҳи иҷтимоӣ алоҳидаи одамон иҷозат намедиҳад, чунки онҳо ҳалшавандаанд ва ҳангоми қабули қонунҳо талаботи ахлоқӣ, иҷтимоӣ ба инобат гирифта мешавад.

Хулоса, андоз аз закот бо як масъалаи муҳимми асосӣ фарқ мекунад, андоз пардохти пулӣ ва ғайриэквивалентиест, ки баҳри ободонӣ рушд ва тараққиёти соҳаҳои маориф, маданият, тандурустӣ, амният, хифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар мақсадҳои давлатӣ вобаста ба намуди андоз сарфа карда мешавад, лекин закот бар ниёзи рӯҳӣ, бо сохтани пойгоҳи маънавӣ ва пуштибони эътиқоди ба Худованд ва тарс аз рӯзи охират аст, ки дар ботини инсон ҷойгир аст, фикр ақида ва тарбияи ахлокии динӣ, худопарастӣ, ангезаи имонӣ ва нерӯи эътиқодии онҳост.

Дар охир ҳаминро қайд кардани ҳастам, ки агар мардуми мусалмони Тоҷикистон, ки наваду нӯҳ дар сади аҳолиро ташкил медиҳад, вобаста ба нишондодҳои сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои андозбандӣ ва закотро ба танзим медароранд тибқи талабот ва меъёрҳои муқарраркардашуда ба амал бароранд, ин аз як тараф иҷроиши саривақтии Кодекси андоз, амру фармонҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад, ҳамзамон бевосита нишонаи баланди маърифатӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии соҳа хоҳад шуд.

Пардохт намудани андоз ин вазифаи шаҳрвандии ҳар як шахс мебошад, ки давлат ба воситаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ӯҳдаи ӯ гузоштааст, лекин супоридани закот - ин қарзи мусалмони ҳақиқист, ки бояд тибқи гуфтаҳои китоби муқаддаси Қуръон онро супорад, то ин ки мо аз сатҳи камбизоатӣ ва он офатҳои табиие, ки дар манотиқи кишварамон ба миён омадаанд, ба мисоли шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Хуросон, Дарвоз ва ғайра бармаҳал раҳҳо ёбем. Зеро дар бисёр давлатҳои дунё ба хусус Эрон, Покистон, Индонезия, Малайзия, Эфиопия ва ғ. андозҳои давлатӣ алоҳида супорида шуда, закот бошад, дар алоҳидагӣ аз ҷониби ҳар як мусалмоне, ки бар болояш воҷиб аст, пардохт гардида, бешак, дар аз байн рабудани нобаробариҳои иҷтимоӣ мусоидати комил мекунад.

---

[142] *Ҳафизуллоҳ Тоҳирӣ, Ғуломаҳмад Муваҳҳидӣ.* Ҳамон ҷо. С.142.

**ПРАВОВЫЕ РАЗЛИЧИЯ ПОНЯТИЙ НАЛОГ И ЗАКОТ**

В статье автор четко определяет границу и разницу между налогом и зкот, а также их правовое положение, призывая к искоренению степени бедности в современном обществе.

## МАРШАЛ МАННЕРГЕЙМ КАРЛ ГУСТОВ ЭМИЛ - НАМУНАИ ОЛИИ САДОҚАТ БА САВГАНДИ КАСБӢ

🗐

**Розиқзода А.Ш.**[*]

Ба номи генерал Маннергейм ҳанӯз давраи донишҷӯӣ ошно гашта будам. Вале он вақт шахсияти ӯро аз рӯи адабиёти таърихии давраи Шӯравӣ ҳамчун яке аз генералҳои иртиҷойӣ дарёфта, таваҷҷӯҳи ҷиддие накарда будам. Зеро дар қабусномаҳо ва адабиёти таърихии он давра аз рӯи нуқтаи назари Шӯравӣ дар бораи ӯ чунин талқин мешуд: «…ходими иртиҷойи ҳарбию давлатии Финландия. Соли 1918 қӯшунҳои сафеди Финландияро, ки дар якҷояги бо интеревентҳои немис инқилоби Финландияро саркуб кардаанд, роҳбарӣ намудааст. Такягоҳи доираҳои иртиҷойии фаъоли буржуазияи Финландия, яке аз ташаббускорон, ташкилкунандагон ва роҳбарони муборизаи зиддишӯравии қувваҳои иртиҷии Финландия ...»[143].

Дар қомусҳои дигари замони Шӯравӣ нисбати ӯ омадааст: ташкилкунандаи шюцкора – қувваҳои мусаллаҳе, ки фаъолона бо қӯшунҳои фашистони немис ҳамкорӣ мекард.

Бо номи ӯ «Хатти Маннергейм» дар гарданаи Карелия солҳои 1927-1939 аз сангу хоку бетон девори мустаҳкамкардашудаи сарҳадие марбут аст, ки ҳамчун такягоҳи, ҳуҷум ба Иттиҳоди Шӯравӣ истифода шудааст. Солҳои 1939-1940 ва 1941-1944 амалҳои қӯшунҳои ҳарбии Финландияро бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ роҳбарӣ намудааст[144].

Чуноне, ки аз навиштаҳо маълум мегардад, ба шахсият ва фаъолияти Маннергейм нуқтаи назари шӯравӣ хеле яктарафа ва муғризонаю манфӣ мебошад. Банда низ мисли ҳазорон донишҷӯёни солҳои 70 –уми шӯрави Маннергеймро ҳамон гунае дарёфта будам, ки дар адабиёти илмӣ – таърихӣ дарҷ гашта буд. Ин таассурот то ҳамон даврае, ки ба шахсият ва фаъолияти ӯ аз наздик, обективона ошно нагаштем ва аз хона музейи ин шахсияти воқеан машҳури таърихӣ дидан накардам, боқӣ монда буд. Ва инак баъди бароям равшан гаштани баъзе паҳлӯҳои зиндагӣ ва кору фаъолияти ин арбоби арсаи низомӣ ва сиёсат зарур шуморидам, ки дар борааш маълумоти бештаре таҳия намоям.

Зеро фаъолият ва тақдири ин шахсият хеле ҷолибу ибратомӯз ва намунаи олии хизмат ба миллату Ватани хеш ва садоқат ба савганди касбӣ мебошад.

Ӯ соли 1867 4-уми июн дар мулки Лоухисаари наздикии шаҳри Турку дар оилаи амалдори шведӣ барон Карл Роберт Маннергейм ба дунё омадааст. Модараш

---

[*] *Рзиқзода А.Ш.* – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, полковники милитсия.

[143] *Ниг*: Советская военная энцеклопедия. М. 1978, С.123; Энциклопедия всемирная история М. 2003. С.223-224; Советский энциклопедический словарь. М. 1986. С. 758 в ғ.

[144] Энциклопедический словарь в 2-х тамах. М. 1954.Т.2. С.321.

графиния Елена Жуллии Фин буд. Дар сини 13-солагии Карл Густав падараш тамоман муфлис гашта, аҳли байташро партофтаю аз қарздоронаш фирор карда ба Париж меравад. Баъди яксоли ин воқеа модараш графиния Хедвиг Шарлотта Жулли Маннергейм аз дунё мегузарад.

Солҳои 1882-1886 Карл дар корпуси кадетии Хамина таҳсил мекунад, вале аз он ҷо барои беодобиаш хориҷ карда мешавад. Баъдан дар Гелсингофорс литсейи хусусиро хатм намуда, соли 1887 ба Донишгоҳи Гелсингфорс дохил мешавад. Вале дар ин Донишгоҳ таҳсил кардан нахоста, бо ҳамон натиҷаҳои имтиҳонҳои озмоишӣ ба Омӯзишгоҳи савораи Санкт-Петербург дохил шуда, то соли 1889 таҳсил карда нозукиҳои афсари савораро дар сатҳи олӣ аз худ менамояд. Бо симо ва қаду қомати зебо, дониши пухтаю забондонӣ Маннергейм дар байни духтарҳои ашрофзода маҳбубияти зиёде пайдо карда буд.

Соли 1892 туйи хонадоршавии Маннергейм бо духтари генерал- лейтенант Арапов Анастасия доир мегардад. Анастасия боигарии зиёд (800 ҳазор рубл ва мулкҳои хусусӣ дар Курск, Латвия) буд ва баробари хонадоршавиаш Маннергейм яке аз афсарони сарватманде гардид.

Ба зудӣ дар байни афсарони мактаби савора шӯҳрат пайдо мекунад. Соли 1904 Густав ҷашни соли Навро дар Қасри Зимистона дар иҳотаи император Николайи 2 мегузаронад. Ин охирин таҷлили бошукӯҳи Соли Нав бо рақсу базм дар оилаи Романовҳо буд. Августи соли 1904 Маннергейм бо фармони императори рус Николайи 2 бо ҳайати афсарони мактаби савораи Санкт Петербург шомил карда мешавад. Ҳарчанд корҳои хизматии Густав бомуваффақият пеш мерафт, зиндагии шахсиаш пур аз мушкилот буд. Карл Густав ба қарз ғута зада, муносибаташ бо завҷааш Анастасия чандон хуб набуд ва ҳаҷми қарзҳояш рӯз ба рӯз афзоиш дошт. Густав ягона роҳи халосиро ба ҷанги зидди Япония рафтан мебинад.

Дархости ӯ пазируфта мешавад ва 9 октябри соли 1904 подполковник Карл Густав Маннергейм бо поезд ба Манчурия раҳсипор мегардад. Дар рафти якчанд амалиётҳо ҷасорат ва малакаи касбии баланд нишон дода, сазовори рутбаи навбатӣ-полковник ва 200 рубл маоши иловагӣ мегардад.

Дере нагузашта, штаби 3-уми қӯшуни Манҷурия ба Карл Густав супориш медиҳад, ки дар ҳудуди Муғулистон корҳои разведкавӣ гузаронанд ва муайян намоянд, ки қӯшунҳои Япония дар Муғулистон оё фаъолият мебаранд. Ҳамзамон таъкид мегардад,ки барои бад нагаштани муносибатҳои дипломатӣ бо Муғулистон бо ин мақсад аз қувваҳои милитсионерҳои маҳаллӣ дар ҳайати 300 нафар истифода бурда шавад. Ин чорабинӣ дар сатҳи олии касбӣ гузаронида шуд ва охирин амалиёти ҳарбӣ дар ҷанги Русу Япон ҳисобида шудааст. Баъди итмоми ҷанги Русу Япон Карл Густав ба Петербург баргашт вале алакай вазифаи пештарааш ихтисор шуда буд. Вазъияти оилавиаш низ мисли пештара хуб набуд. Ин омилҳо Карл Густавро водор намуд, ки ибтидои соли 1906 ду моҳа рухсатии меҳнатӣ гирифта, ба ватанаш барои табобат равад.

Аввали баҳори соли 1906 Карл Густав супориш гирифт, ки ба таври ниҳоят махфӣ ба Осиёи Миёна ва аз он ҷо ба Хитойи Ғарбӣ (вилоятҳои Гансу ва Шансӣ) сафари хизматӣ намояд. Баъди гирифтани, ин супориш Карл Густав хеле ҷиддӣ ба тайёрии ин сафар шурӯъ намуд. Бо ин мақсад ҳисоботи махфии Н.М.Преживалскийро бо Осиёи Миёна пурра хонда, бо дигар сайёҳон ва ҳарбиёне, ки Осиёи Марказиро хуб медонистанд, суҳбатҳо намуд.

Карл Густав 19 июни соли 1906 бо 490 кг бор ва як дастгоҳи аккосии «Кодак» аз пойтахт баромада охири моҳи июл дар Тошкант шуда, баъдан сафари хешро идома додаст. Сафари Карл Густав Маннергейм бо Осиёи Миёна ва Хитой, ки то охири соли 1908 идома ёфт аз ҳар ҷиҳат пурсамар анҷом ёфт. Дар вақти сафар ӯ худро на ҳамчун афсари савораи рус, балки ҳамчун олими забоншинос, мардумшиносу сайёҳ муаррифӣ мекард. Ӯ 3087км роҳро тай намуда, музофати Кошғарро аз ҷиҳати ҳарбӣ-топографӣ омӯхта, Тушкан-Дарёро таҳқиқ намуда, нақшаи 20 шаҳр-истеҳкомҳои

Хитойро тартиб дода, шаҳри Ланчжоуро ҳамчун гарнизони ҳарбии эҳтимолии Россия дар оянда ҳаматарафа таҳқиқ намуд.

Инчунин, ба вазъи қӯшуни Хитой баҳо дода, тараққиёти саноат ва бахусус саноати кӯҳии Хитойро таҳқиқ карда, ба сохтмони роҳҳои оҳан, фаъолияти роҳбарони давлати Хитой дар мубориза бар зидди истеъмоли нашъа таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, ба омӯзиши антропологию этнографии халқҳои қалмиқ, қирғиз, абдолҳо, тангутҳои зард ва ғайра диққати ҷиддӣ дода, луғатномаи фонетикии як қатор халқҳои қисмати шимолии Хитойро мураттаб месозад.

Ҳамзамон, Маннергейм аз ин сафари худ 1200 ашёҳои гуногуну аҷиби мансуб ба маданияти Хитой, 2000 дастхатҳои қадима, 1353 аксҳои гуногун ва чандин дафтар қайдҳои сафарӣ овардааст, ки аҳамияти калони илмӣ таърихӣ ва фарҳангӣ доранд. Воқеан, Маннергейм корҳои зиёди наҷиби илмию, ҳарбӣ ва разведкавиро ба итмом расонид, ки на ба ҳар кас муяссар гардидааст. Ин буд, ки Маннергейм аз рӯи натиҷаҳои сафари осиёгии худ аъзои фахрии Ҷамъияти географии рус гашта, сазовори ордени «Владимири муқаддас» мегардад.

Баъди рухсатии навбатӣ Маннергейм 10 январи соли 1909 командири яке аз полкҳое, ки дар Полша мавқеъ дошт, таъин гардида, охири соли 1910 сазовори рутбаи генерал майор гашта, аз аҳли хоса ва наздикони подшоҳ пазируфта мешавад.

Карл Густав Маннергейм ҳамчун афсари олирутбаи қушунҳои Россияи подшоҳӣ дар ҷанги якуми ҷаҳон иштирок ва корнамоӣ кардааст. Августи соли 1914 ба Маннергейм супориш дода мешавад, ки шаҳри Красник, ки аҳамияти стратегӣ дошт, аз ҳуҷуми австровенгерҳо муҳофизат намояд. Маннергейм шаҳрро натанҳо аз ҳамлаи душман муҳофизат мекунад, балки бо истифода аз истеъдод ва кордонии хеш 250 сарбоз ва 6 афсари душманро асир мегирад. Дар задухурд душман 48 нафар (аз ҷумла як  командир ва 7 афсар)- ро талаф медиҳад.

Барои ин корнамоӣ ба Маннергейм яроқи тиллойи Георгевӣ тақдим мегардад. Баъди ин шикаст австриягиҳо қувваҳои иловагӣ сафарбар карда як хати мустаҳками муҳофизатӣ ташкил намуда, пеши роҳи ҳаракати қувваҳои армияи савораи русро гирифта, имконияти ба ақибгоҳи душман ҳаракат кардани саворaҳои рус барҳам дода мешавад.

Дар ҳамин вазъият ба Маннергейм супориш дода шуд, ки мавқеи сусти душманро муайян намуда, хатти муҳофизатиро рахна намояд. Бо фаворасии торикӣ Маннергейм афсарони баландрутбаи полкашро ҷамъ ва машварат ороста, дар харитаи маҳал 20 ҳалқа (секторҳо) кашида, аз онҳо ҳар якеро дар ин секторҳо масъул таъин намуда, вазифаи қатъӣ гузошт: ҳар сектор як «Забон» (асир) дастгир карда меорад. Нимашаб ба ихтиёри Маннергейм аз ҳар як сектор як асири австрягӣ супорида шуд. Маннергейм бо ҳар як асир суҳбат карда, маълумоти барои худ заруриро пурсида гирифт.Ва баъди соати дуи шаб аз мавқеи сустарин хати муҳофизатии душманро раҳна намуд. Барои ин амалиёти мувваффақонаи оперативӣ ба генерал ордени Станислави муқаддас дараҷаи якум бо шамшер ва дар баробари ин ба ордени Владимири муқаддас дараҷаи 3-ум, ки пештар гирифта буд, шамшер низ дода мешавад.

Дар давоми солҳои боқимондаи ҷанги якуми ҷаҳон Карл Густов Маннергейм ҳамчун сарфармондеҳи дивизияи савораи 12-уми қӯшунҳои Россияи подшоҳӣ дар душвортарин минтақаҳои ҳарбу зарб истифода шудааст. Манергейм ҳар як супориши гирифтаашро бо маҳорати баланди касбӣ ва сатҳи олӣ иҷро намуда, кордонию корнамоӣ ва шуҷоату далерии шахсӣ нишон дода, сазовори эътироф, аҳсану офаринҳо ва мукофотҳои олӣ гаштааст. Моҳи августи соли 1917 бемории ревматизм, ки аз сафари Манҷурия гирифта буд, генерал Маннейгермро аз по афтонд. Ва ӯро барои муолиҷа ба мӯҳлати панҷ ҳафта ба Одесса фиристоданд. Баъдан, сентябри соли1917 ӯро ба ҳайати эҳтиётии қумандонҳои ҳарбӣ мегузаронанд ва январи соли 1918 бошад, бо хоҳиши худаш ба истеъфо баромада, ба ватанаш Финландия бармегардад.

Дар Финландия, ки 6 декабри соли 1917 навакак истиқлолият ба даст оварда буд, ҷанги шаҳрвандӣ ва муборизаи байни Қӯшунҳои сурх ва Гвардияи сурхи Финландия, ки баҳри ҳимояи истиқлолияти кишварашон талош доштанд, идома меёфт. Баробари ба Финландия баргаштан Маннергейм сарфармондеҳи қӯшунҳои ҳанӯз пурра ташкилнашудаи Финландияи соҳибихтиёр таъин мегардад. Охири моҳи январи соли 1918 дастаҳои худмуҳофизатии Финландия таҳти сарварии генерал Маннергейм қисмҳои ҳарбии тобеи болшевиконро беяроқ ва барҳам доданд. Бо ташаббус ва заҳматҳои Маннергейм то аввали марти ҳамон сол қувваҳои мусаллаҳи Финландияи мустаъқил ташкил карда шуда, ба амалиётҳои ҳарбӣ пурра омода гаштанд. Дар тӯли ду моҳ қӯшунҳои ҳарбии Финландия таҳти фармондеҳии Маннергейм дастаҳои гвардияи сурхро шикаст доданд.

Эҳтимол меравад, ки дар историографияи шӯравӣ аз ҳамин лаҳзаҳо ба Маннергейм муносибати яктарафаю манфӣ ва ноадолатона оғоз гаштааст. Агар аз рӯи адолат, инсоф ва обективона сухан ронем Маннергейм ҳамчун мутахассис дар сатҳи олӣ будани худро борҳо собит намудаю барои истиқлолияти воқеии Ватанаш ҳарчӣ аз дасташ омадааст, дареғ надоштааст.

Баъди чунин муваффақиятҳо обурӯ, шӯҳрат ва мавқеи Маннергейм хеле боло рафт. Декабри соли 1918 парламенти Финландия Маннергеймро ба сифати *регенти** Финландия интихоб мекунанд. Дар ин мансаб низ ӯ танҳо ба манфиати давлати Финландия ва халқи азизаш содиқона кору фаъолият намудааст. Пас аз он, ки парламенти Финландия констутсияи нави кишварро қабул намуд, Маннергейм ваколатҳои хешро ҳамчун регент супорид.

Солҳои 1920-1930 Маннергейм ба фаъолияти гуногун пардохта, расмию ғайрирасмӣ ба Франсия, Полша, Ҳиндустон сафарҳо намуда, як муддат раисии Ҳилоли Аҳмари Финландияро низ ба дӯш дошт. Соли 1931 вазифаи президенти Кумитаи Давлатии муҳофизати Финландияро қабул мекунад ва соли 1933 ба Маннергейм рутбаи маршалӣ дода мешавад.

Баъди ба сари қудрат омадани фашистон дар Германия Маннергейм ҳамчун сиёсатмадор ва мутахассиси сатҳи олии низомӣ бӯи ҷанги нави ҷаҳониро яке аз аввалинҳо шуда эҳсос намуд.

Ҳамчун президенти Комитети Давлатии мудофиа қобилияти ҷангии қӯшунҳои хушкигард ва дастаҳои худмуҳофизатии Финландияро якчанд маротиба баланд мебардорад. Маҳз дар ҳамин давра ба сохтмони хатти муҳофизатии байни Финландияю Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз мекунад, ки мнбаъд бо номи худи ӯ « Хатти Маннергейм» машҳур мегардад.

Дере нагузашта 30-уми ноябри соли 1939 Маннергейм сарфармондеҳи олии қӯшунҳои Финландия таъин мегардад. Дар ибтидои ҷанги Финландияю Иттиҳоди Шӯравӣ Маннергейм моҳирона ҳуҷумҳои Қӯшунҳои Шӯравиро, ки аз ҷиҳати шумора чанд карат зиёд буданд, зада гардонид. Ҳамзамон, Маннергейм аз ҳукуматҳои Англия, Франсия, Шветсия ёрии ҳарбию моддӣ дархост мекунад, вале худи ин давлатҳо дар фикри муҳофизати худ буданд ва ба Финландия ёрии амалие расонида натавонистанд. Ибтидои соли 1940 Қӯшунҳои Шӯравӣ дар муҳорибаҳо пай дар пай зафар ёфтанд ва финҳо маҷбур гаштанд қафонишинӣ намоянд. Аввали моҳи марти соли 1940 Маннергейм вазъиятро хеле хуб дарк намуда ба ҳукуматдорон пешниҳод мекунад, ки ҳатман роҳи сулҳро пеш гиранд, зеро қӯшунҳои мамлакат дар муқобили қувваи сершуморӣ шӯравӣ қобилияти истодагарӣ карданро надорад. Ин буд, ки 13 март бо шартҳои пешниҳодгаштаи Иттиҳоди Шӯравӣ шартномаи сулҳ ба имзо мерасад ва дар натиҷа Финландия як миқдор ҳудуди худро аз даст медиҳад. Дар ин давра мавқеъ ва шӯҳрати Маннергейм аз пештара дида хеле афзуда буд ва дилхоҳ масъалаҳои муҳими давлатӣ бе иштирок ва маслиҳати Маннергейм ҳал намегардиданд. Баъди ҳуҷуми Германияи фашистӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ

---

* Регент - аз забони лотинӣ буда маънояш ҳукмрон, идоракунанда, дар ин ҷо моҳиятан идоракунандаи муваққатӣ

Маннергейм эълон намуд, ки Финландия дар «амалиёти умумиҷаҳонӣ таърихии зидди болшевизм» иштирок карда, баҳри бунёди Финландияи бузург мубориза мебарад. Аз вазъияти муносиб истифода бурда, Финландия то охири соли 1941 сарҳадҳои пештараашро барқарор намуд, вале иқтисоди фарсудаю харобгашта имкон надод, ки Финландия ҷангро музаффарона пеш барад. Бинобар ин Маннергейм роҳҳои гуфтушуниди пинҳониро бо Иттиҳоди Шӯравӣ ва Амрико ҷустуҷӯ мекунад. Ба Финландия зарур буд, очилан аз ҷанг барояд. Парламенти кишвар дар ин лаҳзаҳои барои давлат мураккаб зарур медонад, ки ҳокимияти сиёсиию ҳарбии мамлакат дар дасти як нафар бошад. Ин буд, ки 4 августи соли 1944 парламенти кишвар маршал Маннергеймро президенти қонунии Финландия интихоб намуд.

Акнун ваколатҳои Маннергейм имкон медоданд, ки худаш қарор қабул намояд. Ҳамин буд, ки 19 сентябри соли 1944 дар шаҳри Москва байни Финландия ва Иттиҳоди Шӯравӣ шартномаи сулҳ ба имзо мерасад. Тибқи талаботи шартномаи сулҳ Финландия мебоист қӯшунҳои Германияи фашистиро аз ҳудуди худ мебаровард. Вале қушунҳои Германия ба осонӣ ҳудуди Финландияро тарк кардан нахостанд ва дар баъзе қисматҳо ба харобкорию таҳрибкорӣ шурӯъ карданд. Маннергейм 22 сентябри соли 1944 фармон дод, ки фашистон аз ҳудуди кишвар зуран баровларда шаванд, ки он дар таърих бо номи ҷанги Лапландия машҳур аст. Бо ҳамин, то баҳори 1945 немисҳо аз Лапландияи Финландия бароварда мешаванд.

Дар ин солҳои мураккаб ва муборизаҳои абарқудратҳои ҷаҳон Маннергейм тавонист, ки бо дониш, заковат, хирадмандию маҳорати баланди касбиаш манфиатҳои соҳибихтиёрӣ ва миллии Финландияро натанҳо ҳимоя кунад, балки дар арсаи байналмиллалӣ мавқеи онро боло бардорад ва мустаҳкам намояд. Соли 1945 Маннергейм бемори сахт мешавад ва моҳи марти соли 1946 аз вазифаи президентӣ даст мекашад.

Худи ҳамон сол ӯ барои табобат ба санаторияи Вал-Монти Швейцария рафта, то охири умраш дар шаҳрчаи санаторияи Лозаннаи Швейцария зиндагӣ карда, 28 январи соли 1951 дар сини 83 солагӣ ин дунёро тарк намуд.

Маннергейм дастпарвари мактаби афсарони савораи рус мебошад. Дастпарвар ва шогирди ин мактаб баъдҳо дар ҳарбу зарбу набардҳо бо худи русҳо борҳо афзалият нишон додаву дастболо гаштааст.

Аз соли 1887 сар карда Карл дар Россия умр ба сар бурда, аз озмуни ниҳоят калон гузашта бо омӯзишгоҳи савораи, Николаевӣ дохил мешавад ва дар байни 84 нафар ҳамсабақон аз ҷиҳати пешрафт дар ҷойи чорум меистод. Ҳамин омӯзишгоҳи ҳарбиро аксари генералҳои сафед, ки ба касби худ ва ба император содиқ буданд, хатм кардаанд. Лермонтов низ таҳсилкардаи ҳамин таълимгоҳ буд.

Соли 1896 маросими тоҷгузории императори Россия Николайи 2 доир гардид. Аз байни 50 саворагон 4 нафар ассистентҳо интихоб гардид, ки яке аз онҳо Маннергейм буд. Дар ин маросим ассистентҳо (саворахо) ҳамроҳ ва паҳлӯи император мерафтанд. Дар ҳамин маврид, чуноне ки сарчашмаҳо дарак медиҳанд, Николайи 2 ним соат бо Маннергейм сӯҳбат кардааст. Онҳо дар бораи чи сӯҳбат кардаанд маълум нест, вале аниқ аст, ки бо сабаби ҳамин сӯҳбат император ба хӯроки нисфирӯзӣ ним соат дер кардааст.

Маннергейм беш аз 30 сол дар қӯшунҳои Россия содиқона хизмат карда, зина ба зина дар вазифаҳои хизматӣ боло рафта, соҳибшӯҳрат гаштааст. Баъди он муносибаташро бо Россия канда ходими ҳарбӣ-давлатии Финландия (аниқтараш мавқеъ ва фаъолияти ӯ аз доираи Финландия фархтар буд) гашта ба мансаби президентии ин кишвар сазовор мегардад. Мавқеи Маннергейм дар самти сиёсати берунии Финландия зидди наздикшавӣ бо Германия ва тарафдори наздикӣ бо Англияю Франсия буд. Бо Уинстон Черчилл дӯстии наздик дошт. Маннергейм ҳисоб мекард, ки ба Иттиҳоди Шӯравӣ бе ҷанг гузашт бояд кард, вале он вақт ин дархости ӯ аз тарафи хукуматдорон дастгирӣ наёфта буд. Ҷанг бо Иттиҳоди Шӯравӣ бе назардошти хоҳиши ӯ оғоз шуда буд, вале ҳамчун сарфармондеҳи қӯшунҳои

Финландия дар сатҳи хеле баланди касбӣ аз ӯҳдаи ҷанги зиддишӯравӣ баромад. Баҳои арзандаю хеле аҷибро нисбати Маннергейм И.В.Сталин додаст. Аз тарафи хадамоти оперативии Иттиҳоди Шӯравӣ ба коммунистзан Херте Куусенен супориш дода шуда буд, ки рӯйхати ҳарбиёну ҷинояткорони барои Иттиҳоди Шӯравӣ хайфнокро пешниҳод намояд. Ин рӯйхат пешниҳод ва дар он номи Маннергейм низ шомил гашта буд. Вале Сталин номи ӯро бо қалами сурх хат кашида чунин навиштааст: «Даст нарасонед»!

Маннергейм бо А. Гитлер наздикӣ дошт ва ӯро ба манфиати Финландия истифода кардааст. Бо ёрии мутахассисони немис якчанд аэропортҳо сохтааст, ки метавонистанд аз самолётҳои мавҷудбудаи Финландия чанд маротиба зиёдтар самолётҳоро қабул намоянд. Дар ҷашни 75 солагии Маннергейм Гитлер иштирок карда, ба ӯ салиби оҳанин ва Геринг бошад, 15 самолёти қиркунандаи «Мессер Шмит-109» тақдим намудаанд.

Дар тӯли фаъолияташ Маннергейм 123 орден ва дигар мукофотҳои давлатӣ аз ҷумла Салиби георгивӣ ва тамоми мукофотҳои ҷангии Россияи то соли 1918-ро гирифтааст. Барои муқоиса Л.Брежнев, ки аз ҳама шахси мукофотҳоро дӯст медоштагӣ маҳсуб меёфту даркору нодаркор ва сазовор носазовор буданаш ба ӯ чандон аҳамият надошт, ҳамагӣ 150 номгӯй мукофотҳо дошт. Маннергейм бо 8 забон - шведӣ, финнӣ, русӣ, англисӣ, немисӣ, полякӣ, франсузӣ ва хитойӣ гап мезад.

Чандин маротиба ярадор ва 14 шикастагиҳои бадан дошт, ки 13-тоаш аз зарбаи аспҳо гирифта шудааст.

Мардуми Финландия аз хурд то бузург бо ӯ ифтихор дошта, ба номаш арҷгузорӣ намуда, ба исми ӯ мавзею кӯчаҳои зиёдеро гузоштаанд. Ҳар сол ҳазорҳо нафар сайёҳону меҳмонони расмӣ аз хона музейи Маннергейм, ки дар соҳили бахр дар Хелсинки воқеъ аст, дидан ба амал меоранд.

Ин буд, шаммае аз рӯзгори хеле аҷибу ибратангези як низомие, ки бо заҳмату омӯзишҳо зинаҳои баландтарини касбияту шӯҳрат ва маҳбубияти ҳамагонро соҳиб гаштааст.

Мо дар мисоли зиндагинома ва таҷрибаи кории чунин шахсиятҳои нодир метавонем насли нави ватандӯстони асили кишварро бавоя расонида, онҳоро дар руҳияи шикастнопазирӣ, садоқатмандӣ дар пешаи интихобнамуда ва арзишҳои олӣ тарбия намоем.

**Маршал Маннергейм Карл Густов Эмиль – высший пример верности профессиональной присяге**

На примере таких личностей, как маршал Маннергейм Карл Густов Эмиль, их жизненного опыта и профессионализма можно взрастить новое поколение истинных патриотов, воспитать их в духе преданности Родине, верности долгу и стремлению к достижению высоких целей.

## БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КОР БО МАВОДИ БОЙГОНИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

**Розиқзода А.Ш.**[*]

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар аксари илмҳои гуманитарӣ, тадқиқотҳои бунёдии илмии он аз як тараф як навъ карахтӣ ва аз тарафи дигар, як навъ бенизомӣ низ эҳсос карда шуд. Он қиматҳои тадқиқотие, ки маҳаки асосии онро таълимоти марксистӣ-ленинӣ ташкил мекард, дар бисёр мавридҳо дар баҳо додан ба равандҳои таҳаввулотие, ки акнун дар ҳаёти ҷамъиятӣ рух медоданд, оҷизӣ мекард.

Ин идеология ҳарчанд ба мардум сохтмони як сохти идеалию адолатнокеро ваъда мекард, вале роҳҳои эъмори чунин сохт, расидан ба ин ҳадаф ҳамеша аз воқеият қафо мемонд ва ба мушкилию гиреҳҳои зиёди сарбаста ру ба рӯ мегашт.

Мусаллам аст, ки мақсад ва вазифаҳои асосии тамоми илмҳо ин пеш аз ҳама хизмат кардан ба нафъи инсон бояд бошад, яъне бояд ба манфиати инсон нигаронида шаванд. Имрӯз ба чашми сар мебинем ва дарк мекунем, ки давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон барои мардуми хеш як кишвари серу пур, пешрафта, адолатноку озодтар ва маданиро пешкаш карда тавонистанд. Пас, ҷавоби мантиқӣ – роҳи интихобкардаи онҳо, идеологияи онҳо ба ормонҳои мардум наздиктару қобили қабул буда аст. Вақти он расидааст, ки қиматҳои асосии тадқиқотҳои илмиамонро бо ҳамин нуқтаи назар мувофиқ ва пиёда намоем.

Агар аз ҳамин нуқтаи назар ба аксарияти кулли тадқиқотҳои илмии соҳаи гуманитарии (бахусус соҳаи таърихи КПСС, иқтисоди сиёсӣ, фалсафа ва ғ.) ватанӣ, ки сирф характери идеологӣ доштанд, баҳо доданӣ шавем, аз рӯи инсоф бояд иқрор шавем, ки ба як тини пучак намеарзанд. Инро шарм накарда, боҷуръатона бояд эътироф кард.

Дар давраҳои аввали истиқлолиятхоҳиямон ва баъд аз он ҳам бисёр чунин мавзӯъҳою корҳои «илмии актуалӣ» тадқиқ ва ҳимоя ҳам шуданд. Бадии кор боз дар он аст, ки баъзе тадқиқотчиён аз набудани талаботҳои муайян ва риоя нагаштани қиматҳои дар боло ишорагашта чизе ки хостанд навиштанду гуфтанд. Баъзан дар расонаҳои иттилоотии байналмилалӣ оиди таъриху фарҳанги миллати тоҷик маводи муғризонаю тӯҳматангез (ва ҳатто таҳқиромез) ба табъ мерасанд, вале аз тарафи олимони номии мо ба чунин маводе, ки сар то по таҳрифи таърих мебошад, ҷавоби пухтаю саривақтӣ гардонида намешаванд. Дар ин гуна мавридҳо хомӯш истодан ё интизор шуда нишастан ҳаргиз ба манфиати мо нест. Бадбахтона, ин ҳоло ҳам идома дорад ва мо имрӯз ҳам мутаассифона мактаби таърихнигории қавии хешро надорем. Вақти он расидааст, ки олимону мутахассисон аз Институти таърих, археология ва этнографияи Академияи Фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва макотиби олии кишвар сари ин масъалаи муҳим андеша намоянд.

Дар иртибот ба ин якчанд андешаҳои хешро нисбати хусусиятҳои кор бо сарчашмаҳо ва маводи бойгонии мақомоти корҳои дохилӣ баён карданиам.

Аз миёнаи солҳои 90-уми асри гузашта сар карда банда ба гирдоварӣ, таҳқиқ ва омӯзиши таърихи милитсияи Тоҷикистон машғул мебошам. Тайи ин муддат дар бойгониҳои дохили кишвар ва берун аз он кор карда, ҳуҷҷатҳои нодиру барои таърихи миллат арзишманди зиёде ба даст оварда шуд. Вале бо таассуф бояд таъкид намоям, ки маводи бойгонии бевоситаи худи мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба солҳои 20-40-уми асри гузашта тааллуқ доранд, то имрӯз маълум нест. Ҷустуҷӯҳои чандинкарата натиҷаи дилхоҳ надоданд. Агар ин маводҳо, ин сарчашмаҳо пайдо мешуданд, ман боварӣ дорам, ки бисёр саҳифаҳои доғу моломоли дарду алами солҳои бистуму сиюми қарни гузаштаи халқамон равшанӣ ворид мегардид.

Як миқдор маводҳое, ки ба воситаи дигар фондҳо ба даст омадаанд, ҳеҷ гоҳ бозгукунандаи ҳақиқати воқеӣ ва фаъолияти пурраи ин мақомотеро, ки розҳою гуфтаниҳои зиёд дорад, буда наметавонад.

---

[*] *Рзиқзода А.Ш.* – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, полковники милитсия.

Бояд таъкид кард, ки ҳар як ҳуҷҷати ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ тааллуқдошта муносибати махсусро тақозо дорад. Бинобар ин, ҳуҷҷатҳоро аз рӯи дараҷаи фарогирӣ ё инъикоси фаъолияти ин мақомот ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Ҳуҷҷатҳои ба мақомоти корҳои дохилӣ воридшаванда, ба тарзи дигар гӯем ҳуҷҷатҳои воридотӣ. Ба чунин ҳуҷҷатҳо муроҷиати шаҳрвандони дохиливу хориҷӣ, ташкилотҳову муассисаҳо, ҳукуматҳои маҳаллӣ, вазорату кумитаҳо, инчунин мактубу муроҷиатҳои вазорату мақомоти корҳои дохилии давлатҳои хориҷӣ шомил мебошанд;

2. Ҳуҷҷатҳое, ки аз номи мақомоти корҳои дохилӣ ирсол мегарданд, яъне ҳуҷҷатҳои содиротӣ. Чунин ҳуҷҷатҳо низ хеле гуногун мешаванд. Дар байни чунин ҳуҷҷатҳо ҳаргуна ҳисобот ва мукотиботе, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ, дохили кишвар, сохторҳои маҳаллии худи вазорат (сарраёсату раёсатҳо, ҷузъу томҳои гуногун) ирсол мегарданд, хеле муҳим аст.

Бояд таъкид кард, ки ин ҳуҷҷатҳоро аз рӯи муҳиммияти касбӣ низ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Бо тарзи дигар гӯем, на ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба тамоми шаҳрвандон ва муҳаққиқон дастрас мегарданд. Аз тарафи дигар, дар мақомоти корҳои дохилӣ ҳуҷҷатҳое низ мавҷуданд, ки онҳоро теъдоди ками кормандон метавонанд истифода кунанд. Аз ҷумла, бисёр ҳуҷҷатҳои характери фаврӣ-оперативӣ дошта ба кормандони муқаррарӣ дастрас нест.

Аз ин лиҳоз, дар мақомоти корҳои дохилӣ якчанд шакли иҷозати (форма допуска) кор кардан бо ҳуҷҷатҳо мавҷуд аст. Инҳо ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ, ҳуҷҷатҳои комилан махфӣ, махфӣ ва барои истифодаи хизматӣ мебошанд. Вобаста ба вазифаи ишғолкарда ва самти фаъолият ин ё он корманд дараҷа ё шакли муайяни иҷозатро дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии амнияти миллии кишвар мегирад.

Ҳарчанд 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон истиқлолияти комили хешро соҳиб гашта буд, тӯли якчанд сол ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии банизом даровindependently кор бо ҳуҷҷатҳои махфиро надошт ва дар ин маврид аз санаду ҳуҷҷатҳои меъёрии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ истифода мекард. Аз ҷумла истифодабарӣ ва кор бо ҳуҷҷатҳои гуногун, риояи реҷаи махфият дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонро фармони Вазорати корҳои дохилии ИҶШСС таҳти №05 бо замимааш аз 10 январи соли 1990 ба танзим медаровард.[145] Дар мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон ин фармон то соли 2002 мавриди истифода қарор дошт.

Дар заминаи ин фармон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ соли 2002 «Дастуруламал оиди низоми махфият дар вазоратҳо, идораҳо, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо (ҳукуматҳо), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» кор карда шуд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №18-3 аз 30 январи соли 2002 тасдиқ шдааст.

Тибқи дастуруламали зикршуда вобаста ба муҳимияти иттилооти махфӣ, ки сирри давлатиро дар бар мегирад, 3 дараҷаи (ё шакли) иҷозат муайян шудааст:

- иҷозатномаи дараҷаи 1 ба шаҳрвандоне дода мешавад, ки бо ҳуҷҷатҳою иттилооти махсусан муҳим кор мекунанд.

- иҷозатномаи дараҷаи 2 ба шаҳрвандоне дода мешавад, ки ба ҳуҷҷатҳою иттилооти комилан махфӣ сару кор доранд.

- иҷозатномаи дараҷаи 3 ба онҳое дода мешавад, ки ба иттилооти махфӣ сару кор доранд.

Иҷозатномаи дараҷаҳои 1 ва 2 дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дода мешавад.

Ба иттилооти махсусан муҳим ахбори ба соҳаҳои ҳарбӣ, сиёсати хориҷӣ, бехатарии иқтисодию давлатӣ, ҳифзи тартибот тааллуқ доштае маҳсуб аст, ки ифшои он метавонад ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиён оварад.

[145] Ниг.: Порядок допуска к документам особой важности, совершенной секретности.

Ба иттилооти комилан махфӣ ахбори ба соҳаҳои ҳарбӣ, муносибатҳои беруна, иқтисодиёт, бехатарии давлатӣ, ҳифзи тартибот тааллуқ доштае мансуб аст, ки ифшои он ба манфиати вазоратҳо, муассиса, корхона ва ё ягон соҳаи ҷудогона зараровар мебошад.

Ба иттилооти махфӣ бошад, тамоми он маълумоте шомил аст, ки сирри давлатӣ буда, ифшои он аз ягон ҷиҳат ба бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёноварданаш мумкин аст.[146]

Бинобар ин, кор ба ҳуҷҷатҳо ва иттилооти муҳими давлатӣ, комилан махфӣ ва махфӣ нозукиҳо ва хусусиятҳои хоси худро дорад.

Барои баҳои дурусту объективона додан ба ин ё он ҳодиса ё факти таърихӣ бо андешаи мо муҳаққиқ пеш аз ҳама ба ҳуҷҷатҳои аввалиндараҷа бояд такия кунад. Онҳоро пайдо кунад, таҳлил карда баъд аз он хулосаи боэътимод барорад. Дар акси ҳол хулоса ва баҳои ӯ рӯякӣ ва нодуруст мебарояд. Имрӯз дар саҳифаҳои матбуот мехонем, ки ҳаракати босмачигариро бархе аз журналистон ва ё нафарони ноогоҳ ҳақ бароварда аз сарварони онҳо, «Қаҳрамонҳои миллӣ» метарошанд, ки ин аз рӯи адолат ва ҳақиқати илмӣ нест. Аввалан худаш ба тамоюлҳои як аср пеш аз имрӯз истода баҳо додан, ба андешаи мо то андозае ғалат аст. Сониян, ба ҳуҷҷатҳо ва муҳити ҳамон давра ворид нашуда, баҳо додан ба ҳаракати босмачигарӣ саҳлангории маҳз аст. Тамоми кӯшишу талошҳои ҳақ баровардани ин ё он амал ва ё идеологияе, ки бо ивази қурбонии зиёди одамони бегуноҳ ба даст омадааст, кори носавоб аст. Чи гуна қатлу куштори одамони бегуноҳ, дуздию ғорати мардуми оддӣ, оташ задани хонаву дар, таҷовуз ба номуси занону духтаронро ҳақ баровардан мумкин.

Ҳанӯз ҳам ҳақиқати талхи таърихӣ, ки на як бору ду бор рӯ ба рӯ гаштаем, бароямон дарс нашудааст. Дар ибтидои садаи асри гузашта афкору ҷунбишҳои сиёсию инқилобӣ, ки тарроҳи асосиаш В.И. Ленин буд, бисёр қиматҳои равонӣ, ахлоқию мазҳабиро пушти по зада, хати батлон кашид. Ҳол он, ки барои тамоми қишрҳои ҷомеа ин қиматҳо қонунҳои ҳатмӣ маҳсуб меёфтанд. Ленин ва ҳаммаслаконаш барои расидан ба ҳадафҳои асосӣ бемаҳдудият истифода бурдан аз ҳар гуна воситаҳоро (туҳмат, иғвоангезӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, актҳои террористӣ, қатлу куштор ва ғ.) имконпазир мешумориданд. Барои исботи гуфтаҳои боло якчанд гуфтаву навиштаҳои В.И. Ленинро мисол меорем:

«Дар вақти зарурат ҳар гуна номуродӣ ва қурбониро пазируфта тавонистан лозим аст… аз ҳар гуна ҳиллаю найранг усулҳои мамнӯъ, хомуш истодан, рӯйпуш кардани ҳақиқат истифода карда тавонистан зарур аст»[147].

Дар лексикон (баромадҳо, сӯҳбатҳо) ва навиштаҳои В.И. Ленинибораҳои «парронда шавад», «саросар несту нобуд карда шавад», «қатл карда шавад» хеле зиёд истифода мегардид.

Болшевикон ғояҳои пешвояшонро шиор карда, октябри соли 1917 ҳокимияти сиёсиро ғайриқонунӣ соҳиб шуданд ва дар ин замина миллионҳо одамонро бе ҳукми суд қатл намуда, заводу фабрика, корхонаҳо, қасру кушкҳо, замину боигариҳои шахсони алоҳидаро зуран кашида гирифтанд, садҳо ва миллионҳо зиёиёнро маҷбур карданд, ки ҷилои Ватан намоянд. Дар заминаи ин амалҳо қатлу куштор, ҷазодиҳии оммавӣ, дуздию ғоратгарӣ дар солҳои 20-уми асри гузашта дар сар то сари собиқ Империяи Россия ба зуҳуроти муқаррарӣ табдил ёфта буд.

Бинобар ин, вақти он расидааст, ки олимони соҳа як консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашудаеро таҳия намоянд.

---

[146] Дар ин бора муфассал ниг.: Инструкция по обеспечению режима секретности в министерствах, других органах государственного управления, органах исполнительной власти на местах (хукуматах), на предприятиях, в учреждениях и организациях Республики Таджикистан (Секретно) Душанбе. 2002. С.64-65.

[147] *Ленин В.И.* Асарҳ. М. Ҷ.3. 1982. С.314.

**НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ РАБОТЫ С АРХИВНЫМИ МАТЕРИАЛАМИ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ**

На страницах периодической печати сегодня все чаще можно прочитать мнение некоторых журналистов и так называемых «специалистов» о том, что басмаческое движение является движением освободительным, а их лидеры причисляются к национальным героям, что на взгляд автора является неправильным не только с точки зрения истории, но и с точки зрения справедливости.

Чтобы дать правильную, объективную оценку той или иной исторической дате или историческому явлению, по убеждению автора, исследователь должен опираться, в первую очередь, на первоисточники. Он должен провести тщательную исследовательскую работу и только после этого давать свое заключение.

## ТАСВИРИ ИНСОНИ КОМИЛ ДАР «МАСНАВИИ МАВЛАВӢ»

**Қ.Восеъ***

«Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддин Балхии Румӣ, бешубҳа, Қуръони паҳлавист. Ин асари олишон ҳаҷман ва мазмунан чун укёнусест, ки ба ҳадду канор ғунҷоиш намепазирад. Маснавиро дар миёни тамоми осори иҷтимоиву фалсавӣ ва бадеиву мадании мардумони дунё, ба хусус мардуми форсу тоҷик баргузидатарину муқаддастарин ва завқангезтарину пурмӯҳтавотарин ба қавли устод Зарринкӯб **маорифи инсонсоз** шинохтаанд. Шубҳае нест, ки он бузургтарин ҳамосаи рӯҳонии башарият аст. Бад-ин манзур Офаридгори бузург баҳри ҷовидонагии фарҳанги ниёгони мутамаддини форсу тоҷик Маснавиро дар умқи ақлу шуури халлоқонаи Мавлавӣ ройгону равон рехта, ки то дунёву рӯзгорон ва башарияти ҳассосу кунҷков боқист, ин шоҳкории мутамаддини **одамсоз** бо ҷилваҳои рангинкамони тоза ба тозаи **инсонгароёна** шафақандозиву шаъшаъапошӣ мекунад.

Муаллифи ин асари ҷовидона, ки саодати ҳарду сароро насибаи хеш гардонид, дар қадимтарин шаҳри бостониямон-модари шаҳрҳои дунё-Балх дар 604 ҳиҷрии қамарӣ ба дунё омад. Хонадони Мавлавӣ аз ҷумлаи бузургтарин ва намоёнтарин хонадони баргузидаи ин шаҳри соҳибтамаддун аст. Падари Мавлавӣ Мавлоно Муҳаммад бинни Ҳусайни Хатибист, ки исми Баҳоуддин Валад бо лақаби Султонулуламо шӯҳратёр будааст. Баҳоуддин Валад ба исботи «Маноқибулорифин» дар суфуфи ишқу ирфони суфия мақоми хосаро дарёфта, хирқаи худро ба Аҳмади Ғазолӣ - бародари Имом Муҳммади Ғазолӣ - муаллифи «Кимиёи саодат», ки аз қилу коли мадраса фирор карда, ҷойгоҳи шӯҳратёри худро ба бародараш - Аҳмад вогузор намуда буд, мепайвандад.

Бо ин ҳама шӯҳрату азамат Султонулуламо ба сиёсати якравонаву худхоҳонаи Муҳаммади Хоразмшоҳ таҳаммул накарда,сарзамини ниёгон-зодгоҳи азизаш-Балхро ба тамоми умр тарк гуфта, ки он вақт Ҷалолиддин аёми наврасиро сипарӣ мекард. Мавриде ки ин шахсияти дарёдониш бо шогирдонаш рахти сафар мебасту аз сари роҳи Нишопӯр убур мекард, Фаридуддини Аттор ба худоҳофизии ҳамдарсаш расида,

* *Қурбони Восеъ* - Раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор

асари ҷовидонаи хеш-Асрорномаро ба Ҷалолиддин-писари дӯсташ тӯҳфа намуда, умед мебандад, ки Ҷалолиддин ҷавоби ин асарро хоҳад гуфт. Ин орзуи шайхи бузург ҷомаи амал пӯшид ва Маснавиро Мавлавӣ тавассути Ҳисомиддини Чалабӣ дар ҷавоби «Асрорнома» ҳидоят бахшид. Султон Валад баъди зиёрати хонаи Худо ба Куния муқимнишин гардида, то охири умр дар миёни ин мардуми мутамаддин рӯз гузаронид. Ҷалолиддин дар назди бузургтарин шогирдони падар аз ҷумла Саид Бурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ муддати нуҳ сол таълим гирифта, ба синни бисту панҷ қадам мегузошт, ки падари бузургвораш дунёро падруд гуфт.

Мавлоно баъди падари бузургвор шахсияти баргузида дар тамоми билоди Рум шӯҳрат ёфт. Ин чеҳраи рахшони илму ирфон, ки ба остонаи булуғ қадам мемонду дар гирду атрофаш шогирдону ҳаводорони зиёде мечархиданд, дар зиндагияш муршиде ба исми Шамси Табрезӣ ворид гардид, ки ба нури офтобосои хеш ақлу андешаи Мавлавии чиҳилсоларо битамом тасхир кард.

Шамс дар осори Мавлоно гоҳ ишора ба офтоби мутлақи ҳастию зоти ақдаси илоҳӣ аст ва гоҳ ҷилваи хоси ӯ дар Шамсуддини Табрезӣ аст ва низ ағлаби ишора ба мақоми **инсони комил** ва мисоли кулли инсон аст, ки ботини Мавлоно ва хақиқати зоти ҳамаи одамиён аст ва ҳамон руҳу нафси илоҳӣ аст, ки ҳақ дар одам дамид ва фалаку малакро ба суҷуд овард.

Ҳангоме ки Мавлоно аз Шамс сухан мегӯяд, ҳамаи ин маонӣ бо ҳам меомезад, чунонки маълум нест: самти сухан бо кист ва мухотаби ӯ Худост, Шамс аст, ишқ аст, ботини Мавлоно ва ё **инсони мутлақ** аст. Тасвирҳои Мавлоно аз Шамс ҳамаи коинотро дар бар мегирад. Анбиёву авлиёи пешин аз Одаму Нуҳу Халилу Мансуру Адҳам ва Боязид ва мазоҳири табиат аз хуршеду зуҳраву моҳу кӯҳу дарёву осмону гулу сарву бустон ва аснофи паррандагону ҳайвоноти ҷангал чун тутиву товусу шеру оҳу ва асбоби айшу тараб чун мутрибу сокиву шамъу шоҳиду мушку анбару уд ва номҳои афсонавӣ чун симурғу кӯҳи Қофу духтари хокони Чин ва мазоҳири олами дигар аз сури Исрофилу растохез то биҳишту кавсару хуриину садҳо номи дигар ҳама рамзест аз маъшуқу Худои Мавлоно, ки Шамс восита дар файзи дидори ӯ будааст:

Шамс бар асари ғайбатгӯёну ҳасудон як муддат аз Мавлавӣ ҷудо гардид, ки Мавлавиро беқарор сохт. Султон Валад бо фармони падар Шамсро ба Куния баргардонид, вале оташи рашки ҳаводорону шогирдони хасакии Мавлавиро барафрӯхт, ки оқибат Шамс ноаён гардид.

Мавлавӣ бар асари чунин ҳаҷру фириқ дил аз даст дода, пайваста ба самоъу рақсу тарона пардохт. Баъди чанде Салоҳиддини Заркӯб дар ҳаёти маънавии Мавлавӣ ворид омад, ки даҳ сол идома дошт. Мавлавӣ бо он ҳама донишу биниши писараш-Султон Валад нигоҳ накарда, ӯро таъкид дошт, ки дасти иродат ба Заркӯб диҳад.

Муриди сиддиқи дигари Мавлавӣ Хисомиддини Ҷалабӣ маъруф ба Ахӣ Турк аст, ки Афлокӣ дар «Маноқибулорифин» мегӯяд: «*агар Шамсиддин ба сифати офтобу шайх Салоҳиддин мисли моҳ бошад, Ахӣ Турк дар миёни онҳо мисли ситора медурахшад*».

Чунон ки мебинем, Хисомиддин нафари сеюм баъди Шамси Табрезиву Салоҳиддини Заркӯб аст,ки ба Мавлоно дасти иродат дода, то охири умр ҳамнишиниро дар маҷолиси унси Мавлавӣ дарёфта, бо пешниҳоду дастгирии ӯ Мавлоно Маснавиро ба силки тасвир кашид.

Хисомиддини Ҷалабӣ орифӣ саршиноси билоди Рум аст, ки гузаштагонаш ба ойини ҷавонмардӣ-футувват гаравида, ин ҷараёни иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва фалсафиро дар Осиёи Сағир бо номи «ахӣ ва ё ахия» густариш бахшида будаанд. Ин ҷониб ҳанӯз ибтидои солҳои ҳафтодуми асри гузашта, замони таҳсили аспирантура, ки дар ҷустуҷӯи таъсири чавонмардӣ ба назми асрҳои миёнаи форсу тоҷик сари кор мегирифтам, тавсеаи ин ойинро на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар кишварҳои арабу Осиёи Сағир бо номи футуввату ахӣ мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дода,

он солҳо дар адабиётшиносии тоҷику умумишӯравӣ аз мавҷудияти чунин ҷараёни инсонгаро[148] таваҷҷӯҳи аҳли илму таҳқиқи ватаниямонро ошно сохта будем.

Ёдовар мешавем, ки мусаннифи Маснавӣ дар хусуси Хисомиддин менависад: «Пири пешвои орифон, раҳнамои расида ба мартабаи яқин, фарёдраси халқ, амини дилҳову ақлҳо, сарсупурдаи Худованд дар миёни офаридагону баргузидаи ӯ аз миёни халқ ва Боязиди ин рӯзгору Ҷунайди ин замон ва марде ростин дар мартабаи Абӯбакр»[149]

Чунон ки мебинем, аҳамияту ривоҷи ойини футувват-ҷавонмардӣ дар он замон дар Осиёи Сағир ҳамин басаст, ки Ибни Батута ба ҳар ҷое, ки мерафт, суроғи зовия ва хонақоҳи ҷавонмардон ва пешвоёни онҳоро мекард ва пайдост, ки чигунагии овозаи меҳмоннавозии эшон дар ҳама ҷой дар он рӯзгорон печида будааст, ки Ибни Батута мегӯяд: «Ман дар томоми дунё мардуме накӯкортар аз ин ҷавонмардон (Ахиҳои билоди Рум-*В.Қ.*) надидаам, гарчи аҳли Шерозу Исфаҳон ҳам ба равиши ҷавонмардон ташбеҳ меҷӯянд, лекин эшон дар ғарибнавозӣ ва меҳмонӣ бештар ва пештаранд.[150] Дар ин ахбори Ибни Батута ду лаҳзаи бисёр муҳим нуҳуфтааст. Аввал ин ки дар замони юриши муғулон Осиёи Сағир яке аз мавзеъҳои нисбатан озоду обод ва осуда буда, села-села мусофирон сарзамини худро иҷборан партофта, ба он билод маскан мегирифтанд, ки хонадони Мавлавӣ аз мусибати умум барканор нест. Баъдан густариши ойини ҷавонмардӣ, ки моҳияти асосияш мунисият доштан ба инсони ҳоҷатманд асту дар сарзамини билоди Рум ҳамчун ташкилоти муҷаҳҳази башардӯстона дар ҳама шаҳрҳои хурду бузурги он кишвар арзи ҳастӣ менамуд, дарвозаҳои «Остона»-и хешро беминнату бериё ба мусофирону раҳмондагон кушода медоштанд. Аз ин ҷиҳат хонадони фозили бебадал Хисомиддин Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳасан ал-Ҷалабӣ маъруф ба Ибни Ахии Турк мустасно набуда, балки худ нафари саршиноси ойини ҷавонмардист, ки ба ҳалқаи маҷлиси Мавлавӣ мепайвандад. Хисомиддин на танҳо худ, балки тамоми ҷонибдорону эҳтироммандонашро ба Мавлавия меорад.[151] Муҳаммад Дайҳим дар ин хусус менависад: «Мавриде ки падари Хисомиддин хеле барвақт дунёро падруд мегуфт, шайхону бузургони аҳли тариқати футувват-ахия ӯро ба сифати сарвари ҷамоат даъват менамуданд, зеро акобири ҷавонмардон ҳамагон тарбиядидагони обову аҷдоди ӯ буданд.[152]

Устод Фурӯзонфар дар таҳқиқи муносибати Хисомиддину Мавлавӣ менависад: «Дӯстӣ ва инояти Мавлоно бо Ҷалабӣ бад-он ҷо расида буд, ки хотираш бе вуҷуди ӯ намешукуфт ва дар маҷлисе, ки Ҷалабӣ ҳузур надошт, Мавлоно гарм намешуду сухан намеронд ва маърифат намегуфт. Ёрон ин маъниро дарёфта буданд ва дар ин гуна маҷолис беш аз ҳар чиз вуҷуди Хисомиддинро лозим мешумориданд.[153] Ҷои дигар Фурузонфар таъкид мекунад: «Бо тақозои ривоёт чун Ҷалабӣ дид, ки ёрони Мавлоно бештар ба қироати осори Шайх Аттору Саноӣ машғуланд ва ғазалиёти Мавлоно агарчи бисёр аст, вале ҳанӯз асаре, ки муштамил бар ҳақоиқи тасаввуф ва дақоиқи одоби сулук бошад, аз табъи Мавлоно сар назадааст. Ба ин ҷиҳат мунтазири фурсат буд, то шабе Мавлоноро дар хилват ёфт ва аз бисёрии ғазалиёт сухан ронд ва дархост намуд, то китобе бар тарзи «Ҳадиқа» ё «Мантиқут-тайр» ба назм орад. Мавлоно филҳол аз сари достони худ қоғазе ки муштамил буд бар 18 байт аз аввали «Маснавӣ» берун овард ва ба дасти Хисомиддин Ҷалабӣ дод».[154] Ӯ меафзояд:

---

[148] Масъалаҳои филологияи тоҷик // Қ.Восеъ. Ахӣ, фатӣ ва ҷавонмардӣ аз назари қумуснигорон. 1975.
[149] Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маснавӣ. Теҳрон. Замон. 2001. С.15.
[150] *Қ.Восеъ.* Номаи ҷавонмардӣ. Душанбе. Ирфон. 1986. С.53; Адабиёти ҷавонмардии тоҷику форс. Китоби 2. Душанбе. Дониш. 2007. С.51-58.
[151] *Муҳаммад Дайҳим.* Тазкираи шуарои Озарбойҷон. Теҳрон. 1367. С.301.
[152] Ҳамин асар. С.301.
[153] Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Рисола дар таҳқиқи аҳвол ва зиндагонии Мавлоно Чалолиддин Муҳаммад машхур ба Мавлавӣ. Теҳрон. 1315. С.114.
[154] Ҳамон асар. С.116-117.

«Ҷазаба ва кашиши Хисомиддин, ки аз мағнотиси нируманди Шамс камтар набуд, бори дигар дарёи табъи Мавлоноро, ки оромиши нисбӣ ёфта буд, ба талотум овард ва шури беқароре дигар дод,[155] ки Мавлоно гуфт:

***Ваҳ Ҷалабӣ зи дасти ту в-аз лабу чашми масти ту,***
***Сад чу дилам шикасти ту, ваҳ Ҷалабӣ зи дасти ту.***
***Хезаму бас фиғон кунам, шӯр дар ин ҷаҳон кунам.***
***Рози дилам аён кунам, ваҳ Ҷалабӣ зи дасти ту!***[156]

Тавре ки мебинем, маҳз бо дархости Ҷалабӣ Мавлавӣ ба сурудани Маснавӣ оғоз мекунад, ки дар андак муддат ин асари ҷовидона ба силки тасвир кашида мешавад.

Мавлоно худ мӯҷиби мӯътамади Маснавиро дар вуҷуди беолоиши Хисомиддин медонад, ки мегӯяд: «Ин кӯшишро ман ба дархости касе кардам, ки сарвар, такягоҳ ва мӯътамади ман аст ва порае аз пайкари ман аст, ки дар он рӯҳи ман ҷой дорад ва захираи имрӯзу фардои ман аст».[157]

Дар миёни осори Мавлоно Ҷалолиддин-Маснавӣ нақши ниҳоят бузург дорад. Ин осори фалсафию ирфонӣ, китобест таълимӣ, ки сайру сулуки усули тасаввуфу ахлоқро фаро мегирад. Албатта то замони Мавлавӣ «Мантиқуттайр»-и Фаридуддини Аттор «Ҳадиқа»-и Саноӣ ва «Гулшани роз»-и Шабустарӣ вуҷуд доштаанд, вале ба он вусъати ҳаҷми зоҳиру ботини Маснавӣ, ки маҷзубиятро дар ҳалли ҷазаба ба доираи маҷнуният кашонид, набудаанд. Аз ин нигоҳ Мавлоно дар густариши тариқати суфия ба ҳукми солики маҷзуб дар хеш фурӯ меравад ва ибдидои маснавиро бо:

***Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,***
***Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.***

оғоз менамояд. Бояд зикр кард, ки тамоми шореҳони Маснавӣ аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомӣ, Яқуби Чархӣ, Николсон Фурӯзонфар ва дигарон бар онанд, ки **най** симои орифонаи **инсони комил** аст.

Истилоҳи **инсони комил** асоси маънавиёти Маснавиро фаро мегирад, ки он ҳанӯз аз диди ирфону тасаввуфи ибни Арабӣ ба зуҳур пайваста, бибаъд роиҷтарин истилоҳ дар миёни мутасуфиён будааст. Ба назари аҳли суфия **кавн-**олами ҳастист, ки инсон зубда ва ё баргузидаи ҳастӣ буда, руҳи олам аст ва олам ҷасади ӯст. Гузашта аз ин Ибни Арабӣ таъкид мекунад, ки **«ҷаҳон бидуни инсон колбадест мурда».**

Азизи Насафӣ мегӯяд: «Бидон, ки ҳар чизе, ки дар олами кабир исбот мекунанд бояд, ки намудори он дар олами сағир бошад. То он сухан рост бувад. Аз ҷиҳати он ки олами сағир нусхаву намудари олами кабир аст ва ҳар чизе, ки дар олами кабир ҳаст, дар олами сағир намудори он аст[158].

Шайх Муҳаммади Шабусторӣ дар «Гулшани роз» мақому манзалати **инсони комилро** чунин ба тасвир мегирад:

***Яке раҳ бартар аз кавну макон шав,***
***Ҷаҳон бигзору худ дар худ ҷаҳон шав.***

Чунон ки мебинем, **инсони комил** баргузидаи олами руҳониву ҷисмонӣ[159] буда, маҷмӯи дунёи кабирро дар хеш ғунҷоиш медиҳад.

Пас, **инсони комил,** ки олами сағир аст, андаруни олами кабир буда, тамоми муаммоҳои онро дар хеш муҷалло мегардонад.

---

155 Ҳамон асар. С.117
156 Кулмиёти Шамс. Ҷилди панҷум. С.103.
157 Маснавӣ. С.15.
158 *Азизи Насафӣ*. Ал инсон ал-комил. С.355.
159 Шарҳи «Гулшани роз». С.227.

Дар ин замина Ибни Арабӣ мегӯяд: Нест инсон ба ҳазрати Ҳақ Таоло нисбати мардумаки чашм аст бо чашм ва дида бад-он ҳосил ояд. Аммо нишонаҳову вижагиҳои **инсони комилро** ин гуна гуфтаанд:

**Инсони комил** он аст, ки ӯро чаҳор чизи бакамол бошад: **ақволи неку афоли нек, ахлоқи неку маориф.**

Ташбеҳи **инсони комил** ба най аз он ҷост, ки даруни ӯ аз тааллуқоти дунявӣ ва ҳавои нафсонӣ холист.

Ҳамон тавре, ки нойи ту пурдамии найро мунъакис намекунад, инсон ҳам, ки дарунаш холӣ аз ҳавову ҳаваси нафсонӣ ва тааллуқоти дунявӣ бошад, наметавонад дами илоҳиро мунакис кунад.

Мувофиқи тасдиқи худи Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ»[160] асосан аз шарҳу тафсири 18 байти аввали дафтари аввали асар, ки зикрашро қаблан овардему ба номи «Найнома» шӯҳрат дорад, иборат аст. Дар ин бахши шоҳасари мазкур тасвири найи ғамгину нолон ҷой дорад, ки ӯ аз дур афтодану ҷудоиҳояш аз маншаъи аслии худ-найистон аз замири дили пурреш оҳҳои ҷонсӯз мебарорад ва ягона матлабу орзуи ҳаётиаш боз баргаштан ба маскану вазъи нахустинаш мебошад.[161]

Мавлавӣ мақоми **инсони комилро** дар асари дигари хеш «фиҳи мо фиҳи» таъкидан ёдрас мекунад: Дар ирфони классик мақомоти анбиёи салафро рамзе аз маротиби **инсони комил** донистаанд ва бино бар назари Муҳйииддин ибни Арабӣ дар китоби «Фусус-ул-ҳикам, яъне «Ҷавоҳироти ҳикмат», ҳар як анбиёи мазкур дар Қуръон ба мартабае аз маротиби **камоли инсонӣ** ишорат мекунанд.

Аз ҷумла Мусо, ки лақаби **«калимуллоҳ»** акс ёфта ва пайравони ӯро ба ҳамин муносибат **калимӣ** хондаанд - рамзе аст аз мартабаи шунидани каломи илоҳӣ, чунон ки ҳатто вақте ба ривояти Қуръон, Худованд дар водии муборaки Айман бар дарахт таҷаллӣ кард, ба «гӯш»-и Мусо аз дарахт нидо расид, ки манам Парвардигори якто. Байти зер, ки назди омма ривоҷ ёфта ва ағлаб иштибоҳ хонда мешавад, мушъир ба ҳамин маъност:

***Муҳаммад «дидан»-у Мусо «шунидан»,***
***Шунидан кай бувад монанди дидан?***

Чунонки мебинем, аксари муҳаққиқон, ки ба зиндагиномаву осори Мавлавӣ сарукор доштаанд, ӯро бузургтарин шахсияти аҳли тасаввуф шинохтаанд. Муҳаққиқи Олмонӣ А.Шимел дар ин хусус менависад: «Аммо беш аз олами ҷамодоту гиёҳҳо ва ҳайвоноту дунёи одамӣ Мавлавиро ба сӯи худ мекашад ва камтар ҷанбае аз зиндагии инсон, ки бад-он напардохта бошад. Мавлавӣ ҳамчунин Расули акрамро ба моҳ монанд мекунад, ки он ҳам роҳи мардумонро мунаввар месозад. Аз ин ҷост, ки **нури муҳаммадӣ** дар саросари маснавӣ ва Девони Шамс ҳамчун таҷассуми **инсони комил** фаровон ба чашм мерасад.

#### ОБРАЗ СОВЕРШЕННОГО ЧЕЛОВЕКА В «МАСНАВИИ МАЪНАВИ»

В статье рассказывается о том, что по утверждению Руми, настоящие влюбенные всегда находятся в молитве. Но существуют такие влюбленные, любовь которых основывается на боязни Бога и смерти. Но Бог не нуждается в такой любви, на любви, о которой говорят: «Боишься, значит любишь».

---

[160] Шарҳи ҷомеа. Маснавии маънавӣ, дафтари аввал. Теҳрон. 1384. С.53.
[161] Офтоби маърифат. Маҷмӯи мақолот. Душанбе. 2007. С.196.

## УСТОД РӮДАКӢ ПОЯГУЗОРИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОЧИК

**Азизаи Давлатшоҳ**[*]

Чун ашъори бозмондаи устод Рӯдакиро такрор ба такрор хондам, бо меросу осори қаламкашони пеш аз ӯ ва ҳамзамононаш қиёс намудам, ба андешае омадам, ки тарзи суханронии ӯ бо пурмазмунӣ, равонӣ, тарзи баён, сабк, андешаронӣ аз кулли он доноёни сухан фарқ мекунад. Дарёфтам, ки ӯ забони тоҷикии варорудиро (забони асили тоҷикиро), ки сарчашмаи илҳоми саршораш буда, моя, поя, ҳастии эҷод қарор дода дар ҷодаи эҷод як роҳи наве бикшудааст.

Ба қавли худаш ба тарзи навгувора (тозаназарона) сухан гуфта ва дурр суфта, ҳамзамонон ва ҳам пасовандон дар ҳайрат гузошта, ба олитарин рутба - одамушшуаро сазовор гардидааст. Андешаҳои зери мо исботи даъвӣ хоҳанд гашт.

Устод Рӯдакӣ, шеъру забони ӯ таваҷҷӯҳи каминаро ба худ кашид. Бояд иброз дорам, ки баёнгари зиндагиву чаҳони андешаи шоир эҷодиёти ӯст. Абармарди ҷахони сухан устод Рӯдакиро (858-941), ки «варо бузургию неъмат зи Оли Сомон буд», муаллифи «сенздаҳ раҳ сад ҳазор» шеър» (як миллиону сесад ҳазор байт), эҷодгари достонҳои «Калила ва Димна» (18 ҳазор байт), шаш маснавии дигар, «Синбоднома» (дар вазни «Калила ва Димна»), «Даврони офтоб», қасидаҳои «Ардойвирофнома» (аз забони паҳлавӣ ба тоҷикии форсӣ), «Ароис-ун нафоис», «Тавоиф-ул-латоиф», қасидаҳои «Модари май» (саҳеҳаш қасидаи «Май»), «Шикоят аз пирӣ» (саҳеҳаш қасидаи «Пирӣ»), беш аз 220 қасоиди дигар (6840 ё 13680 байт), муаллифи манзумаҳои зиёд, ғазалиёту рубоиёти олӣ, қитаъот, дигар навъҳои шеъри равон, луғати тафсирӣ ёд кардаанд.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро метавон бетардид гирдовари вожаҳои маънӣ, шоири маъниофарин номид. Зеро дасти қаламаш гӯё, гули нахли дилаш буёст.

Бо фарогириву мутолиаи жарфи мероси пешгузаштагону ҳамзамононаш, зери таъсири он чи бипазируфт ва он чи дар замон диду натиҷагирӣ кард, ба сухансириштӣ пардохт, кӯҳнагуй накард, сухани нав овард ба чаҳону ба хонаи сухан. З-ин рӯ шеъраш нури аршро монову зоянда ва устувору поянда бимонд. Шеъраш ба гӯшҳо чун навои мурғи хирад бирасид, ба ҷонҳо кора кард, ҷоннавоз гашт. Бо эҳсоси баланд хубу гуворою хоксорона садо дардод:

***Дили ман арзане, ишқи ту кӯҳе,***
***Чӣ сои зери кӯҳе арзанеро***[162]***.***

***Номат шунавам, дил аз фараҳ зинда шавад,***
***Ҳоли ман аз иқболи ту фархунда шавад.***
***В-аз ғайри ту ҳар ҷо сухан ояд ба миён,***
***Хотир ба ҳазор ғам пароканда шавад***[163]***.***

Шеъри Рӯдакӣ бо волоияш дороии абад гардид. Шеъри Рӯдакиро чун жарф ва такрор ба такрор мутолиаву зери лаб зам-зама намудам, пиндоштам, ки чашмасори зулоли куҳсору «Аз уқди лаол (марворид) моломол» (Абдураҳмони Ҷомӣ) аст. Яъне назми гуҳарбахш ҷону рӯҳафзост.

Чун ба қористони ӯ менигарӣ дар ҳайрат мемонӣ. Зеро худро гоҳ дар хунистони лолазорони хандон, гоҳ зери борони найсон, гоҳ ғарқаи мавҷу набардҳои тӯфон, гоҳ

---

[*] *Азизаи Давлатшоҳ* – муаллимаи калони кафедраи Забонҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия.

[162] *Рӯдакӣ*. Девон. Таҳияи матн аз Усмон Назир. Душанбе. Рафиграф. Душанбе. 2008. С.39.

[163] Ҳамон ҷо. С.68.

дар сугистон, гоҳ дар партави чароғи равшани дониш мебинӣ ва роҳ мегирӣ баҳри омӯхтани таҷрибаи рӯзгор, ки баҳри дафъи ҳаводисҳо ба кор ояду барои ҳифзи ҷону тан ҷавшан гардад:

***Дониш андар дил чароги равшан аст,***
***В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст[164].***

***Бо сад ҳазор мардум танҳоӣ,***
***Бе сад ҳазор мардум танҳоӣ[165].***

Аз шеъри Рӯдакӣ дарёфтам, ки лафзу маъниро ба ҳам васл намуда, як забони зебову шево, гуворову рӯҳафзои пур аз латофату назокат, пур аз тасвирҳои ҳарири лафзиву маънавӣ офарида, ба худ нисбати хеш нахуст гуфта:

***Инак мадҳе чунон, ки тоқати ман буд,***
***Лафз ҳама хубу ба маънӣ осон[166].***

Аз мутолиаи шеъри ҳакимонааш дарёфтам, ӯ бо мардум буда, забони мардуми сарчашмаи пок, ширинполои шеъраш будааст. Ба сабки мардумӣ чаҳ-чаҳ зада:

***Гули баҳорӣ, бути таторӣ,***
***Набид дорӣ, чаро наёрӣ?[167]***

Ва:

***Ишкро гар паямбарӣ, лек,***
***Ҳуснро офаридагор туӣ[168].***

Аз мутолиаи шеъраш пай бурдам, ки аз ҳар байташ садои мардумӣ ба гӯш мерасад.

***Бе руйи ту хуршеди ҷаҳонсуз мабод,***
***Ҳам бе ту чароги оламафруз мабод…[169]***

Дарёфтам, ки шеърро ба ҳикмату зарбулмасалу мақолхои халқӣ намакин намуда: «Макун бад, агар бад махоҳӣ», «Касе набардоштааст ба даст ду харбуза», «Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст», «Маяфланч, душман, ки душман яке фузун асту дӯст аз ҳазор андаке». «Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас».

Ва:

***Морро ҳарчанд беҳтар паварӣ,***
***Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ[170].***

Ва:

***Дурусту рост кунад ин масал Худой варо,***

Ва:

***Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,***
***То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт[171].***

Чун ба умқи ашъори устод Рӯдакӣ сар фуру барӣ, пай мебарӣ, ки аз ганҷинаи забони халқи хеш ва забонҳои дигар (арабӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, ҳатто туркӣ ва ғайра) хеле бомаҳорат истифода бурдааст. Устод, ки нисбат ба худ серталаб буд, беасос даъвии навгуворагӣ накардаст.

---

164 Ҳамон ҷо. С. 106.
165 Ҳамон ҷо. С. 129.
166 Ҳамон ҷо. С. 50.

167 Ҳамон ҷо. С. 50.
168 Ҳамон ҷо. С. 68.
169 Ҳамон ҷо. С. 23.
170 Ҳамон ҷо. С. 90.
171 Ҳамон ҷо. С.100.

***К-аз шоирон наванд манаму навгувора,***
***Як байт парниён кунам аз санги хора***[172].

Волоияти гуфторро бинед, ки бо маҳбуба чӣ мегӯяд: «Номат шунавам дил аз фараҳ зинда шавад»: «Бе руйи ту хуршеди чаонсуз мабод»: «Аз хуми фироқ нӯш бодат ҷоме»: «Дар ишки туам на сабр пайдост, на дил»: «Тарсам, ки бимирад он чароғе, ки туростׅ»; «Бар чеҳр ҳазор гул зи розам бишкуфт». Ва гӯё бо мукаллами Монӣ менигарад:

***Рӯят-дарёи ҳусну лаълат-марҷон,***
***Зулфат-анбар, садаф-даҳон, дурр-дандон.***
***Абрӯ-киштию чини пешонӣ-мавч,***
***Гирдоби бало габгабу чашмат-тӯфон***[173]!

Чун шеъри Рӯдакӣ мешунавӣ, мепиндорӣ, ки булбулони ошиқи гул дар чаманҳои зиндагӣ нағмасарой доранд, мепиндорӣ, ки олам шашмақом месарояд, мепиндорӣ, ки хуршед бо тулӯи худ сиришки зар мерезад, мепиндорӣ, ки субҳи сафо ҷони тозаат мебахшад, мепиндорӣ, ки чаҳон дар оғӯши туст ва «Ҳеҷ шоди нест андар ин чаҳон»,-мегӯи. Нидо мекунӣ: «Бода пеш ор, ҳарчи бодо, бод»; «Тараб гӯйи, ки андар дил дуои мустаҷоб астӣ»; «Ғам нест в-агар ҳаст, насиби дили аъдост». Ва:

***Кор чун баста шавад, бикшоядо,***
***В-аз паси ҳар гам тараб афзоядо***[174].

Дар заминаи мисолҳои оварда метавон ҳадс зад, ки шеъри рӯдакивор хусусиятҳои хосаро дорост: дар он ҳама гуфтор-мӯҳтаво, забон, луғат, баён, сабк, воситаҳои тасвир (беш аз саду чанд то) – содда, муқаррарӣ, рӯзмарра, ҳамагонӣ, заминӣ, тибии осон аст. Дар тасвири ӯ чизи ноошно, ношинос, хаёлӣ, бофта, сунъӣ, ғайримуқаррарӣ, ғайри табиии вуҷуд надорад; ҳама чиз муҳтаво, забон, луғат, баён, тасвирҳо бикранд. Чанд мисол:

***Лола миёни кишт бихандад хаме зи дурр,***
***Чун панҷаи аруси ба ҳино шуда ҳазиб***[175].

Ва:

***Бунафшаҳои тари хел-хел сар барканд,***
***Чун оташе, ки ба гугирд дардавад кабуд***[176].

Ҳамаи гуфтор бо содагиву тозагӣ олианд:

***Зиҳӣ, фузуда ҷамоли ту зебу ороро,***
***Шикаста сунбули зулфи ту мушки сороро…***[177]

Аз ин рӯ, ба андешаи мо шахсони зер рост гуфтаанд: «Алфоз хушу маъонӣ рангин» (Дақиқӣ); «Ғазал Рӯдакивор некӯ бувад» (Унсурӣ); «пайвандгари каломи пароканда ва эҷодгари дури оганда» (Фирдавсӣ); «гӯяндаи маъниҳои дақиқ» (Авфӣ); «Суханпардози содаву самимӣ» (Хермон Эте); «Маҳорат босазо» (Шиблӣ); «Зеби ҷумла ҷаҳон» (Марвазӣ).

Ҳазрати Мирзо Абдулқодир Бедил сухани олие дорад:

***Ғозаи хусни адо осон намеояд ба даст,***
***Фикр хунҳо мехурд то ранг мегирад сухан***[178].

---

[172] Ҳамон ҷо. С. 71.

[173] Ҳамон ҷо. С.106.
[174] Ҳамон ҷо. С. 41.
[175] Ҳамон ҷо. С. 45.
[176] Ҳамон ҷо. С. 71.
[177] Ҳамон ҷо. С. 72.
[178] Ҳамон ҷо. С. 126.

Ҳар ғозаи ҳусни каломи Рӯдакй бо хуни ҷони ӯ рангин гашта ва хеле зебо. Ва бешак шеъри ӯро метавон шеъри андеша номид. Метавон тасдиқ кард, ки забону сабки ӯ ҳамчун муайянкунандаи шеър, ҳамчун пайвандгари ормонҳои инсонй бо воқеият, ҳамчун идомадеҳи суннатҳои қадимии созу овоз, худи ӯ идомадеҳу рушдбахши навсози беҳин андешаҳои бузургони пеш аз худ, аҳди худ ва навгӯю навназару навҷӯи суннатҳои қадимии мост. Яъне устод Рӯдакй чашму чароги фарҳанг, адаб, забони форси тоҷикии дарист. Боифтихор бояд бигӯем, ки Рудакй дар сухан нававар аст.

Ин далолат ба он аст, ки забони сара, пухта ва пурҷавҳари устод Рӯдакй қарнҳо «саҳеҳу оливу» амиқ буда, ҳамеша ба дилҳо илҳомбахшу корагар будаву ҳамин тавр хоҳад монд. Дар шеър калимаҳоеро истифода намудааст, ки маълум буданд. Чунончи оид ба мақомот: шоҳ, шаҳаншоҳ, шаҳриёр, малик, маҷлис, ёвар, маслиҳатгар, чорасоз, дастурдиҳанда, амир, вазир, кишвар, мардум; мансуб ба такягарӣ: лашкар, сипоҳи мусаллаҳ ба тиру камон, найзаву шамшер, теғу пайком, ҳадангу синон, гулулаҳои нафтбор, хасм, гази найза, аду, хайли рамз, сипар, корзор; калимаҳои мансуб ба ҷанг: ҷанг шамшер, фитнаву ғавго, қабзаи камон, ҳарос, нисори тир, синон, оташи сӯзон; калимаҳои мансуб ба хизматгорй, оббозй, нигаҳбонй: канизак, банда, раҳи, чокар, ғулом, пешкору пешёр; калимаҳои мансуб ба зеби кишвар: аспсаворӣ, наванд, рахш, якрон; чорвои мансуб ба деҳнишинон: буз, меш, гусфанд, барра, нахчир, рама, шот, гуч. Гов, шутур ва ғайра намуди ҳайвоноту ҳашарот: шер, зайгам, паланг, гург, юз, оҳубара, рубоҳ, гурба, харгӯш, мор, гурза. Афъи, каппи. Бузина, мӯш, каждум, карбоша ва ғайра; калимаҳои мансуб ба ҳусни баҳору табиати фусунгар: гулу лола, савсану арғувон, бунафша, пилгӯш, садбарг, ёсуман. баргаст, райҳон, наргис, насрин, настаран, нилуфар, суман, сан, саму сунбул, боғу роғ, бӯстону чаман, кӯҳу даман; калимаҳои мансуб ба кишрҳои аҳолӣ: кадевор, деҳқон; асбобҳои рӯзгор: белу каланд; вожаҳои мансуб ба меваҷот: себ, биҳй, санҷит, челон, писта, бодом, ангур, анҷир, нор, анор; калимоти мансуб ба маю шаробу хуш; калимаҳои мансуб ба асбобу анҷому ҷой ва ғайра қишрҳои ҷомеа: пожванд (ғалака), (офруша), (ҳалвои ордӣ), ғабшанг (халачуб), куном ( чарогоҳ), канур (сандуқ), сипар (юғ), дашт, роғ, мағок, ханба, (чордевори тахтагин), ғеша (гуш), тарфанҷ (роҳи кӯҳӣ), ғунда (ҳашароти заҳрнок); пойафзол: пойдон, полик (чоруқи мукй), кафш, кашкола; калимаҳои мансуб ба либосҳо, пустинҳо, роҷоеъ бо зисту зиндагй: сарпаноҳ, хайма, чодар, коза-каппа, бачкам-боргоҳ, куён-хаймаи арабҳо, насор-соябон; калимаҳои мансуб ба олами паррандагон: боз, уқоб, шахиш-паррандаи хушовоз, сор, булбул, кабк, таз, сулсул, каргас, пупак, чаковак, фохта, парасту, зоғ, мог, (мурғ), бум, чуғз, шоҳин, куланг, титов, гуроз, уфсур, симурғ, ва гайра; асбобҳои мусиқй; савту навову навозандагӣ: чанг, барбат, руд, танбур, даф, най, табл, кус, табир, табурок, хунёгар,чангнавоз, бонг, нола, зер (бонги зер), лаҳн, лахнак, суруд, нағма, сурудгӯён, савт, наво, таблзан, фиғон, ҳазордастон ва ғайра.

Устод дар калимасозии тоҷикии форсй беҳамтост: або, абр, боз, бом, бат, вом, нек, бад, дом, ангубин, ангез, зебо, бода, бех, анзан, ангур, аргувон, варг, ашк, бароз, буруз, ғирев, ғуч, ҷав, ҷӯй, ва ғайра. Дар сохтани калимаҳои мураккаб дасти тавоно дорад: огин, гулранг, бадандеш, чангнавоз, гармоба, нористон, савсанбаногуш, биҳиштойин, гуспандкӯшон, озарфазо, гандапир, покнажод.

Яъне, нигорхонаи бемислест шеър ва забони устод Рӯдакй. Аз гуфтаҳои фавқ метавон чунин натиҷагирӣ кард: Устод Рӯдакӣ бо забонаш вазифаи мукаддаси эҳёгари тамаддун, ба ҳамқарин намудани инсонҳо вазифаи якпорча монондани фарҳангу тамаддунҳо, вазифаи башардустй, тарғиби башардӯстиро адо намуда, тарғибгари мақоми бениёзи донишу хирадро иҷро намудааст. Ӯ бо хуршеди андешааш дилҳоро мусаххар ва мунаввар карда ва то абад парчамбардори ин амр мемонад.

**РУДАКИ – ОСНОВОПОЛОЖНИК ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА**

В статье обоснована мысль о том, что все творчество Рудаки пропитано идеей воспитания человека в духе патриотизма, любви к Родине и ее природе, а также стремлению человека к обучению и наукам, к совершению добрых дел.

Автором делается вывод о том, что произведения великого классика таджикской литературы могут принести большую пользу в деле подготовки кадров для органов внутренних дел в духе патриотизма и преданности своему делу.

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمنِ الرَّحِيمِ

# Забони миллӣ ва такмили он

**Саидолимов К.С.***

Забони миллии ҳар як давлат як ҷузъи муҳимтарини фарҳанги миллии он маҳсуб шуда, чун гушту нохун пайванди ногусастанӣ доранд. Забон падидаи ҷамъиятист ва он маҳз бо ҷомеа мавҷудияти хешро ҳифз мекунаду тавассути аъзоёни он рушду такомул мепазирад. «Набояд фаромӯш кард, ки забони модарӣ муҳимтарин бахше аз ҳастии маънавии инсон ва миллат аст»[179].

Густариши фарҳангу маданияти ин ё он миллат ба забони миллии он иртибот дорад ва рисолати аслии забон ба ҷамъият хидмат кардан аст. Пас, чунин саволе ба миён меояд, ки раванди ташаккули забони давлатӣ, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кадом сатҳ қарор дорад ва кадом авомиле вуҷуд доранд, ки дар густариши татбиқи Қонуни мазкур монеа ва халал эҷод мекунанд?

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ – донишманди равшанзамири тоҷик, ҳанӯз чаҳор сол қабл дар яке аз мусоҳибаҳои хеш бо рӯзноманигор А.Умарзод, ки мӯҳтавои он дар шумораи 4-уми ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ба табъ расида буд, чанд омили номатлубро ёдрас шуда буданд, ки ба густариши забони давлатӣ монеа мешуданд. Яке аз он омилҳо, чунонкӣ ба ҳамагон маълум аст, ҷанги бародаркуши 15-20 сол қабл буд, ки на танҳо боиси хароб гаштани вазъи иқтисодӣ, балки яке аз сабабҳои асосии паст гаштани сатҳи забондониву маърифатнокии шаҳрвандон ва дур шудани онҳо аз маданият буд. Устод Шакурӣ аз вазъи забони рӯзномаву маҷалла, сатҳи камсаводии бархе аз наттоқони телевизиони ватанӣ, намоишномаву навиштаҷот ва эълому шиорҳо изҳори нигаронӣ карда, чунин вазъро яке аз сабабҳои рушду такомул наёфтан ва олудашавии забон медонад. Сабаби ин, пеш аз ҳама, беҳавсалагии афроди масъул ва бесаводиву аз мутолиа дур будани онҳост.

Барои он ки забони садову симо, матбуот ва умуман забони давлатии мо шакли воқеан адабиро гирад ва ё ба сатҳи забони миллӣ расад, мо бояд омӯзиши фанни забон ва адабиётро аз кӯдакистон то хатми донишгоҳ бо тарзу усули ҷадид ташкил ва ба роҳ монем, ки чунин пешниҳод дар китоби арзишманди Устод Шакурӣ таҳти унвони «Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ» (2002) таъкид шудаст.

Омили дигаре, ки боиси хароб гардидани забони давлатӣ гардид, ба пиндори ин ҷониб, ин дар забони гуфтугӯӣ, муошират ва ҳатто дар забони адабӣ бемавқеъ ва ноҷо истифода бурдани вожаҳои ғалату дурушти забонҳои ғайр аст, ки он бисёртар байни ҷавонон, хусусан онҳое, ки муҳассилин ва хатмкардагони макотиби таҳсилоти миёнаи ҳамагонии русӣ ва муассисаҳои олии таълимии русианду ҳастанд, роиҷ аст. Далели ин гуфтаҳо ҳангоми дар нақлиёт, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои номбаршуда муошират кардани ҷавонон аст, ки ҳар кадоми мо шоҳиди онем. Сабаб ин ҳама дар бетарафиву бешарафӣ ва бепарвоӣ зоҳир намудан ба забони давлатист.

Омили дигаре низ вуҷуд дошт, ки дар татбиқи забони давлатӣ то андозае монеа эҷод мекард, вале, хушбахтона, он бо мурури замон аз байн рафт. Ин омили

---

* *Саидолимов К.С.* - - сардори кафедраи Забонҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми филология, подполковники милитсия.

179 *Ниг.*: *Шукурзода М.* Фарҳанги миллӣ ва забони модарӣ дар низоми таҳсилот. Рӯдакӣ (Фаслномаи адабӣ-фарҳангии Ройзании Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон). Душанбе. 2005. № 6. С. 77.

нигаронкунанда дар вазорату идораҳо ва корхонаву муассисаҳо бо забони давлатӣ сурат нагирифтани коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ буд, ки ин раванд ба ифтихори миллӣ ва рушди забони давлатии мо халали ҷиддӣ ворид месохт. Ин падида қаблан дар сохторҳои болоӣ низ мушоҳида мешуд, вале имрӯз бо боварии том метавон гуфт, ки номуси миллӣ ва ифтихори забондонии мардуми тоҷик тавассути сиёсати оқилонаи сарвари давлат ҷиҳати эҳтирому пуштибонӣ кардан аз забони миллӣ афзудааст ва мардум ба ин ду муқаддасоти миллии хеш аҷр мегузоранд.

Омилҳои дигари фосидкунандаи забони адабиро Сайидаҳмади Қаландар дар яке аз мақолаҳояш таҳти унвони «Се омили фосидкунандаи забони адабӣ» чунин қайд кардааст:

- дар шароити озодии ҳунар, аз ҷумла ҳунари овозхонӣ ва матни овози овозхонҳои даҳ соли ахир ба саҳнаи ҳунар воридшуда ҷой доштани ғалатҳо;

- таблиғи маводу колоҳои тиҷорӣ, эълонҳои ширкатҳои дохиливу хориҷӣ ба забони тоҷикӣ;

- таблиғоти тиҷорӣ аз донишу фанни мутарҷимии бисёр поинӣ бархӯрдорбуда, ки ин омил бо таваҷҷӯҳ ба густурдагии ин эълон дар сатҳи шаҳрҳо ва маобири умумӣ халали ҷиддӣ ба забони адабии меъёр ворид мекунанд.[180]

Дар пешгириву рафъи омилҳои манфии фавқуззикр, пеш аз ҳама, мақомоти дахлдори татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (пеш аз ҳама, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АИ ҶТ, Вазорати фарҳанг, Кумитаи радио ва телевизион, Бунёди забони тоҷики-форсӣ ва ғайра масъуланд.

Набояд фаромӯш кард, ки нақши сарвар (аз Президент сар карда то сарварони поёнӣ) дар бедории миллӣ ва ифтихор аз меҳану забони миллӣ басо назаррас ва ногузир аст. Қиссаи «Амир кардани Расул алайҳиссалом ҷавони ҳузайлиро[181] дар саррийяе, ки дар он пирону ҷангозмудагон буданд» ба хотир мерасад[182], ки дар «Маснавии маънавӣ» Мавлоно тавассути он чеҳраи сарвари комилу оқилро офарида, бад-ин васила, нақши ӯро дар рушду нумӯи ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт ва усули давлатдорӣ таъкид месозад. Чун Расул алайҳиссалом ҷавони ҳузайлии тануманду ҷасур ва сипоҳеро, ки дар набардҳо борҳо аз имтиҳони паёмбари гиромӣ гузашта буд, сарлашкар таъйин мекунад, пирони ҷангозмуда эътироз карда мегӯянд:

***Ё расулаллоҳ! Ҷавон гар шерзод,***
***Ғайри марди пир сарлашкар мабод.***
***Ҳам ту гуфтастиву гуфтӣ ту гуво***
***«Пир бояд, пир бояд пешво».***
***Ё расулаллоҳ! Дар ин лашкар нигар,***
***Ҳаст чандин пиру аз вай пештар.***
***З-ин дарахт он барги зардашро мабин,***
***Себҳои пухтаи ӯро бичин.***
***Баргҳои зарди ӯ худ кай тиҳист?***
***Ин нишони пухтагиву комилист.***
***Барги зарду ришу он мӯйи сапид,***
***Баҳри ақли пухта меорад навид.***
***Баргҳои наврасида (й) сабзфом,***
***Шуд нишони он ки он мева(а)ст хом.***
***Пойи пир аз суръат арҷӣ бозмонд,***
***Ёфт ақли ӯ ду пар, бар авҷ ронд.***
***Гуфт пайғамбар, ки эй зоҳирнигар,***

---

180 *Нигаред*: Рӯдакӣ (Фаслномаи адабӣ-фарҳангии Ройзании Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон). Душанбе. 2005. № 6. С. 150.
181 *Ҳузайл* – номи мавзеъ
182 *Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ (Румӣ).* Маснавии маънавӣ. Теҳрон. 2001. С.392.

***Ту мабин ӯро ҷавону беҳунар.***
***Эй басо риши сиёҳу марди пир,***
***Эй басо риши сапеду дил чу қир,***
***Ақли ӯро озмудам борҳо,***
***Кард пирӣ он ҷавон дар корҳо.***
***Пир -пири ақл бошад, эй писар!***
***На сапеди(й) мӯй андар ришу сар.***
***Ҷаҳд кун то пири ақлу дин шавӣ,***
***То чу ақли кулл ту ботинбин шавӣ…***
***Асли лашкар, бегумон, сарвар бувад,***
***Қавми бесарвар тани бесар бувад.***
***Ин ҳама, ки мурдаву пажмурда,***
***З-он бувад, ки тарки сарвар кардаӣ.***
***Аз касал в-аз бухл в-аз мову манӣ,***
***Мекашӣ сар, хешро сар меканӣ.***[183]

Торих гувоҳ аст, ки мо бо вуҷуди садсолаҳо ин ҷониб таҳаммул намудани бори гарону сахтиҳо, забони хешро, ки аз бузургтарин нишона ва муқаддасоти миллиамон маҳсуб аст, бо ҳазорон кулфату ноумедиҳое, ки бар сарамон омад, ҳифз намудем ва яке аз сабабҳои асосии мавҷудияти миллати тоҷик ва боқӣ мондани он низ ҳамин аст. Оре, ҳақ ба ҷониби шоир аст, ки фармуда:

***Он қадар садсолаҳо мо путк бар сар хӯрдаем,***
***Сахтимон, сахтҷон аз сангу сандонем мо.***
***Қудсиён то шеъри Ҳофиз ҷумла аз бар мекунанд,***
***Ахтари тобандаи ҳар бурҷу кайҳонем мо.***
***Шири Модар нӯши ҷони Румиву Аттор бод,***
***Ворисони барҳақи Эрону Туронем мо.***
***Дар дифои моми миллат ҷони мо арзонӣ бод,***
***Дар Намангон ё Самарқанд, ё ки Гелонем мо.***
***Дар Самарқанд тоҷи мо турид аз тӯфони гуз,***
***Дар Бухоро интизори Оли Сомонем мо.***[184]

Истифодаи калимаву иборахо ва таркибу маънихои ғалату номатлуб дар забони мо боиси он мегардад, ки забон бо мурури замон асолати хешро аз даст медиҳад ва муҳимтарин рисолату асолати он ифодаи дақиқу бенуқсони фикр аст.

Дар ин маврид сарвари кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханрониҳояш роҷеъ ба тавоноиву зебоӣ ва шево будани забони ноби модарӣ инчунин поку беолоиш нигоҳ доштани он таъкид месозад.

Донишманди закӣ ва забоншиноси тоҷик Ҷ.Азизқулов дар «Сухан аз забон ва тарзи баён» ном мақолаи олимонаву пурмӯҳтавояш шаклҳои ғалати истифодаи вожаҳои <u>оиди</u>, <u>нисбати</u> (<u>доири</u> – *С.К.*) ва тарзи дурусту саҳеҳ истифода кардани онҳо - оид ба, нисбат ба, доир ба ва инчунин як қатор калимаву таркибҳоеро, ки мутаассифона, на танҳо дар суханрониву навиштаҳои мардуми оддӣ, балки дар навиштаҳои олимон низ ба чашм мерасанд, мавриди муҳокима қарор додаст, ки қобили қабул аст. Дар воқеъ, дар аксари чорабиниву нишастҳои илмӣ мо ҳатто аз забони аҳли қалам ва муҳаққиқин (забондону ғайри забондон) истифодаи ғалати вожаҳо аз қабили *ахборотҳо, тағйиротҳо, маводҳо, ихтилофотҳо, нашриётҳо, мақомотҳо, маълумотҳо, тадқиқотҳо, таҳқиқотҳо, таблиғотҳо, табаддулотҳо, кафиётҳо, уламоҳо, ашхосҳо, афродҳо, асбобҳо, аҷдодҳо, абётҳо* ва амсоли инҳоро мешунавем ва мушкил он аст, ки чун аз лиҳози илмӣ низ ба гӯяндагон ғалат будани

---

[183] *Мавлоно.* Маснавии маънавӣ. С.393.
[184] *Шукурзода М.* Ашки сари мижгон. Душанбе. 2005. С. 15.

шакли ин каламот фаҳмонида ва ё собит карда шавад ҳам, мутаассифона (ва бадбахтона) эътироф намешавад.

Имрӯз сайқал додани забони давлатӣ, поку беолоиш нигоҳ доштани забон вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст ва мардуми мо бояд аз маҷрои «бегонафарҳангӣ», ки боиси парокандагиву носозгорист, раҳо ёбем.[185]

Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом додани корҳоро зарур мешуморем:

1. Барои ислоҳ ва нишон додани нуқсонҳои забони матбуот, садову симо ва нашриёҳои давлативу хусусӣ дар назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисини соҳаи забоншиносӣ як гурӯҳи корӣ ё созмоне ташкил дода шавад.
2. Қонуну санадҳои меъёрие, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузории Тоҷикистон таҳия мешаванд, на аз забони русӣ тариқи таҳтуллафз тарҷума, балки бо забони давлатӣ, ба таври эҷодкорона омода карда шаванд, зеро имрӯз аллакай замоне фаро расидааст, ки мо бояд аз дарди тарҷумазадагӣ раҳо ёбем.[186]
3. Саводнок кардани насли навро мо бояд аз кӯдакистонҳо бар пояи осори классиконамон шурӯъ кунем, зеро насли 60-70 соли гузашта ва имрӯза низ то ҳанӯз ба бемории худбегонагӣ мубталоему илоҷи раҳоӣ аз онро надорем.
4. Дар баробари забони давлатӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз қабили арабӣ, англисӣ, русӣ ва ғайра низ хуб ба роҳ монда шавад.
5. Забону давлат ва миллат, ки «паноҳи якдигаранд», бо тамоми масъулият аз ҷониби соҳибони онҳо ҳифз карда шаванд ва забони миллӣ бояд забони фарҳанг бошад.

**НАЦИОНАЛЬНЫЙ ЯЗЫК И ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ**

Национальный язык каждого государства является важнейшей частью национальной культуры. По мнению автора, являясь явлением общественным, государственный язык может совершенствоваться и развиваться только во взаимодействии с обществом.

В этом контексте на суд читателей автором выносятся несколько предложений, которые, на его взгляд, могут способствовать развитию и качественному совершенствованию таджикского языка как государственного.

---

[185] *Ниг.*: *Шукурзода М.* Зарари «бегонафарҳангӣ»/ Ҳафтаномаи «Зиндагӣ». 26-уми апрели с.2006. С. 8.
[186] *Ниг.: М.Султон.* Мушкилоти забони модарӣ. Рӯдакӣ (Фаслномаи адабӣ-фарҳангии Ройзании Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон). Душанбе. 2005. № 6. С. 43. («Яке аз мушкилоти асосии забони модарӣ имрӯз ба дасти мутарҷимон мондани забон аст». М.С.).

# Система контроля и оценки знаний учащихся на уроках русского языка

**Макеева Н.Е.**[*]

Контроль знаний учащихся выполняет по меньшей мере три функции: 1) управления процессом усвоения, его коррекции; 2) воспитания познавательной мотивации и педагогической стимуляции учащихся к деятельности; 3) обучения и развития.

Для осуществления правильного, целенаправленного управления процессом обучения необходима оперативная *обратная связь*. Проверка знаний даёт преподавателю информацию о ходе познавательной деятельности учащихся, о том, как идёт усвоение, какие следует внести коррективы. Эту связь часто называют *внешней обратной связью*[187]. При контроле получает информацию и сам учащийся. Такую связь называют *внутренней*. Без получения информации о ходе усвоения, без обратной связи не может быть управляемого учебного процесса.

Оценка знаний является мощным стимулом учения. Известно, что глубина и прочность знаний учащихся явно зависят от систематичности и глубины контроля. Там, где контроль случаен, учащиеся учатся хуже. Регулярный контроль воспитывает у учащихся привычку к систематическому труду в аудитории и на самоподготовке, стимулирует систематическую подготовку учащегося к уроку.

Оценка при надлежащих условиях может превратиться во внутренний мотив учения. Это очень важно. Однако борьба за отметки, если она становится главной целью учения, имеет и отрицательную сторону – разобщает группу.

Рассмотрим некоторые наиболее существенные педагогические требования к контролю знаний учащихся.

*Контроль знаний* – это проверка знаний данного ученика, предусматривающая их оценку только по результатам его личной учебной деятельности. Максимально учитываются индивидуальные особенности учащихся. Контроль должен быть объективным, требовательным, без искажений истинной картины знаний учащихся. Даже при доброжелательном к ним отношении многие учащиеся волнуются и отвечают хуже, чем знают, что трудно учесть при выставлении оценки. Недопустимо выставление оценки по принципу: слабому ученику рука не поднимается ставить «хорошо», а отличнику – «удовлетворительно».

Контроль должен быть систематическим, регулярным на протяжении всего времени обучения учащегося в учебном году.

Формы контроля следует разнообразить. Шаблон в контроле знаний недопустим. Проверять не только запоминание, но и глубокое осмысление учебного материала.

Нельзя выставлять оценку в качестве наказания за неудовлетворительное поведение на уроке, плохое прилежание и т.д. Нельзя ставить плохую оценку учащемуся, отстаивающему свою точку зрения, даже если она неверна. Не следует выставлять плохую оценку курсанту, если она работал, но не сумел выполнить задание преподавателя. Не рекомендуется «чтение нотаций» при выставлении плохих оценок. Это подрывает веру в успех и резко снижает интерес к предмету.

---

[*] *Макеева Н.Е.* – старший преподаватель кафедры Языков Академии МВД, подполковник милиции.

[187] *Ананьев Б.Г.* Психология педагогической оценки. Избранные психологические труды. М. 1980. Т.2. С.140

Контроль должен быть всесторонним, охватывать все разделы программы. Нельзя удовлетворительной оценкой за один раздел «закрывать» двойку за другой. Это порождает пробелы в знаниях учащихся.

Необходимо единство требований преподавателей, работающих в одной группе, избегать различной трактовки балла, особенно отличной оценки. Несогласованность в действиях снижает воспитывающую роль оценки.

Перечислим *основные виды контроля*, наиболее распространённые на практике: устный опрос у доски; фронтальный опрос с выставлением оценки; зачёт по теме; различные виды программированного контроля; компьютерный контроль знаний; визуальный контроль за выполнением задания; диктанты; сочинения; письменные ответы по карточкам; контрольные работы; контроль за выполнением домашнего задания с помощью отметок в личном журнале преподавателя; самоконтроль.

Как видим, преподаватель располагает богатым набором средств контроля, что позволяет сделать его достаточно эффективным, регулярным и разнообразным.

При *устном опросе* оценки бывают в форме балла и каких-либо слов, жестов. Преподаватели на оценку словом не обращают должного внимания. Сказал фразу и забыл её. Но подобные высказывания – оценки (« Ты опять ничего не знаешь ?» ) создают для учащихся неблагоприятную эмоциональную атмосферу. Следует помнить, что «не сам по себе вопрос, а изменение отношений в группе, вызванное им на некоторый период времени, делает опрашиваемого неспособным к правильному ответу».

Преподаватель должен терпеливо выслушать ответ любого учащегося и на любом ответе учить всю группу, учить не только слушать товарища и подмечать ошибки в его ответах, но и дополнять, высказывать своё мнение, предлагать свою версию. К сожалению, многие преподаватели не дают учащемуся до конца высказаться, прерывают его, что создаёт обстановку нервозности. Учащиеся неуверенно отвечают, даже если и знают материал. Опрос ведь не допрос.

Исправления и дополнения других курсантов тоже должны быть доброжелательными. Нельзя допускать ни от кого насмешек по поводу неверного ответа. Нет такого учащегося, который бы не переживал при неверном ответе. Публично ругать за неверный ответ – это погубить вообще желание отвечать. Важный показатель мастерства преподавателя – умение слушать. Даже у опытных преподавателей опрос не заинтересовывает, не захватывает всех, если вопросы скучны, неинтересны или формулировки вопросов неудачны[188].

При опросе большое значение имеет методика анализа, дополнений, замечаний и т.д. Курсантов надо учить слушать и дополнять, не повторяясь. Если учащийся при дополнении ответа повторил то же самое, что было ранее сказано, ему нельзя ставить хорошую оценку. Дополнение должно быть чётким и кратким. Дело не только в экономии времени – краткий ответ требует гораздо большей работы мысли и гораздо больше развивает учащегося, чем многословный, того же содержания. Чёткость и активность надо поощрять.

Устный опрос позволяет педагогу учить учащегося высказывать свою мысль. Часто учащийся знает, но не умеет высказать свои знания. Умению высказываться нужно учить. Учась грамотно оформлять свои мысли, учащийся неизбежно учится мыслить.

При рецензировании ответа однокурсника полезно использовать следующий план:

- все ли существенное освещено в рассказе;
- сумел ли учащийся добавить что-либо к учебнику;
- насколько последовательно изложен рассказ;

---

[188] *Леонов Н.Ф.* Самооценка как средство контроля знаний и воспитания учащихся / Сб.: Активизация учебной деятельности учащихся в процессе обучения и воспитания. Экспресс информация АПН СССР. НИИ Общей педагогики. Отдел научной педагогической информации. Передовой педагогический опыт. Вып.9 (57). М. 1989. С.8.

- аргументированы ли умозаключения;
- правильно ли сделан вывод;
- оценить речь учащегося.

Устный опрос – исключительно ценный элемент урока, если его структура проработана в деталях.

Много дают *наблюдения за выполнением упражнений*. За короткое время можно составить представление о знаниях большинства учащихся группы. Такой контроль при надлежащем опыте успешно сочетается с индивидуальным обучением.

*Компьютерный контроль знаний* по сравнению с традиционным имеет существенные преимущества: учитывается разная скорость работы учащихся; задания дифференцируются по степени трудности; повышается объективность оценки, учащийся видит детальную картину собственных недоработок; оценка может выдаваться не только по окончании работы, но и после каждого вопроса. Компьютер помогает педагогу в управлении учебным процессом, выдает результаты выполнения учащимися контрольных заданий с учётом допущенных в теме ошибок и затраченного времени, сравнивает показатели различных учащихся по решению одних и тех же задач или показатели одного учащегося за определенное время.

*Самостоятельным работам* мы придаем особое значение в системе контроля знаний учащихся. Здесь преследуются две цели: 1) дать возможность учащемуся проверить уровень своих знаний и умений; 2) способствовать более глубокому развитию умений применить свои знания. На самостоятельной работе учащийся может пользоваться любой справочной литературой, содержащей правила грамматики, орфографии, пунктуации. Мы никогда не преследовали цель заучивать правила. Главное – уметь их применить. Опыт показывает, что каждый второй учащийся никогда не пользуется справочниками, словарями. Кроме того, возможность «официально» проверить сомнительное написание слова, расстановку знаков препинания исключает бездумное списывание.

На самостоятельной работе вполне возможна и целесообразна разумная наводящая подсказка, поскольку наряду с контрольной функцией самостоятельная работа решает и задачи выработки умения применять знания на практике. Возможность получить помощь преподавателя не только уменьшает стремление списать упражнение, но и заметно развивает учащихся.

*Контрольные работы (диктанты).* Практика показывает, что этот вид работ порождает у учащихся определенную неуверенность, боязнь получить двойку и т.п. Такое психологическое напряжение приводит порой к заметному искажению истинной картины их знаний. После каждой контрольной работы (диктанта) проводится тщательный её анализ, который позволяет выявить, какие вопросы программы не усвоены и каким числом учащихся.

*Анализ ошибок.* Обычно к ошибке относятся отрицательно, не допуская какой-либо ее роли в процессе обучения. Однако это не так. Ошибки учащихся закономерны, и их анализ может служить средством развития мышления обучаемых. Допущенная ошибка говорит о соответствии требований к учащемуся на данном этапе обучения и достигнутых им результатов. Чем самостоятельнее путь получения знаний, тем естественнее ошибка. Очень эффективен путь к знанию через раскрытие причин, порождающих ошибки, поиск правильных приемов решения. Некоторые ошибки можно считать закономерными и использовать как средство обучения.

Важное значение в системе контроля имеет гласность оценки, её краткая аргументация. Иногда возникает вопрос: « Можно ли за примерно одинаковый ответ ставить разным учащимся разные оценки?» В воспитательных целях – да. Способный, но ленивый курсант, не работая на самоподготовке, отвечает на «3,5». Ему бывает полезно поставить «3». Слабому курсанту, которому с трудом даётся предмет, но который много работает самостоятельно и ответил на «3,5», можно поставить «4». Это, на наш взгляд,

справедливо. Такой дифференцированный подход к оценке знаний выступает здесь как эффективное средство воспитания.

Итак, контроль знаний является существенным элементом современного урока. Разнообразные формы и методы контроля делают его эффективным средством управления процессом учения, обучения и воспитания.

**СИСТЕМАИ НАЗОРАТ ВА БАҲОГУЗОРИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ**

Мақолаи мазкур ба масъалаи муҳими методикаи таълим - назорати таълим бахшида шудааст. Дар мақола функсияҳои асосии методика, шартҳои дуруст истифодабарии он, талаботи педагогӣ барои назорати таълим, ҳамчун, намудҳои асосии назорат нишон дода шудаанд.

## СУХАН МОНАД АНДАР ҶАҲОН ЁДГОР…

**Хокироев Р.Г.**[*]

Суханварӣ ҳунаре аст, ки аз рӯзгори басо кӯҳан мавриди таваҷҷӯҳи арбобони фазлу камоли тамоми миллатҳои мухталиф гардида, аҳамияти вижагии он ба қавли Ҳаким Фирдавсӣ «Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор» пойгоҳи мустаҳкамро дар адабиёти ҷаҳон фарогир будааст.

Чун сухан азизтарин муҳаббатҳо буд, воситаи байни Парвардигору бандагонаш қарор гирифт. Дар мавриди аҳамияти сухан ба назар мерасад, ки Фирдавсӣ аз муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ таъсир пазируфтааст. Ҷумлаву иборате, ки дар он ҷо мебинем бисёр шабеҳ аст ба баъзе аз абёти «Шоҳнома» «…то ҷаҳон буд, мардум гирди дониш гаштанд ва суханро бузург дошта ва накутарин ёдгорӣ сухан донистанд…»[189]. Бад-ин гуна, Фирдавсӣ мехоҳад аз ӯ ёдгоре бузург дар ҷаҳон бимонад.

Аз ин рӯ, Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро танҳо аз он ҷиҳат муҳим намешуморад, ки саргузашти Эрони қадим аст, балки «аз он ҷиҳат гирамияш медорад, ки китобе аст гаронбор аз ҳикмат ва ибрат. Китобе, ки равиши зиндагӣ кардан дар ин ҷаҳон ва роҳ будан ба он ҷаҳонро меомӯзад»[190].

Дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ низ ҳунари суханварӣ таваҷҷӯҳи бузургони илму адабро ба худ ҷалб намудааст, ки онҳо дар ин боб доди сухан додаанд ва бо ин суханони пояндаву судманди фаровон қоил шудаанд. Аҳамияти масъала бештар аз он ҷиҳат аст, ки бархе аз суханварони фозил ва мавқеъшинос тавонистаанд, то ҳадде муҷиботи дигаргунии ҷомеаро фароҳам оваранд ва инқилобҳои асосӣ ва бунёдиро

---

[*] *Хокироев Р.Г.* – сардори Шӯъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент, номзади илмҳои филологӣ, подполковники милитсия.

[189] Маҷмӯаи мақолоти Муҳаммади Казвинӣ саҳ. 32 ниг. ба Муҳаммад алӣ Нудушан. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». Теҳрон, 1349. С. 22-23.

[190] Ҳамон асар. С. 23.

пайафкананд. Ин хитоби суханварону забоншиносон чун шамшери бурранда буда, дунёеро мусаххари худ сохта, шӯҳраи хосу ом гаштаанд.

***Чу густурд хоҳӣ ба ҳар ҷой ном,***
***Забон бар кашӣ ҳамчу тег аз ниём***[191]**.**

Суханварӣ ҳамон вақт сарнавиштсоз аст, ки мавриди писанди омма қарор гирад ва дигаргуниву таҳаввул эҷод намояд. Бархе аз суханрониҳо на танҳо эҷоду таҳаввул ва дигаргунӣ намекунанд, балки баръакс шикасте мебошанд суханварро. Аз ин рӯ, сухани ноҷои таъсираш манфӣ монанди бонги кӯдак аст, ки атрофу атрофиёнро нороҳат месозад. Пас суханрони хуб шароитеро дорост, ки удабо ва суханварони мо ба он таваҷҷӯҳ намуда, дар навиштору сурудаҳояшон баён доштаанд. Ҳаким Фирдавсӣ ин шароити мувофиқро дар саросари шоҳкориаш - «Шоҳнома» ва достонҳои ҷудогонаи он риоя менамояд, ки барои хонандагону суханварони гиромӣ муфид мебошад. Ҳамзамон, мефармояд, ки:

***Сухан бишнаву беҳтарин ёд гир,***
***Нигар то кадом оядат дилпазир.***

***Магӯй он чӣ ҳаргиз нагуфтааст кас,***
***Ба мардӣ макун бодро дар қафас.***

***Чу гӯйи ҳамон гӯй к-омӯхтӣ,***
***Ба омӯхтан дар ҷигар сӯхтӣ.***

Барои сухангӯ лозим аст, ки матолиберо, ки перомуни суханронии худ бо таваҷ ҷӯҳ он чизеро, ки дар китобҳо мутолиа намуда, ё аз дигарон шунидааст, гирд оварад ва беҳтарину дилчасптарини онҳоро бипазирад. Ҳамчунин матни суханронии худро таҳия намояд ва он чизҳое, ки шунавандагонро писанд набошад аз доираи суханронӣ берун намуда, арзиши суханро ҷилавгарӣ намояд:

***Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,***
***Сухангӯй дар анҷуман хор гашт.***

***Магӯ он сухан к-андар ӯ суд нест.***
***К-аз он оташ аст, баҳра ҷуз дуд нест.***

Сухандон бояд ба мавзӯи илмӣ ва он чӣ дар китоби мӯътабар баён шудааст (ки мавриди эътимоди ҳамагон аст) сухан гӯяд, то ҳадафашро ба шодӣ роҳнамун шавад. Ӯ худро ончунонки меандешад бишиносад ва ин маънӣ дар «Наҳҷ-ул-балоға» ба таври зайл омадааст, ки: Ҳикматомези амири мӯъминон лайҳисалом Алӣ-ро, ки мефармояд, «Сухан гӯед то шинохта шавад, ки сухани одамӣ дар зери забонаш ниҳон аст»[192].

Сухандон дар назар дошта бошад ва бидонад, ки хирадмандон ва донишмандон то нагӯянд қадрашон пайдо нагардад. Ҷоҳил ва нодон сухан ногуфтанаш шоиста аст, зеро забони баста роздори зиштиҳо ва зебоиҳост. Айбу ҳунари афрод ҳангоми баёни сухан ошкор мешавад. Барои он, ки хирадманд он чӣ дар назар дорад бигӯяд, хуб ва бад онро ба маҳак мезанад ва нодон насанҷида забон ба сухан мекӯшояд. Ба ин маънӣ, Фирдавсӣ мефармояд, ки:

***Забонро нигоҳдор бояд будан,***
***Набояд равонро ба захр омадан.***

---

191 Дар ин мақола аз нашрҳои гуногуни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ба хусус чопҳои Маскав ва Душанбе истифода шудааст. Барои ихтисор аз нишон додани манбаъ, ба ҷуз мавридҳои зарурӣ, худдорӣ мешавад.

192 Наҳҷ-ул-балога. Тарҷумаи дуктур Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ. Баргардони Б.Алӣ. Душанбе. 1999 м (1378ш, С. 432).

Доир ба ин масъала ҳазрати Алӣ мефармояд: «Забони хирадманд дар қафои қалбу андешаи ӯст ва дили нодон паси забони ӯ»[193].

Шахси оқил ва доно вақти сухан гуфтан арзиши суханро дар мизони ақл мегузорад, аммо бехирад ҳарчӣ мегӯяд насанҷида аст.

Пас онҳое, ки натавонанд, ҳамон беҳ, ки аз қабули сухан худдорӣ намояд то он вақте, ки фазлу камол ва донишу маърифаташон ба ҷое расад ва шоистагии байёнро дар байни мардум доро шаванд:

***Зи дониш чу ҷони туро моя нест,***
***Беҳ аз хомӯшӣ ҳеҷ пироя нест.***

Сухангӯйӣ хуб диққат мекунад, ки бар он чӣ мегӯяд бар натиҷаи баёноташ вуқуфи комил дорад, шаҳвати калом надорад ва аз бисёр пургӯйӣ мепарҳезад ва медонад, ки:

***Ки бар анҷуман марди бисёргӯй,***
***Бикоҳад ба гуфтори худ обрӯй.***

Суханварон мавқеи шунавандагон, замон ва маконро ҳангоми баён дар назар мегиранд ва тибқи масали машҳур: «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» амал мекунанд. Ҳамзамон медонанд, ки адам баррасии муҳити атроф мавқеи гӯяндаро нопойдор месозад. Ҳарчанд сухан фасеҳ ва балеғ бошад наметавонад мустмаъинро маҷзуб намояд ва хастагӣ ба бор меоварад. Ин нуқтаро Ҳаким Фирдавсӣ чунин тасвир намудааст:

***Чу гӯяндае кӯ на бар ҷойгоҳ,***
***Сухан гуфту зӯ дӯр шуд фарру ҷоҳ.***

Гӯяндаи варзида ва нуктасанҷ бо ҳар кас мутобиқи андеша ва фикраш сухан мегӯяд. Он гуна ки бо мардуми авом ба сухан менишинад бо арбобони фазлу дониш намегӯяд ва баръакс:

***Сухангӯй рушан дилу дод деҳ,***
***Кеҳонро ба кеҳ дораду меҳ ба меҳ.***

Пас суханро бояд баандоза ва дар вақти зарур гуфт ва аз бемавқеъ сухан гуфтан, беҳисоб гуфтан худдорӣ намуд. Нашояд суханро ба дарозӣ кашидан, ки хотири шунавандагонро малул месозад ва бояд чандон сарояд, ки он ба кор ояд:

***Аз андоза барнагзаронӣ сухан,***
***Ки ту нав ба кориву гетӣ кӯҳан.***

Бояд таваҷҷӯҳ намуд, ки: (сухан мабини вуҷуди гӯяндааш асту гувоҳи ҳоли ӯ) чунонки Худованди таборак ва таоло дар каломи худ мефармояд: (Эшонро дар рӯшан гуфториашон мешиносӣ)[194] ва дар зарбулмасалҳо омадааст, ки: сухан оинаи марди сухангӯест ва одамиро бар пояе, ки ҳаст аз суханаш метавон шинохт. Гӯяндагони хуб ба гуфтори худ мӯътақиданд ва баёнашон аз дили огоҳ бурун ояд то бар дилҳо нишинад. Дар воқеъ ҳам оҳанги байни забон ва қалб лозим аст, вагарна:

***«Сухан к-аз сӯзи дил тобе надорад,***
***Чакад гар об аз ӯ обе надорад»:***

***Забонро чу бо дил бувад ростӣ,***
***Бубандӣ зи ҳар сӯ дари костӣ.***

Ё

***Забону хирад бо дилат рост кун,***
***Ҳамон рон аз он сон, ки хоҳӣ сухун.***

---

[193] Ҳамон асар. С. 367.

[194] Қуръони карим. (Асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). Душанбе, Ирфон, 2007. Сураи Муҳаммад (с) ояи 30.

Агар ин ҳамоҳангӣ вуҷуд надошта бошад сухани муассир дар шунавандагон судман нахоҳад буд, зеро мутафаккирони давру замон дар хусуси зиёни сухан фикрҳои волову пурқиматро ба қалам додаанд, ки сухани беҷо, беҳудаву бемаънӣ ақлро мекоҳонад ва шахсро беҳурмат мегардонад:

***Забоне, ки андар сараш магз нест.***
***Агар дурр биборад ҳамон нагз нест.***

Шунавандагони соҳибзавқ медонанд, ки сухан гувоҳи ҳоли гӯянда аст ва гӯяндагоне, ки худ имон ба гуфтаҳояшон надошта бошанд ва ё аз рӯи ҳавою ҳавас сухан гӯянду манзурашон касби муваққият дар байни мардум бошад, наметавонад баёнашон муассир дар дигарон воқеъ шавад.

Мегӯянд, ки сухане, ки аз дил барояд бар дил нишинад ва он чӣ аз рӯи ҳавою ҳавас гуфта шуд ба боди ҳаво супурда гардад. Чунин сухан на танҳо асари мусбат дар шунавандагон надорад, балки гӯянда ҳам ба суханони хештан боварӣ надорад:

***Сухан чун баробар шавад бо хирад,***
***Равони сарояда ромиш барад.***

***Бузург он касе, к-ӯ ба гуфтори рост,***
***Забонро биёросту каҷжӣ нахост.***

***Агар ҷуфт гардад забон бар дурӯғ,***
***Нагирад зи бахти сипеҳри фурӯғ.***
***Сухан гуфтани кач зи бечорагист,***
***Ба бечорагон бар бибояд гирист.***

Мавзӯи дигаре, ки мавриди таваҷҷӯҳи суханварон ва суханронони бузурги ҷаҳон ба ҳисоб меравад ин тамрин ва такрор дар суханронӣ мебошад. Агарчӣ ганҷи дониш гунае аст, ки ҳарчанд аз он бардошта шавад, бахшиш гардад, афзунӣ бояд:

***В-агар чанд бахшӣ зи ганҷи сухан,***
***Барафшон, ки дониш наёяд ба бан.***

***Кӣ пайваста гӯяд саросар сухан,***
***Агар нав бувад достон гар кӯҳан.***

Албатта, манзур аз тамрин ва такрор он нест, ки суханрон пургӯи кунад ва матолибе ёва ва номуносиб ба забон оварад, ки дигаронро аз он баҳра набошад:

***Набояд, ки бошӣ саросар сухун,***
***Ба рӯи касон порсоӣ макун.***

***Аз андоза бар нагзарони сухан,***
***Ки ту нав ба кориву гетӣ кӯҳан.***

Сухангӯй он қадар гӯяд, ки мавриди истифода қарор бигирад ва василае барои ҷовидона бошад.

Зеро:

***Кӣ чандон сарояд, ки ояд ба кор,***
***В-аз ӯ монад андар ҷаҳон ёдгор.***

Дар натиҷа ҳангоми баён бояд ҷониби корро дар назар гирифт ва донист то сухани гуфтанашуда дар қайдубанди соҳибаш аст. Сухан ки гуфта шуд одамӣ дар қайду банди он хоҳад буд, ҳамон гунае, ки фармудаанд: «Суханро то нагуфтаи дар қайду банд ва (имонат) имонати туст, вақте баён шавад ва ба забон ояд ту дар қайду банди он хоҳӣ буд. Пас забонро дар хазинаи даҳон нигоҳ дор. Ҳамон гунае, ки аз тилло дар хазина нигоҳдорӣ мешавад, чӣ басо як сухани нобаҷо муҷиби аз даст

рафтани неъмате гардад ва азобу гирифторӣ ва дарди сар пеш оварад»[195], ки гуфтаанд: «Сухан то напурсанд, лаб баста дор, Гуҳар нашканӣ теша оҳиста дор».

Пас наметавон он чиро, ки ба забон ояд баён дошт, балки бояд диққати басазо намуд ва масолеҳи умумиро дар назар гирифт ва ниёзи шунавандагонро донист, ки камила ё ҷумлае мумкин аст кишвареро ба хоку хун кашад. Баръакс калимае ё ҷумлае мумкин аст амнияту осоиши ҳамнавъонро фароҳам оварад.

Барои сохтани чунин модел усулеро бояд ихтироъ кард, ки он раванди гузариш аз ифодаи вербалии система ба ифодаи формалии хусусиятҳои асосии онро имконпазир мегардонад.

Тибқи консепсияи қарорҳои ратсионалӣ қабули қарор тавассути сохтани раванди силсилаи мантиқии бо факту рақам тасдиқ гардидаи исбот иҷро мегардад. Амалан, моҳияти консепсияи қарори беҳтарин ба интихоби чунин алтернатива оварда мерасонад, ки дар маҷмӯи ҳамаи вариантҳо дар шароити мавҷуда беҳтарин аст. Барои муқоиса кардани чунин вариантҳо аз рӯи қоидаи «хубтар ё бадтар» бояд меъёри арзёбиро истифода бурд, ки дар назарияи қабули қарор чунин меъёрро «критерий» меноманд.

Приннсипҳои қарори ратсионалӣ пеш аз ҳама тарҳрезии ҳолати ҳақиқиро дар назар дорад. Дар натиҷаи тарҳрезӣ ҳолати ҳақиқӣ ҳамаи хусусиятҳои асосии худ ва иртиботи байни унсурҳоро нигоҳ дошта, дар намуди қулай барои омӯзиш ифода мегардад. Маҷмӯи усулҳои ба ҳам вобастаи ***формалӣ*** ва ***вербалии*** асосноксозии қарорро, ки иҷроиши пайдарҳами онҳо ба мақсади матлуб (яъне интихоби алтернативаи беҳтарин) оварда мерасонад, ба сифати тарҳи ҳолати реалӣ дида мебароянд.

Яке аз мушкилиҳое, ки дар мавриди фаъолияти идоракунии соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ба миён меояд – ин зарурати қабули қарор дар ҳолати номуайянӣ ва надоштани малумот оид ба оқибатҳои амалиёти дар айни замон иҷрошаванда мебошад. Бинобар ин пеш аз ҳама, барои беҳтар дарк намудани мураккабиҳои масъалаи идоракунӣ бояд қолаби консептуалии раванди идоракуниро таҳия кард.

Ба андешаи мо, ҳамчун чараёни омӯзиш ифода намудани раванди идоракунӣ тарҳи беҳтарини он мебошад. Дар ин ҳолат тарҳи идоракунӣ метавонад аз марҳилаҳои зерин иборат бошад[200]:

1. Дар асоси таҷрибаи қаблӣ ва маълумоти мавҷуда муайян намудан ва ифода кардани (гузориши масъала) масъалаи ҳалталаб;
2. Қабули қарор ва иҷроиши он;
3. Таҳлили натиҷаҳои қабули қарор бо мақсади такмили он ва илова кардани натиҷаҳо ба таҷрибаи андӯхта, ки ҳангоми қабули қарори минбаъда истифода бурда мешавад.

---

[*] *Умаров М.А.* - сардори кафедраи Донишгоҳи Россияю-Славянии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ.

[**] *Нарзуллоев С.А.* - сардори Маркази ягонагии тести Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, полковники милитсия.

[***] *Ҳомидов А.С.* – муаллими кафедраи Фанҳои математика ва техникаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия.

[200] *Умаров М.А., Нарзуллоев С.А., Ғафуров М.Ҳ.* Информационные технологии в деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан. Учебное пособие. Душанбе. 2010. С.15.

Ин раванди қабули қарор иҷроиши амал ва омӯзишро дар асоси таҷрибаҳои ба даст омада дар бар гирифта, дар оянда метавонад бо усулҳои нисбатан босамараи фаъолият амал кунад. Идоракунӣ дар ин ҳолат ҳамчун як раванди динамикӣ баромад мекунад ва илова бар ин модел метавонад идоракуниро ҳамчун механизме дида барояд, ки ба воситаи он амалиёти муташаккил омӯзонида мешавад[201]. Ҳамин тавр, мувофиқи ин модел, идоракунӣ дар фаъолияти ҳамаи самтҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонад ҳамчун механизми мутобиқшавӣ муайян гардад. Тавассути он дарёфт намудани усулҳои нисбатан самараноки ҳамкорӣ ва алоқа чӣ дар дохили система ва чӣ дар муҳити атроф имконпазир мегардад.

Дар ҳолати пайдо шудани омил барои идоракунӣ (маълумот дар бораи содиршавии ягон намуди ҷиноят, маълумоти оперативӣ, муттаҳиднамоӣ дар ҳолатҳои муайян, коркарди амалиётҳо дар шароити фавқуллода ва ғ.) роҳбари воҳид дар асоси таҷрибаи субъективии худ ва маълумоти муайян консепсияи ибтидоии қарори ояндаро кор карда мебарорад. Консепсияи нахустин бинобар норасо будани маълумот ва хусусияти дараҷаи баланди номуайянӣ доштанаш, метавонад нофаҳмо бошад. Минбаъд шубҳа оид ба дурустии қабул намудани қарор роҳбарро ба ҷустуҷӯи қарорҳои иловагии имконпазир меоварад. Дар ҳар як намуди фаъолият номуайянӣ нисбат ба оқибатҳои қарор метавонад ба ҷамъоварии маълумоти иловагӣ водор намояд, то ки пешгӯии нисбатан асосноккардашудаи натиҷаҳои интизоршаванда таъмин карда шавад. Марҳалаи дигари раванди қабули қарор ин муайян намудани дараҷаи муҳимии он, яъне тартиб додан ва таҳлили критерияҳо ё ин ки функцияҳои арзёбӣ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳо тарҳи соддакардашудаи консептуалии раванди идоракуниро чунин ифода кардан мумкин аст. (расми 1.)




**Расми 1. Тарҳи соддакардашудаи консептуалии раванди идоракунӣ**

## О ПРИНЯТИИ РЕШЕНИЯ В УПРАВЛЕНЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

---

[201] Дар ҳамон ҷо. С.16.

**ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ**

В статье описывается модель усовершенствования процесса управления, включающая:

- выявление и определение решаемой проблемы в области управления на основе предыдущего опыта и имеющихся данных;
- принятие решения и его реализация на практике;
- анализ результатов принятого решения с точки зрения возможных способов его совершенствования и их использование для принятия последующих решений.

# ЗИНАҲОИ ТАЪЛИМОТИЮ ОМӮЗИШИИ ФАРҲАНГИ КАСБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНӢ

**Ғаниев Т.Б.**[*]

*Ташкили таълимоти фарҳанги касбӣ дар менеҷменти маориф* – дар аксари мамолики пешрафтаи ҷаҳон соҳаи маориф ҳамчун намунаи беҳтарини ташкили фарҳанги баланди касбӣ шинохта шуда, ҳамчун соҳаи мувофиқтарин ва пуримкони рушди фарҳанги касбӣ баромад менамояд. Инчунин, ин соҳа на фақат ташкилкунанда, балки ҳамчун таблиғгари рушди фарҳанги касбӣ ва нерӯи инсонӣ мақому манзалати калон дорад. Вазифаи асосии ташкили омӯзиши фарҳанги касбӣ дар соҳаи маориф ин худэҷодкунӣ, худнишондиҳӣ ва худамалигардии арзишҳои волои кордонию ташкили меҳнати пурсамари меҳнати касбӣ ва дар ин замина рушди нерӯи инсонӣ, илова бар ин ташкили шароити мусоид барои ҳар як фарди сохибақл оид ба маълумотгирии касбӣ ва азхудкунии фарҳанги баланди касбӣ дар ин соҳаи ҳаётан муҳими ҷомеа мебошад. Ин мақоми бузурги соҳаи маорифро бо ягон соҳаи таъминоти моддӣ баробар кардан ғайриимкон аст, чунки манфиатнокии он садҳо ва ҳазорҳо маротиба баланд ва барои ҳазорсолаҳои зиндагии инсонӣ манфиатовар мебошад.

Маълум аст, ки маълумотгирӣ ва рушди нерӯи касбӣ ба синну соли ҳар як фард вобастагии калон дорад, чунки он имконоти гирифтани маълумот дар синну соли то мактабӣ, овони мактабӣ ва баъди мактабию пиронсолӣ аз якдигар куллан фарқ дошта, дар вақти аз даст додани вақт Шумо имкони аз худ кардани маълумотро бо пуррагӣ гум карда, дигар тамоми умр ноқис мемонед. Арзишҳои мадании касбиро низ аз ҳамон синну сол бояд омӯхт ва амалӣ гардонид, чунки мувофиқи таълимоти Авасто интихоби касбӣ аллакай дар синни 15-солагӣ дер мешавад ва дигар аз худ намудани нозукиҳои хоси фарҳанги касбӣ дар гумон аст.

Таърихи рушди башарӣ дар 15-20 соли охир гувоҳи он аст, ки дар аксари давлатҳои собиқ Шӯравӣ, аз он ҷумла, дар Тоҷикистон вобаста ба кам шудан ва паст рафтани дараҷаи хизматрасонии муассисаҳои томактабӣ ва мактабии ибтидию умумӣ, кам гаштани муассисаҳои таълимии иловагии маълумотгирӣ ва кам гаштани лагерҳои истироҳатию муассисаҳои фароғатию таълимии кӯдакона, мактабҳои махсуси эҷодию ҳунарии кӯдакони соҳибистеъдод ва дигар нуқсонҳои соҳаи маориф ба он овардааст, ки дарахти рушди фарҳанги касбӣ хеле поён рафта, тарбияи ахлоқи равонии кӯдакон дар ҷомеа коста гашта, ба талаботҳои рушди нерӯи инсонӣ ҷавобгӯй намебошанд.

Вобаста аз ин, моро зарур мебошад, ки кӯдаконро ҳамчун қисми муҳим ва зарури ояндадори соҳаи иҷтимоӣ дар менеҷмент шинохта, барои рушди нерӯи бузурги ақлонии онҳо, яъне рушди фарҳанги касбии кормандони оянда, ки инояндаи менеҷмент мебошад, заминаи мустаҳкам гузорем. Ин қисми ҷавони ҷомеа бояд ҳамчун объекти асосии диққатҷалбкунандаи институтҳои давлатӣ ва менеҷмент ҷудо карда ва барои рушди ояндаи онҳо бояд диққати асосӣ равона карда шавад.

Тарбияи шахсиятҳои нави таърихии солим ва аз нигоҳи системаи физиологию биологӣ ва равониву ахлоқӣ устувори миллӣ бояд нишонаҳои хоси рушди иқтисоди мамлакат гардад. Маълум аст, ки ҷомеа бе тарбияи солими касбӣ рушд наёфта, ҳеҷ

---

[*] *Ганиев Т.Б.* - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

гоҳ наметавонад арзишҳои волои касбиро ноил гардад ва дар иҷрои кору фаъолиятҳо ҳунарнамоӣ кунад. Кӯдаки бемаълумот ва тарбияноёфта дар майдони ҳарбу зарби зиндагӣ доимо девонавор сарсону саргардон буда, куҷо рафтанашро намедонад ва дар охир ғуломи ҳалқабаргӯши хоҷаҳои донишманди дигар халқу давлатҳо мегарданд. Чунин ҳолатро мо аллакай дар фаъолияти кории муҳоҷирони ҷавони меҳнатии тоҷик мушоҳида менамоем, ки шумораашон аз як миллион зиёд аст. Барои қисми зиёди ин ҷавонон ҳанӯз вақти маълумотгирии касбӣ асту бо сабабҳои рушд наёфтани нерӯи касбӣ ва интихоби касбӣ надоштанашон бемаълумоту бекасбу берушд барои рӯзгузаронӣ аз ҷумҳурӣ берун баромада, аксарият дар шароити вазнину ногувори санитарӣ кору фаъолият доранд ва ин ҳолат моро ором гузошта наметавонад.

То солҳои охир қариб дар тамоми ҷомеаи башар моҳияти инсонро фақат дар системаи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ баҳо медоданд, ки қариб аксари нишондиҳандаҳо аз рӯи ҳисобҳои миёнаи маълумотгирӣ баҳогузорӣ мешуданд ва ба равандҳои алоҳидаи касбӣ ва рушди фардӣ қариб баҳо дода намешуд. Одамон дар чунин ақида буданд, ки фақат муҳити беруна метавонад ба рушди касбии инсон таъсир расонад ва гӯё қувваи дохилаи равонию физиологӣ ва ақлониву эҷодии ӯ мақоме дар азхудкунии маълумоти касбӣ надошта бошад. Аммо имрӯз зиндагӣ ва кору фаъолияти шахсони алоҳида ва давлатҳои алоҳидаи рушдёфта исбот намудаанд, ки ҳар як фард ғайр аз қабули хислатҳо ва меъёрҳои умумибашарӣ боз дорои нерӯи инсонии фардии дохилаи худ мебошад, ки он дар натиҷаи ташаккул, дорои қудрат ва тавонмандии бузурги иқтисодию иҷтимоию сиёсӣ шуда метавонад, ҳазорҳо одамони дигарро аз қафои худ бубарад ва имкони таъмини моддию маънавии ҳазорҳо одамони дигарро пайдо намояд, чуноне ки ҳанӯз дар замони худ устоди бузурги назми тоҷик Абулқосими Фирдавсӣ фармудаанд:

***Пароканда лашкар наояд ба кор,***
***Дусад марди ҷангӣ беҳ аз садҳазор.***

Дар ҳақиқат, имрӯз моро зарур аст, ки аз қоидаҳои миқдории баҳодиҳии рушди нерӯи инсонӣ даст кашида, бевосита ба баҳодиҳии қудрату тавонмандӣ ва шоистасолории касбии ҳар як фарди соҳибақл диққати махсус дода, мавқеи ӯро дар рушди нерӯи инсонӣ ва рушди ҷомеаи инсонӣ муайян ва шароити мусоидро барои амалигардонии ин қобилияту ҳунарҳои созанда муҳайё созем. Барои ташаккули касбии ҳар як фарди соҳибақл, дар навбати аввал хислати хоси дохилаи касбӣ, ба ақидаи волои Мавлонои Балхӣ қудрату тавонмандии аслу зоти поки ӯ таъсири мусбӣ расонида, баъдан нерӯ ва ҳолатҳои беруна муҳити ҷомеаи инсонию табиӣ таъсиррасони хос мебошад. Масоили рушди касбӣ аз масъалаи таърихии иҷтимоӣ ба масъалаи муҳими аниқи фардӣ табдил ёфта, решаҳои чуқуртар то оила омада мерасанд, яъне ин пеш аз ҳама ба ҳолатҳои таваллуди кӯдак, тарбияи кӯдак аз рӯзи ба дунё омадан ва системаи муҳити зист дар тамоми давраи зисти инсонӣ вобастагии калон дорад.

Маълумотгирӣ аз рӯзи таваллуд, яке аз масоили муҳими рушди касби шуда, тарбия, интихоби бозичаҳои кӯдак, муҳити солими зист, хизматрасонии ғизоии кӯдак, тарбияи ҷисмонии кӯдак ва ғайра ҳамчун объекти ояндаи рушди касбии ҷомеа бояд баромад кунад. Ҳалли ин масоили муҳими касбӣ фақат дар асоси дарки баланди арзишҳои инсонӣ дар фаъолияти менеҷменти касбии замони муосир пайдо гашта, метавонад рушди устувори нерӯи инсониро таъмин сохта, барои амалигардонии қобилиятҳои волои инсонӣ шароит муҳайё гардонад.

Пас, маълумотгирӣ фақат як давраи аввалаи ҳаёти инсонӣ набуда, балки он метавонад, тамоми умр равшанкунандаи роҳи рушди инсонӣ ва ҷавонкунандаю нерӯдиҳандаи дили инсонҳо то лаби гӯр баромад менамояд ва ҳар як инсони пешоянд барои пасоянд ҳамчун пули мустаҳками гузаргоҳҳои уқёнуси зиндагӣ бошад. Чунин нигоҳ ба соҳаи маориф ва рушди илму ҳунар ва маълумотгирӣ метавонад имконоти нерӯи инсониро хеле бузург сохта, шароити мувофиқро барои пурра амалӣ гардонидани қобилиятҳои баланди эҷодии инсонҳо фароҳам орад.

Мақому ҷои фарҳанги касбӣ ва рушди он дар соҳаи маориф ба сифат ва дараҷаи таъминоти методию методологии ин соҳа аз маводи зарурии рушди инсонӣ, тарзу усул ва мазмуни барномаҳою фанҳои таълимӣ, инчунин давраҳои ба роҳ мондани таълиму тарбияи касбӣ дар муассисаҳои то мактабӣ ва мактабӣ вобастагии калон доранд. Аз ин ҷост, ки яке аз вазифаҳои муҳими функсионалии соҳаи маориф ҳарчи бештар васеъ намудани имконот ва муҳити эҷодии нерӯи инсонӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандкунӣ ва масъулиятшиносии ҳар як фарди мансабдори соҳа дар иҷрои ин ӯҳдадории муҳими касбии соҳаи маориф ба шумор меравад, аз ҷумла, маъсулиятшиносии корманд барои рушди фардии худаш низ бояд куллан тағйир дода шуда, ба талаботҳои рушди фарҳанги касбӣ мувофиқ гардонида шаванд.

Фаъолият ва ташкили маълумотгирӣ дар системаи то мактабӣ кӯдакро аз синни 3 то 7 солагӣ фаро гирифта, дар ин давра асосҳои биологиву физиологӣ ва равонии ҳавасмандии кӯдак ба маълумотгирӣ бояд бедор карда шавад. Барои ин, аз мураббӣ ва кормандони ин сохторҳо пеш аз ҳама дониши баланди равоншиносӣ ва кӯдакшиносӣ, педагогика ва фарҳангшиносию тиб шарти зарурӣ мебошанд[202].

Дар ин қисмати таълимии рушди нерӯи инсонӣ таъминоти муҳити бозичаҳои конструкторӣ, олами табиат ва умуман предметҳое, ки метавонанд хоҳишу ҳаваси кӯдакро ба ин ё он касб, ба табиатшиносӣ ва тасвири олам баланд бардоранд, шарти зарурӣ буда, баробарии диққатдиҳиро ба ҳар як кӯдак ҳатман бояд таъмин созем. Миқдори мураббиёнро, миқдори бозичаҳо ва либосу дигар воситаҳои айёниро бояд аз рӯи меъёри самаранокии таъмини хоҳиши кӯдакон тарзе муайян намоем, ки ягон кӯдак худро нотавону беҳуқуқ ҳис накунад. Алоқаи мустаҳками боғча ва оила, падару модар ва мураббӣ дар рушди нерӯи касбӣ ҳатмӣ буда, тамоми фаъолиятҳои муносибат ба кӯдак бояд равшану аниқ дар байни ин ду объект мавҷуд бошанд. Нуқтаи муҳими дигар он аст, ки кӯдакро мо бояд аз ҳар гуна муҳити носолими инсонию номувофиқии муҳити зист ҷудо карда тарбия намоем, то ки ӯ ҳеҷ гоҳ дилхаста нагардад ва ҳавасу ормонҳои худро дилпурона рушд диҳад, солим ба воя расад. Маҳз, дар ҳамин нуқта равоншиносон тарафҳои равонии сустинкишофёфта ва ё баландинкишофёфтаи кӯдакро муайян карда, барои хулосаи касбии аниқи худро баояндаи кӯдак баровардан бо устодон ва волидайну табибон, мураббиёни дигар ва педагогҳои касбӣ машварат ороста, фикру ақидаи худро оиди рушди нерӯи кӯдак бояд рӯирост гӯянд, то ҳарчӣ зудтар роҳҳо ва усулҳои тарбияи фардӣ муқаррар, нуқсон ислоҳ ва тезҳушон ҷудо карда шуда, фаъолгардонии рушди нерӯи инсонӣ ҳам дар оила ва ҳам дар муассисаи томактабӣ пурзӯр карда шаванд. Бояд гуфт, ки мутаассифона, имрӯзҳо қариб дар тамоми муассисаҳои томактабии Тоҷикистон миқдори кӯдакон дар гурӯҳҳо аз талабот хело зиёд буда, мутахассисони равоншинос ва педагогҳои касбӣ қариб вуҷуд надоранд ва умуман вазифаи тарбиявӣ дар ин муассисаҳо бо таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, яъне ӯҳдадориҳои функсионалии касбии ин муассисаҳо имрӯз иҷро намегардад, ки бароиояндаи ҷомеа зарари калон мерасонад. Маҳз, ҳамин нуқта сабаби асосӣ мегардад, ки дар вақти ба синни мактабӣ расидани кӯдак қариб ба ҳамаи кӯдакон мо муносибати якхела карда, ҳамаи онҳоро ба мактаб қабул менамоем ва дар натиҷа фарқияти калони зеҳнӣ мавҷуд будани байни кӯдакон, кӯдакони тезҳӯш аз рушд боз монда, таъсири манфии кӯдакони камақлу сустинкишофёфта ба онҳо баръало мушоҳида карда мешавад.

Ташкили таълимоти фарҳанги касбӣ дар мактабҳои ҳамагонӣ се давраи махсуси худро дорад. Давраи аввал аз 7 то 11-солагӣ, давраи дуввум аз 11 то 15-солагӣ ва давраи сеюм аз 15 то 18-солагӣ. Бояд қайд кард, ки ҳар як давраи рушди системаи равонию физиологӣ ва биологиву ақлонии кӯдак талаботҳои махсуси худро дошта, моро зарур мебошад, ки вобаста аз ин барномаи махсуси маълумотгирӣ ва роҳу усули таълим ва воситаҳои аёнию мавзеъҳои тарбиявиро вобаста ба таъмини ин системаҳои афзоиши кӯдак мувофиқ созем. Аз рӯи тадқиқоти олимони бахши равоншиносӣ кӯдак аллакай дар синну соли то 11-солагӣ нишонаҳои равонии худро

---

[202] *Мазур И.И., Шапиро В.Д.* и др. Корпоративный менеджмент. М. Высшая школа. 2003. 1077 с

оиди хоҳиш доштан ба шуғли муайян баръало нишон дода, пайваста ба он равия таваҷҷӯҳи зиёд дошта, аз дигар ҳамсолони худ фарқ карда меистад. Маҳз, дар ҳамин синну сол вазифаи ташкили тарбияи касбӣ аз он иборат аст, ки бо якҷоягӣ бо падару модар, устодони варзидаи соҳа ҳарчи роҳҳою усулҳои рушди неруи кӯдакро ба касби дилохоҳаш равона ва вақту диққату хоҳиши ӯро маҳз ба ин раванд ҷалб намуда, барои омӯзиши нозукиҳои касбӣ машқҳои амалиро шурӯъ намояд[203].

Дар ин нуқта, масоили дигари маълумоти касбӣ, таъсири васоити ахбор ва муҳити ҷомеа, яъне рафтори калонсолон ба кӯдак хеле муҳим аст. Шурӯъ аз оила оиди касбу касбдорӣ ва эҳтироми касбияти одамон тариқи васоити ахбори умум, менеҷменти корхонаҳо, театру кино ва дигар фаъолияти инсонӣ, инчунин нигоҳдории адолати ихтимоӣ дар рушди соҳаҳои гуногун равандҳое мебошанд, ки ба рушди неруи кӯдак таъсири худро расонида, метавонад хоҳиши кӯдакро барои омӯзиши касбӣ боло бардорад. Баръакс, ноадолатӣ ва паст задани соҳибкасбону беэҳтиромии онҳо аз тарафи роҳбарони зинаҳои гуногуни идоравӣ, сатҳи пасти зисту зиндагии мардуми соҳибилму донишманду соҳибкасб метавонад дили ҷавононро аз рушди касбӣ коста гардонида, ҷараёни барвақтпиршавии ҷомеа ва умуман ба майзадагию наъшапарастии онҳо сабаб гардад.

Гуфтаҳои боло шоҳиди он ҳастанд, ки фақат тарбияи касбии кӯдак ва тамоми ҷомеа метавонад ягона роҳи наҷоти инсоният аз ҳолатҳои нохӯшӣ ба вуҷудомадаи даврон гардида, рушди устувори башариро дар оянда таъмин созад.

Таъкиди нуқтаи дигари рушди неруи инсонӣ вобаста ба шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон хеле зарур аст. Дар шароите, ки зиёда аз 60% аҳолии Тоҷикистон дар сатҳи камбизоатӣ қарор доранд, эҳтимол ҳодисаҳои зиёди рушд наёфтани неруи пурқуввати фардии касбии кӯдак вобаста ба ҳолати иҷтимоии оилаҳои камбизоат ба миён оянд, ки ин қобилиятҳо аз madди назар дур монда, инкишоф намеёбанд ва нобуд мегарданд. Ин ҳолат моро водор месозад, ки усулу нигоҳу тарзи масъалагузории худро нисбат ба рушди касбӣ ва неруи инсонӣ тағйир диҳем, яъне нигоҳи навини инсоние, ки ба қобилиятҳо диққати махсус дода, ҳунару малакаи дониш ва қудрату тавонмандии инсониро аз дигар воситаҳои моддии рушди иқтисодӣ болотар гузошта, ба ҷомеаи рушдёфтаи касбӣ бипардозем, ки манфиаташ нисбат ба дигар равандҳои рушди иқтисодии моддӣ ҳазорҳо маротиба болотар мебошад.

Ҳимояи ҳуқуқии кӯдак, ки ҳанӯз имкони кофӣ барои худмуҳофизатӣ надоранд ва падару модар бо сабаби қашшоқӣ наметавонанд ба захираҳои рушди кӯдак имкон дошта бошанд, яке аз масоили дигари рушди касбии кӯдак ва масоили рушди неруи инсонӣ мебошад. Аксар маврид мо шоҳиди он мегардем, ки кӯдакони ноболиғ бо сабаби камбизоатӣ ва надоштани волидайн ва ё беаҳамиятии онҳо ба корҳои мошиншӯӣ, аробакашӯ ва ҳатто гадоӣ даст мезананд, ки ин нуқсон – бемории мудҳиши ҷомеа буда, ояндаи рушди кӯдакро дар зери хатар мемонад. Дар ин ҷода кормандони соҳаи маориф ва муассисаю ташкилотҳои ба ин вобаста ва мақомоти маъмурию идоракунӣ ва қонунбарори мамлакатро зарур мебошад, ки фаъолияташонро хело хам пурзӯр гардонида, ташкили омӯзиши фарҳанги касбии ба талаботи замон ҷавобгӯйро ба роҳ монанд, то маълумотгирии касбӣ ва бефосила тамоми қишрҳои ҷомеаро, махсусан кӯдаконро пурра фаро гирфта, ҳодисаҳои ба мактаб нарафтани кӯдак ва ё таҳсилро пурра қатъ кардани кӯдак, умуман ба талаботҳои касбӣ ҷавобгӯй набудани кору фаъолияти менеҷменти корхонаҳо ва тарзу усули роҳбарият дар тамоми зинаҳои идоравӣ аз ҷомеа бардошта шавад.

Ҷараёни омӯзиши касбӣ ва диққатҷалбкунии касбиро дар мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ аз рӯи се давраи дар боло гуфта шуда ба роҳ мондан ва баҳодиҳии ҳар як давра ва талаботҳои ҳар як давраро аз худ кардани кӯдак бояд ченаки асосии аз синф ба синф гузаронидани хонанда гардида, устодон ва падару модар иҷрои он талаботҳоро ҳамчун стандарти касбомӯзӣ ва рушди неруи инсонӣ қабул намоянд.

---

[203] *Парето В.* Компендиум по общей социологии. М. 2007. 512 с.

Ҳар як кӯдак – хонанда бояд паспорти иҷтимоии худро дошта бошад, ки қисмҳои он дар давоми таҳсил иҷро гардида, пур карда мешаванд. Дар ин ҷо аллакай фаъолияти кормандони соҳа ба тарбияи фардии ҳар як кӯдак шурӯъ мешавад. Ҳамоҳангсозии равандҳои таълиму тарбия ва рушди нерӯи фардӣ вобаста аз он, иштироки фаъоли волидайн дар кори тарбияву таълим ва боз бисёр ҳолатҳои дастгирии рушди нерӯ аз ин ҷо пайдо мегардад, ки он метавонад системаи маълумоти ҳамагонии моро аз системаи карахтшудаи қолабӣ берун бароварда, ҳамқадами замон гардонад. Барои кӯмак ва дастгирии ин раванд рушди макотиби касбии ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ метавонад роҳи осон гардидани ҳалли масоил бошад. Чунончӣ таҷрибаи мамолики хориҷ - Олмон, Ҷопон, Руссия ва Қазоқистон аз самаранокии ин раванд дарак медиҳанд.

Ин аллакай зинаи дуввуми рушди касбӣ ва нерӯи инсонии кӯдак мебошад, ки аз синни 11-солагӣ то 15-16 солагиро фарогир мебошад. Дар ин синну сол кӯдак аллакай имкони пурраи интихоби касбиро пайдо карда, хоҳиши ҳарчи мустақилона аз худ кардани нозукиҳои касбиро дорад. Вақте кӯдак имкони интихобро пайдо мекунад, шояд вобаста ба хело ҳассос ва тақдирсоз будани ин замон барои интихоби дуруст ӯ хато кунад ва ба хотири неъматҳои моддӣ ва ё ба хотири чизею касе худро қурбони роҳи нодурусти интихоби касбии хеш гардонад, ки мо худ шоҳиди мисолҳои зиёди ин ҳодисаҳо мебошем. Ба хотири он, ки чунин ҳодисаҳои номатлуб дар ҷомеа ҷой надошта бошанд ва кӯдакону фарзандони мо тавонанд роҳи дурусти касбии худро интихоб намоянд, дар ин давра низ талабот ва меъёрҳою роҳҳои махсуси рушди нерӯи инсонӣ тарбияи касбии ҷавононро пурзӯр бояд кард. Аз ҷумла, бо роҳи ташкили ҳар гуна кружокҳои касбӣ, мактабҳои махсуси касбии мустақили берун аз таҳсилоти ҳамагонӣ, ташкили академияҳои хурди илмӣ, ташкили ҳар гуна мусобиқаҳо ва ҷоизаҳои касбӣ барои наврасон, пайваста гузаронидани олимпиадаҳои фаннӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра барои кӯдакони синну соли муайян, инчунин муҳайё кардани шароит барои ба хориҷи кишвар сафари касбӣ-фаннӣ кардани кӯдакон, таъмини иштироки бевоситаи онҳо дар ҳама гуна мусобиқаҳою олимпиадаҳои байналхалқию минтақавию соҳавии фаннию варзишӣ ва сайёҳӣ.

Давраи сеюми пурзӯр намудани тарбияи касбии ҷавонон ва идомаи таҳсил ва сайқали нерӯ дар макотиби олӣ мебошад. Дар ин давра синну соли наврасон аллакай 15 – 17 сола буда, ҳар яки онҳо мавқеи худро муайян намудааст. Барои пурзӯргардонии мавқеи хоҳиши наврас дар интихоби ин ё он касб ва рушди он дар ин ва он макотиби олӣ вазифаи таълимоти касбӣ дар ин давра он аст, ки алоқаи бевоситаи наврасро ба он ихтисос ва он мактабе ки ӯ мехоҳад, барқарор созад. Дар ин давра, наврас аллакай аз талабот, хусусиятҳо ва тарзу усули азхудкунии маълумоти касбӣ  дар мактаби интихобкардаи худ бохабар шуда, худро дар муддати ду сол ба он мувофиқ мекунад. Дар шароити имрӯзаи рушди соҳаи маориф таҷрибаи наврасони алоҳида, ки банда шоҳидам ва дастгирии бевоситаи худро расонидаам, гувоҳӣ медиҳам, ки наврасоне, ки шавқу рағбати зиёди касбиро ҳанӯз аз синфи 9-ум ба соҳаи муайне равона кардаанд, бо мо ҳамкорӣ карда, барномаи қабулро пурра аз худ карда тавонистанд. Дар натиҷа, имтиҳонҳои қабулро ба тариқи тестӣ бомуваффақият супорида, ба Донишгоҳ дохил шуда, дар давоми 5 соли таҳсил онҳо бо баҳои хубу аъло таҳсил карда, баъди хатми Донишгоҳ имрӯзҳо дар қатори мутахассисони **пешгоми** ҷомеа кору фаъолият доранд. Аз ин ҷост, ки давраи сеюми таълимоти рушди касбии хонанда, аллакай арзишҳои болотарро талаб карда, аз устодони мактабҳои ҳамагонӣ тарзу усули навини ба талаботи макотиби олӣ ҷавобгӯй бударо талаб мекунад. Дар ин давра аллакай хонандагони пурқувват худро баръало нишон дода метавонанд. Барои хонандагони қобилияти миёнаи интихоб дошта бошад масоил мушкилтар буда, аксар маврид бо сабаби нотавонии равонӣ ва ё дигар омилҳои ҳаётӣ аз касби дилхоҳашон даст кашида, ба мактаби олӣ ва ё ихтисосе ҳуҷҷат месупоранд, ки дилашон намехоҳанд. Дар натиҷа, онҳо хоҳиши аслии аз худ кардани ин ихтисосро надошта, макотиби олиро тарк мекунанд ва ё

баъд аз замоне боз ба ҳамон ихтисосе бармегарданд, ки хоҳиши равонии онҳоро таъмин месозад.

Ҳолати имрӯзаи таълим дар макотиби олии аксари кишварҳои собиқ Шӯравӣ, аз он ҷумла, дар Тоҷикистон низ беҳбудӣ металабад. Ин пеш аз ҳама дар ҷавобгӯй набудани сатҳи таълими касбӣ дар макотиби олӣ ба талаботи имрӯза вобаста ба шароитҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва дараҷаи технологизатсия зоҳир мегардад. Ҳамзамон, вобаста ба сатҳи камбизоатӣ қариб аксари донишҷӯёни макотиби олӣ баъди дарсҳо ва ё дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ барои рӯзгузаронии худ ба шуғли ҷисмонӣ машғул мебошанд, ки ин ба дараҷаи рушди нерӯи касбии онҳо халал расонида, диққати онҳоро ба дигар тараф ҷалб менамоянд, ки дар натиҷа аз мактаби олӣ дониши зарурии касбиро гирифта наметавонанд ва рушди касбӣ ёфта наметавонанд. Инчунин, имкону вақти дар шабакаи интернетӣ кор карданро надошта, аз рушди технологизатсияи касбӣ хело қафо мемонанд[204].

Фаъолгардонии омӯзиши касбӣ ва фарҳанги касбӣ дар ин ҷода, ташкили марказҳои равонию иҷтимоии дастгирии донишҷӯён, ташкили лоиҳаҳои мақсадноки касбӣ ва гирифтани грантҳои вобаста ба шуғли касбӣ метавонад, ҷавононро аз ин масоили муҳими иҷтимоӣ раҳо сохта, равони онҳоро барои рушди касбӣ пурзӯр созанд. Аз тарафи дигар, муайян намудани стипендияҳои баланди номӣ ва таъмини пурраи донишҷӯён ба манзили зист, фароҳам овардани шароити касбомӯзӣ дар хобгоҳҳо, инчунин ташкили таҷрибаомӯзии дурусти касбӣ бевосита бо пардохти маблағи зарурӣ, аз ҷумлаи роҳҳое мебошанд, ки метавонанд сатҳи таълимот ва омӯзиши касбиро дар макотиби олӣ баланд бардоранд.

Аз тарафи дигар, ин масоили рушди системаи таълимоти касбӣ дар макотиби олӣ мебошад. Пӯшида нест, ки то ҳол дар баъзе макотиби олии кишварамон системаи таълимот ва фанҳои таълимии ба сохтори иқтисодии Шӯравӣ хос амал мекунанд, ки ба талаботҳои имрӯзаи рушди нерӯи инсонӣ ҷавобгӯй намебошанд. Мазмуну мундариҷа ва услуби дарсгузаронӣ ва воситаҳои таълимоти касбӣ комилан кӯҳна шуда, аз системаи электронии ахбории таълимӣ ва шабакаҳои байналхалқии интернетӣ хеле кам истифода мебаранд, дар донишгоҳҳову макотиби миёна устодони варзидаи касбӣ низ пир шудаанд. Аз ин хотир моро зарур аст, ки ба ин нуқтаи муҳими рушди касбӣ диққати ҷиддӣ дода, дар таҳияи барномаҳои таълимии навини замонавӣ, тарзу услуби дарсгузаронӣ ва тайёр кардани мутахассисини маълумоти олӣ дошта эҷодкориву навоварӣ ворид намуда, онро ба талаботи замон ҷавобгӯй ба роҳ монда аз рушди системаи технологиву техникии касбии ҷаҳони пешқадам қафо намонем[205].

Зинаи дигари таълимотию омӯзишии фарҳанги касбӣ дар корхона амалӣ гашта, аз он вобастагӣ дорад, ки менеҷменти корхона то чӣ андоза худ касбиятнокиро ифодагар буда, рушди касбӣ дар кадом сатҳ қарор дорад. Чуноне ки дар мавзеъҳои пешин таъкид карда будем, дар ҷаҳони муосир аз ҳама зинаи олии рушди таълимоти касбӣ дар менеҷменти корхонаҳои ҷопонӣ ба роҳ монда шудааст, ки корманд ҳар ҳафтае то 16 соат таҳсили касбӣ карда, ба ҳисоби миёна дар як сол зиёда аз 50 рӯз касби худро такмил ва сайқал медиҳад. Албатта, дар ин зина низ мо бояд ба масоили синну соли корманд ва сатҳи рушди нерӯи касбии фардии ҳар як корманд диққат дода, таълимотро вобаста аз панҷ зинаи рушди касбӣ дар менеҷмент ба роҳ монем. Асосан, таълимотро бо роҳи амалигардонӣ ва риояи баланди арзишҳои волои касбӣ дар ҳама ҷабҳаҳои фаъолияти менеҷмент, дуввум, дар талаби риояи бечунучарои ин арзишҳо ва стандартҳои касбӣ аз ҳамаи кормандон новобаста ба зинаи инкишоф ва зинаи роҳбарӣ, инчунин пайваста ба роҳ мондани кори мураббигию тарбия касбии кормандон комёб шудан мумкин аст.

---

[204] Коллектив авторов. Таджиистан: природа и природные ресурсы. Душанбе. 1982. 600 с.

[205] *Кортунов С.В.* Национальная и международная безопасность: концептуальные основы. Уч. Пособие. М. 2007. 397 с.

Аслан, шакли маъмули рушди нерӯи касбӣ дар менеҷменти байналхалқӣ ташкили курсҳои махсуси бозомӯзии касбӣ, гузаронидани конфронсияҳо ва семинарҳои махсуси рушди касбӣ, инчунин дастгирии бевоситаи қобилиятҳо бо роҳи баҳои боадолатона додан ва эътироф кардани дараҷаю малакаи кордонию ҳунари корманд новобаста ба синну сол ва дар ҳамин замина дастгирии болоравӣ аз рӯи вазифаи касбӣ мебошад.

Дар менеҷменте, ки дастгирӣ ва рушди касбӣ ҷой дорад, ҷараёни истеҳсолӣ ва системаи фаъолияти менеҷмент аз рӯи қоидаи илмғунҷоишӣ ва рушди технологӣ сурат гирифта, доимо ба навоварӣ ва эҷодкориҳои баланди касбӣ нишонагирӣ карда мешаванд. Дар корхонаҳои азими байналхалқӣ, ҳатто институтҳои махсуси тадқиқотию илмии касбии махсуси менеҷмент амал мекунанд, ки нозукиҳои касбию технологиро ва таълимоту дастовардҳои беҳтарини касбиро омӯхта, тадқиқоти илмӣ мебаранд ва дар рушди соҳа, ҳатто нисбат ба институтҳои калони давлатӣ пешсаф мебошанд, чунки масоили муҳиме, ки имрӯз менеҷменти ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ва муфлисшавии корхонаҳои азим мебошанд[206]. Маҳз, ҳалли самаранокӣ ва рушди устувори соҳаро ин институтҳо ва мо дар рушди баланди фарҳанги касбӣ, таълимоту омӯзиши касбӣ ва дар ҳамин замина дар рушди нерӯи инсонӣ мебинем. Дар баробари ин, барпо намудани институтҳои бузурги омӯзиши равонӣ, масоили иҷтимоию иқтисодии рушди касбӣ шарти зарурӣ ва талаби замон мебошанд.

Бояд гуфт, ки дилмондагӣ, бӯҳронҳои пайдарпайи иқтисодию сиёсӣ, нобоварӣ баояндаи менеҷменти касбӣ, сустиродагии фардӣ, мавҷуд набудани муҳити озоди созанда, афзоиши майзадагию нашъамандӣ, терроризм ва экстремизми байналхалқӣ, ҷанҳои байнидавлатию динию мазҳабӣ ва дигар рафторҳои номатлуби ҷомеа аз ҷумлаи ҳодисаҳое мебошанд, ки қисме аз афроди ҷомеаи инсониро, махсусан дар давлатҳои сустинкишофёфта ва дар оилаҳои камбизоат фаро гирифтааст. Аз ин нигоҳ.

Бо ин тариқ, имрӯз менеҷменти корхонаҳоро зарур аст, ки роҳҳо ва усулҳои навини рушди нерӯи касбиро эҷод намоянд, ки аз амалҳои дар боло овардашудаи номатлуби алоҳидаи ҷомеа чандинкарата пурқуваттар бошад, то мавқеи онҳоро танг карда, барои рушди ҷомеаи солим замина гузорад. Албатта, рушди касбӣ дар соҳаҳои алоҳидаи менеҷмент хусусияти махсуси худро дошта, роҳу усулҳо ва замону макони худро талаб менамояд. Лекин умумияти иҷтимоии ҷомеа моро маҷбур месозад, ки аз рушди стратегии ҷомеа қафо намонда, новобаста аз он ки дар кадом соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ ва ё сиёсӣ кору фаъолият менамоем ҳамқадамии ҷаҳони пешқадами касбӣ ва умуман, арзишҳои волои рушди инсониро таъмин созем.

Аз тарафи дигар, осонии рушди таълимот ва омӯзиши касбӣ дар менеҷмент дар он аст, ки аллакай дар ин зина одамон худашон интихоби фаъолияти касбиро кардаанд ва барои рушди он хоҳиш доранд, гарчанде баъзе ҳолатҳо зинаҳои синну солиро ҳам гузашта бошанд, ҳам кормандон ҳаракат менамоянд, ки боз нозукиҳои фарҳангии касбиро аз худ карда, мавқеи фардияшонро дар коллективи касбӣ пурзӯр гардонанд. Аз ин хотир, бояд имконот фароҳам оварда, ки ҳатто кормандон то охири умр рушди нерӯи касбӣ намоянд.

**ЭТАПЫ ОБУЧЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОМУ МАСТРЕСТВУ**

В непростых современных условиях менеджерам предприятий необходимо прививать новые методы и способы профессионального мастерства. По глубокому убеждению автора, необходимо идти в ногу с самыми передовыми методами

---

[206] *Кравченко А.И.* История менеджмента. М. Аккадемический проект. 2002. 560 с.

воспитания молодых специалистов, не забывая при этом о старых, но все еще достаточно эффективных методах обучения.

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Ализода Б.П.***
**Ҷӯраев Р.З.****

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳама давру замон, хусусан дар раванди бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд дар таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва таҳкиму рушди устувори давлату давлатдории ҳар миллат нақши муҳим доранд. Аз ин хотир, мавриди баррасӣ қарор додани таърихи ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои актуалии таърихнигории имрӯзаи кишвар мебошад. Дар Тоҷикистон бори аввал китоби дарсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба чоп расид, ки на таърих, балки фаъолияти ин соҳаро дар бар гирифтааст. Тавре муаллифони китоби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон қайд кардаанд: «Дар қонунгузории ҷории Тоҷикистон таърифи мафҳуми «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» дода нашудааст. Ин ё он мақомоти давлатӣ аз рӯи салоҳият ва тарзи фаъолияташон, ки қонун муайян кардааст, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дохил мегарданд»[207].

Дар замони истиқлол, ки низоми мустақили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон ба вуҷуд омада, рушд намуд, мақомоти нав бо вазифаҳо ва салоҳиятҳои мушаххас таъсис ёфта, низоми ҳуқуқии кишварро такомул доданд.

Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ- мақомоти судӣ (Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Судҳои иқтисодӣ ва дигар зинаҳои мақомоти судӣ), Вазорати адлия, Прокуратураи ҷумҳурӣ, милитсия, мақомоти амният, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, САҲШ (сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ), адвокатура ва нотариат дохил мешаванд.

Дар айни замон бояд қайд кард, ки дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши мақомоти судӣ, адлия, прокуратура, милитсия, амният ва ғайра бештар буда, мақомоти САҲШ, адвокатура ва нотариат ба фаъолияти самарабахши онҳо мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «мақомоти андоз» ва хадамоти гумрук ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ доранд[208].

Тавре маълум мегардад, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сохторҳои мухталифи мақомоти давлатиро дар бар мегирад, ки дар доираи як мақола омӯзиши ҷанбаҳои муҳими фаъолияти онҳо ғайриимкон аст. Аз ин хотир, дар ин мақола таърихи ташаккул ва рушди баъзе мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳанӯз дар оғози ташкили Ҳукумати Шуравӣ ба вуҷуд омада буданд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, оид ба мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, ки танҳо дар замони истиқлол ташаккул ёфта, ба низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ворид гардиданд, маълумоти умумӣ дода мешавад.

---

* *Ализода Б.П.* – дотсенти кафедраи Фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология.

** *Ҷӯраев Р.З.* – сардори кафедраи Фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД, номзади илмҳои фалсафа, полковники милитсия.

[207] *Маҳмудов М., Худоёров Б.* Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. Душанбе. Эр-граф. 2008. С.7.

[208] Дар ҳамон ҷо. С.12.

Дар кишварамон вобаста ба давраҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофи низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳқиқоти арзишманде аз тарафи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.А.Қаххоров ба анҷом расонида шудааст, ки мутаасифона, то имрӯз чоп нагардидааст[209]. Дар баробари ин оид ба ташаккул ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар осори пурмӯҳтавои олимони варзида Розиқзода А.Ш.[210] ва Назаров Н.Ҷ.[211] мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Ҳамчунин олимони варзида Раҷабов Р.М.[212] ва Абдулов А.М.[213] оид ба масоили ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол ва низоми пенитенсиарии Тоҷикистони тоинқилобӣ таҳқиқот анҷом доданд, ки асосан ҷанбаҳои ҳуқуқиро фаро гирифтаанд.

Баъзе масъалаҳои ташаккули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар китоби «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон»-и олими варзида Ф.Т.Тоҳиров таҳқиқ гардидаанд[214]. Ҳамчунин Ҳасанов К.Х. оид ба ташаккул ва асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии рушди фаъолияти мақомоти гумрук таҳқиқот анҷом додааст[215].

Аммо осоре, ки оид ба таърихи ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон аз оғози ҳукумати Шуравӣ то имрӯзро ба таври умумӣ фаро гирад, вуҷуд надорад.

*Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ*

Ҳокимияти судӣ дар Аморати Бухоро ва Хонигарии Кӯқанд, ки ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ба ҳайати онҳо дохил мешуд, пас аз сарвари давлатҳои мусулмонӣ, қозиҳо ва раисҳо дар маҳалҳо ҳамчунин аз тарафи Қушбегӣ ва мансабдорони маъмурияти маҳаллӣ дар вилоятҳо (бекигариҳо) «адолати судӣ» ба амал бароварда мешуд. Ҳамчунин дар вилоятҳо ҳокимон ё бекҳо дар амлокдориҳо амлокдорҳо адолати судиро ба амал мебаровbooрданд, ки пас аз забткориҳои Россия дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон барҳам дода шуданд.

Пас аз истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи Империяи Россия ва дар соли 1867 ташкилёбии Генерал-губернатории Туркистон, соли 1876 Хонигарии Қӯқанд барҳам дода шуд ва Бухорою Хива ба тобеияти (вассали) Россия табдил ёфтанд.

Дар Генерал-губернатории Туркистон дар баробари судҳои маҳаллӣ, судҳои подшоҳӣ ташкил шуда, амал мекарданд. «Хусусияти ташкили судҳо дар ин давра аз он иборат буд, ки муассисаҳои судӣ-маъмурии кишвари Туркистон на ба вазорати адлия, балки ба тобеияти вазорати ҳарбӣ дохил мешуданд»[216].

Дар асоси «Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон» соли 1886 якчанд тағйиротҳо ба низоми судӣ ворид карда шуд. Дар ҳар як уезд судҳои сулҳовар (мировые суды) ва судҳои вилоятӣ ташкил карда шуданд. Ҳамин тавр, то Инқилоби Октябр дар Тоҷикистони Шимолӣ 2 низоми судӣ амал мекарданд:

а) низоми судҳои умумиимперӣ, ки судҳои сулҳофарӣ ва вилоятиро низ дар бар мегирифт.

б) низоми судӣ барои аҳолии маҳаллӣ- судҳои қозӣ ва анҷумани судҳо.

---

209 *Кахаров А.А.* Правоохранительная система Таджикской АССР (1924-1929гг). Дис.на соиск.уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе. 1999. 192 с.

210 *Розиқзода А.Ш.* История формирования и деятельности милиции в Таджикистане. Часть1 и 2. Душанбе. 2003. 2004.

211 *Назаров Н.Д.* История таджикской милиции: этапы становления, развития и совершенствования. Душанбе. 2005. 251 с.

212 *Раджабов Р.М.* Проблемы формирования правовой системы Республики Таджикистан: теоритико-методологический аспект. Авт.дис.на соиск.уч.степени канд.юр.наук. Душанбе. 2000. 23 с.

213 *Абдулов А.М.* Пенитенциарная система Таджикистана (вторая половина Х1Х-ХХввв.). Душанбе. Ирфон. 2003. 116 с.

214 *Тахиров Ф.Т.* История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг). Т.2. Ч.1. Душанбе. Амри илм. 2001. 492 с.

215 *Ҳасанов К.Х.* История становления и развития организационно-правовых основ деятельности таможенных органов Республики Таджикистан. Авт.дис.на соиск.уч.степени канд.юр.наук. Душанбе. 2009-22 с.

216 *Каххаров А.А.* Дар ҳамон ҷо. С.22.

То барпо намудани ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистон ду низоми судӣ: феодалӣ, ки дар асоси шариати ислом амал мекард ва дунявӣ, ки бо таъсири низоми ҳуқуқии Россия ташаккул ёфт, вуҷуд доштанд.

*Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар огози Ҳукумати шӯравӣ*

Дар баробари барпо намудани Ҳукумати шӯравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ то моҳи июли соли 1918 дар Хуҷанд ва Уротеппа тамоми муассисаҳои судии пешина барҳам дода шуданд. «Ба ҷои суди сулҳофаринии барҳамдодашудаи Уротеппа суди халқии маҳаллӣ таъсис шуда, машваратчиёни судӣ интихоб карда шуданд ва онҳоро шуъбаи адлияи вилояти Самарқанд тасдиқ кард»[217].

Баъд аз ташкили Ҳукумати шӯравӣ 5 марти соли 1918 ба Шӯроҳо дар бораи ташкили трибуналҳои инқилобӣ супориш дода шуд ва 13 марти ҳамон сол Трибунали инқилобии уезди Ҳуҷанд таъсис дода шуд.

Трибуналҳои инқилобӣ дар асоси «Низомнома дар бораи трибуналҳои инқилобӣ», ки КИМ-и Туркистон моҳи феврали соли 1920 тасдиқ карда буд, фаъолият мекарданд.

Моҳи июни соли 1918 Шӯрои Комиссариати Халқии Ҷумҳурии Туркистон дар назди Комиссариати адлия Комиссия оид ба ташкили судҳои Шӯравӣ таъсис дод ва 16 ноябри соли 1918 КИМ-и ҶМШС Туркистон Лоиҳаи дастур дар бораи ташкил ва фаъолияти судҳои халқиро тасдиқ кард. Дар асоси ин ҳуҷҷати муҳим: судҳои маҳаллии халқӣ, судҳои шӯрои маҳаллии халқӣ, судҳои ҳавзавӣ ва суди касатсионии Туркистон ташкил карда шуданд ва 30 ноябри соли 1918 КИМ Умумииттифоқӣ «Низомнома дар бораи суди халқии ягона»-ро тасдиқ кард.

Яке аз хусусиятҳои ин давра дар он аст, ки дар асоси Низомномаи мазкур Шӯрои Комиссарони халқии Туркистон 17 июни соли 1919 бо қарори худ судҳои қозиро барҳам дод.

Ҳамин тавр, то гузаронидани ислоҳоти судӣ дар соли 1923 дар Кишвари Туркистон 3 намуди трибуналҳои инқилобӣ, вилоятӣ, ҳарбӣ ва роҳи оҳан амал мекарданд. Ғайр аз ин, Трибунали Олӣ дар назди КИМ-и Туркистон амал мекард.

*Ташкили мақомоти прокуратура.* 16 ноябри соли 1918 КИМ-и Туркистон декрет дар бораи ислоҳоти куллии низоми судиро нашр кард, аммо дар Аморати Бухоро чунин мақомот вуҷуд надошт.

Дар охири соли 1921, гуё барои барҳам задании босмачигарӣ ва таҳкими Ҳокимияти Шӯравӣ ҳукумати ҶХШБ ба Бухорои Шарқӣ отряди калони милитсияи Бухоро ва гурӯҳи кормандони масъулро бо роҳбарии раиси КИМ Умумибухороӣ У.Пулодхоҷаев ва муовини нозири ҳарбӣ Алӣ Ризо мефиристад. Онҳо бо вазири собиқи ҳарбии Туркия Анварпошо робита пайдо карда, бо роҳи сӯиқасд кӯшиш намуданд, ки Гарнизони Душанберо беяроқ гардонанд ва соҳиби яроқу аслиҳаи зиёд шуда ҳокимияти Шӯравиро барҳам диҳанд. Ин ҳодиса қувваҳои аксулинқилобиро дар Бухорои Шарқӣ рӯҳбаланд кард. Амир Олимхон, ки баъди фирор аз Ҳисор бо воситаи Кӯлоб ба Афғонистон рафта буд, ба хайрхоҳону тарафдоронаш ба Бухоро бо чунин мазмун нома фиристода буд: «Тайёр шавед ва мунтазир бошед хеле зуд пешво меояд, ки артиши исломро роҳбарӣ хоҳад кард»[218].

Вобаста ба вазъи сиёсии Бухорои Шарқӣ, ки ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ба ҳайати он дохил мешуданд, 22 январи соли 1922 Комиссияи фавқулоддаи диктаторӣ (КФД) дар ҳайати Раис, муовини Раис, котиби масъул ва 4 аъзои комиссия барои идоракунии Бухорои Шарқӣ ташкил шуд. КФД салоҳиятҳои васеъ, аз ҷумла ҳуқуқи Суди олиро дошт. Комиссияи диктаторӣ ҳуқуқи нашри декретҳою супоришҳои марбут ба бекор кардан, боз доштан ё тағйир додани Конститутсияи ҶХШ Бухоро ҳамчун қонунҳое, ки КИМ-и Бухоро қабул карда буд, дошт». Комиссияи фавқулоддаи

---

[217] История таджикского народа Т.V. Новейшая история (1927-1942гг) / Под ред. Р.М.Масова. Душанбе. 2004. С.169.

[218] Очерк истории Коммунистической партии Таджикистана. Том 1 (1903-1937гг). 3-е изд. доп. и перераб. Душанбе. Ирфон. 1980. С.83.

диктаторӣ ҳар мансабдори давлатиро бо салоҳдиди худ аз вазифа сабукдӯш мекард. Парвандаҳои чиноиро аз судҳо гирифта барои муҳокима ба шуъбаи муваққатии трибунали ҳарбӣ месупорид[219]. Яъне, ҳамаи кор бо зӯри анҷом дода мешуд.

Дар айни замон 23 ноябри соли 1923 барои таҳкими қонуният, таъмини назорат оид ба иҷрои ягонаи қонунҳо аз тарафи ҳамаи шаҳрвандон, ашхоси мансабдор ва муассисаҳои давлатӣ Прокуратураи Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро ташкил карда шуд. То ин давра дар ҶХШБ вазифаи назоратро мақомоти мухталиф то андозае иҷро мекарданд.

Дар раъси прокуратура Прокурори давлатии ҶХШБ қарор дошт, ки дар айни замон ӯ муовини аввали Нозири халқии адлия ҳисоб мешуд ва аз тарафи КИМ-и Бухоро таъин карда мешуд.

Тибқи Низомнома Назорати олии судиро барои қонуният ҳамаи санадҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Бухоро, Назирати халқии адлия ба амал меовард, прокурор бошад, ба ҳар гуна ҳукм, ҳал ё қарори суд ҳуқуқ дошт.

Моҳи октябри соли 1924 суди минтақавӣ (ҳавзавӣ)-и Бухорои Шарқӣ бо штати 13 нафар ва прокуратураи Бухорои Шарқӣ бо штати 4 нафар таъсис дода шуданд, ки аввалин прокурори давлатии ҳавзавии Бухорои Шарқӣ Аҳмадҷон Юлдошев буд ва дар ин вазифа то моҳи феврали соли 1925 фаъолият кардааст[220]. Ин сохтори низоми судӣ дар ноҳияҳои Марказӣ ва Ҷанубии Тоҷикистон то тақсимоти миллӣ- марзӣ дар Осиёи Миёна давом кард.

*Ташкили мақомоти КХКД.* Ҳокимияти полисӣ дар Аморати Бухоро дар ихтиёри миршаб (ҳокими шаб) қарор дошт, ки ӯ нафақат ба полиси шаҳр, балки ба ҳамаи миршабҳои шаҳрҳои Аморат роҳбарӣ мекард.

Низоми полисӣ дар маҳалҳо (дар бекигариҳо, амлокдориҳо, арбобҳо) амалан бо низоми мақомоти марказӣ як буданд.

Қисмҳои муҳими дастгоҳи марказӣ дар Туркистони мустамликавӣ жандармерия ва посбонони аспсавор-полисҳо дар шаҳрҳои уездӣ буданд. Дар оянда пас аз инқилоб дар асоси декрети Шӯрои Комиссарони халқ аз 20 ноябри соли 1917 дар бораи ташкили милитсия дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ кормандони полис озод гардида, милитсияи пролетарӣ-ташкил шуд, ки ба Шӯрои волостҳо итоат мекард[221].

19 июли соли 1919 тибқи «Низомнома дар бораи милитсияи коргару деҳқони шӯравии Ҷумҳурии Туркистони Федератсияи Шӯравии Россия» дар назди Шӯрои уездӣ-шаҳрӣ Раёсати милитсия ташкил шуд[222].

Ҳарчанд расман ба мақомоти милитсияи Тоҷикистон нав 80 сол пур мешавад, аммо ба андешаи муаллиф, сарчашмаи ташкили он ба давраи пештар, яъне соли 1917 мерасад[223].

Моҳи феврали соли 1919 бошад, КИМ-и умумироссиягӣ «Дар бораи ташкили милитсияи роҳи оҳан ва ҳимояи роҳи оҳан қарор қабул кард. Ҳамин тавр, дар миёнаи солҳои 1920- дастгоҳи милитсияи Шуравӣ ташкил карда шуд, ки звеноҳои асосии он то замони ҳозира дар кишварҳои пасошӯравӣ ҳифз шуда, амал мекунанд.

Дар ибтидои ташкили милитсия «Низомнома дар бораи милитсияи коргару деҳқон» муқаррар карда буд, ки ба ҳайати милитсияи коргару деҳқон: а) милитсияи шаҳрӣ ва уездҳо; б) саноатӣ (фабрикӣ-заводӣ, кӯҳӣ-саноатӣ ва ғайра); в) роҳи оҳан; г) обӣ ( дарёӣ ва баҳрӣ); милитсияи кофтуков дохил мешуданд[224].

---

219 Ҳамон ҷо. С.84.
220 *Каххаров А.А.* Дар ҳамон ҷо. С.49.
221 История таджикского народа Т.V. Новейшая история (1927-1942гг) / Под ред. Р.М.Масова. Душанбе. 2004. С.170.
222 Дар ҳамон ҷо. С.171.
223 *Назаров Н.Д.* Дар ҳамон ҷо. С.4.
224 *Мулукаев Р.С.* Избранние труды: К 80-летию со дня рождения / Академия управлення МВД России. М. 2009. С.244.

Воқеан, «Низомнома дар бораи милитсияи коргару деҳқон аз 10-июни соли 1920» моҳиятан асоси ҳуқуқии ташаккули мақомоти милитсия дар ҳамаи Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, ки солҳои -1917-1921 ба вуҷуд омаданд, гардид[225].

Вобаста ба марҳилаҳои ташаккули милитсияи Шӯравӣ вобаста ба минтақаҳои алоҳида ақидаҳо мухталифанд. Аз ҷумла, Р.С.Мулукаев ташаккули милитсияи шӯравиро ба ду марҳила ҷудо кардааст:

Марҳилаи якум:

1) октябри соли 1917, октябри соли 1918, ки ин боз ба 2-давра ҷудо мешавад. Дар соли 1917-то апрели с.1918 милитсияи Шуравӣ ҳанӯз мақомоти штатии давлатӣ набуд.

2) аз моҳи март-апрел то октябри соли 1918, дар ин марҳила милитсияи Шӯравӣ ҳамчун мақомоти махсуси штатии давлатии ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ташаккул ёфт.

Марҳилаи дуюм:

- октябри соли 1918 июни соли 1920. Дар ин марҳила шаклҳои асосии ташкилии милитсия муайян гардида, рушд ёфтанд. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ онҳо дар «Низомнома дар бораи милитсияи коргару деҳқон аз 10-июни соли 1920» мустаҳкам гардиданд[226].

Ҳамин тавр, то тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Марказӣ дар ин сарзамин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти милитсия ташаккул ёфта амал мекард.

*Ташкил ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҶМШС Тоҷикистон*

Баробари гузаронидани тақсимоти миллӣ-марзӣ ва ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон (1924) барои ташкили сохтори мутобиқи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарурат ва шароити мусоид фароҳам омад.

Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶМШС Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи андӯхтаи бунёди давлати Шӯравӣ татбиқ мегардид. Дар ин самт то гузаронидани тақсимоти миллӣ-марзӣ дар ҶМШС Туркистон ва ҶХШС Бухоро оид ба ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҷриба ва заминаи муайяне ба вуҷуд омада буд.

26 ноябри соли 1924 дар шаҳриТошкент Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати 15 нафар: Раис (Нусратулло Махсум), ду муовин (Додобоев ва Ҳоҷӣ Рахматулло), котиби масъул (Ҳомидов) ва 11 нафар аъзо (Имомов, Соколов, Ҳоҷибоев, Ёрмуҳаммадов, Шотемур ва дигарон) ташкил карда шуд.

Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ибтидои феврали соли 1925 ба Душанбе омада, ба фаъолият оғоз кард ва 5 феврал КИМ-и Бухорои Шарқӣ барҳам дода шуда, 15 марти ҳамон сол рӯзи таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон эълон шуд.

Барои роҳбарӣ ба соҳаҳои алоҳидаи идоракунии давлатӣ комиссариатҳои халқии ҶМШС Тоҷикистон бо сардории комиссарони халқӣ ташкил карда шудаанд, ки онҳоро Кумитаи инқилобӣ ба вазифа таъин ва озод мекард. «Тибқи сохтори дастгоҳи ҶМШС Тоҷикистон» бо қарори Кумитаи инқилобӣ чунин мақомоти идоракунии давлатӣ: Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) бо раёсатҳо ва шӯъбаҳои (маъмурӣ, милитсия, ковтукови ҷинсӣ, хоҷагии коммуналӣ), Комиссариати халқии адлия, Прокуратураи давлатӣ бо судҳои халқию мақомоти прокуратура дар маҳаллҳо ва сохторҳои дигари давлатӣ ташкил карда шуданд[227].

Дар солҳои мураккаби ҷанги шаҳрвандӣ дар оғози Ҳукумати Шӯравӣ наздики 2 миллион аъзои бригадаи мусоидат ба милитсия, гурӯҳи мусоидат ва баталонҳои қиркунанда, гурӯҳҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ба милитсия фаъолона дар ташкили корҳо оид ба тартиботи ҷамъиятӣ, муайянсозии душманону дизертирҳо ва мубориза бо ҷинояткорӣ кумак мерасониданд[228].

---

[225] *Мулукаев Р.С.* Дар ҳамон ҷо. С.255.
[226] *Мулукаев Р.С.* Дар ҳамон ҷо. С.241.
[227] *Тохиров Ф.Т.* Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. Душанбе. Дониш. 2009. С.11.
[228] *Назаров Н., Якубов М.* Таджикская милиия в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.). Душанбе. Хумо. 2005. С.61.

Комиссаритаҳои халқии дар навбати аввал таъсисёфта бояд таъҷилан ба ташкили дастгоҳи давлатӣ ва мубориза бо босмачигарӣ (КХКД, Прокуратура, Раёсати Асосии Сиёсӣ) ва ғайра оғоз мекарданд.

Бо қарори Кумитаи инқилобӣ дар марзи ҷумҳурӣ кодексҳои ҷиноӣ, ҷиноӣ-мурофиавӣ, ислоҳотӣ-меҳнатӣ, оинномаи хизмат дар ҷои маҳбас, низомнома дар бораи судҳои интизомӣ ва дигар санадҳои ҶШС Узбекистон ва РСФСР, ки вобаста ба шароити Тоҷикистон ба онҳо тағйироту илова ворид карда шуда буданд, мавриди амал қарор дода шуданд ва дар ташкили низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ аҳамияти бузург доштанд[229].

*Ташкил ва рушди мақомоти адлия.* Бо мақсади демократикунонии мақомоти судии ҶХШ Бухоро «Низомнома дар бораи бунёди судҳои ҶХШБ, ки КИМ-и Умумибухороӣ 5 январи соли 1924 қабул карда буд, аҳамияти калон дошт. Низомнома муҳокимаи коллегиалии парвандаҳоро дар судҳои халқии қозиҳо бо иштироки мушовирони халқӣ дар назар дошт, ки иштироки мустақими оммаи халкро дар рафти адолати судӣ таъмин мекард.

Низомнома чунин низоми судиро муқаррар карда буд:

1) суди халқӣ ва суди қозиҳо дар шаҳрҳо, туманҳо ва кентҳо. Ин судҳо ба сифати судҳои инстансияи якум амал мекарданд.

2) суди ҳавзавӣ, ки суди инстансияи касатсионӣ нисбат ба судҳои қозӣ ва судҳои инстатсияи якум ҳисоб мешуд.

Машваратчиёни халқӣ интихобӣ буданд, Судҳои қозӣ ҳангоми ҳалли парвандаҳо (корҳо) ба меъёрҳои Шариат, ки ба қонунҳои Шӯравӣ мухолифат намекарданд, такя мекарданд.

Бо қарори КИМ-и Умумибухороӣ аз 28 феврали соли 1924 дар тамоми марзи ҶХШБ КҶ (Кодекси ҷиноятӣ) (Кодекси мурофиаи ҷиноӣ)-и РСФСР мавриди амал қарор дода шуд[230].

Мақомоти Олии судии ҷумҳурӣ Суди олии ҶХШ Бухоро ҳисоб мешуд.

Барои ҳалли вазифаҳои муҳими сиёсӣ ва мубориза бо қувваҳои аксулинқилоб дар Бухорои Шарқӣ моҳи октябри соли 1924 Суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ ташкил карда шуд, ки масъалаҳои ҷиноиро муҳокима мекард, аз ин хотир фақат як шуъба - шуъбаи ҷиноӣ ва 13 штат дошт. Дар назди суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ прокуратура ташкил шуд, ки ҳамаи вилоятҳоро назорат мекард. Аз ҷумла суди ҳавзавӣ бо мусоидати трибунали инқилобӣ ҷинояткоронро ҳукми қатл медоданд. Ба ғайр аз суди ҳавзавӣ то давраи тақсимот дар Бухорои Шарқӣ 25 судҳои қозӣ низ амал мекарданд.

Дар айни замон 7 декабри соли 1924 дар ҷаласаи Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар қатори масъалаҳои дигар маърӯзаи муовини раиси Кумитаи инқилобии ҷумҳурӣ А.Дадабоев «Дар бораи сохтори дастгоҳи ҶМШС Тоҷикистон» муҳокима гардида, дар бораи ташкили Комиссар-иати халқии адлия ва прокуратураи давлатӣ бо судҳои халқӣ ва мақомоти прокуратура дар маҳалҳо қарор қабул гардид. Баъдан 14 декабри соли 1924 Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Комиссариати халқии адлия ва Прокуратураи давлатии ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул кард.

Ҳамчунин, дар ҳамин давра 7 ноябри соли 1924 дар бораи ташкили Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул карда шуд, ки ҳамаи санадҳои ҳуқуқии ба КИМ-и Шӯроҳо ва Шӯрои Комиссарони халқии ҶМШС Тоҷикистон пешниҳодшударо мавриди баррасӣ қарор дода, дар якҷоягӣ бо Шӯрои Комиссарони Халқии ҷумҳурӣ дар нашри қонунҳо ва фармоишҳои ҳукумат иштирок мекард. Комиссариати халқӣ муассисаҳои судӣ ва мақомоти тафтишотро ташкил мекард, ба

---

[229] Ҳамон ҷо. С.225.
[230] *Кахаров А.А.* Дар ҳамон ҷо. С.73.

фаъолияти коллегияи ҳимоятгарон (адвокатҳо), комиссияҳои замин ва ҳакамӣ, судҳои третейӣ, маҳкамаҳои (камераҳои) оштӣ назорат мекард[231].

Комиссариати халқии адлия аз 22 декабри соли 1924 ба фаъолият оғоз кард ва 12 феврали соли 1925 мақомотҳои он дар шаш вилоят-Душанбе, Кӯлоб, Ғарм, Қӯрғонтеппа, Ӯротеппа, Панҷакент ба фаъолият оғоз карданд.

Дар ин давра бо қарори Раёсати КИМ-и Шӯроҳои ҶШС Ӯзбекистон аз 25 марти соли 1925 дар ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи суди Олии ҶШС Узбекистон ташкил карда шуда буд, ки аъзои онро Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон таъин мекард ва он то 1 сентябри соли 1926 дар ҳайати 9 нафар дар Тоҷикистон амал карда, дар ин муддат 110 парвандаро дида баромадааст.

Бо қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 18 апрели соли 1925 дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ вазъияти фавқулодда эълон шуда буд. Бо мақсади ҷазодиҳӣ нисбати қувваҳои аксулинқилоб 7 сессияи сайёри шӯъбаи Суди Олии ҷумҳурӣ ташкил шуда 75 парвандаи ҷиноӣ нисбати 154 нафар муҳокима гардида ба 83 нафари онҳо ҳукми қатл дода шудааст[232].

30 апрели соли 1927 дар Тоҷикистон шӯъбаи суди Олии ҶШС Узбекистон ба кор сар кард, аммо аллакай 28 ноябри соли 1927 вай фаъоли-яти худро қатъ кард, чунки Суди Асосии ҶМШС Тоҷикитон ташкил карда шуд[233].

Ҳамин тавр дар солҳои 1925-1926 дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон муассисаҳои судии: судҳои халқӣ, судҳои ҳавзавӣ ва шӯъбаи Тоҷикистони Суди Олии Узбекистон амал мекарданд.

19 июни соли 1927 бо қарори КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон шӯъбаи Суди Олии ҶШС Узбекистон дар Тоҷикистон ва кулли судҳои ҳавзавӣ барҳам дода шуда, ба ҷои онҳо Суди асосии ҶМШС Тоҷикистон ва дар вилоятҳо ваколатдори суди Асосӣ ташкил карда мешавад.(Кахаров А.С.80). Суди асосии ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати Пленум, Президиум (Раёсат), Коллегияҳои Судӣ ва касатсионӣ оид ба корҳои ҷиноӣ ва шаҳрвандӣ амал мекард.

Ба Ваколатдори Суди асосӣ ҳамчунин вазифаи назорати молиявӣ дар вилоятҳо вогузор шуда буд.

Яке аз беадолатиҳои мақомоти судии ҶМШС Тоҷикистон то охири соли 1928 дар он буд, ки кодексҳо бо забони узбекӣ буданд, ҳукмнома ва ҳалномаҳо бо забони узбекӣ бароварда мешуданд.

Моҳи декабри соли 1927 сессияи доимии суди Асосии ҶМШС Тоҷикистон оид ба ВМК Бадахшон таъсис дода мешавад, ки дорои 2 камераи суди халқӣ буд. Чунин низоми судӣ то соли 1929 дар Тоҷикистон вуҷуд дошт. Судҳои қозӣ то соли 1927 фаъолият мекарданд, вазифаи судҳои сулҳофариро иҷро мекарданд.

Соли 1931 КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон дар бораи ҷорӣ кардани судҳои ҷамоатӣ қарор қабул кард, ки асосан категорияҳои баҳсҳое, ки судҳои қозӣ ҳал мекарданд, дида мебаромаданд.

15 октябри соли 1929 анҷумани фавқулоддаи Шӯроҳои Тоҷикистон даъват карда шуд ва 16 октябр он қарор ва эъломия дар бораи ташкили ҶШС Тоҷикистон қабул кард.

Ҳамин тавр, дар замони Шӯравӣ мақомоти судӣ ташаккул ёфт, ки метавонист дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши муҳим дошта бошад, аммо дар таҳқиқоти олими варзидаи кишвар қайд гардидааст: «Дар давлати Шӯравӣ тавре маълум аст, ҳокимияти судӣ эътироф карда намешуд. Шаклҳои асосии адолати судии сотсиалистӣ истеҳсолоти судии шаҳрвандӣ ва ҷиноӣ буданд. Истеҳсолоти судии конститутсионӣ ва маъмурӣ, ҳамчунин назорати судӣ ба фаъолияти мақомоти

---

231 *Митюкова К.Д.* Опыт государственного строительства Таджикской АССР (1924-1929гг.). Душанбе. Дониш.1985. С.72.
232 *Қахаров А.А.* Дар ҳамон ҷо. С.78.
233 *Митюкова К.Д.* Дар ҳамон ҷо. С.73.

давлатӣ ва идоракунӣ эътироф намешуд[234]. Ин андешаро ташкил ва фаъолияти Комиссияи фавқуллодаи диктаторӣ дар Бухорои Шарқӣ тақвият медиҳад.

Аммо тавре маълум аст, мақомоти судӣ дар замони истиқлол шохаи мустақили ҳокимият эътироф гардида, дар Тоҷикистон то ва баъд аз қабули Конститутсияи соли 1994 якчанд санадҳо дар соҳаи низоми судӣ қабул карда шудаанд. Дар навбати аввал чунин санадҳои меъёрӣ қабул гардиданд:

1) Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкили судҳо» аз 28 декабри соли 1993;
2) Қонуни ҶТ «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 декабри соли 1993;
3) Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи ташкили судҳо» аз 3 ноябри соли 1995…»[235].

Ҳамагӣ номгӯи ҳафт қонуни марбути мақомоти судӣ оварда шудааст. Ин нишон медиҳад, ки дар замони истиқлол заминаҳои ҳуқуқии мақомоти судӣ дар кишварамон такмил ёфта, барои фаъолияти самарабахши ин шохаи муҳими ҳокимият шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст ва имрӯз он дар таҳкими қонуният, риояи адолати судӣ нақши арзанда дорад.

*Ташкили мақомоти прокуратура.* Заминаи ташкили прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон қарори Кумитаи инқилобӣ аз 14 декабри соли 1924 «Дар бораи ташкили Комиссариати халқӣ ва Прокуратураи давлатии ҶМШС Тоҷикистон мебошад.

Дар соли 1925 низоми прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон чунин буд:

- Прокурори ҷумҳурӣ ва муовини ӯ (дар айни замон ӯ комиссариати халқӣ ва муовини комиссариати халқии адлия);
- Шӯъбаи прокуратураи Комиссариати халқии адлия;
- Прокурори шӯъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Узбекистон;
- Прокурорҳои вилоятӣ. Моҳи декабри соли 1926 Комиссариати халқии адлия прокурори ВМКБ-ро таъин кард.

Солҳои 1926-1927 прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон мураккаб будани муносибати худро бо шӯъбаи давлатии идоракунии сиёсӣ қайд кардааст: Кормандони онҳо аҳамияти прокуратураро дарк намекарданд. Нишондодҳои прокуратураро иҷро намекарданд, судяҳои халқиро бе иҷозати прокурор ба маҳкама мекашиданд, баъзан вазифаи прокурорро иҷро мекарданд (тафтиши парвандаҳои ҷиноӣ ва ғайра), ки ин аз номукамалии низоми ҳифзи ҳуқуқи он давра дарак медиҳад.

Дар замони истиқлол мақомоти мустақили Покуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфта, имрӯз самаранок фаъолият дорад.

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25-июли соли 2005 №107 (моддаи 1) дар асоси меъёри Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 94) омадааст, ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад.

Дар Қонуни конститутсионии мазкур вазифаҳои мақомоти прокуратура дақиқ муайян карда шудаанд. Дар моддаи 4 омадааст, ки вазифаҳои мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи:

- мустақилият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошанд.

---

[234] *Солиев К.Х.* Судебно-разъяснительная деятельность. Теоретико-методологический аспект. Душанбе.2003. С.70.

[235] *Солиев К.Х.* Проблемы правового регулирования разъяснительной деятельности Верховного Суда Республики Таджикистан. Душанбе. 2004. С.8.

Самтҳои фаъолияти прокуратура вобаста ба вазифаҳои иҷорашаванда муайян карда мешаванд. Моддаи 5 Қонуни мазкур ба самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура бахшида шудааст ва яке аз самтҳои прокуратура назорати умумии прокурорӣ мебошад. Ҳамин тавр, мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақоми хоса дорад.

*Адвокатура.* Дар китоби Искандаров З.Ҳ. , ки ба фаъолияти адвокатӣ бахщида шудааст, дар бораи таърихи ташаккули мақомоти адвокатура дар Тоҷикистон маълумоти муфассал дода шудааст[236].

Ҳанӯз моҳи октябри соли 1924 суди округи Бухоро ташкил карда шуд, ки дар назди он минбаъд коллегияи адвокатҳо таъсис дода шуд. 29-уми сентябри соли 1926 КИМ ҶШС Узбекистон Низомнома «Дар бораи сохтори судӣ» қабул намуд, ки дар асоси он 14 декабри соли 1927 КХ адлияи ҷумҳурӣ «Низомнома дар бораи коллегияи ҳимоячиён»-ро қабул намуд[237].

Дар Ҷумҳурии Тоикистон асоси фаъолияти адвакатура аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Тибқи талаботи Конститутсия адвокатура бо шахсони воқеӣ (шаҳрвандон) ва шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ) ёрии ҳуқуқӣ мерасонад. Фаъолияти адвокатураро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз 4 ноябри соли 1995 ба танзим медарорад.

Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти адвокатураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иборат аст, ки низоми ягонаи қонунгузории адвокатураро ташкил менамоянд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура», адвокатура иттиҳодияи мустақили касбӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Коллегияи адвокатҳои Ҷумҳурии тоҷикистон амал мекунад, ки он дар Вазорати адлия ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷкистон «дар бораи адвокатура» (моддаи15) ташкили коллегияи адвакатҳоро пешбинӣ намудааст. Дар Ҷумҳурӣ Коллегияи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коллегияи адвокатҳои вилояти Суғд, Ассосиатсияи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коллегияи адвокатҳои шаҳри Душанбе фаъолият мекунанд. Барои ташкили коллегияи адвокатҳо қонунгузор ягон хел иҷозати махсусро пешбинӣ накардааст. Тибқи қонун коллегияи адвокатҳо бо ташаббуси на камтар аз чил адвокат, ки ҳуқуқдонҳои касбӣ мебошанд, таъсис дода мешавад.

Дар таъмини нақши афзояндаи ҳуқуқ дар ҷомеа фаъолияти судӣ-тафтишотӣ ва дар маҷмӯъ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳамияти хоса дорад. Қадами муҳим дар ин самт қабули «Қонун дар бораи ҷавобгарӣ барои дахолат ба тафтиш ва баррасии судии парвандаҳои мушаххас» мебошад, ки меъёри ҳаёти давлатӣ дар як қатор кишварҳои хориҷӣ гардидааст[238]. Вақти он расидааст, ки дар кишвари мо чунин қонун қабул карда шавад, ки он метавонад, ба тақвияти амалисозии волоияти қонун дар ҷомеа мо мусоидат кунад.

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон мақомоти ҳифзӣ ҳуқуқ тадриҷан дар муддати муайяни таърихӣ ташакул ёфта, дар замони истиқлол дар ҳифзи манфиатҳои умуммидавлатӣ ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини тоҷикон нақши муҳим доранд.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматриваются вопросы возникновения, становления и развития правоохранительных органов в Таджикистане. Авторами подчеркивается, что новая

[236] *Искандаров З.Ҳ.* Асосҳои фаъолияти адвокатӣ (Васоити таълимӣ). Душанбе. Эҷод. 2005. С.38-47.
[237] *Искандаров З.Ҳ.* Дар ҳамон ҷо. С.41.
[238] *Тохиров Ф.Т.* Дар ҳамон ҷо. С.11.

система правоохранительных органов северных районов Таджикистана и Бадахшана была создана лишь после завоевания Россией Средней Азии. Особое место в статье заняло освещение вопроса становления и развития правоохранительных органов в годы Советской власти.

## БАРРАСӢ ВА МОҲИЯТИ ТАЪРИХ АЗ НИГОҲИ ФАРҲАНГ ВА ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

**Чӯраев Р.З.**[*]
**Ализода Б.П.**[**]

Тамаддуни исломӣ яке аз комёбии бузурги инкишофи андешаи башар аст ва онро метавон тамаддуни асроромез номид. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ мисли забонаш арабӣ буда, тафаккураш форсию тоҷикӣ, хаёлоташ ҳиндӣ, бозуяш туркӣ, аммо дил ва ҷонаш исломӣ мебошад, ба якборагӣ насиби башарият нагаштааст, балки рӯзгори тӯлониеро аз сар гузаронида, аз соддатарин масоили зиндагӣ то имрӯза фаҳмиши моҳияти оламро, аз ҷумла масъалаи дарки моҳият ва баррасии таърихро дар бар гирифта, онро ба сарпанҷаи маърифату тафаккури фалсафӣ кашида, рози табиату асрори фарҳангро аз дидгоҳи худ ба даст биовардааст.

Фарҳангу тамаддуни исломӣ пас аз оғозаш рӯй ба такомул ниҳода, масъалаи таърихро ҳамчун мавзӯй муҳими омӯзиши худ қарор додааст, ки фаҳмишу ифода, баёну баррасии он таваҷҷӯҳи кулли муҳаққиқони исломро ба худ ҷалб кадааст. Моҳияти он ҷанбаҳои гуногунро касб намуда бошад ҳам, вале дар давраҳои охири рушди маърифати исломӣ(ибтидои асри нуҳӯми мелодӣ) ба сифати риштаи мустақили илм шинохта шудааст.

Таърихро маъмулан ҳофизаи инсоният хонанд, вале чунон ҳофизаест басо худвижа, на ҳамеша барои ҳамагон якрангу яксон.

Бояд ёдовар шуд, ки фаҳмиш ва баррасии таърих дар тамаддуни башарӣ дар ҷараёни таҳаввули тафаккури фалсафӣ мухталиф мебошад.

Агар, ба таҳлили мазмуну моҳият ва таҳаввули фалсафаи таърих дар тамаддуни исломӣ бипардозем, бевосита метавон муайян намуд, ки то кадом андоза таърих ва ифодаи он, ҳадафу матлаб, муҳаррику манзилгаҳи он дар тафаккури исломӣ бомавқеъ ва гаронмоя будааст.

Мухталифмазмунии вожаи таърих мавқеи муҳимро дар тамаддуни исломӣ дорад, ки ба андешаи мо асоси онро пеш аз ҳама рушду такомули тафаккури инсонӣ ташкил медиҳад.

Бо паҳн гардидани илму фарҳанг ва донишҳои юнонӣ дар оғози асрҳои миёна дар Шарқ, мусулмонон бо риштаҳои гуногуни маърифати илмӣ ошно шуданд. Вале дар он замон таърих ба сифати риштаи мустақили илм ва тафаккури хосса ташаккул наёфта буд, ҳатто файласуфони араби юнонизабон аз мавриди таърих зикре накардаанд.

Фарҳанги исломӣ бошад вожаи юнонии (истуриёнро), ки дорои моҳияти гуногун буд қабул намуд, ки маърифати исломӣ бо паҳн гардидани илму фарҳанги юнонӣ ва инкишофи тафаккури фалсафӣ ба моҳият ва ифодаи фаҳмиши таърих комёб гардид, ки таҳаввули он дар доираи фарҳанги исломӣ хусусияти ба худ хосеро касб намуд.

Аввалан, ду вожаи фаннӣ, ки дар забони арабӣ андешаи таърихро дар тафаккури исломӣ дар ибтидои таҳаввули он ифода мекард чунин фаҳмида мешуд: «илм-ал-ахбор» ва «илм ат-таърих».

---

[*] *Чӯраев Р.З.* - сардори кафедраи Фанҳои ҷамъиятии академияи ВКД, номзади илмҳои фалсафа, полковники милитсия.
[**] *Ализода Б.П.* – дотсенти кафедраи Фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ.

Иборои «ахбор» ҷамъи хабар буда, вожаест ривоҷи беандоза дорад ва моҳияти аслии он равшан нест. Тавре, ки А.А.Ҳалабӣ қайд менамояд, «дар забони арабӣ ягон маънои аслии вожаи «ахбор» вуҷуд надорад»[239]. Ба андешаи мо вожаи «ахбор» ҳамчун ифодагари моҳияти таърих маънои «ҳикоят аз рӯйдод», «хабар» ва «донишро»-ро дорост, зеро вожаи хабар ба ҳар ҳол ба маънои «иттилоъ» аз рӯйдодҳои барҷастаи даврон дар тамаддуни исломӣ фаҳмида мешуд[240].

Ба инкишофи тамаддуну тафаккури инсонӣ вожаи «ахбор» низ такомул ёфта маънии дигар, яъне «иттилоъ аз кирдор ва гуфтори паёмбар Муҳаммад (с)-ро касб намуда, хоси бузургони садри ислом гардида, ба маънои осор ва чизи муродиф ба ҳадис фаҳмида мешуд[241].

Аммо маҳдудияти вожаи юнонии «Истуриё»- ҳамчун шинохти рӯйдодҳо, ки ба инкишофи он падидаҳои тафаккури инсонӣ ҳамроҳ буд, ошкор гардид.

Аз ибтидои қарни нуҳӯм вожаи торих ба маънои пурраи фаннӣ, ки баробар бо вожаи инглисии « history» (ҳисториё) фаҳмида мешуд, дар маърифат ва тамаддуни исломӣ мавқеъ пайдо кард.

Бояд зикр намуд, ки вожаи торих дар забони арабӣ ба маъниҳои гуногун фаҳмида мешавад. Аксарияти мутафаккирони тамаддуни исломӣ чунин мепазиранд, ки «маънии торих «амал» «даврон», «сол», «одатҳои тағйирнопазир»- ро дорост, ки ба андешаи муҳаққиқ Ф.Розентал «ифодагари моҳияти торих мебошад»[242].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон дар зери мафҳуми торих - «моҳи қамар», яъне, ишора «бо баррасии рӯйдоду воқеаҳо бо моҳ ва рӯзҳои моҳ аз тариқи мушоҳидаи қамар»-ро мансуб медонанд[243].

Ба назари мо андешаи мазкур моҳияти торихро ҳамчун ифодагару нишондиҳандаи рӯзу моҳ дар муҳаррики хеш вобаста ба даврон буда, аз ҷониби дигар ба маънии ифодаи воқеот, рӯйдодҳои рӯзмарра ва рӯзшумории даврон мебошад.

Бояд зикр намуд, ки мавҷудияти вожаи торихро бо маънии имрӯз дар адабиёту фалсафаи то исломӣ дар тамаддуни Шарқ пайдо карда наметавонем.

Ба андешаи мо дар фарҳангу зеҳни тамаддуни исломӣ, нахустин маротиба вожаи таърих ҳамроҳи достонҳои марбут ба оғози асри исломӣ дар фарҳанги исломӣ роҳ ёфта, баъдтар ба мафҳуми англисии «history» ҳаммаъно мегардад, ки «воқеа нигоштанро» ифода кардааст.

Яке аз масъалаи муҳим, ки зарурияти таҳлилро тақозо менамояд ин аст,ки оё таърих, фаҳмиш ва баёну таҳаввули он дар фарҳанги исломӣ ҳамчун шакли маърифати мустақил пазируфта мешуд ё не? Албатта, дар ин маврид низ дар байни мутафаккирони исломӣ андешаи ягона вуҷуд надорад. Бархе онро ҳамчун илми мустақил, нафари дигаре илми вобаста ба дигар илмҳо, саввуми онро бо илми динӣ алоқаманд медонистанд.

Барои баҳогузории дуруст таҳлили баъзе аз андешаҳои муҳаққиқони фарҳангӣ исломиро оиди масъалаи мазкур зикр нмудан ба маврид аст.

Мо имрӯз гуфта наметавонем, ки то даврони ҳаёту фаъолияти ду файласуфи пешгоми исломӣ Абу Насри Форобӣ ва Ибни Сино, мутафаккирони Шарқ ба масълаи фаҳмиши моҳияти торих, дарку байёни он ишорае карда бошанд ва ҳатто дар баҳсҳои хеш аз илму фалсафаи торих ҳарфе гуфта бошанд. Вале мо аввалин нишонаҳои шуур ва афкори торихро дар қадимтарин сарчашмаҳои арабӣ дар шакли асотир ва ривоятҳои бостон ба монанди достонҳои «айём-ал-арабия» ва рисолаи «Ихвон-ул-сафо» мушоҳида карда метавонем, ки маърифати таърихиро ҳамчун шакли мустақили тафаккур дар шумораи илми риёзӣ, вожанигорӣ, кимиё ва

---

239 *Ҳалабӣ А.А.* Таърихи тамаддуни ислом. Теҳрон. 1345. С.335 (форсӣ).
240 *Розентал Ф.* Таърихи торихинигорӣ дар ислом. Теҳрон. 1367. С. 46 (форсӣ).
241 *Ричард Б.* Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна (тарҷ. М.Ҳасан). Теҳрон-1367. С. 31 (форсӣ).
242 *Розентал Ф.* Ҳамон ҷо.С.52.
243 *Муҳаммад М.* Нафосу ал-фунун фи ъросу ан ъйун. Қоҳира. 329. С.63 (арабӣ).

муомилот ёдрас намуда онро, ҳамчун «саргузашти даврон», «саргузаштнома», «ал-сайрул- ал-ахбор» фаҳмида мешуд.

Вобаста ба он, ки муҳаққиқони исломӣ моҳияти таърих ва фаҳмиши онро чи гуна баҳогузорӣ намудаанд, тавре зикр намудем андешаҳои гуногун мавқеъ доранд.

Ба андешаи Ибни Абдурабеъ «торих дар байни илмҳои калому аҳком ва табию пизишкӣ гурӯҳи мобайниро ишғол намуда, қисмате аз забон ва хондану навиштанро ташкил дода, ҳамчун илми мустақил дар тафаккур ҷой надорад, танҳо иттилоъ аз рӯйдодҳои муҳим аст»[244].

Чунин андеша дар осори Муҳаммад ибни Маҳмуд ҷой дорад, ки таърихро ба зумраи улуми нақлӣ «мубоҳисот», «гуфтугӯ», «муколама» раддабандӣ карда, дар байни фаҳмиш ва байни он тавофут мегузорад. Ба андешаи ӯ «таърих агар «ифодаи зиндагӣ», аъмоли анбиё ва подшоҳон бошад, фаҳмишу баёни он ба шароит, муҳит ва фаъолияти шахсиятҳо вобаста мебошад»[245].

Ба андешаи Кофиҷӣ ва Саховӣ торих ҳамчун илми мустақил дар доираи тафаккур вуҷуд надорад, балки то ҳудуде «ҳамтирози илми ҳадис» ба шумор меравад. Чунин ибрози назар дар осори донишманди Андалусӣ Ибни Ҳазм мушоҳида мегардад, ки «торихро ифодагари нопойдории ҷаҳон, беадолатии рӯзгор, кирдорҳои инсонҳо, дар баробарии он ҳушдорӣ аз кори бадкорон ба қалам додаст»[246].

Фаҳмиши моҳияти торих дар асари Ибни Фарҷом «Ҷавомеъ-ал улум» ифодаи зайлро дорост. Муаллиф бар он андеша аст, ки «мафҳуми торих бо мафҳуми ҳикмат ҳаммаъност», аз ин лиҳоз «торих ҳамчун илм ифода бар пояи рӯйдодҳои муҳим ва барҷастаи даврон, чун бемории ҳамагир бар наслҳост».

Ба маънии дигар торих ин ифодагари теъдоди наслҳо, синну сол, муддати ҳукуматҳо, оғози офариниш шароити иҷтимоӣ ва фикрии наслҳои гузашта, саргузаштномаи паёмбари ислом Муҳаммад(с) баёнгари рӯзгори ашрофону олимон ва ғайра мебошад, ки аз назари фаъолиятҳои сиёсию иҷтимоӣ омӯзанда мебошад.

Чунин андешаро дар осори Ф.Розӣ «Ҳадоиқ -ал-анвор фи дақоиқ ал-асрор» мехонем, ки моҳияти таърихро бо илми ҳадис як шуморида, баёнгари қонуниятҳои дину шариат медонад.

Аз ин лиҳоз, дар ибтидои тамаддуни исломӣ фаҳмиши моҳияти таърих ифодаи саргузаштномаҳои ҳазрати Муҳаммад(с) ҳамчун «сайрат-ул расулуҳу» ва «сайратан расулатан» фаҳмида шуда, барои тарғибу ташвиқи мардум ба тавзеҳи саргузашт, ниёзи муслимин дар огаҳӣ аз зиндагии фардӣ ва иҷтимоии паёмбари Акраму ёронаш, пешрафти ислом, шинохти аҳволу авзоъи мардум ва кишварҳоро дар бар гирифта, омӯзишу фаҳмиши он зарур дониста мешуд.

Албатта боиси эътироф аст, ки дар ибтидои зуҳури ислом маърифату тафаккури таърихӣ ба куллӣ дар хизмати дин қарор дошт.

Бояд зикр намуд, ки омӯзиш ва фаҳмиши таърих дар доираи фарҳанги исломӣ то қарни ёздаҳум ба мақоми илми мустақил дар тафаккури мусулмонон ташаккул наёфта буд. Чи тавре,ки Розентал Ф. қайд менамояд: «Торих ғайри дин дар ҳеҷ мадраса дар қаламравӣ исломӣ арза намегардид» ё ба ифодаи дигар андешаи зайлро дар рисолаи «Ихвон-ус-сафо» мушоҳида мекунем[247]. «Кӯдакони дар мадорис дар баробари Қуръон, шеър, луғат «ахбор»- торихро низ меомӯхтанд»[248].

Вале дар натиҷаи паҳн гардидани илму фарҳанги юнон ва таъсири бевоситаи он дар ҷаҳонбинӣ ва тафаккури мутафаккирони Шарқ, мусулмонон он чи аз фикру тамаддуни дигарон судманд дарёфтанд ба фарҳангу тамаддуни худ роҳ доданд, онро тақвият бахшида, ба ин васила мероси муштараки маънавиёти инсониро дар ҳассостарин давраи торихӣ аз нобудӣ эмин нигоҳ доштанд.

---

[244]. *Розентал Ф.* Ҳамон ҷо. С.50
[245] *Розентал Ф.* Ҳамон ҷо. С.55.
[246] *Расоил.* Ихвон-ус-сафо. Ҷ.3. Қоҳира. 1367. С.20 (арабӣ).
[247] *Розентал Ф.* Ҳамон ҷо. С.55.
[248] *Расоил.* Ихвон-ус-сафо. Ҷ.3. Қоҳира. 1367. С.20.

«Таърихнигорони юнонӣ сурати воқеъа, нигоштанро ба мусулмонон арза карданд ва мусулмонон тавонистанд дар беҳсозии он саҳм бигиранд»[249]. Чунин нуқтаи назарро аксари мутафаккирони исломӣ, ки бо таъсири тафаккури юнонӣ андешаҳои таърихӣ дар Шарқ таҳаввул ёфтаанд, дастгирӣ мекунанд. Ал Хоразмӣ роҷеъ ба шаклҳои маърифат сухан ронда, таърихро «илми аз хориҷ ворид шуда медонад», ки далели таъсири фарҳангу тамаддуни юнонӣ ва паҳн гардидани он ба Шарқ мебошад[250].

Бояд қайд намуд, ки маърифат ва тафаккури таърихӣ дар тамаддуни исломӣ баробари ислом нашъу намо ёфта, ҳамчун дастоварди фаъолияти фикрӣ ба риштаи махсуси маърифат табдил ёфта, аз нимаи дуюми қарни дуюми ҳиҷрӣ вожаи таърих бо вожаи англисии «history» дар фарҳангу тамаддуни исломӣ ҳаммаъно гардид.

Дар мавриди ҳамчун шакли тафаккури махсуси илмӣ дар фарҳангу тамаддуни исломӣ мавқеъ доштани маърифати таърих А.Форобӣ дар «Фалсафаи Арастуия» чунин нигоштааст: Таърих ин «ал-ахбор-ал-носи» саргузаштнома ва «ал- ахбор ал-илмӣ» ҳамчун навъи маърифат мебошад. Чунин тарзи ифодаи моҳияти таърихро Ибни Халдун ҷонибдорӣ намуда, вазифаи онро на танҳо аз инъикоси далелу воқеаҳо, балки тадқиқоти моҳияти ҳодисаҳои таърихӣ ва баёни алоқамандии ҷиҳатҳои дохилию берунии он медонад.

Албатта, ифодаи зайл пазируфтани таърих чун илм дар ҷараёни маърифат ва алоқамандии он ба фалсафа мебошад.

Таърих аз нигоҳи И.Халдун илми мустақил буда предмети он ҳаёти ҷомеа ва ҷамъияти инсонӣ мебошад, аз ин лиҳоз таърих танҳо яке аз шохаҳои муҳими фалсафа буда, илмиёти он низ аз он бармеояд. Роҷеъ ба фаҳмиш ва бобати баёни таърих ва фалсафаи таърихро аз нигоҳи И.Халдун, мутафаккири исломӣ Ҷ. Зайдон чунин нигоштааст: «Торихи Ибни Халдун аз муқаддимаест, ки бар асоси фалсафаи торих навишта шуда, пеш аз вай на юнониҳо ва на румиҳо ҳеҷ кадоме чунон китобе дар фалсафаи торих нанигоштаанд»[251].

Моҳият ва мавзӯи таърих ба андешаи И.Халдун менависад Бациева С.М.«ифодаи инкишофи тафаккури инсоният, ҳаёти ҷомеа ва маданияти инсонӣ мебошад»[252].

Аёнияти ин нуқтаро мо дар андешаҳои Ибни Халдун мушоҳида карда метавонем.

Пеш аз ҳама И.Халдун таърихро илми мустақил шуморида, пайдоиши онро мустақилона ҳисобида, мавзӯи баҳси онро низ алоҳида медонад. Мавзӯи илми нав «умра» (маданият, тамаддун) ҳаёти ҷомеа, умумияти одамон дар ҷомеа мебошад.

Бешубҳа, фарҳангу тамаддуни исломӣ таърихро ба шакли илми алоҳида эътироф карда, маърифати таърихро ҳамчун илми марбут ба инкишофи ҳаёти иҷтимоии инсон пазируфтааст. Мавзӯи торих менависад, З.Сафо «Инсон ва замин буда, масоиле, ки торих ба онҳо мепардозад, авзою аҳволи замон, инсон ва рӯйдодҳое, ки бар башар дар таи замон ҳамаро фаро гирифта бошад»[253].

Баррасии масъала ошкор месозад, ки дарку фаҳмиши моҳияти таърих дар андешаи муҳаққиқони исломӣ ба ду маънӣ; ба таври маҳдуд васфи адабӣ ва аъмоле, ки бар инсон, хоҳ фард ва хоҳ гурӯҳи одамон роиҷ асту аз сар мегузаронанд, ба маънои маърифати илмӣ ва илми мустақил чунин дарк карда мешавад, ки таърих тамоми мавҷудот, табиату ҷамъиятро фарогир буда, пайваста дар сайру таҳаввул мебошад.

---

249 *Розентал Ф.* Ҳамон ҷо. С.58.
250 *Ал-Хоразмӣ.* Мафотеҳ ал-улум. Қоҳира. 1349. С.4 (арабӣ).
251 *Ҳалабӣ А.А.*Ҳамон ҷо. С.61.
252 *Бациева С.М.* Историко-философское учение Ибн Халдуна // Советская востоковедение. 1958. №1. С.76.
253 *Сафо З.* Торихи улуми ақлӣ дар тамаддуни ислом. Теҳрон. 1336. С.53.

Қобили зикр аст, ки фарҳанг ва тафаккури исломӣ мафҳуми таърих ва фаҳмиши онро бо вуҷуди мухталифии моҳияташ танҳо дар заминаи маърифати илмӣ ва илми мустақил эътироф карда ба қалам додаст. Ба таваҷҷӯҳ ба оятҳои Қуръон ва ривоятҳо эътирофи зайл равшан мегардад, ки таърих, маърифати таърихӣ аз дидгоҳи илму фарҳанги исломӣ мӯътабару яке аз манбаъҳои шинохтаи тафаккури башарӣ ба ҳисоб рафта, мутолиа ва дарки онро ҳамчун оинаи ибрат барои инсоният Қуръони карим ҳидоят намудааст. Ба ин андеша таваҷҷӯҳ зоҳир нанамуда, бархе аз муҳаққиқон ва равияҳои иделогӣ инкишофи илму маърифатро дар тамаддуни исломӣ зери шубҳа қарор дода, мӯътақид бар онанд, ки ислом ба пешрафтҳои илмӣ ва тараққиёти санъат мухолиф буда, бо донишу фарҳанг сарситез мубориза дорад.

Аммо ин андеша асоси илмиву мантиқӣ надорад, зеро мафҳум ва моҳияти таърих дар фарҳанг ва осори мутафаккирони исломӣ на танҳо характери динӣ-иттилоъ аз ҳаёту фаъолияти ҳазрати Муҳаммад, (с) футӯҳоту муборизоти исломӣ, инчунин ба маънои иттилоъ аз гузашта, шинохти аҳвол, одобу русум, умеду орзуҳои инсон, донистани бадкирдориҳои рӯзгор, маълумоту сабақҳо бар инсон ҳамчун «ҳикмат» ҳаёти ҷамъияту маданият нигошта мешуд. Аз ҷониби дигар дарки моҳияти таърих хусусияти маърифатӣ, ифодаи омӯзишу инъикоси олами берунаро дошт. «Торих ин идроки олами таҷрибавӣ аз идроки махсуси моддиёт иборат аст»[254].

Бо вуҷуди мухталифмаъноии дарки моҳияти таърих дар фарҳанг ва осори мутафаккирони исломӣ мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки маърифат ва тафаккури таърихӣ дар раванди таълиму тарбияи исломӣ аз ибтидо дар барномаи омӯзиш ҳамчун илми алоҳида ва риштаи мустақили тафаккур ҷой дошта, дар таҳаввули маданияти башарӣ саҳми худро гузоштааст.

Ба андешаи мо мухталифмаъноӣ ва бо тарзҳои гуногун ифода ёфтани моҳияти торих, пеш аз ҳама ба дараҷаи инкишофи ҷомеа, рушду такомули илмҳо, алалхусус, тафаккури фалсафии инсоният ва бархурдорӣ аз илму фарҳанги ҷаҳонӣ вобаста буд.

Масъалаи дигаре, ки дорои аҳамияти махсус буда, зарурати баррасиро тақозо дорад, ин муайян намудани сарчашма, манбаъ, омилҳое, ки пайдоиш ва таҳаввули маърифат ва тафаккури таърихиро дар тамаддуни исломӣ таъмин карданд, ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ яке аз манбаъҳои пайдоиш ва сабки тафаккури таърихӣ ин шеъру суруд, достонҳои таърихӣ мебошад. «Агар шеър ба руйдоде марбут намебуд, агар ба ифодаи торихи қадимае рабт пайдо намекард, ҳеҷ кӯшише дар ҳифзи он руйдод барои ояндагон ба амал намеомад»[255].

Нуқтаи дигаре, ки дар роҳи пайдоиш ва фаҳмиши моҳияти таърих мавқеи махсусро ишғол мекунад ин «Асотир-ул-аввалия» (афсонапардозиҳои даврони пешин) аст.

Сарчашмаи дигаре, ки фаҳмишу баёни таърихро дар фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ба зинаи ҳастӣ баровард ин- «Қуръон» ҳамчун таҷассумкунандаи тамоми дастовардҳои илмӣ-адабӣ, маънавӣ ва фалсафии тамаддуни исломӣ буд.

Вобаста ба масъалае, ки тафаккури таърихӣ кай дар замири инсоният пайдо шудааст, дар тамаддуни исломӣ андешае пазируфта шудааст, ки тафаккури таърихӣ аз замоне оғоз мешавад, ки инсоният онро қобилияти китобат кардан дар ботини худ дошт.

Пайдоиши хат ва қудрати китобат кардани ҳосили тафаккури инсоният боиси пайдоиши як намуд жанри таърихӣ навиштани саргузаштнома «Табарнома «насабшиносӣ» гардид, ки дар роҳи инкишофи таърих мувофиқ буд. Дар чунин сабк асарҳои З.Бакир «Насаби Қурайш» ва Балозурӣ «Китоб ал-нисоб» мисол шуда метавонад.

Дар таҳаввули маърифат ва тафаккури таърихӣ саҳми ҷуғрофия ва гетишиносӣ кам набуд, зеро дар аксари асарҳои ҷуғрофӣ иттилооте аз таърих, аҳвол, зикри диёр,

---

[254] *Монри К.* Торихи фалсафаи исломӣ. Теҳрон. 1363. С.53 (форсӣ).
[255] *Ричард Б.* Дар ҳамон ҷо.С.14.

касбу кор, анъаноту сарнавишт ва тақдири инсоният инъикос меёфт. Барои намуна асари Балозурӣ «Футӯҳ-ул-булдон». Ё баръакс таърих бо ҷуғрофия бо ҳам меомехт. Масалан, Масъудӣ пеш аз он, ки ба баёни воқеоти таърихӣ бипардозад, ба васфи шакли замин, уқёнусу кӯҳҳо, тағйири шакли ҳодисот дар замин пардохтааст.

Ахтаргӯӣ ё ситорашиносӣ бо оҳанги хеш ба инкишофи таърих ва ифодаи он таъсири амиқ расонидааст. Мувофиқи маълумоти «Ихвон-ус-сафо» ахтаргӯӣ маълумоти зиёдеро аз боби баёни таърих дорад, ки аз 7-нуқта, «маълумот дар бораи гурӯҳҳо ва авлодҳои мазҳабӣ, интиқоли қудрат аз миллат ба миллати дигар, ҷангҳо, ошӯбҳо ва ҳодисот, рӯйдодҳои солона, хабар аз ҷузъиётҳои муҳим» ва ғайра иборат аст[256].

Нуқтаҳои зикргардида алоқамандии ахтаргӯӣ ва таърихнигориро нишон медиҳад, дар навбати худ ахтаргӯён арзиши маърифату тафаккури таърихиро заминаи зарурие барои пешгӯиҳои оянда меҳисобиданд.

Бояд зикр намуд, ки дар фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дарку баёни таърих хусусияти ба худ хосро доро буд, ин ҳам бошад истифода аз жанри «мусаҷҷаъ»- (андешаҳои қофиядор) буд, вале чунин тарзи тафаккур дар таҳаввули таърих такомуле ба миён наовард. Лекин истифода ва корбурди «шеър», «достонҳо» тафаккури таърихиро тақвият додаанд. Дар чунин сабк «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз тамоми манобеъ ва сарчашмаҳои зикрёфта, фалсафа омиле, буд, ки мушкилоти ифода ва баёни таърихро ҳал кунад. Бояд қайд намуд, ки муаррихони исломӣ дар баёни андешаҳояшон аз тафаккури фалсафӣ то давраи муайян истифодаи таъсирбахше набардоштаанд. Ҳарчанд масъалаҳои эътибори иттилооти таърихӣ, робитаи он бо воқеият, ҳақиқати таърихӣ  чист?, дар маркази диққату тафаккури мутафаккирони  исломӣ қарор дошта бошад ҳам, ифодаи он аз дидгоҳи фалсафӣ ба амал намеомад.

Танҳо дар ибтидои қарни нуҳӯм дар фаҳмиш ва ифодаи таърих андешаҳои фалсафӣ ҳамроҳ шуд.

Умуман,  истифода ва робитаи манобеи зикргардида бо маърифату тафаккури таърихӣ боиси таҳаввулу такомули он гардида, рушди тафаккури фалсафӣ-таърихиро таъмин карданд.

Фалсафаи торих дар ҷараёни инкишофи худ илми таърихиро аз се қисмат: таърихи нақлӣ, таърихи илмӣ ва  фалсафаи таърих иборат медонад, ки дар баробари алоқамандӣ дар байни се навъ фарқиятҳо низ вуҷуд дорад. Мақсад аз таърихи нақлӣ танҳо иттилоъ аз гузашта бошад, дар чунин маврид  ифодаю дарки таърих дар паи кашфи калиди қонунҳои куллӣ  нест, вале баёни таърихи илмӣ  кӯшиши тадқиқот ва ҷустуҷӯи сабабу ҳоли ҳодисаро дорост.

Тафаккури таърихӣ аз он ҷиҳат нақлӣ аст, ки мавзӯи он ҳаводиси гузашта, вале аз ин ҳаводиси гузашта  кӯшиши дарки қонунҳои умумиро дошта, маҳдуд ба гузашта нест, зеро аз маҷмӯи ҳодисаҳои гузашта равобити куллиро ба даст меоварад, аз ин лиҳоз илмӣ мебошад. Дар ин маврид Ҳ.Зоҳирӣ чунин қайд намудааст: «Торих дар Қуръон ва ислом ба сурати торихи илмӣ на ба сурати торихи нақлӣ фаҳмида мешавад»[257].

Дар фарҳанг ва тамаддуни исломӣ оиди масъалаи нерӯи пешбаранда ва муҳаррики таърих  андешаи гуногун ба монанди назарияи нажодӣ, ҷуғрофӣ, вуҷуди қаҳрамонон (мақоми шахсиятҳо), назарияи фитрӣ ва назарияи муқаддасоти илоҳӣ вуҷуд дорад. Вале фалсафаи таърихи  исломи муосир баррасии моҳияти зайли масъаларо напазируфта, омили асосӣ ва нерӯи ҳаракатдиҳанда ва муҳаррики таърихро тафаккури инсонӣ ва худи инсон меҳисобад.

---

[256] *Расоил.* Дар ҳамон ҷо. С.63.

[257] *Зоҳирӣ Ҳ.* Торих аз дидгоҳи Маркс ва Ислом. Теҳрон. 1365. С.18 (форсӣ).

Зеро тафаккури инсонӣ дар роҳи ҳифз ва ба қалам додани осори гузаштагон бо хусусиятҳои зиддиятноку навовариҳо, такомулу таҳаввулоти маърифаташ равандҳои торихӣ ва чараёни торихро ба ҳаракат меоварад.

Аз ин лиҳоз, фаҳмиши моҳияти нерӯи пешбарандаи таърих аз дидгоҳи фарҳанг ва тафаккури исломӣ чанбаи инсонӣ дорад, инсон ва маърифати ӯст, ки таърихро ба вучуд меоварад, дарк мекунад ва онро такомул медиҳад, чунон, ки инсон худ мавчудоти моддӣ аст, пас таърих ҳамчун маҳсули маданияти инсонӣ низ моҳияти моддиро дорост.

Дар баробари эътирофи чанбаи моддӣ тафаккури фалсафаи исломӣ чанбаи маънавиро дар баёну дарки моҳияти таърих пазируфта, ҳардуро муштарак медонад.

Масъалаи дигаре, ки баррасии он қобили таваччӯҳ аст, ин муайян намудани мақом ва мақсади таърих аз нигоҳи тафаккури исломӣ мебошад. Агар назарияи марксистӣ таҳаввули таърих ва илми онро вобаста ба давронҳо (форматсияҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ) арза намояд, вале фарҳанги исломӣ ин андешаро намепазирад ва таърихро маҳдуд ба давронҳо намесозад. Фарҳанг ва тафаккури фалсафии исломӣ бар он андеша аст, ки таҳаввулоти таърих вобаста ба дарачаи камолоти маънавӣ ва маърифати инсон аст, ки аз пайдоиш то интиҳои он давом мекунад. Пас марҳилаҳое, ки инсон дар равандҳои таърихӣ аз сар мегузаронад, манзилгоҳи таърих мебошад. Вале дар масъалаи ҳадафи таърих фарҳанги исломӣ сарфи назар аз он, ки онро аз лиҳози тафаккури динӣ нигоҳ кунад ҳам, вале ҳадафи таърихро танҳо ҳаракат ба камолоти маънавӣ медонад.

Хулоса, фарҳангу тамаддуни исломӣ таърих ва маърифати таърихро яке аз манобеи шинохта барои инсоният муаррифӣ карда, бар андешаи эътирофи илмии таърих буда, дар навбати худ моҳияти маърифату тафаккури таърихро пурра гардонида, инкишофи минбаъдаи онро дар доираи маданияти чаҳонӣ таъмин намудааст.

## Изучение и сущность истории с точки зрения культуры и цивилизации ислама

В статье рассматриваются вопросы изучения и сущности истории с точки зрения мусульманских философов и мыслителей. В частности, отмечается, что после становления ислама и исламской цивилизации, мусульманские мыслители уделяли пристальное внимание вопросам истории. На начальном этапе история рассматривалась как *ахбор* (информация), но начиная с IX века *таърих* (история) становится самостоятельной отраслью науки. В течение этого времени было написано множество трудов по истории ислама и всемирной истории. В статье дается краткая характеристика некоторых исторических источников, а также анализ с точки зрения современной науки.

ഗ്ര

# КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК НОРМАТИВНАЯ ОСНОВА КОНСТИТУЦИОННОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ГОСУДАРСТВА

**Гафуров М.С.***

Становление Республики Таджикистан как демократического правового государства предполагает действующий механизм конституционной ответственности органов государственной власти и должностных лиц. Это является важным фактором, позволяющим государству исполнить важнейшие обязанности признания, соблюдения и защиты прав и свобод человека и гражданина, создать условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие человека[258].

Конституционная ответственность, в отличие от других видов ответственности, до сих пор прямо не предусмотрена в законодательстве Республики Таджикистан. Однако это не означает, что Конституция Республики Таджикистан и другие законы не определяют меры конституционной ответственности. Как справедливо отмечает С.А.Авакьян, «Конституционный Суд как орган государства вряд ли вправе устанавливать ответственность самого государства. Это может сделать Конституция государства, принятая либо самим народом, либо соответствующим уполномоченным органом власти – парламентом, учредительным (конституционным) собранием, действующим от имени народа и государства»[259]. Таким образом, основной закон Республики Таджикистан является нормативной основой конституционной ответственности государства, поскольку регламентирует правовой статус участников конституционных правоотношений, то есть, потенциальных носителей конституционной ответственности, предусматривает признаки конституционных правонарушений и конституционно-правовые санкции.

Так, согласно статьи 1 Конституции Республики Таджикистан: «Республика Таджикистан – суверенное, демократическое, правовое, светское и унитарное государство»[260], Основной закон исходит из позитивной конституционной ответственности Республики Таджикистан в становлении правового, суверенного, демократического, социального государства. Ведь правовое государство предполагает обеспечение верховенства Конституции, утверждение конституционного правопорядка и законности. Данный правовой институт является существенным элементом механизма реализации конституционно-правовых норм обеспечения конституционного правопорядка. Следовательно, развитие данного института в республике не имеет альтернативы и является конституционным требованием и необходимым условием формирования правового государства.

---

* *Гафуров М.С.* – адъюнкт 1-го курса факультета № 3 Академии управления МВД России, капитан милиции.

[258] *Гончаров И.В.* Конституционно-правовая ответственность органов государственной власти субъектов Российской Федерации. Лекция. М. Академия управления МВД России. 2002. С.5.

[259] *Авакьян С.А.* Конституционное право России. Учебный курс в 2 т. -3-е изд., стереотипное. М. Юристь. 2010. Т.1. С.109.

[260] Конституция Республики Таджикистан. Душанбе. Ирфон. 2003.

Статья 6 Конституции РТ гласит: «В Таджикистане народ является носителем суверенитета и единственным источником государственной власти, которую осуществляет непосредственно или через своих представителей». Соответственно государственные органы и органы местного самоуправления, должностные лица несут конституционную ответственность перед народом в реализации этой власти. Как представляется, при рассмотреннии конституционной ответственности государства речь должна идти о позитивной и негативной конституционной ответственности государства, под которой понимается конституционно-правовая ответственность в позитивной направленности как ответственное отношение субъектов к своим конституционным обязанностям, добросовестное и эффективное их исполнение. Позитивную направленность конституционно-правовой ответственности ассоциируют с подотчетностью, юридической компетентностью. Под негативным (ретроспективным) аспектом конституционно-правовой ответственности понимается отрицательная оценка деятельности субъекта, в результате чего он испытывает неблагоприятные последствия - ограничение либо лишение политических, юридических или других интересов. Вместе с тем, негативную конституционно-правовую ответственность некоторые исследователи рассматривают в широком и узком смысле. В первом случае - это отдельный вид ответственности, а во втором - любая негативная ответственность за совершение всякого правонарушения. Такой подход, на наш взгляд, является излишне вольным и необоснованным.

Подчеркнем, что, конечно, позитивный и негативный аспекты (виды) ответственности тесно связаны и иногда первый является необходимым условием наступления второго и как бы продолжается в нем. Однако, по нашему мнению, именно в ретроспективном аспекте конституционно-правовая ответственность проявляется наиболее ярко, и именно ретроспективная ответственность не вызывает сомнений как юридическая ответственность.

Согласно пункта 5 статьи 6 Конституции Республики Таджикистан: «Узурпация власти или присвоение её полномочий запрещается». То есть, законодательство республики руководствуется принципом «*двойной защиты*» законной власти, предусматривая и конституционную, и уголовную ответственность за узурпацию власти.

Человек, его достоинство, основные права и свободы конституционно признаются высшей ценностью. Пункт 1 статьи 14 гласит: «Права и свободы человека и гражданина регулируются и охраняются Конституцией, законами республики, признанными Таджикистаном международно-правовыми актами». Одновременно конституционно закрепляется, что «права и свободы человека и гражданина осуществляются непосредственно. Они определяют цели, содержание и применение законов, деятельность законодательной, исполнительной и местной властей, органов местного самоуправления и обеспечиваются судебной властью» (пункт 2 статьи 14 Конституции Республики Таджикистан). В этой связи, вполне справедливо утверждение Е.А.Лукашевой о том, что «общечеловеческими высшими ценностями является принцип верховенства права в отношении к государству, ограничение государственной власти правами человека»[261].

Конституция Республики Таджикистан является нормативным источником института конституционной ответственности не только в силу определения основ конституционного строя государства, но и закрепления основных прав и свобод человека и гражданина, принципов организации и деятельности государственных институтов власти. Вторая глава Конституции Республики Таджикистан закрепляет основные права и свободы человека и гражданина и, тем самым, предусматривает обязанность государства создать гарантии для осуществления этих прав. Государство несет позитивную конституционную ответственность за выполнение этих обязанностей, а субъекты, нарушающие права человека и гражданина, подлежат негативной юридической

---

[261] См.: *Лукашева Е.А.* Право и права человека в нормативной системе общества // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. М. 2004. С. 203.

ответственности. В частности, Основной закон Республики Таджикистан на основании статей 14, 17, 18, 19, 20, 21 и.т.п. предусматривает конституционную ответственность государства за обеспечение:

- права каждого на личную свободу и неприкосновенность - человек может быть лишен свободы только в случаях и в порядке, установленных законом;
- права на гуманное отношение к арестованным, заключенным под стражу и лицам, лишенным свободы, уважение их достоинства;
- права на эффективные средства правовой защиты прав и свобод в судебных, а также иных государственных органах;
- права деятельности независимого и беспристрастного суда с соблюдением всех требований справедливости.

Эти положения соответствуют международным правовым актам о правах человека и реализуются внутригосударственным законодательством.

Статья 35 Конституции Республики Таджикистан регулирует одно из важнейших прав человека – право на труд. Примечательно, что данное право не закрепляет, а предусматривает, что каждый имеет право на свободный выбор труда. Чем объясняется подобная формулировка? Как представляется, если бы предусматривалось право на труд каждого, то эта норма предполагала бы позитивную конституционную ответственность государства гарантировать реализацию права каждого на труд, создать для этого необходимые условия, в частности, создание рабочих мест для всех, исключение безработицы, что в условиях рыночных отношений (когда формируется рынок рабочей силы, где действуют законы предложения и спроса, конкуренции и свойственные рыночной экономике другие законы) просто нереально. По этой причине закреплено право каждого на свободный выбор труда, которое должны уважать и государственные органы, и работодатели.

Конституция Республики Таджикистан, с одной стороны, предусматривает право каждого жить в окружающей среде, способствующей его здоровью и благополучию, а с другой - определяет позитивную конституционную ответственность каждого «лично и совместно с другими лицами охранять и улучшать окружающую среду». Одновременно предусматривается и конституционная обязанность государства привлекать к ответственности должностных лиц за сокрытие экологической информации и за отказ предоставить ее. На основе данной конституционной нормы УК РТ предусматривает уголовную ответственность и наказание за преступления против безопасности окружающей среды. Конституция Республики Таджикистан, с одной стороны, закрепляет право на удовлетворительный уровень жизни, в том числе, на жилье, а также на улучшение условий жизни, а с другой - определяет позитивную конституционную ответственность государства за принятие необходимых мер для осуществления этого права граждан.

Этот важный аспект позитивной конституционной ответственности государства неотделим от его обязанности предусмотреть в соответствующем законе объемы и формы социального обеспечения, перечень бесплатных основных медицинских услуг и порядок их оказания[262].

Одно из основных прав человека, закрепленное Конституцией Таджикистана, – право на образование. Реализация данного права связана с позитивной конституционной ответственностью государства за выполнение следующих обязанностей:

– обеспечение соответствующего уровня обязательного образования;

– обеспечение бесплатного среднего образования в государственных учебных заведениях;

---

[262] Конституция как символ эпохи. В 2 т. / Под ред. С.А. Авакьяна. М. 2004.

– установление соответствующим законом принципов самоуправления высших учебных заведений;

– установление законом порядка создания и деятельности учебных заведений;

– обеспечение права каждого гражданина на получение бесплатного образования в государственных высших и иных специализированных образовательных учреждениях на конкурсной основе в установленном законом порядке;

– оказание государством финансового и иного содействия высшим и другим учебным заведениям, осуществляющим образовательные программы (ст. 41).

Кроме того, в число конституционных обязанностей Республики Таджикистан входит обеспечение права каждого на свободу литературного, художественного, научного и технического творчества, на пользование научными достижениями и участие в культурной жизни общества (ст. 40).

Статья 26 Конституции Республики Таджикистан определяет, что «Каждый имеет право самостоятельно определять свое отношение к религии, отдельно или совместно с другими исповедовать любую религию или не исповедовать никакой, участвовать в отправлении религиозных культов, ритуалов и обрядов». Указанная конституционная норма означает конституционную ответственность государства за обеспечение сохранения и развития традиций, религии, языка и культуры национальных меньшинств, живущих в пределах Республики Таджикистан.

Важнейший конституционной обязанностью государства является решение задач в экономической, социальной и культурной сферах в следующих направлениях: защита семьи, материнства и детства и оказание им покровительства, содействие занятости и улучшению условий труда населения, осуществление программ по охране здоровья населения, содействие созданию условий эффективного и доступного медицинского обслуживания, осуществление программ по предупреждению и лечению инвалидности, стимулирование участия инвалидов в общественной жизни, содействие развитию бесплатного высшего и иного специального образования; содействие развитию науки и культуры, содействие свободному приобщению каждого к национальным и общечеловеческим ценностям; обеспечение достойного жизненного уровня пожилых людей.

Конституция Республики Таджикистан возлагает выполнение конституционных обязанностей государства на соответствующие органы государственной власти и местного самоуправления: Президента Республики Таджикистан, Маджлиси Оли[263] (парламент), Правительство, органов правосудия, Центральный банк, прокуратуру, органы местной власти и местного самоуправления. Предусматривая конституционные права и обязанности этих субъектов, Конституция, тем самым, определяет их позитивную конституционную ответственность за осуществление своих обязанностей, а в случае невыполнения, ненадлежащего выполнения или злоупотребления правами предусматриваются средства негативной конституционной ответственности, которые при наличии необходимых основ могут сочетаться с применением иных видов юридической ответственности. Тем самим, обеспечивается реализация соответствующих статей Конституции республики, закрепляющих права и свободы граждан и гарантирующих их реализацию в условиях формирования демократического, правового, социального и светского государства.

## Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси меъёрии ҷавобгарии конститутсионии давлат

[263] Мачлиси Оли «Маджлиси Оли» (в пер. с таджикского.) – Верховный Совет.

Дар мақола масъалаҳои муҳими ҷавобгарии конститутсионии давлат барои ҳалли вазифаҳои асосӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ, ташкил намудани кафолат барои амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

## ҶАРИМА ҲАМЧУН НАМУДИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

**Абдурашидов А. А.**[*],
**Гурезов А. Қ.**[**]

Ҷарима – ин ҷазои хусусияти молиявӣ доштае мебошад, ки мутобиқи қ.3 м.49 КҶ ҶТ бо назардошти вазнинии ҷинояти содиршуда ва вазъи молиявии шахси ҷиноят содирнамуда таъин карда мешавад. Қонунгузории нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ҷаримаро васеъ намуда, онро дар 232 санксияҳо ва танҳо барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна пешбинӣ намудааст (лекин дар амалияи судӣ ин хел набуда, камтар аз 12% ташкил медиҳад).

Ба он диққат додан зарур аст, ки дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ дар шарҳи мафҳуми «вазъи молиявии маҳкумшуда ва оилаи ӯ» равшании (аниқӣ) лозима вуҷуд надорад. Қонунгузор дар вақти таъини ҷарима ба судҳо ҳуқуқ дод, ки вазъияти молиявии маҳкумшударо, дар парасторӣ доштани кӯдакони ноболиғ, волидайни пиру барҷомонда ва ҳ. к. муайян намоянд. Дар адабиёти илми ҳуқуқшиносӣ тавсия карда мешавад, ки дар вақти баҳо додани вазъи молиявии маҳкумшуда ба назар гирифта шавад:

- маоши маҳкумшуда дар ҳама намудҳои он;
- даромадҳои аз дигар фаъолияте, ки бо қонунгузорӣ манъ нашудаанд, ба даст омада;
- даромад аз замини назди ҳавлигӣ;
- даромад аз қоғазҳои қимматнок;
- фоизҳои аз пасандози бонкӣ ба даст омада;
- мавҷудияти хона ва дигар амволи ғайриманқули шахсӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва дигар мамолики хориҷ;
- дар васояти маҳкумшуда будани парастон (мисол, кӯдакони ноболиғ, маъюби дар парастории ӯ буда)[264].

С.Э.Бахриддинов дар он ақида аст, ки нисбати шахсоне, ки дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ҷиноят содир намудаанд, ҳангоми татбиқи адолати судӣ ҷазои

---

[*] *Абдурашидов А.А.* – муаллими кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия.

[**] *Гурезов А.Қ.* - муаллими кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти милитсия.

[264] *Антонян Е.А.* Наказания, не связанные с лишением свободы: правовая природа, назначение и исполнение. Учебное пособие. Рязань. Академия права и управления Министерства юстиции России. 2005. С.42.

ҷаримаро ҳамчун намуди ҷазои алтернативӣ мебояд бисёртар истифода намуд. Агар ҷинояткор ҷиноят содир намуд ва ба ҷабрдида зарари иқтисодӣ расонид, нисбати вай низ мебояд ҷазои (санксияи) «иқтисодӣ» татбиқ намуд. Дар вақти таъини ҷазои ҷиноятӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ талофӣ намудани зарари расонидашударо ба ҷабрдида ва харҷи давлатро барои нигоҳдоштани маҳкумшуда ба ҳар ҳол пешбинӣ намудан зарур аст. Дар амалия, барои баромадан аз вазъияти ба миён омада, пеш дар ҷумҳурӣ зуд-зуд авф эълон карда мешуд, зимнан авфи умум ва қисман (махсус). Дар рафти тадқиқоти бурдашуда, одатан маҳкумшудагон ҳамон як саволро медоданд – кай авф эълон карда мешавад? Ҳамин ҳолат ба хулосае меоварад, ки қабули санади авф барои ҳуқуқи ҷабрдида оид ба талофӣ намудани зарари аз кирдори ҷинояткорона ба миён омада, монеа шуда наметавонад[265].

Ба ақидаи муаллиф, судя, ҷазоро дар намуди ҷарима таъин намуда, ва боз масъалаи «оё ҳукм иҷро мешавадро?» низ ҳал менамояд. Ба суд боз назорат аз рӯйи иҷроиши дурусти ҳукм вогузошта шудааст. Агар шахси маҳкумшуда имконияти минбаъдаи пардохти ҷаримаро надорад ё аз пардохти он саркашӣ менамояд, ба суд лозим меояд ҳамин парвандаро боз як бор дида барояд ва мутобиқи қонун онро (ҷаримаро) бо дигар намуди ҷазо иваз намояд. Ин, ба ақидаи онҳо, кори дубора ва коғазбозӣ аз рӯйи ҳамон як парванда мебошад. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки бисёри судяҳо ба он ақидаанд, ки назар ба ҷарима беҳтар яку якбора ҷазои дигарро таъин намоянд[266].

Дар амалияи судӣ, чи тавре ки пеш қайд карда будем ҷарима ба сифати ҷазои асосӣ ва иловагӣ дар кам ҳолатҳо таъин карда мешавад. Омӯзиши ҳукмҳои Суди Олии ҶТ соли 2006 нишон доданд, ки аз 13 ҷиноятҳои, ки дар санксияашон ба сифати ҷазои алтернативӣ ҷарима пешбинӣ шуда буд, судяҳо маҳрум сохтан аз озодӣ ё ин ки корҳои ислоҳиро интихоб намуданд[267].

Аз нуқтаи назари мо, суд, намуди ҷудогонаи ҷазои ҷиноятиро таъин намуда, бояд намуди ҷазои ба мақсад мувофиқ бударо асос намояд, на балки сабук намудани кори худро, чунки аз рӯйи талаботи қисми 2 моддаи 46 КҶ ҶТ «ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мешавад».

Таҳлили санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ имкон дод, ки ба хулосаи зерин биёем.

1. Ҷарима ва корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазоҳои алтернативӣ дар 71 санксияҳои моддаҳои КҶ ҶТ дохил карда шудааст. Дар низоми ҷазоҳо аз рӯйи дараҷаи сабукиашон ҷазои ҷарима дар банди аввал (а) ва ҷазои корҳои ислоҳӣ дар банди панҷум (д) ҷойгир шудааст, ин маънои онро дорад, ки ҷарима нисбати корҳои ислоҳӣ ҷазои нисбатан сабуктар мебошад. Ҳамзамон, дар амалия тамоман баръакс мебошад. Дар рафти тадқиқот мо ҳисоби тахминиро аз рӯйи музди маоши миёна ба андозаи 500 сомонӣ дар як моҳ гузаронидем, ки натиҷааш дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳисоботҳо аз рӯйи нишондоди болоии ҷарима ва мӯҳлатҳи болоии корҳои ислоҳӣ, ба мисоли 175000 сомонӣ ё 2 соли корҳои ислоҳӣ гузаронида шуданд. Агар маҳкумшуда ба пардохти фоизи максималии музди якмоҳа маҳкум шавад яъне ба 30%, дар он сурат ҳангоми маоши миёна ба 500 сомонӣ баробар буданаш ӯ бояд 150 сомонӣ дар як моҳ супорад (аз вай боздошта мешавад), барои 2 сол – 3600 сомонӣ. Ин шаҳодати он аст, ки боздоштан аз маош бо ҳукми суд барои корҳои ҳатмӣ 48,6 маротиба камтар хоҳад буд, насбат ба он ҳолате, ки агар вай ба ҷарима маҳкум мешуд.

---

[265] *Бахридинов С.Э.* Штраф как альтернатива наказанию в виде лишения свободы / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. Душанбе. 2005. С. 97-98.

[266] Ҳамон ҷо.

[267] Архив Верховного Суда РТ. Суды первой инстанции по уголовным делам. Наряд приговоров. 2006 г.

**Ҷадвали 1.**

| Андозаи ҷарима (Нишондодҳо барои ҳисоботҳо) | Мӯҳлати корҳои ислоҳӣ (моҳ ё сол) | Чанд маротиба ҷарима ва корҳои ислоҳӣ дар санксияҳои алтернативӣ | Ҷарима нисбат ба корҳои ислоҳӣ чанд маротиба зиёд мешавад |
|---|---|---|---|
| То 300 | то 2 | 4 | 4,1 |
| Аз 200 то 500 | то 2 | 5 | 6,9 |
| То 200 | то 2 | 2 | 2,7 |
| Аз 200 то 500 | аз 1 то 2 | 1 | 6,9 |
| Аз 200 то 400 | то 2 | 1 | 5,5 |
| То 500 | то 2 | 12 | 6,9 |
| То 200 | то 1 | 3 | 5,5 |
| Аз 100 то 500 | то 1 | 1 | 13,8 |
| Аз 500 то 700 | то 2 | 2 | 9,7 |
| Аз 500 то 800 | то 2 | 5 | 11,1 |
| Аз 200 то 400 | то 1 | 1 | 11,1 |
| Аз 500 то 1000 | то 2 | 14 | 13,8 |
| Аз 300 то 500 | то 2 | 5 | 6,9 |
| Аз 1000 то 2000 | то 2 | 4 | 27,7 |
| Аз 300 то 500 | то 1 | 1 | 13,8 |
| Аз 300 то 700 | то 2 | 2 | 9,7 |
| Аз 700 то 1000 | то 2 | 1 | 13,8 |
| Аз 800 то 1000 | то 2 | 1 | 13,8 |
| Аз 1000 то 2000 | то 1 | 1 | 55,5 |
| То 700 | то 2 | 1 | 9,7 |
| Аз 200 то 500 | аз 6 моҳ то 1 сол | 1 | 13,8 |
| Аз 500 то 1000 | аз 2 моҳ то 1 сол | 1 | 27,7 |

Дар ҳолати кунунӣ барои шахси дуздиро содирнамуда, ҷарима намуди ҷазои сахттар нисбат ба корҳои ислоҳӣ мебошад.

2. Дар байни санксияҳое, ки ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ дар онҳо нест, воқеан танҳо ду намуди ҷазоро – ҷарима ва корҳои ислоҳиро метавон татбиқ намуд. Таҳлили амалияи судӣ шаҳодат медиҳад, ки судяҳо на ҳама вақт метавонанд ҷазоро дар намуди ҷарима ва корҳои ислоҳӣ ба таври васеъ татбиқ намоянд, чунки бисёре аз ҳуқуқвайронкунандагон кор намекунанд ва барои пардохти ҷарима манбаи даромад надоранд.

З.А.Камолов оиди ҳамин масъала қайд менамояд, ки муносибати вай ба ҷарима, ҳамчун ба ҷазои ҷиноятӣ бисёр эҳтиёткорона мебошад, аз он сабаб, ки ин намуди ҷазо нисбат ба одамони сатҳи зиндагиашон баланд таъсирбахш намебошад. Лекин нисбати табақаҳои камбизоати аҳолӣ татбиқ намудани ин чора дар ҳақиқат татбиқнашаванда мебошад, чунки онҳо ҷаримаро пардохт карда наметавонанд. Барои ҳамин мустаҳкам кардани (мукаммал кардани) чунин намудҳои ҷазо ба монанди корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ оянда муайян доранд[268].

Бо вуҷуди ин, ҳатто дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ин намуди ҷазо ба таври васеъ вусъат наёфтааст. Сабаби ин воқеа як қатор омилҳо мебошанд. Якум, ин зиёд шудани шумораи аҳолии бе ҷои кор, ки манбаи доимии даромад надоранд, дуюм,

---

[268] *Камолов З.А.* Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. Душанбе. 2005.С.89.

мавҷуд набудани системаи таъсирбахши назорат аз болои даромади моддии ашхоси дар соҳаи «бизнеси хусусӣ» машғул буда, ки имконияти пурраи татбиқ намудани ин намуди ҷазоро намедиҳад. Мудохилаи омилҳои қайдшуда ба кам таъин шудани ҷазо дар намуди ҷарима овада расонид: ба ҷарима дар соли 2003 17,1 %, соли 2004 16,0 %, соли 2005 11,4 %, соли 2006 11,4 %, соли 2007 10,1 %, соли 2008 14,9 % маҳкумшуда ҳукм карда шуд[269].

Ба ақидаи мо, ҷарима дар амалияи судӣ бояд ҷазои маъмул бошад, бахусус дар айни ҳол, дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои бозоргонӣ, барои он ки он метавонад дар мубориза бар зиди ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дар соҳаи иқтисодиёт нақши муҳим бозад. Мисол, дар Япония ба ҷарима 95 % маҳкумшудагон ҳукм карда мешаванд[270].

3. Ҷарима танҳо барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна таъин карда мешавад, чунки барои дигар категорияҳои ҷиноятҳо дар санксияҳои моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ нашудааст. Бағайр аз ин, ҷарима ба сифати ҷазои иловагӣ ба маҳрум кардан аз озодӣ танҳо дар чор санксияи Қисми махсуси кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ шудааст (қ. 3 м. 253; қ. 2 м. 259; қ. 1 м. 262; қ. 2 м. 263 КҶ).

4. Санксияҳои қисми Махсуси КҶ ҶТ, ки ҷаримаро дар алтернатива бо маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ мекунанд аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо ба якдигар номутобиқ ҳастанд. ҳамин тариқ, таҳлили санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ нишон дод, ки ҷарима ба андозаи то 300 нишондодҳо барои ҳисоботҳо, дар интихоб бо маҳрум сохтан аз озодӣ то 2 сол 1 бор вомехӯрад. Ҷарима ба андозаи аз 200 то 500 нишондодҳо барои ҳисобот дар алтернатива бо маҳрум сохтан аз озодӣ то ду сол – 15 маротиба; то се сол - 1 маротиба пешбинӣ шудааст. Дар навбати худ ҷарима ба андозаи аз 500 то 1000 нишондод барои ҳисоботҳо дар алтернатива бо маҳрум сохтан аз озодӣ то ду сол дар санксияҳои қисми махсуси КҶ 37 маротиба вомехӯрад; то се сол - 15 маротиба; то чор сол – се маротиба: то панҷ сол – ду маротиба. Харима ба надозаи аз 1000 то 2000 нишондодҳо барои ҳисоботҳо дар алтернатива бо маҳрум сохтан аз озодӣ то ду сол дар санксияҳои қисми махсуси КҶ 9 маротиба; то се сол – 16 маротиба; то чор сол – як маротиба; то панҷ сол – 22 маротиба вомехӯрад.

Мутобиқи қ.3 моддаи 49 КҶ ҶТ суд андозаи ҷаримаро бо дарназардошти вазнинии ҷинояти содиргардида ва вазъи молу мулкии маҳкумшуда муайян менамояд. Ҳамин тариқ, таҳлили дар боло овардашудаи санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳанд, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин қонунгузор меъёран ҷаримаро аз андозаи ниҳоӣ то ҳадди аксар пешбинӣ намудааст, ки ин ба принсипҳои адолат, инсондустӣ мухолифат менамояд ва ба он мусоидат менамояд, ки маҳкумшудагон ҷаримаро пардохт карда наметавонанд ва ё аз пардохти он саркашӣ менамоянд. Чи тавре, ки амалияи судӣ шаҳодат медиҳад, судҳо якбора дигар намуди ҷазоро таъин менамоянд, ки ҷарима камтар аз 12% онро ташкил медиҳад.

5. Аз 232 санксияи КҶ ҶТ, ки ҷаримаро пешбинӣ менамоянд, 141 санксия ҷазои алтернативӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодиро дорад. Ин аз интихоби васеи ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби судҳо бо назардошти имконнопазирии пардохти ҷарима аз тарафи маҳкумшудагон шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар асоси суханҳои дар боло овардашуда таклифҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Муҳимияти таъини ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ ба назар гирифта, фикр мекунем, ки корҳои ислоҳӣ аз ҷои панҷум ба ҷои якум дар м.47 КҶ ҶТ гузаронида шавад ба мақсад мувофиқ аст.

---

269 Статистический сборник. Душанбе. 2009. С.192.
270 *Антонян Е.А.* Указ.раб. С.41.

2.Дар санксияҳои қисми махсус санксияхои корҳои ислоҳиро пешбинӣ кунанда, корҳои ислоҳиро ба сифати ҷазои алтернативӣ бо ҷарима пешбинӣ мекунад. Дар алоқа бо ин зарур мешуморем, ки дар ҳама ҳолатҳо корҳои ислоҳӣ дар байни дигар ҷазоҳо ва дар ҷои аввал гузошта шавад.

3. Аз тарафи қонунгузор дуруст мешуд, ки ҷаримаро ҳамчун ҷазо барои шахсоне, ки ҷинояти вазнин содир кардаанд, муайян намуд ва ҳамзамон андозаи ҳадди аксарро то панҷ ҳазор нишондод барои ҳисоботҳо зиёд намуд, ки барои ҳар як категорияи ҷиноят мутаносибан истифода шавад. Мисол, барои ҷиноятҳои начандон вазнин ҷарима набояд аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад, барои ҷиноятҳои дараҷаи миёна – ҷарима ба андозаи ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисоботҳо ва барои ҷиноятҳои вазнин ҷарима набояд аз андозаи ҳадди аксари он зиёд бошад, ки ин сатҳи баланди беасоси (беҳудаи) таъини ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро кам мекунад.

### ШТРАФ КАК ВИД УГОЛОВНОГО НАКАЗАНИЯ

На взгляд авторов, законодателю правильнее было бы установить штраф как наказание для лиц, совершивших тяжкие преступления, при этом увеличив максимальный его размер для каждой категории преступлений. Принимая во внимание важность назначения такого наказания, как исправительные работы, авторы полагают, что целесообразно переместить исправительные работы с части пятой ст. 47 УК РТ в первую часть.

## ПРОБЛЕМА ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ И РАБСТВА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИСЛАМА

**Рахимов М.С.**[*]

Одной из проблем современности и позорным с точки зрения современных представлений о порядочности является торговля людьми, поскольку речь идет о современной форме рабства. Торговля людьми стала одной из сложнейших проблем, которая давно вышла за пределы отдельно взятого государства, занимая одно из ведущих мест в транснациональной преступности.

Принимая во внимание всю важность и актуальность задач по противодействию в сфере торговли людьми, 29 мая 2002 года Республика Таджикистан ратифицировала Международную Конвенцию ООН против транснациональной организованной преступности и дополнительный протокол к ней о предупреждении и пресечении торговли людьми, особенно женщинами и детьми.

Правительство Республики Таджикистан предприняло конкретные шаги по эффективной реализации международных обязательств в вышеуказанной сфере, которые вытекают из международных правовых актов и общепризнанных стандартов.

---

[*] *Рахимов М.С.* - соискатель Академии экономической безопасности МВД Российской Федерации.

Так, на основании Закона Республики Таджикистан от 1 августа 2003 года № 33 Уголовный кодекс Республики Таджикистан дополнен новой статьей $130^1$ («Торговля людьми»). Это стало важным шагом, направленным на криминализацию негативного феномена торговли людьми в рамках действующего законодательства.

Надо сказать, что эта проблема появилась не сегодня, она возникла с возникновением рабства как института древнего общества.

Заслуживает внимания тот факт, что еще 2500 лет назад Великий Кир установил такие нормы, которые ныне воспринимаются как показатель человеческой цивилизованности и благородства. Он говорил: «Пока я жив, не допущу торговли людьми и постараюсь стереть с лица земли эти обычаи»[271].

Как в древние времена, так и в средние века, при возникновении и развитии исламского государства и права с VII века в Согде и других областях Средней Азии открыто продавали людей в рабство. В Туккалъе Хоразма был рынок, где продавали людей. А в Самарканде находился самый крупный невольничий рынок, который в средние века считался поставщиком самых лучших белых рабов и воспитателей[272].

Согласно архивных документов, в Согде имелись следующие категории рабов: а) обыкновенный раб; б) раб в залог; в) пленный раб; г) приемный раб. Примечательно, что даже глава семьи имел право продавать члена своей семьи в рабство[273]. Нужно отметить, что документальные источники дают представление о широкой распространенности работорговли в Центральной Азии и на всем Востоке[274]. Раба можно было продать, передавать, подарить, распоряжаться им как имуществом или вещью. Если раб совершил проступок, то, как возмещение ущерба, он мог быть выдан истцу.

Наряду с этим, существуют документы, в которых зафиксированы не только продажа в рабство, но и освобождение от него. Анализ норм, посвященных этому институту, показывает, что одним из способов прекращения рабства было *дарование свободы рабу его господином*. Акт волеизъявления назывался «озодхат» и фиксировался письменно. В зависимости от условий, можно выделить 4 вида прекращения рабства: 1) «манумиссия», когда раб становился свободным сразу же после написания грамоты, например, с достижением определенного возраста, завещанием или по мотивам «богоугодности» (А если кто-нибудь из ваших подневольных захочет письменную (вольную) от вас, Вы дайте оную ему, если вы знаете, что в нем, добро и благочестье (пребывают) [275]); 2) «мудаббира» - отпущение раба на волю под определенным отлагательным условием; 3) откуп или уплата своей стоимости, каждый раб имел право выкупить себе свободу; 4) по решению суда.

Хотя грамота (особенно по первому и третьему видам) давала рабу полную личную свободу, отношение вольноотпущенника с его бывшим господином оставались в рамках патроната. Право патроната обязывало бывшего раба оказывать уважение и некоторые услуги патрону.

Мусульманское право, в отличие от римского права, которое при неуважении бывшего хозяина аннулировало и возвращало его в прежнее рабское состояние, ни при каких условиях не признавало ничтожным грамоты об освобождении.

Хозяин был обязан отпустить на волю пленника, обучившего чтению и письму десять человек. Кроме того, освобождение раба было своеобразной формой штрафа, налагаемого на человека за отступления в отправлении религиозных обрядов и греховные поступки.

---

271 *Тохиров Ф.Т., Холиков А.Т.* Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации. Душанбе. 2002. С. 113-126.

272 *Буриев И.Б.* Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII – начало XX). Душанбе, 1999. С. 123-125.

273 *Гафуров Б.Г.* Таджики. М. 1962. С.394.

274 *Гафуров Б.Г.* Указ. раб. С. 123 – 125.

275 Коран. Сура 24 «Свет», аят 33.

Нарушившие клятву, совершившие грех «зихар» (то есть, назвавшие жену матерью или сестрой и т.п.), обвиняемые в убийстве обязывались отпустить на волю одного раба. «А если кто-либо убьет верующего по ошибке, то ему надлежит отпустить на волю верующего раба и вручить наследникам убитого выкуп за кровь, если только они не велят раздать его в виде милостыни»[276]. Освобождение раба считалось равносильным возрождению личности.

Рабы считались не правоспособными. Но на практике в некоторых случаях за ними признавалось ограниченное право и дееспособность, например, по нормам мусульманского брачного права рабство приводило к потере половины естественных прав свободного человека, и раб имел право вступить в брак только с двумя женщинами; раб мог покупать, продавать, хотя и для своего хозяина.

Рабы имели право на исповедание своей религии. Мусульманами они могли становиться только по своей воле. Их насильственное обращение в ислам запрещалось.

Как отмечалось выше, рабство в исламе не было похоже на то рабство, которое было характерно для западной цивилизации. По шариату рабы были скорее слугами и младшими членами семьи, чем объектами угнетения со стороны хозяев. Хотя рабы и являлись имуществом, надо учитывать, что в отношении их действовали определенные правила. Так, например, нельзя было разлучать мать и несовершеннолетних детей, принуждать рабов к непосильной работе. Наложница, которая рожала от своего хозяина ребенка, называлась «умм аль-валяд». И дети, рожденные от рабынь, были свободны. После этого ее нельзя было продавать или кому-либо дарить. После смерти своего хозяина она становилась свободной, хотя не имела право наследовать его имущество, но правом наследования обладали ее дети, которые также становились свободным. Если в плен захватывались муж с женой, то в рабстве они также оставались с супругами, и разъединять их запрещалось.

Из вышеизложенного можно сделать вывод о том, что ислам никогда не поощрял рабство и, по мере возможности, стремился к установлению свободы для всех людей, поскольку они являются, прежде всего, людьми: «...Вы друг от друга все (сотворены)...»[277].

Ислам, нравственные законы, которые предписывает людям Коран, не могут призывать верующих к любому насилию над человеком, а напротив, повелевают оберегать и защищать человечество от любого зла.

### МАСЪАЛАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМОН ВА ҒУЛОМӢ АЗ НИГОҲИ ИСЛОМ

Дар мақолаи мазкур роҳҳои таъсиррасониро ба хариду фурӯши одамон ва ғуломӣ ба воситаи меъёрҳои шариат нишон додааст. Қайд намудан зарур аст, ки имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳониро дар баробари дигар хатарҳо, ба монанди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир боз як падидаи дигари хавфнок - хариду фурӯши одамон ба ташвиш овардааст. Муаллиф бо дарназардошти ин омил тадқиқи проблемаи хариду фурӯши одамонро мавриди омӯзиш қарор дода, онро бомаврид мешуморад. Дар ҳақиқат, барои ҷомеаи имрӯза хариду фурӯши одамон ва ғуломӣ ҳамчун проблема эътироф гардидааст, ҷиҳати амалӣ намудани муборизаи беамон бар зидди чунин зуҳуроти номатлуб зарӯр аст.

[276] Коран. Сура 58 «Взывающая», аят 3.
[277] Коран. 4:25.

# ТАВСИФИ КРИМИНОЛОГИИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОРИ ТАҶОВУЗКУНАНДА

**Шарипов С.С.**[*]

Унсурҳое, ки тартиби (системаи) пурраи тавсифи криминологии таҷовуз ба номусро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд:

- шахсияти ҷинояткор ё ҷинояткорон – ҳангоми содир намудани таҷовуз ба номус аз ҷониби гурӯҳи ашхос;
- ангезаи таҷовуз ба номус;
- шахсияти ҷабрдида ва хусусиятҳои хоси рафтори ӯ аз лаҳзаи тайёрӣ то ба итмом расидани таҷовуз ба номус;
- роҳу воситаи тайёрӣ ба ҷиноят, содир кардан ва пинҳон кардани таҷовуз ба номус;
- изи ҷиноят;
- вазъияти (вақт ва ҷой) – и содир кардани таҷовуз ба номус.

Яке аз мавзуҳое, ки мо онро мехоҳем мавриди баррасӣ қарор диҳем, ин шахсияти ҷинояткор (ҷинояткорон) ҳангоми таҷовуз ба номус ба шумор меравад, ки яке аз унсурҳои асосии тавсифи криминологии мавзӯи мазкурро ташкил медиҳад.

Таҷовузкоронро дар вобастагӣ бо иштиёқи таҳрифшудаи ҷинсӣ (рағбати вайроншудаи ҷинсӣ), шартан ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим намудан мумкин аст, ки аксари ҳолатҳо таҷовуз ба номуси духтарони хурдсол ва ноболиғ низ аз ҷониби чунин гурӯҳи (категорияи) шахсон содир карда мешавад: ба ***<u>гурӯҳи якум</u>*** *он нафароне дохил мешаванд, ки гирифтори иштиёқи таҳрифшудаи ҷинсӣ (рағбати вайроншудаи ҷинсӣ) ё психикӣ буда, онҳоро гирифторони* ***иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ (реальный извращённый сексуальный интерес)*** *низ меноманд.* Норасоии психологии онҳоро на танҳо дар рафтори муайяни ғайриоддии онҳо, балки дар гуфтугӯи онҳо низ мушоҳида кардан мумкин аст. Қайд кардан зарур аст, ки иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ (рағбати ҳақиқии вайроншудаи ҷинсӣ) чун бемории рӯҳӣ маънидод карда мешавад.

Яке аз намудҳои иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ, ин **<u>гомосексуализм</u>** мебошад, ки гирифторони ин гурӯҳи (категорияи) беморӣ бо ҳамҷинси худ иштиёқи (рағбат, хоҳиш) алоқаи ҷинсӣ намуданро дошта, талаботи шаҳвонии худро бо чунин роҳ қонеъ мегардонанд[278] (яъне майли шаҳвонии ғайритабии алоқаи ҷинсии мард бо мард ё зан бо зан). Алоқаи ҷинсии зан бо занро, ҳамчунин дар илми криминология ***трибадия*** ва ё ***сафизм*** (лесбийская любов) низ меноманд[279]. Гомосексуалистон ба гурӯҳҳои фаъол ва ғайрифаъол тақсим мешаванд. Бо роҳи гомосексуалӣ қонеъ намудани талаботи шаҳвонӣ шаклҳои гуногун дорад. Масалан, таҳрики олоти ҷинсии ҳамдигар (мастурбация), истифодаи узвҳои даҳон ва забон дар таҳрики ҷинсӣ ё алоқаи ҷинсӣ тавассути мақъад (заднепроходное отверствие) ва ғ. Хусусияти фарқкунандаи онҳо дар он аст, ки гомосексуалистон дар кор худро фаъол нишон медиҳанд, дер оила барпо мекунанд, ҳолатҳое во мехӯранд, ки онҳо бо занҳои аз

---

[*] *Шарипов С.С.* - муаллими кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия.

[278] Криминология. Учебник // Под ред.В.Н.Кудрявцева, В.Е.Эминова. М. Юристь. 1997. С.293. Ҳамчунин, барои дастрас маълумоти муфассал нигаред ба: *Александров Ю.В., Бондарь Н.П.* Мужеложство и борьба с ним (Уголовно-правовые и криминологические аспекты). Киев. 1975.

[279] *Александров Ю.В., Бондарь Н.П.* Мужеложство и борьба с ним (Уголовно-правовые и криминологические аспекты). Киев. 1975. С.10.

худашон якчанд сол калон оиладор мешаванд, худро аз дигарон боло меҳисобанд, дар ҷустуҷӯи сайди худ серҳаракат буда, бо ин мақсад аз вокзалҳо, боғҳо (паркҳо), ҳоҷатхонаҳои умумӣ истифода мебаранд, ки шартан байни худ ин ҷойҳоро «пятачок» ё «дворец» ва ғ. меноманд. Дар байни гомсексуалистон бештар расомон, ҳофизон, пешхизматон, масажистон, бадмастон (алкоголики) ва шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ озод шудаанд, во мехуранд[280].

Иштиёқи дигари ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ – **эксгибитсионизм** мебошад, ки гирифторони ин гурӯҳи (категорияи) беморӣ ҳангоми урён кардани олоти ҷинсии худ дар назди намояндагони ҷинси муқобил ҳаловат мебаранд. Онҳо бо ин мақсад ҷойҳои камодамро интихоб мекунанд ва ҳангоми ба вуҷуд омадани фурсати муносиб олоти худро ба ҷинси муқобил нишон дода, бо ин роҳ талаботи шаҳвонии худро қонеъ мегардонанд.

***Фетишизм*** – дигар намуди иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ мебошад, ки он танҳо хоси мардҳо мебошад. Фетишистҳо дар натиҷаи ламс кардан, бӯй кардан, ба оғӯш гирифтани либосҳо ё ашёҳои занона нафси шаҳвонии худро қонеъ мегардонанд[281]. Гирифторони ин намуди беморӣ бо чунин мақсадҳо бештар даст ба дуздии либосҳо ва пойафзолҳои занона мезананд.

Ҳангоми гирифтор шудан ба намуди дигари бемории иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ – ***трансвестизм*** бошад, ҳаловати ҷинсӣ дар мавриди пӯшидани либосу пойафзоли занона ба вуҷуд меояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нуқтаи баландтарини трансвестизм, ин ***транссексуализм*** мебошад. Ҳангоми гирифтор шудан ба он, мардҳо кӯшиш менамоянд, ки на танҳо либосҳои занонаро пӯшанд, балки мехоҳанд аз ҳама ҷиҳатҳо ба занҳо монанд шаванд. Бо чунин мақсад, онҳо ҳатто ба амалиёти ҷароҳӣ, бо мақсади иваз намудани олоти ҷинсии худ розӣ мешаванд.

Яке аз навъҳои бемории рӯҳӣ, ки ҳамчунин як намуди иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ низ, эътироф мешавад, ин ***педофилия*** мебошад. Гирифторони ин навъи вайроншавии психика дар он зоҳир мегарданд, ки мард ба алоқаи ҷинсӣ бо кӯдакон иштиёқ дорад. Душвории кор дар он аст, ки ин категорияи ашхос чун дигар шахсони солими ҷомеа зиндагӣ мекунанд ва муайян намудани онҳо ғайриимкон аст. Ба ҳамин монанд, ба намояндагони дигари иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ – ***бисексуалистҳо*** низ, бояд аҳамияти махсус дод. Намояндагони ин гурӯҳи беморон низ, дар миёни одамони солим фарққунанда нестанд. Онҳо иштиёқи дутарафа, ҳам иштиёқӣ ***гетеросексуалӣ***, яъне қувваи қавии мардӣ ва ҳам иштиёқи ***гомосексуалӣ***, яъне майл ба бачабозӣ, чун субъекти фаъол ва ғайрифаъол, доранд. Бояд қайд кард, ки категорияи ашхоси гирифтори бисексуилизм пурра бемории рӯҳӣ маҳсуб наёфта, чун таҳриф гаштани (вайрон шудани)  психика, таҳрифи иштиёқи ҷинсӣ маънидод мешаванд ва чун қоида ин гурӯҳи беморон дар қайди беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ ба қайд гирифта намешаванд. Аз ин рӯ, дар ҳамаи ҳолатҳои содир шудани таҷовуз ба номуси духтарони хурдсол ва ноболиғ бояд ин гуна ашхос бо роҳи гузаронидани корҳои фаврӣ муқаррар ва дахлдории онҳо ба ҷинояти содиршуда санҷида шавад. Нуқтаи дигарро мебояд зикр намуд, ки ба ҳамин монанд, намояндагони дигари бемории рӯҳӣ – ***олигофреникҳо*** ё гирифторони бемории «олигофрения» мебошанд. Онҳо аз ҷиҳати ақлӣ қафомонда буда[282], аксаран дар синни наврасӣ ва ҳатто калонсолӣ чун кӯдакон ҷаҳонбинӣ дошта, бо кӯдакон бозӣ мекунанд ва муносибат доранд. Аммо онҳо ҷисман чун ашхоси солимақл ба камол мерасанд ва алакай дар синни наврасӣ иштиёқи ҷинсии онҳо бедор мешавад. Дар давраи муайян онҳо

---

280 *Климович И.А.* Профилактика венерических заболеваний (Учебно-практическое пособие). Рига. 1981. С.38.

281 Криминология: Учебник // Под ред. В.Н.Кудрявцева,. В.Е.Эминова. М. Юристь. 1997. С.293.

282 Криминология. Учебник // Под ред. В.Н.Кудрявцева,. В.Е.Эминова. М. Юристь. 1997. С.292.

метавонанд чун субъекти таҷовузи кӯдакони хурдсол баромад намоянд. Мебояд дар мавриди содир гаштани ҷиноят ин гуна ашхос муайян карда шуда, дахлияти онҳо ба содир гаштани ҷиноят санҷида шавад.

Намудҳои дигари иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ – ***геронтофилия***, яъне, майли шаҳвонӣ бо пиронсолон ва ***некрофилия*** – майли шаҳвонӣ бо ҷасадҳои мурда ба ҳисоб меравад.

Намуди махсуси иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ – ***инсест***, яъне, майли шаҳвонӣ бо хешовандони наздик мебошад. Масалан, аз моҳи октябри соли 2001 то моҳи апрели соли 2003 Наврӯзов Фирдавс Киронович, соли таваллудаш 08.03.1981 бо истифодаи зӯроварӣ ва таҳдиди истифодаи он дар хонаи истиқоматии худ ба номуси ***хоҳараш*** – Наврӯзова Табассум Кироновна, соли таваллудаш 27.10.1984 мунтазам таҷовуз намуда, бо ҳукми суди ш.Душанбе аз 16.06.2003 сол ба мӯҳлати 20-сол аз озодӣ маҳрум карда шудааст[283].

Намуди дигари иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ, ин ***нартсизм***, яъне, майли шаҳвонӣ бо бадани худ мебошад. Гирифторони ин намуди иштиёқи таҳрифшуда, нафси шаҳвонии худро дар натиҷаи назора намудани бадани худ, бевосита ё дар оинаи барқад, қонеъ мегардонанд.

Дигар намуди иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ – ***зоофилия*** ном дорад, ки ашхоси гирифтори ин намуди иштиёқи ҳақиқии таҳрифшуда, майли шаҳвонӣ бо ҳайвонот доранд. Шакли сохтаи зоофилия асосан дар ҷавононе ба назар мерасад, ки ба тарбияи ҳайвонот машғуланд. Ин намуди иштиёқи таҳрифшуда бештар дар деҳоти мамлакат ба назар расида, айни ҳол гарчанде дар амалия ба қайд гирифта нашуда бошад ҳам, рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст.

***Визионизм*** – як намуди иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ мебошад, ки талаботи шаҳвонии гирифторони ин категорияи беморӣ, дар натиҷаи назора кардани бадани урёни ҷинси муқобил, қонеъ мегардад.

***Вуайеризм*** низ, як намуди иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ мебошад, ки дар мавриди он шахс нафси шаҳвонии худро бо роҳи мушоҳида кардани алоқаи ҷинсии дигарон, қонеъ мегардонад. Ду намуди иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи чинсии охирин, асосан дар байни мардҳо ба назар расида, бо таҳрики олоти мардии худ (онанизм) якҷоя ба амал бароварда мешавад.

***Фротаж*** – чун иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ дар он зоҳир мегардад, ки шахс талаботи шаҳвонии худро ҳангоми худро ба тани ҷинси муқобил наздик кардан ё худро ба ӯ ҷафс намудан, қонеъ мегардонад. Ин категорияи ашхос аксаран дар ҷойҳои ҷамъшавии зиёди одамон, аз ҷумла, воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, бозорҳо ва ғайра во мехӯранд ва чунин кирдорҳоро содир мекунанд.

***Садизм*** – чун иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ дар қонеъ гардонидани нафси шаҳвонӣ бо роҳи расонидани азобу уқубат ба шарики ҷинсӣ, зоҳир мегардад.

***Мазохизм*** – чунин навъи иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсӣ мебошад, ки ҳагоми гирифтор шудан ба он шахс танҳо дар он мавриде талаботи шаҳвонии худро қонеъ мегардонад, ки агар аз ҷониби шарики ҷинсӣ ба ӯ азобу уқубат расонида шавад. Ду намуди охирини иштиёқи ҳақиқии таҳрифшудаи ҷинсиро бо гомосексуализм ва фетишизм дар якҷоягӣ, дар илми криминология ***перверзия*** – алоқаи ҷинсии ғайриинсонӣ (шаклҳои ғайритабии алоқаи ҷинсӣ) меноманд[284].

***Гурӯҳи дуюми*** *таҷовузкоронро нафарони рӯҳан солим ташкил медиҳанд, ки онҳо гирифтори иштиёқи таҳрифшудаи психикӣ ва ҷинсӣ нестанд, вале онҳоро гирифторони* ***иштиёқи таҳрифшудаи сохтаи ҷинсӣ (искусственный извращёный сексуальный интерес)*** *меноманд.* Дар бештари ҳолатҳо ин қабил одамон ҳангоме даст ба чунин корҳо мезананд, ки барои ба амал баровардани алоқаи ҷинсии муқаррарӣ монеаҳо

---

[283] Бойгонии суди ш.Душанбе.

[284] Криминология. Учебник // Под ред. В.Н.Кудрявцева,. В.Е.Эминова. М. Юристь. 1997. С. 293.

мавҷуданд. Масалан, барои пешгирии ҳамли номатлуб ё бемории ҷинсӣ. Ин категорияи шахсонро ба се зергурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

– ба зергурӯҳи якум бадмастон (алкоголики), наркаманҳо, инчунин нафароне, ки пеш барои содир намудани ҷиноятҳои авбошӣ, роҳзанӣ, ҷиноятҳои ҷинсӣ ва дигар ҷиноятҳои **зуроварона** суд шудаанд, дохил мешаванд. Онҳо аз дигарон бо дағалӣ, дар муносибат бо атрофиён дурушт будан, рафторҳои ғайриоддӣ доштан, ҳангоми қонеъ намудани талаботи шаҳвонӣ дағал будан, фарқ мекунанд;

– ба зергурӯҳи дуюм он нафароне дохил мешаванд, ки дар онҳо аломатҳои зергурӯҳи якумро ба тези мушоҳида кардан ғайриимкон аст.

Дар бисёр мавридҳо онҳо аз дигарон бо майлу хоҳиши оддӣ доштан, бо занҳо муносибати таҳқиромезона доштан, аз ҳад зиёд истеъмол намудани маводи спиртдор фарқ мекунанд. Ба ин гурӯҳ инчунин, нафароне, ки таҷовуз ба номусро ҳангоми бо ҷабрдида муносибати махсус ё ғайриоддӣ доштан (масалан, агар дар як мӯҳлати муайян шарики худро азоб надиҳад, худро ғазаболуд нишон медиҳад) содир кардаанд, дохил мешаванд;

– ба зергурӯҳи сеюм ноболиғони таҷовузкор дохил мешаванд. Хусусияти фарқкунандаи кирдорҳои ҷинояткоронаи онҳо дар он ифода мегардад, ки ҳангоми танҳо содир кардани таҷовуз ба номус онҳо бештар наврасон ё ноболиғонро интихоб мекунанд. Дар мавриди аз ҷониби гурӯҳи ноболиғон содир кардан бошад, сайди онҳо чӣ ноболиғон, чӣ калонсолон ва ҳатто пиронсолони ҷинси зан низ, шуданаш мумкин аст. Хусусиятҳои хоси таҷовуз ба номус аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо иштироки ноболиғон дар он аст, ки онҳо бо ҷабрдида муносибати бераҳмона намуда, талаботи шаҳвонии худро бо роҳи ғайриоддӣ қонеъ мегардонанд. Баъзан мавридҳо чунин шакли таҷовуз ба номус бо аз ҳаёт маҳрум намудани ҷабрдида ба итмом мерасад, ки ҷинояткорон бо таҳқир намудани ҷабрдида кирдори худро содир мекунанд (масалан, олоти ҷинсӣ ва ё бадани ӯро мебуранд, ба узви таносули ӯ чуб, шишаи машрубот ва ғ. пур мекунанд). Ҳангоми ошкор намудани таҷовуз ба номус аз ҷониби ноболиғон ё бо иштироки онҳо дар бисёри мавридҳо муайян карда мешавад, ки онҳо дигар ҷиноятҳоро низ, содир кардаанд (ба монанди авбошӣ, дуздӣ, роҳзанӣ ва ғ.). Хусусияти дигари фарқкунандаи ин қабил ҷинояткорон дар он аст, ки онҳо аслан ё дар як маҳал умр ба сар мебаранд ё ҳамдигарро нағз мешиносанд ва таҷовуз ба номусро дар наздикии маҳали истиқомати худ ё ҷое, ки вақти зиёди худро он ҷо мегузаронанд, содир мекунанд.

Бояд тазакур дод, ки аз рӯи тарзи содир кардани ҷинояти таҷовуз ба номус кирдори ноболиғон ва ҷинояткороне, ки баъди таҷовуз ба номус ҷабрдидаро ба қатл мерасонанд (сексуальный маньяк) хеле монанд буда, аз ҳамдигар фарқ кардани кирдори онҳо ниҳоят душвор аст.

Хусусияти хоси ҷинояткороне, ки баъди таҷовуз ба номус ҷабрдидаро ба қатл мерасонанд дар он ифода мегардад, ки онҳо ҷиноятро на як маротиба, балки якчанд маротиба содир мекунанд, кирдорҳои худро дар маконҳои ба ҳам монанд ва нисбати як категорияи муайяни ҷабрдидагон содир намуда, байни ҷинояти якум ва дуюм як мӯҳлати муайяни вақт дам мегиранд. Фаромӯш набояд кард, ки чунин категорияи ҷинояткорон як доираи муайяни ҷабрдидагонро интихоб мекунанд. Ба монанди таҷовуз ба номуси наврасон (ё ноболиғон) ё занҳое, ки тарзи либоспӯшиашон якхела аст ва ё аз ягон ҷиҳат ба ҳамдигар монандӣ доранд.

Дар охир ҳаминро қайд карданиам, ки кормандони амалияро мебояд, хусусиятҳои хоси шахсони дар боло номбаршударо ба инобат гирифта, барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонӣ дошта, нисбати онҳо чораҳои профилактикӣ андешанд. Ҳамчунин, зимни тафтиши чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, бо ба инобат гирифтани тарзи содир намудани ҷиноят, барои осон шудани кор, ҳолатҳои дар боло қайдшударо ба инобат гиранд.

**Криминологическая характеристика личности насильственно-полового преступника**

В данной статье рассматривается криминологическая характеристика личности насильственно-половых преступников, их различия по извращенным сексуальным интересам, знание которых необходимы в работе следователей.

# ХУСУСИЯТҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСИИ КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тошев А.М.**[*]
**Юлдошев Р.Р.**[**]

Конститутсия - ин қонуни асосӣ, қонуни олӣ, қонуни қонунҳо, тақвиятдиҳандаи демократия ва ба танзим дарорандаи тамоми муносибатҳо дар ҷомеа аст. Нақши ин санад дар устуворгардонии давлат, баамалбарории ҳокимият ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бениҳоят калон аст.

Мо дар ин мақола ҳарчи бештар кӯшиш менамоем, ки нисбати ҷабҳаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳем.

Конститутсияи соли 1994 Конститутсияи навишташуда ва аз рӯи тарзи тағйирот даровардан сахт (мушкил) мебошад[285]. Вай ба таври райпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст ва ҳаминтавр ба он таъғйиру иловаҳо ворид карда мешавад. Боби даҳуми Конститутсия тартиби тағйироту иловаҳоро муқаррар ва мустаҳкам кардааст. Дар қисми 1 м.98 Конститутсия чунин меъёр мустаҳкам шудааст: «Тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи райпурсии умумихалқӣ сурат мегирад». Дар илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи қонунэҷодкунӣ нуқтае мустаҳкам шудааст, ки тибқи он ба сохтори меъёри ҳуқуқии бо роҳи райпурсӣ қабул гардида, тағйироту иловаҳо низ бо роҳи райпурсӣ қабул мешавад ва ин аз мустаҳкамии техникаи ҳуқуқэҷодкунии ин ё он давлат шаҳодат медиҳад.

Илова бар ин, доир ба ин масъала Президенти мамлакат Э.Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд намудаанд, ки: «ягон мақоми давлатӣ, созмони ҷамъиятӣ, ҳизб ё гурӯҳи одамон ҳақ надорад, ки бо истифода аз мақому мавқеи худ нуқтаеро ба хотири манфиати худ таъғйир диҳад»[286].

Меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистон хислати волоӣ, бартарӣ дорад. Дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва иттиҳодияҳои давлатӣ, қабул карда мешаванд бояд ба конститутсия мутобиқат намояд.[287] Масалан дар қ. 1 м.1 Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чунин меъёр мустаҳкам карда шудааст: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст»[288]. Ҳамчунин дар қ.2 м.1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёр мустаҳкам карда шудааст: «Ҳамин кодекс ба Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофнамудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад»[289]. Зикр кардан мумкин

---

[*] *Тошев А.М.* - муаллими кафедраи Фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Академияи ВКД ҶТ, лейтенанти калони милитсия

[**] *Юлдошев Р.Р.* – адъюнкти Академияи идоракунии ВКД Россия, лейтенанти калони милитсия.

[285] Конституционное право России. Учебник // Отв. ред. А. Н.Кокотов, М. И. Кукушкин. 3-е изд. М. Норма. 2008. С.82.

[286] *Раҳмонов Эмомалӣ.* Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди 2. Душанбе. Ирфон. 2001. 512 с.

[287] Конституционное право России. Учебник // Отв. ред. А. Н.Кокотов, М. И. Кукушкин. 3-е изд. М. Норма. 2008. С. 83.

[288] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, №12, қисми 1, мод. 989.

[289] Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3, моддаи 126; №7; моддаи 399; 2005, №12, моддаи 640.

аст ки чунин нишондодро дар аксарияти қонунгузориҳои милли дучор омадан мумкин аст.

Конститутсияи имрӯз амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи олии ҳуқуқӣ дорад. Дар мавриди мутобиқат накардани дигар қонун ва санадҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия, қонун ва санадҳои қабул кардашуда эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Чунин нишондод дар қисми 1 моддаи 10 Конститутсия мустаҳкам карда шудааст: «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд». Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Конститутсия маҳсули ҳуқуқэъҷодкунии халқ аст, дар он ифодаи иродаи халқ таҷассуми худро ёфтааст, аз ин рӯ набояд қонуну санадҳои эъҷодшаванда бар хилофи иродаи халқ бошанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби муайяни ҳифзшавандагӣ дорад. Давлат ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд, ки меъёрҳои конститутсияро риоя ва иҷро намоянд. Ин гуфтаҳоро мо метавонем мувофиқи қисми 2 моддаи 10- и Конститутсия асоснок намоем, ки чунин меъёр мустаҳкам карда шудааст: «Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд». Албатта, иҷро намудани нишондодҳои Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ ин ӯҳдадории ҳар як шахс мебошад, ки ин ҳам бошад ба манфиати ҷомеа равона карда шудааст. Ҳамчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ Суди Конститутсионӣ амал менамояд, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти он иборат аз муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонунӣ надаромадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсия мебошад. Дар моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин меъёр мустаҳкам карда шудааст: «Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳокимияти судӣ оид ба ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тохикистон мебошад. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади таъмини волояти меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи он дар қаламрави Ҷумҳурии Тохикистон, ҳифзи Конститутсия, ҳуқуқ, ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис гардидааст»[290].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба меъёру санадҳои эътирофнамудаи байналмиллалие, ки хилофи конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд мутобиқ карда шавад. Он санаду меъёрҳои байналмиллалие, ки ба Конститутсия мухолифат менамоянд, набояд аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд.

Баробари хусусиятҳои ҳуқуқӣ, хусусиятҳои сиёсии Конститутсия аз он иборат аст ки он ҳамчун ҳуҷати сиёсӣ нақши муҳимро дар устуворгардонии давлати миллӣ бозидааст. Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ мазмуни ба худ хос дорад. Одатан, дар он шакли ҳуқуқии масъалаҳои муҳимтарини ба соҳибихтиёрии давлат, шакли он, ба ҳокимияти давлатӣ, сохти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, шакли моликият алоқаманд муқаррар карда мешавад.

Меъёрҳои Конститутсия асоси фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон, хориҷиён ва шахсонои бетабааро муайян кардааст.

---

[290] Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» / Ахбори Махлиси Олии Ҷумҳурии Тохикистон соли 1995, № 21, мод.223; соли 1997, №9, мод.110; соли 1998, №10, мод. 111, 115; соли 2000, №6, мод.349; соли 2001, №4, мод.200; соли 2004 №2, мод.43; соли 2006, №3, мод. 142; соли 2007, №7, мод. 650; соли 2008, №3, мод.180.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуҷҷати оддӣ набуда, балки ҳуҷҷати созишӣ мебошад, дар он манфиати тарафҳо (ҳокимиятдор ва халқ) зикр ёфтааст. Устувории Конститсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо пойдории муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра, ки дар ҷамъият амал мекунанд вобаста аст.

Ҳамчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни раванди сиёсӣ, чаҳорчӯбаи фаъолияти онҳо, усули ҳаёти сиёсиро муқаррар ва тартиби воқеии раванди сиёсиро пешбинӣ менамояд.

Хусусияти дигари сиёсии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки меъёрҳои он самтҳои асосии инкишофи ҷомеа ва давлат, дурнамо ва мақсадҳои онро муқаррар кардааст. Дар қисми муқаддимавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин конститутсияро қабул ва эълон менамоем».

Ҳамин тариқ, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси барпоёбии давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон аст. Хусусиятҳои он бошад, инъикоскунандаи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, сохтори марзию маъмурӣ, низом, тарзи ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар Тоҷикистон мебошад. Конститутсияи Тоҷикистон дар зиндагии ҳар як шахс ва дар умум ҷомеа, танзимкунандаи тамоми масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва маънавӣ буда, ҷавобгӯи талаботҳои ҷаҳонӣ мебошад.

## Политико-правовые особенности Конституции Республики Таджикистан


В статье говорится о юридических и политических особенностях Конституции Республики Таджикистан. Авторы постарались отметить такие юридическое и политические особенности Конституции Республики Таджикистан, как писаный акт, высшую юридическую силу основного закона, особый порядок принятия, а также документ, объединяющий граждан, определяющий участников политического процесса, его пределы и другие особенности Конституции.

## *ТАРТИБИ*

### *ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛАҲО ДАР МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ «ОСОРИ АКАДЕМИЯ»*

Маҷалла тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Осори Академия» нашрияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, фарогирандаи бахшҳои ҳуқуқ, таърих, фалсафа, филология, иқтисод, информатика ва фанҳои дақиқ мебошад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону олимон, омӯзгорони Академияи ВКД ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешаванд.

Маблағи нашр аз ҳисоби Академия пардохт мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисосни соҳаҳои гуногуни илм шомил мегарданд, бо фармони сардори Академия тасдиқ карда мешаванд.

Маҷалла мақолаҳои илмию назариявӣ ва методиро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар бар гирифта, соле 3-4 маротиба нашр мешавад.

Идораи маҷалла мақолаҳои илмии устодонро тибқи қарори кафедра ва тақризи мутахассис қабул менамояд.

Мақолаҳое, ки ба суроғаи «Осори Академия» ирсол мешаванд, бояд бо талаботи зерин ҷавобгӯй бошанд:

1. дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан истифода гарданд;
2. ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия (0,5) набояд аз 10 саҳифаи чопӣ (А-4) зиёд бошад;
3. мақолаҳо бояд дар компютер тибқи барномаи Microsoft Word хуруфчинӣ ва шакли электронӣ бо гарнитураҳои Times New Roman ё Times New Roman Tj сабт карда шаванд;
4. фосила банйни сатрҳо 1,5 см., ҳошия аз тарафи чап 3 см., аз тарафи рост 1,5 см., аз боло 2 см. ва аз поении саҳифа 2 см.-ро ташкил намуда, матни мақола аз тарафи рост саҳифабандӣ карда шавад;
5. дар саҳифаи аввали мақола ному насаби муаллиф, унвон ва муассисаи корӣ зикр мешавад;
6. дар охири мақола суроға, рақами телефон ва e-mail муаллиф (муаллифон) ҷой дошта мешавад;
7. сарчашмаҳои иқтибосшаванда дар шакли поварак (сноски) дода мешавад. Шуморагузории поваракҳо пайҳам буда, дар низоми «дар ҳар як саҳифа» («на каждой странице») дастӣ гузошта мешавад. Ҳангоми таҳияи поваракҳо мебояд ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шумораи ҷилд, макони нашр, нашриёт, соли нашр ва саҳифаи истифодашуда зикр гардад. Ҳангоми иқтибоси такрорӣ адабиёти иқтибосшуда дар шакли мухтасар оварда мешавад;
8. фишурдаи мақола бо забони англисӣ ва тоҷикӣ (русӣ) дар охири мақола навишта шавад.

Ҳайати таҳририия ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.

Дастхатҳои мақола баргардонда намешаванд.

## *П о р я д о к*

### *ПРИНЯТИЯ И ОПУБЛИКОВАНИЯ СТАТЕЙ В НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКОМ ЖУРНАЛЕ «ТРУДЫ АКАДЕМИИ»*

Журнал издается на основании требований Закона Республики Таджикистан «О печати и других средствах массовой информации».

В научно-теоретическом журнале «Труды Академии» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по юриспруденции, истории, философии, филологии, информатике и естественным наукам.

В журнале издаются результаты научно-исследовательских работ профессорско-преподавательского состава Академии МВД, а также работы отечественных и зарубежных ученых.

Оплата издания производится за счет Академии МВД.

Журнал издается на русском и таджикском языках с периодичностью в 3-4 раза в год.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. статья должна быть понятной и доходчивой;
2. размер статьи не должен превышать 10 страниц (А-4) компьютерного текста, включая текст, таблицы, диаграммы, графику и рисунки;
3. статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word . рукопись должна быть отпечатана на компьютере гарнитурой Times New Roman или Times New Roman Tj;
4. шрифт 14, формат А-4, интервал полуторный, поля: верхнее – 2 см., нижнее – 2 см., левое – 3 см.. правое – 1,5 см, листы – пронумерованы;
5. на первой страница справа указывается автор (авторы) статьи, место работы, должность, звание, ниже через один интервал по центру – название статьи.
6. в конце статьи указывается адрес, номера телефонов, а также e-mail автора (авторов);
7. цитируемая в статье литература дается в виде подстрочных сносок. Нумерация сносок сквозная, от руки, в режиме «на каждой странице». При оформлении сносок следует указывать фамилию и инициалы автора (*курсивом)*, полное название книги, номер тома, место издания, издательство, год издания, страницу. При повторной ссылке цитируемая литература приводится в сокращенной форме;
8. в конце статьи приводится аннотация на английском и таджикском (русском) языках.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Рукописи статей авторам не возвращаются.

*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*734024, ш.Душанбе, кӯчаи Восеъ 123*
***Тел.: + (992 37) 226-60-48***
***Факс: + (992 37) 226-60-43***

*Академия МВД Республики Таджикистан,*
*734024, ш.Душанбе, улица Восеъ 123*
***Тел.: + (992 37) 226-60-48***
***Факс: + (992 37) 226-60-43***

Ба чоп 20.11.2010 с., таҳвил шуд. 60x84, 1/16, 11,5 п/л
Гарнитура «Times New Roman», «Times New Roman Tj»
Теъдод 300 д.
Супориш №
Нархаш – шартномавӣ

**Маҷалла дар чопхонаи нашриёти «Сфера Д и П» ба табъ расидааст**
**ш.Душанбе, кӯчаи С.Шерозӣ 16**

**тел.: + 44 6000 00 42**